**ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

# МАҶМӮАИ
# САНАДҲОИ ҚОНУНГУЗОРӢ
# ДАР СОҲАИ ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛӢ

**Душанбе – 2016**

Маҷмӯаи санадҳои қонунгузорӣ дар соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ҳамчун воситаи методӣ ва истифодаи хизматӣ барои кормандони системаи ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шудааст.

Дар маҷмӯаи мазкур қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон марбут ба ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ бо дарназардошти тағйиру иловаҳо ба онҳо ба санаи 1 августи соли 2016 гирд оварда шудаанд.

Маҷмӯаи санадҳои қонунгузорӣ дар соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ бо дастгирии молиявии Барномаи муштараки СММ оид ба адвокатсияи ВНМО/БПНМ дар Тоҷикистон чоп карда шудааст.

**Мураттиб ва таҳиякунандагон:**

**Қурбонов Қ. Б.** – сардори Раёсати ҳифзи иҷтимоии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аълочии соҳаҳои меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Насибов О.** – ҳуқуқшинос, узви Ассотсиатсияи кормандони иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон

# МУНДАРИҶА

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (иқтибос) ...................... 5

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон»........................................................................... 7

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳадди ақали зиндагӣ»............................................................................... 23

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасонии иҷтимоӣ» ............................................................................ 27

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи стандартҳои иҷтимоии давлатӣ»................................................................ 40

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» ........................................................................... 50

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» (иқтибос)................................................... 72

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ветеранҳо» ............ 85

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат бо вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии муҳассали масуният» (иқтибос) ................................ 118

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фармоиши иҷтимоии давлатӣ»................................................................ 133

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандоне, ки бар асари фалокати нерӯгоҳи барқи атомии Чернобил зарар дидаанд».......................................................... 140

Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон (иқтибос)................... 148

Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон (иқтибос)................... 152

Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (иқтибос)...................... 174

Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (иқтибос)................. 210

Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон 224

(иқтибос)..........................................................................................
Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (иқтибос)............... 227
Кодекси шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон (иқтибос)............... 233
Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» (иқтибос) ................................................ 235

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» (иқтибос)........................................................................................... 236
Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ» (иқтибос)........................................................................ 237
Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» (иқтибос) 243
Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти ибтидоии касбӣ» (иқтибос)......................................................... 250

Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон (иқтибос) ..................... 252

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (иқтибос) .............................................. 256
Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон»........................................................................................ 258
Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ» ........................................................................................ 281
Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ».. 302
Қонуни Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ».................................. 305

# САРСУХАН

Аз замони ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ, хусусан таъмини ҳуқуқҳои иҷтимоии шаҳрвандон, ки дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври мушаххас инъикос ёфтаанд, аҳамияти аввалиндараҷа дода мешаванд.

Яке аз дастовардҳои муҳими соҳа дар 25 соли даврони Истиқлолият – ин ташаккули пойгоҳи ҳуқуқии соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ буда, дар ин замина даҳҳо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳия ва ба тасвиб расидаанд.

Маҷмӯи асноди қонунгузории мавҷуда дар соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ барои ташаккулёбии дониши ҳуқуқӣ ва тахассусии кормандони соҳа, ки барои фаъолияти ихтисосмандонаи онҳо шарти зарурӣ ба ҳисоб меравад, аҳамияти хоса дорад.

Омӯзиш ва дар доираи санадҳои қонунгузории амалкунанда фаъолият намудан, дарк амиқ ва фаҳмиши воқеии ҳуқуқҳои иҷтимоии шаҳрвандон, ба хусус табақаҳои осебпазири аҳолӣ омили муҳими таъминоти кафолатҳои иҷтимоии давлатӣ ва таъмини дастрасии онҳо ба хизматрасониҳои гуногуни иҷтимоӣ буда, ба самаранокии фаъолияти хадамоти иҷтимоӣ мусоидат хоҳанд кард.

Бо ин мақсад Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи ичтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасмим гирифтааст, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунандаи алоқаманд ба соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолиро тадриҷан дар шакли маҷмӯаҳои алоҳида ҷамъоварӣ ва нашр намояд.

«Маҷмӯаи санадҳои қонунгузории соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ» ҷиҳати дарёфти маълумотҳо оид ба қонунгузории соҳаи мазкур дар ҷараёни фаъолияти касбӣ ба субъектҳои татбиққунандаи қонунгузории соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ мусоидат намуда, бо мақсади кӯмакрасонӣ ҳангоми иҷрои ӯҳдадориҳои онҳо омода гардидааст.

Маҷмӯаи мазкур аз қонунҳои соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва иқтибосҳои дахлдор аз дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ иборат буда, барои шахсони мансабдор, хизматчиёни давлатии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, кормандони хадамоти иҷтимоӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, шаҳрвандон, ҳамчунин, барои оммаи васеи хонандагон пешбинӣ гардидааст.

Вазири тандурустӣ ва
ҳифзи иҷтимоии аҳолии
Ҷумҳурии Тоҷикистон

# КОНСТИТУТСИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз 6 ноябри соли 1994
(иқтибос)

**Моддаи 1.**

Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона мебошад.

Шакли идораи Ҷумҳурии Тоҷикистон президентӣ мебошад.

Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ буда, барои ҳар як инсон шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам меорад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тоҷикистон ҳаммаъноянд.

**Моддаи 14.**

Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба воситаи Конститутсия, қонунҳои ҷумҳурӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки аз тарафи Тоҷикистон эътироф шудаанд, ҳифз мегарданд.

Ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд бевосита амалӣ мешаванд. Онҳо мақсад, мазмун ва татбиқи қонунҳо, фаъолияти ҳокимияти қонунгузор, иҷроия, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракуниро муайян мекунанд ва ба воситаи ҳокимияти судӣ таъмин мегарданд…

**Моддаи 17.**

Ҳама дар назди қонун ва суд баробаранд. Давлат ба ҳар кас, қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк, ҳуқуқу озодиҳоро кафолат медиҳад.

Мардон ва занон баробарҳуқуқанд.

**Моддаи 33.**

Давлат оиларо ҳамчун асоси ҷамъият ҳимоя мекунад.

Ҳар кас ҳуқуқи ташкили оила дорад…

**Моддаи 34.**

Модару кӯдак таҳти ҳимоя ва ғамхории махсуси давлатанд.

Падару модар барои тарбияи фарзандон ва фарзандони болиѓу қобили меҳнат барои нигоҳубин ва таъминоти ичтимоии падару модар масъул мебошанд.

Давлат барои ҳифзи кӯдакони ятим, маъюб ва таълиму тарбияи онҳо ѓамхорч менамояд.

**Моддаи 35.**

Ҳар кас ба меҳнат, интихоби касбу кор, ҳифзи меҳнат ва ҳимояи ичтимоӣ ҳангоми бекорӣ ҳуқуқ дорад. Музди кор аз ҳадди ақали музди меҳнат набояд кам бошад.

Дар муносибатҳои меҳнатӣ ҳама гуна маҳдудият манъ аст. Барои ичрои кори якхела музди баробар дода мешавад.

Ҳеч кас ба меҳнати мачбурӣ чалб карда намешавад, ба истиснои мавридҳое, ки қонун муайян кардааст.

Дар корҳои вазнин, зеризаминӣ ва шароити меҳнаташон зарарнок истифодаи меҳнати занон ва ноболиѓон манъ аст.

**Моддаи 38.**

Ҳар шахс ҳуқуқи ҳифзи саломатӣ дорад. Шахс дар доираи муқаррарнамудаи қонун аз ёрии тиббии ройгон дар муассисаҳои нигаҳдории тандурустии давлатч истифода менамояд. Давлат барои солимгардонии муҳити зист, инкишофи оммавии варзиш, тарбияи чисмонӣ ва туризм тадбирҳо меандешад.

Шаклҳои дигари ёрии тиббиро қонун муайян мекунад.

**Моддаи 39.**

Ҳар шахс дар пиронсолӣ, ҳангоми беморӣ, маъюбӣ, гум кардани қобилияти кор, маҳрум шудан аз сарпараст ва мавридҳои дигаре, ки қонун муайян кардааст, кафолати таъмини ичтимоӣ дорад.

**Моддаи 41**.

Ҳар шахс ҳуқуқи таҳсил дорад. Таълими умумии асосчӣ ҳатмист. Давлат таълими умумии асосии ҳатмии ройгонро дар муассисаҳои таълимии давлатӣ кафолат медиҳад.

Шахс дар доираи муқаррарнамудаи қонун дар муассисаҳои таълимии давлатӣ метавонад ба таври ройгон таълими миёнаи умумӣ, ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ ва олии касбӣ гирад.

# ҚОНУНИ
# ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
# ДАР БОРАИ ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ МАЪЮБОН

Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ташкилии таъминоти ҳифзи иҷтимоии маъюбонро муайян намуда, ба онҳо имконияти баробари зиндагӣ ва ҳамгироӣ бо ҷомеаро фароҳам меорад.

## БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

**Моддаи 1. Мафҳумҳои асосӣ**

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода бурда мешаванд:

- **маъюб** - шахсест, ки дар натиҷаи нуқсёбии саломатӣ бо коҳиши устувори вазифаҳои организм аз беморӣ, ҷароҳат, иллати ҷисмонӣ ва ақлонӣ боиси маҳдуд шудани фаъолияти ҳаётӣ гардидааст ва ба ҳифзи иҷтимоӣ ниёз дорад;

- **кӯдаки маъюб** - шахси маъюби то синни 18 - сола;

- **маҳдудияти фаъолияти ҳаётӣ** - пурра ё қисман гум шудани қобилият ё имконияти шахс ба худхизматрасонӣ, мустақилона ҳаракат ва муомила кардан, сарфаҳм рафтан, рафтори худро назорат намудан, таълим гирифтан ва ба фаъолияти меҳнатӣ машғул шудан;

- **маъюбӣ** - дараҷаи маҳдудияти фаъолияти ҳаётии инсон дар натиҷаи нуқсёбии саломатӣ бо коҳиши устувори вазифаҳои организм;

- **ташхиси тиббию иҷтимоӣ** - бо тартиби муқарраргардида муайян намудани эҳтиёҷоти шахси ташхисшаванда ба тадбирҳои ҳифзи иҷтимоӣ, аз ҷумла ба тавонбахшӣ дар асоси арзёбии маҳдудияти фаъолияти ҳаётӣ, ки дар натиҷаи коҳиши устувори вазифаҳои организм ба вуҷуд омадааст;

- **тавонбахшии маъюбон** - низом ва раванди пурра ё қисман барқарорсозии қобилияти маъюбон ба фаъолияти маишӣ, ҷамъиятӣ ва касбӣ бо мақсади мутобиқати иҷтимоии маъюбон, ба даст овардани мустақилияти моддӣ ва ҳамгироии иҷтимоии онҳо бо ҷомеа;

- **барномаи инфиродии тавонбахшии маъюб** - маҷмӯи чорабиниҳои барои тавонбахшии маъюб самарабахш, ки аз шаклу намудҳои алоҳида, ҳаҷм, мӯҳлат ва тартиби амалишавандаи тадбирҳои тиббӣ, касбӣ ва дигар чораҳои тавонбахшӣ иборатанд ва ба барқарорсозӣ, ҷуброни қобилияти маъюб барои иҷрои намудҳои муайяни фаъолият равона карда шудааст;

- **ҷойҳои махсуси корӣ барои бо кор таъминкунии маъюбон** - ҷойҳои корие, ки бо назардошти имконияти фардии маъюбон таҷҳизонида шудаанд;

- **ҳифзи иҷтимоии маъюбон** - низоми тадбирҳои аз ҷониби давлат кафолатдодашудаи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ, ки ба маъюбон ҷиҳати бартарафсозӣ ё ҷуброни маҳдудияти фаъолияти ҳаётӣ шароит муҳайё менамояд ва ба фароҳам овардани имконияти баробари иштироки онҳо бо дигар шаҳрвандон дар ҳаёти ҷомеа равона карда шудааст.

**Моддаи 2. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон**

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, иборат мебошад.

**Моддаи 3. Принсипҳои ҳифзи иҷтимоии маъюбон**

Сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи иҷтимоии маъюбон дар асоси принсипҳои зерин амалӣ карда мешавад:

- қонуният, инсондӯстӣ, риояи ҳуқуқи инсон;
- кафолати сатҳи зарурии ҳифзи иҷтимоӣ, таъмини дастрасии тавонбахшии тиббӣ, иҷтимоӣ ва касбӣ;
- дастрасӣ ва баробарҳуқуқии маъюбон дар баробари дигар шаҳрвандон ба ҳифзи саломатӣ, таҳсил, истироҳату саёҳат ва интихоби озоди намудҳои фаъолият, аз ҷумла фаъолияти меҳнатӣ;
- ҳамкории мақомоти давлатӣ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва дигар ташкилотҳое, ки дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии маъюбон фаъолият мекунанд;
- манъи табъизи (дискриминатсияи) маъюбон.

**Моддаи 4. Салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи иҷтимоии маъюбон**

Ба салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи иҷтимоии маъюбон дохил мешаванд:

- муайян кардани самтҳои асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи ҳифзи иҷтимоии маъюбон;
- қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳифзи иҷтимоии маъюбон;
- қабули Барномаи давлатии ҳифзи иҷтимоии маъюбон;
- тасдиқи Тартиби ҷорӣ намудани квотаи бо кор таъмин кардани маъюбон;
- таъсиси Шӯрои ҳамоҳангсоз оид ба ҳифзи иҷтимоии маъюбон;
- дигар салоҳиятҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Моддаи 5. Салоҳияти мақомоти ваколатдори давлатии соҳаи ҳифзи иҷтимоии маъюбон**

Ба салоҳияти мақомоти ваколатдори давлатии соҳаи ҳифзи иҷтимоии маъюбон дохил мешаванд:

- таҳияи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқҷ оид ба ҳифзи иҷтимоии маъюбон, аз ҷумла дар соҳаи ташхиси тиббию иҷтимоӣ;
- ҳамоҳангсозии ташкилию методии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва дигар ташкилотҳо оид ба масъалаҳои ҳифзи иҷтимоии маъюбон;
- тасдиқи қоидаҳои гузаронидани ташхиси тиббию иҷтимоӣ якҷоя бо мақомоти ваколатдори давлатии соҳаи тандурустӣ;
- гузаронидани ташхиси тиббию иҷтимоӣ бо назардошти дараҷаи коҳиши вазифаҳои организм ва маҳдудияти фаъолияти меҳнатӣ, муайян кардани гурӯҳи маъюбӣ, сабабҳо, давомнокӣ, вақти фарорасии маъюбӣ ва дараҷаи гум кардани қобилияти корӣ;
- қабули барномаҳои инфиродии тавонбахшии маъюбон ва таъмини иҷрои онҳо;
- гузаронидани тадқиқоти илмӣ ва корҳои таҷрибавию тарроҳӣ дар соҳаи ҳифзи иҷтимоии маъюбон;
- омӯзиш ва гузаронидани мониторинги сабабҳо, шароит ва ҳолати маъюбӣ;

- ташкили такмили ихтисоси кормандони соҳаи ҳифзи иҷтимоии маъюбон, аз ҷумла кормандони ташхиси тиббию иҷтимоӣ ва мутахассисони таълими имову ишора;

- амалӣ намудани тадбирҳои хизматрасонии иҷтимоӣ ва кӯмаки иҷтимоии унвонӣ ба маъюбон;

- ташкили махзани марказонидашудаи иттилоотии баҳисобгирии маъюбон;

- таъмини риояи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи иҷтимоии маъюбон.

**Моддаи 6. Салоҳияти мақомоти ваколатдори давлатии соҳаи тандурустӣ оид ба ҳифзи иҷтимоии маъюбон**

Ба салоҳияти мақомоти ваколатдори давлатии соҳаи тандурустӣ оид ба ҳифзи иҷтимоии маъюбон дохил мешаванд:

- андешидани тадбирҳо дар самти ташаккули тарзи ҳаёти солим ва пешгирии маъюбӣ;

- муайян кардани намунаи роҳхати гузаштан аз ташхиси тиббию иҷтимоӣ, муоина (ташхис) ва табобати маъюбон;

- амалӣ намудани тавонбахшии тиббии маъюбон тибқи барномаҳои инфиродии тавонбахшии маъюбон;

- таъмини омӯзиши касбӣ ва бозомӯзии мутахассисони соҳаи ташхиси тиббию иҷтимоӣ;

- муайян кардани рӯйхати доруворӣ, маҳсулоти барои нигоҳубини маъюбон аҳамияти тиббидошта, инчунин озуқаворӣи ғизои солим барои кӯдакони маъюб.

**Моддаи 7. Салоҳияти мақомоти ваколатдори давлатии соҳаи маориф оид ба ҳифзи иҷтимоии маъюбон**

Ба салоҳияти мақомоти ваколатдори давлатии соҳаи маориф оид ба ҳифзи иҷтимоии маъюбон дохил мешаванд:

- таъмини таҳсили ройгон ба маъюбон мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- таъмини омӯзиш, бозомӯзҷ ва такмили ихтисоси мутахассисони соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ ва тавонбахшии маъюбон, аз ҷумла мутахассисони забони имову ишора ва ҳуруфоти махсус;

- таҳия ва тасдиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки фаъолияти таълимию маърифатии муассисаҳои махсуси таълимиро танзим намуда, тахсили маъюбонро таъмин мекунанд.

**Моддаи 8. Салоҳияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ оид ба ҳифзи иҷтимоии маъюбон**

Ба салоҳияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ оид ба ҳифзи иҷтимоии маъюбон дохил мешаванд:

- қабули барномаҳои вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявии ҳифзи иҷтимоии маъюбон, аз ҷумла хизматрасонии иҷтимоӣ, тавонбахшӣ ва шуғли маъюбон;
- таъсиси муассисаҳои давлатӣ оид ба хизматрасонии иҷтимоӣ ба маъюбон;
- таъмини татбиқи барномаҳои тавонбахшии маъюбон;
- ташкили расонидани кӯмакҳои хайрия ва инчунин кӯмаки иҷтимоии унвонӣ ба маъюбон;
- андешидани чораҳои зарурӣ оид ба беҳтар намудани шароити манзилию маишӣ ва ҳифзи саломатии маъюбон;
- ҳамоҳангсозии фаъолияти ташкилотҳое, ки дар соҳаи ҳифзи иҷтимоии маъюбон дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо фаъолият мекунанд;
- таъсиси Шӯрои ҷамъиятӣ оид ба ҳамоҳангсозии масъалаҳои ҳифзи иҷтимоии маъюбон дар ҳудуди вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо.

**Моддаи 9. Салоҳияти мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот оид ба ҳифзи иҷтимоии маъюбон**

Ба салоҳияти мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот оид ба ҳифзи иҷтимоии маъюбон дохил мешаванд:

- мусоидат ба татбиқи барномаҳои ҳифзи иҷтимоии маъюбон;
- ҷалби маблағҳои хайрия ба маъюбон;
- расонидани хизматҳои иҷтимоӣ ва хайрия ба маъюбон.

## БОБИ 2. ТАШХИСИ ТИББИЮ ИҶТИМОӢ

**Моддаи 10. Ташхиси тиббию иҷтимоӣ**

1. Маъюбӣ, сабабҳо, давомнокӣ, вақти фаворасии он, дараҷаи гум кардани қобилияти корӣ ва ба ҳифзи иҷтимоӣ эҳтиёҷманд будани шахс бо роҳи гузаронидани ташхиси тиббию иҷтимоӣ муқаррар карда мешавад.

2. Ташхиси тиббию иҷтимоӣ бо назардошти арзёбии умумии ҳолати организм дар асоси таҳлили нишондиҳандаҳои клиникии функсионалӣ, маишӣ, иҷтимоӣ, касбӣ, меҳнатӣ ва равонии шахси муоинашаванда амалӣ карда мешавад.

3. Бо назардошти дараҷаи коҳиши вазифаҳои организм ва маҳдудияти фаъолияти ҳаётӣ ба шахси маъюб эътирофгардида гурӯҳи маъюбӣ ва ба шахси то синни 18 - сола категорияи "кӯдаки маъюб" муқаррар карда мешавад.

4. Ташхиси тиббию иҷтимоиро мақомоти ваколатдори соҳаи ҳифзи иҷтимоии маъюбон анҷом медиҳад. Тартиби ташкил ва фаъолияти мақомоти ваколатдори ташхиси тиббию иҷтимоиро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад.

5. Тадқиқоти илмӣ, ташхиси тиббию иҷтимоӣ ва клиникӣ, таҳияи дастурамалҳои методӣ оид ба масъалаҳои ташхиси тиббию иҷтимоии маъюбон ва тавонбахшии онҳоро муассисаҳои тадқиқоти илмии мақомоти ваколатдори соҳаи ҳифзи иҷтимоии маъюбон анҷом медиҳанд.

## БОБИ 3. ТАВОНБАХШИИ МАЪЮБОН

### Моддаи 11. Тавонбахшии маъюбон

1. Тавонбахшии маъюбон мутобиқи барномаи инфиродӣ, ки дар асоси хулосаи мақомоти ваколатдори ташхиси тиббию иҷтимоӣ барои ҳар як маъюб муайян карда шудааст, амалӣ мегардад.

2. Тавонбахшии маъюбон самтҳои зеринро дар бар мегирад:

- тадбирҳои барқарорсозии тиббӣ, аз ҷумла бо усули ҷарроҳӣ, таъминоти воситаҳои техникӣ, протезию ортопедӣ ва табобати санаторию курортӣ;

- роҳнамоии касбӣ, таълим ва таҳсил, мусоидат ба шуғл, мутобиқати истеҳсолӣ;

- тавонбахшии иҷтимоию муҳитӣ, иҷтимоию омӯзгорӣ, иҷтимоию равоншиносӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ, инчунин мутобиқати иҷтимоию маишӣ;

- варзиш ва тадбирҳои тарбияи ҷисмонӣ ва солимгардонӣ.

3. Амалӣ намудани самтҳои асосии тавонбахшии маъюбон воситаҳои техникӣ ва дигар воситаҳои тавонбахшӣ истифода бурдани маъюбон, фароҳам овардани шароити зарурӣ барои маъюбон дар истифодаи бемамониат аз иншоотҳо, биноҳои истиқоматӣ, муҳандисию нақлиётӣ ва инфрасохтори иҷтимоӣ, истифода аз воситаҳои алоқа ва иттилоот, инчунин таъмин намудани маъюбон ва аъзои оилаи онҳоро бо иттилоот дар бораи масъалаҳои тавонбахшии маъюбон пешбинӣ менамояд.

**Моддаи 12. Барномаи инфиродии тавонбахшии маъюб**

1. Барномаи инфиродии тавонбахшии маъюб ҳам татбиқи тадбирҳои тавонбахширо, ки ба маъюб аз ҳисоби буҷети давлатӣ ройгон пешниҳод мегарданд ва ҳам амалӣ намудани тадбирҳои тавонбахшиеро пешбинӣ менамояд, ки тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар пардохти онҳо худи маъюб ё корфармоёне, ки бо айби онҳо ба шахс осеби меҳнатӣ расонида шудааст ё бемории касбӣ фаро расидааст, иштирок мекунанд.

2. Иҷрои барномаи инфиродии тавонбахшии маъюб барои мақомоти дахлдори ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо новобаста ба шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва моликияташон (минбаъд - ташкилотҳо) ва шахсони воқеӣ ҳатмӣ мебошад.

3. Барномаи инфиродии тавонбахшӣ барои маъюб хусусияти тавсиявӣ дошта, ӯ хақ дорад, ки аз ин ё он намуд, шакл ва андозаи тадбирҳои тавонбахшӣ, инчунин умуман аз татбиқи барнома даст кашад. Маъюб ҳуқуқ дорад, ки масъалаи бо воситаи мушаххаси техникии тавонбахшӣ ё намуди тавонбахшӣ, аз қабили аробача-курсии паҳлӯдор, воситаҳои протезию ортопедӣ, маводи чопӣ бо ҳуруфи махсус, асбоби шунавоӣ, таҷҳизоти огоҳкунанда, маводи видеоии дорои сатри равон ё тарҷумаи имову ишора ва дигар воситаҳои ба ин монанд таъмин намудани худро мустақилона ҳал кунад.

4. Агар воситаи техникӣ ё хизматрасонии тавонбахшии дар барномаи инфиродии тавонбахшӣ муқарраргардида ба маъюб пешниҳод карда нашаванд ё худи маъюб ин воситаро аз ҳисоби маблағи худ дастрас ё ҳаққи хизматрасониро пардохта бошад, ба ӯ арзиши воситаи техникии тавонбахшӣ ва ҳаққи хизматҳое, ки мебоист ба маъюб расонида мешуданд тибқи тартиби муайяннамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷуброн карда мешавад.

5. Дар ҳолати аз барномаи инфиродии тавонбахшӣ пурра ё қисман даст кашидани маъюб (ва ё шахсе, ки манфиати ӯро намояндагӣ менамояд) мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ташкилотҳо аз иҷрои барнома озод мегарданд ва ин ба маъюб ҳуқуқи гирифтани ҷубронпулиро ба андозаи арзиши чорабиниҳои тавонбахшии ройгон намедиҳад.

**Моддаи 13. Воситаҳои техникии тавонбахшии маъюбон**

1. Воситаҳои техникии тавонбахшии маъюбон аз асбобу олоти махсусе иборатанд, ки барои ҷуброн ё бартарафсозии нуқсонҳо ва маҳдудиятҳои фаъолияти ҳаётии маъюбон истифода бурда мешаванд.

2. Воситаҳои техникии тавонбахшии маъюбон инҳоянд:

- воситаҳо барои ҳаракат;
- воситаҳои махсус барои худхизматрасонӣ;
- воситаҳои махсус барои нигоҳубин;
- воситаҳои махсус барои роҳнамоӣ, муоширaт ва табодули ахбор;
- воситаҳои махсус барои таълим (аз қабили адабиёт барои нобиноён) ва барои машғул шудан бо фаъолияти меҳнатӣ;
- маснуоти протезӣ (аз қабили маснуоти протезию ортопедӣ, пойафзоли ортопедӣ ва либосҳои махсус, протезҳои чашм ва асбобҳои шунавоӣ);
- таҷҳизоти махсуси варзишӣ ва машқ, асбобҳои варзишӣ.

3. Зарурати ба маъюб пешниҳод намудани воситаҳои техникии тавонбахшие, ки маҳдудияти устувори фаъолияти ҳаётии маъюбро ҷуброн ё бартараф мекунанд, аз рӯи нишондиҳандаҳои тиббӣ муайян карда мешавад.

4. Бо воситаҳои техникии тавонбахшӣ таъмин кардани маъюб аз рӯи нишондиҳандаҳои мувофиқат ва номувофиқатии тиббӣ аз ҷониби мақомоти ваколатдори соҳаи ҳифзи иҷтимоии маъюбон амалӣ карда мешавад.

5. Нишондиҳандаҳои мувофиқат ва номувофиқатии тиббӣ дар асоси арзёбии коҳиши устувори вазифаҳои организм бар асари беморӣ, ҷароҳат, иллати ҷисмонӣ ва ақлонӣ муқаррар карда мешаванд.

6. Воситаҳои техникии тавонбахшӣ, ки тибқи барномаи инфиродии тавонбахшӣ пешбинӣ гардидаанд, аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ ё суғуртаи иҷтимоӣ бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои истифодаи ройгон ба маъюб дода мешаванд.

**Моддаи 14. Манбаъҳои маблағгузории тадбирҳои тавонбахшӣ, воситаҳои техникӣ ва хизматрасониҳо ба маъюбон**

1. Манбаъҳои маблағгузории тадбирҳои тавонбахшӣ, воситаҳои техникӣ ва хизматрасониҳо, ки ба маъюбон пешниҳод

мегарданд, маблағҳои буҷети давлатӣ ва инчунин маблағҳои корфармоёне мебошанд, ки бо айби онҳо шахс осеби меҳнатӣ гирифтааст ё гирифтори бемории касбӣ шудааст.

2. Маблағҳои иловагӣ барои маблағгузории хароҷоти тадбирҳои тавонбахшӣ, воситаҳои техникӣ ва хизматрасониҳо, ки ба маъюбон пешниҳод мегарданд, метавонанд дигар манбаъҳое бошанд, ки қонунгузорӣ манъ накардааст.

3. Имтиёзу кафолатҳое, ки барои маъюбон мувофиқи Қонуни мазкур пешбинӣ шудаанд, метавонанд дар шакли пулӣ ва ё кӯмаки иҷтимоии унвонӣ бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷуброн карда шаванд.

## БОБИ 4. ТАЪМИНИ ФАЪОЛИЯТИ ҲАЁТИИ МАЪЮБОН

### Моддаи 15. Ёрии тиббӣ ба маъюбон

Ба маъюбон дар муассисаҳои давлатии тиббию иҷтимоӣ ба таври ройгон ё имтиёзнок бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ёрии тиббӣ расонида мешавад.

### Моддаи 16. Табобати санаторию курортии маъюбон

1. Маъюбон дар асоси хулосаи ташхиси тиббию иҷтимоӣ ба табобати ройгон ва ё имтиёзноки санаторию курортӣ, бенавбат гирифтани роҳхат ва рафтуомади ройгон ба маҳалли табобат бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ доранд.

2. Ба маъюбоне, ки кор намекунанд, аз ҷумла ба маъюбони дар муассисаҳои будубоши доимӣ (статсионарӣ) истиқоматдошта, барои табобати санаторию курортӣ аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатии соҳаи ҳифзи иҷтимоии маъюбон ё аз ҷониби ташкилотҳое, ки ба онҳо зарари расонидаро талофӣ мекунанд, роҳхати ройгон дода мешавад.

3. Маъюбоне, ки кор мекунанд, ҳуқуқ доранд роҳхати табобати санаторию курортиро аз ҷои корашон ройгон ё бо пардохти 50 фоизи арзиши он гиранд.

### Моддаи 17. Муҳайё намудани шароити таҳсил ва касбомӯзӣ ба маъюбон

1. Давлат бо тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маъюбон муҳайё намудани шароити зарурияро барои таҳсил ва касбомӯзӣ кафолат медиҳад.

2. Давлат тибқи барномаи инфиродии тавонбахшӣ ба маъюбон таълиму тарбияи ройгонро дар муассисаҳои томактабӣ, таҳсилоти умумӣ, ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ, олии касбӣ, таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии касбҷ, таҳсилоти иловагӣ ва махсус дар муассисаҳои давлатии таҳсилоти умумӣ ва махсус таъмин менамояд.

**Моддаи 18. Тарбияи томактабии кӯдакони маъюб**

1. Бо мақсади фароҳам овардани имконияти бештар барои тарбияи томактабии кӯдакони маъюб ва ба онҳо расонидани кӯмаки зарурии тавонбахшӣ дар муассисаҳои кӯдаконаи томактабии умумӣ барои будубоши кӯдакони маъюб шароит муҳайё карда мешавад.

2. Ба кӯдакони маъюбе, ки вазъи саломатиашон барои гирифтани тарбия дар муассисаҳои томактабии умумӣ имконият намедиҳад, муассисаҳои махсуси томактабӣ таъсис дода мешаванд.

**Моддаи 19. Таҳсилоти умумии кӯдакони маъюб**

Кӯдакони маъюб дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки ҳангоми зарурат бо воситаҳои махсуси техникӣ таҷҳизонида мешаванд ва инчунин дар муассисахои махсуси таълимӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсилоти умумӣ мегиранд.

**Моддаи 20. Тарбия ва таълими кӯдакони маъюб дар хона**

1. Дар сурати мавҷуд набудани имконияти тарбия ва таълими кӯдакони маъюб дар муассисаҳои таълимӣ, тарбия ва таълими онҳо бо назардошти хоҳиши падару модарашон (шахсоне, ки онҳоро иваз мекунанд) дар хона ба роҳ монда мешавад.

2. Муассисаҳои таълимию тарбиявии дахлдор ба падару модар (шахсоне, ки онҳоро иваз мекунанд) барои тарбия ва таълими кӯдакони маъюб дар хона кӯмак мерасонанд.

**Моддаи 21. Тарбияи берунazмактабии кӯдакони маъюб**

Бо мақсади инкишофи ҳамаҷониба ва муносиби кӯдакони маъюб, дар рӯҳи фаъолнокии ҷамъиятӣ, майлу рағбат ба меҳнат, илму техника, санъат ва варзиш тарбия намудани онҳо мақомоти

маориф ва дигар мақомоти давлатӣ вазифадоранд, ки тарбияи беруназмактабиро бо муҳайё намудани шароити мусоид барои кӯдакони маъюб дастрас гардонанд.

**Моддаи 22. Тарбия ва таълими кӯдакони маъюб дар муассисаҳои будубоши доимӣ (статсионарӣ)**

Тарбия ва таълими кӯдакони маъюби дар муассисаҳои будубоши доимӣ (статсионарӣ) истиқоматдошта аз тарафи муассисаҳои мазкур пайваста дар алоқамандӣ бо мутобиқкунии шароити иҷтимоию маишӣ ва меҳнатӣ таъмин карда мешавад.

**Моддаи 23. Таҳсилоти касбии маъюбон**

1. Таҳсилоти касбии маъюбон (ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ, олии касбӣ, таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии касбӣ) дар муассисаҳои таълимии умумӣ амалӣ гардонида мешавад. Барои маъюбоне, ки ба шароити махсуси таҳсилоти касбӣ эҳтиёҷ доранд, муассисаҳои махсуси таълимии касбии шаклу намудҳои гуногун ё дар муассисаҳои умумии таълимии касбӣ шароити мувофиқ фароҳам оварда мешавад.

2. Маъюбони гурӯҳҳои I ва II, ки ба онҳо аз рӯи хулосаи ташхиси тиббию иҷтимоӣ дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ ва олии касбӣ таҳсил намудан манъ карда нашудааст, ба муассисаҳои мазкур бидуни озмун бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда мешаванд.

3. Тайёрии касбӣ ва таҳсилоти касбии маъюбон дар муассисаҳои махсуси таълимии касбии маъюбон мутобиқи стандартҳои давлатии таълимӣ, дар асоси барномаҳои таълимие, ки барои омӯзонидани маъюбон мувофиқ гардонида шудаанд, сурат мегирад.

4. Қоидаҳои қабули маъюбон ба муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ ва олии касбӣ ва тартиби маблағгузории онҳоро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

**Моддаи 24. Забони имову ишора**

1. Давлат забони имову ишораро ба маъюбон ҳамчун воситаи муоширати байни шахсон эътироф мекунад.

2. Вазъи ҳуқуқӣ ва доираи истифодаи забони имову ишораро санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамоянд.

**Моддаи 25. Таъмини дастрасии бемамониати маъюбон ба иншооти инфрасохторӣ ва воситаҳои нақлиёт**

1. Мақомоти ҳокимияти давлатӣ, худидоракунии шаҳрак ва деҳот, дигар ташкилотҳо барои дастрасии бемамониати маъюбон (инчунин маъюбоне, ки аз аробачаҳои маъюбӣ истифода мебаранд) ба иншооти иҷтимоии инфрасохторӣ (истиқоматӣ, ҷамъиятӣ, биноҳои истеҳсолӣ, иншооти варзишӣ, мавзеъҳои истироҳатӣ, муассисаҳои маданию маърифатӣ ва дигар иншооту муассисаҳо), инчунин барои истифодаи бемамониат аз нақлиёти роҳи оҳан, ҳавоӣ, нақлиёти автомобилии байнишаҳрӣ ва ҳамаи намудҳои нақлиёти мусофирбарии шаҳрӣ ва наздишаҳрӣ, воситаҳои алоқа ва иттилоотӣ шароит фароҳам меоранд.

2. Лоиҳакашӣ ва сохтмони шаҳрҳо, дигар маҳалҳои аҳолинишин, ташкили минтақаҳои истиқоматӣ ва истироҳатӣ, таҳияи лоиҳаҳои нави сохтмон ва азнавсозии биноҳо, иншоот ва маҷмааи онҳо бе мутобиқ гардониданашон барои дастрасӣ ва истифодабарии маъюбон иҷозат дода намешавад.

3. Маблағгузории хароҷоти фароҳам овардани шароит барои дастрасии бемамониати маъюбон ба иншооти инфрасохтори муҳандисӣ, нақлиётӣ ва иҷтимоӣ, инчунин барои истифодаи бемамониат аз нақлиёти роҳи оҳан, нақлиёти ҳавоӣ ва ҳамаи намудҳои нақлиёти мусофирбари шаҳрӣ, ноҳиявӣ ва байминоҳиявӣ, воситаҳои алоқа ва иттилоотӣ аз ҳисоби соҳибмулкони иншооти мазкур амалӣ карда мешавад.

4. Бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид ба маъюбон ташкилотҳое, ки талаботи аҳолиро ба хизматрасонии нақлиётӣ таъмин менамоянд, ӯҳдадоранд, ки истгоҳҳо, фурдгоҳҳо ва дигар иншоот, инчунин воситаҳои нақлиёташонро бо таҷҳизоти махсус муҷаҳҳаз гардонанд, то ин ки маъюбон имконияти истифодаи бемамониатро аз ин иншооту воситаҳо дошта бошанд.

**Моддаи 26. Таъмини шуғли маъюбон**

1. Ба маъюбон тавассути баргузор намудани чорабиниҳои махсуси зерин, ки дараҷаи рақобатпазирии онҳоро дар бозори меҳнат баланд мебардоранд, кафолати шуғли меҳнатӣ дода мешавад:

- дар ташкилотҳо новобаста ба шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва моликияташон квотаҳо барои ба кор қабул намудани маъюбон ва ҳадди ақалли теъдоди ҷойҳои махсуси корӣ барои онҳо муқаррар карда мешаванд;

- ҳавасмандгардонии ташкилотҳо барои таъсис додани ҷойҳои иловагии корӣ (аз ҷумла ҷойҳои махсуси корӣ) ҷиҳати бо кор таъминкунии маъюбон;

- фароҳам овардани шароити меҳнатӣ мутобиқ ба барномаҳои инфиродии тавонбахшии маъюбон;

- фароҳам овардани шароити мусоид барои фаъолияти соҳибкории маъюбон;

- ташкил намудани омӯзиши касбҳои нав барои маъюбон.

2. Дар ташкилотҳо новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва моликияташон ҳангоми на камтар аз 20 нафар будани шумораи кормандони онҳо ба андозаи на камтар аз панҷ фоиз аз шумораи умумии кормандон ба маъюбон барои ба кор қабул кардан квота муқаррар карда мешавад.

3. Ҳадди ақали теъдоди ҷойҳои махсуси корӣ барои бо кор таъмин кардани маъюбон ба ҳар як ташкилот дар доираи квотаи муқарраргардидаи ба кор қабул намудани маъюбон муайян карда мешавад.

4. Барои ташкилотҳое, ки маъюбонро бо кор таъмин мекунанд, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон андозбандии имтиёзнок муқаррар карда мешавад.

**Моддаи 27. Ҳуқуқҳои маъюбон дар муносибатҳои меҳнатӣ**

1. Барои маъюбоне, ки кор мекунанд, аз ҷониби корфармоёни онҳо мутобиқ ба барномаи инфиродии тавонбахшии маъюбон шароити зарурии меҳнат фароҳам оварда мешавад.

2. Имтиёзҳои иловагии маъюбон вобаста ба давомнокии кӯтоҳи вақти корӣ, рухсатиҳои иловагӣ, инчунин дигар кафолатҳо дар муносибатҳои меҳнатӣ тибқи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба танзим дароварда мешаванд.

**Моддаи 28. Нигоҳ доштани манзили истиқоматии маъюбе, ки дар муассисаи будубоши доимии (статсионарии) хизматрасонии иҷтимоӣ қарор дорад**

1. Дар давоми мӯҳлати муайяннамудаи барномаи инфиродии тавонбахшӣ, ки маъюб дар муассисаи будубоши доимии (статсионарии) хизматрасонии иҷтимоӣ қарор дорад, манзили истиқоматии аз фонди манзили давлатӣ ба ӯ ҷудо кардашуда нигоҳ дошта мешавад.

2. Баъди гузаштани ин мӯҳлат, агар маъюб дар манзили истиқоматии давлатии ба ӯ ҷудо кардашуда мустақилона зиндагӣ карда натавонад, манзили истиқоматии мазкур бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дигар маъюби мӯҳтоҷи манзил дода мешавад.

**Моддаи 29. Ҳуқуқи маъюбон ба таъминоти иҷтимоӣ**

1. Маъюбон ба гирифтани нафақа, кӯмакпулӣ ва хизматрасонии иҷтимоӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ доранд.

2. Маъюбоне, ки кор мекунанд, новобаста ба гирифтани нафақа ба тамоми намудҳои кӯмакпулӣ аз рӯи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ, аз ҷумла ба кӯмакпулӣ барои корношоямии муваққатӣ ҳуқуқ доранд.

3. Маъюбон бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рафтуомади ройгон ё имтиёзнок ба ҷои табобат вобаста ба протезмонӣ ва тавонбахшӣ ҳуқуқ доранд.

4. Ба оилаҳое, ки ду ва зиёда маъюб доранд, инчунин ба падар ё модари танҳои маъюб, ки кӯдаки маъюбро тарбия мекунанд, бо тартиби муайяннамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ёрии иловагии иҷтимоӣ расонида мешавад.

**Моддаи 30. Имтиёзҳои маъюбон барои истифода аз нақлиёт**

1. Маъюбон ҳуқуқ доранд аз нақлиёти ноҳиявӣ, байниноҳиявӣ, шаҳрӣ ва байнишаҳрии истифодаи ҷамъиятӣ (ба истиснои таксӣ) ба тариқи ройгон истифода баранд, ҳамчунин маъюбон ҳуқуқи истифодаи имтиёзноки нақлиёти роҳи оҳан ва ҳавоиро доранд.

2. Тартиби аз нақлиёт ройгон ва имтиёзнок истифода бурдани маъюбонро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

**Моддаи 31. Имтиёзҳои маъюбон барои пардохти ҳаққи манзили истиқоматӣ, хизматрасонии коммуналӣ ва андозҳо**

1. Маъюбон ба имтиёзҳо, аз ҷумла андозбандии имтиёзнок бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ доранд.

2. Маъюбони гурӯҳҳои I ва II ҳуқуқи пардохти имтиёзноки ҳаққи манзили истиқоматӣ, хизматрасонии коммуналӣ (ба ғайр аз қувваи барқ, гази табиӣ) ва телефон, инчунин имтиёзи ба моликияти шахсӣ харидани хонаи давлатии истиқоматиашонро дар ҳаҷми 50 фоиз ва ҳуқуқи бенавбат ва ройгон гузаронидани хатти телефон, барқ, газ ва оби нӯшокиро доранд.

3. Мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, дигар ташкилотҳо дар доираи салоҳияти худ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд ба маъюбон барои пардохти ҳаққи манзили истиқоматӣ, хизматрасонии коммуналӣ, андозҳои маҳаллӣ ва дигар пардохтҳо имтиёзҳои иловагӣ муқаррар намоянд.

## БОБИ 5. ИТТИҲОДИЯҲОИ ҶАМЪИЯТИИ МАЪЮБОН

**Моддаи 32. Ҳуқуқи маъюбон ба таъсиси иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ**

1. Маъюбон бо мақсади ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии худ, таъмини имконияти баробар бо шаҳрвандони дигар метавонанд иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ таъсис диҳанд, ба узвияти онҳо шомил гарданд, инчунин бемамониат аз узвияти иттиҳодияҳои мазкур бароянд.

2. Тартиби таъсис ва фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятии маъюбон мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.

3. Давлат барои фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятии маъюбон мусоидат менамояд.

4. Моликияти иттиҳодияҳои ҷамъиятии маъюбон метавонанд корхонаҳо, муассисаҳо, дигар ташкилотҳо, бинову иншоот, таҷҳизот, нақлиёт, манзил, арзишҳои зеҳнӣ, воситаҳои пулӣ, саҳмияҳо ва дигар коғазҳои қиматнок, инчунин дигар намудҳои моликият мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тааллуқ дошта бошанд.

5. Иттиҳодияҳои ҷамъиятии маъюбон ва ташкилотҳои онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз андозбандии имтиёзнок ва афзалиятҳо истифода мебаранд.

**Моддаи 33. Иштироки иттиҳодияҳои ҷамъиятии маъюбон дар ҳалли масъалаҳои ба маъюбон дахлдошта**

1. Иттиҳодияҳои ҷамъиятии маъюбон метавонанд дар ҳалли масъалаҳои ба маъюбон дахлдошта иштирок намоянд.

2. Мақомоти давлатӣ, инчунин дигар ташкилотҳо вазифадоранд намояндагони иттиҳодияҳои ҷамъиятии маъюбонро дар тайёр ва қабул намудани қарорҳои ба манфиати маъюбон дахлдошта ҷалб намоянд.

## БОБИ 6. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

**Моддаи 34. Ҷавобгарӣ барои вайрон кардани Қонуни мазкур**

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки Қонуни мазкурро вайрон мекунанд, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**Моддаи 35. Дар бораи аз эътибор соқит донистани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳимояи иҷтимоии маъюбон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон"**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 1991 "Дар бораи ҳимояи иҷтимоии маъюбон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" (Ахбори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. с. 1992. №3, мод. 32; с. 1994. №2, мод. 50: Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. с. 1995. №22. мод. 26 2004, № 2. мод. 40; с. 2005, №3, мод. 132; с.2008. №1, қ.2, мод.23) аз эътибор соқит дониста шавад.

**Моддаи 36. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур**

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Эмомалӣ Раҳмон**

ш. Душанбе
29 декабри соли 2010, № 675

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
# ДАР БОРАИ ҲАДДИ АҚАЛИ ЗИНДАГӢ

Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқии муайян намудани ҳадди ақали зиндагӣ, баҳисобгирии он ҳангоми ба шаҳрвандон таъин кардани кӯмакҳои давлатии иҷтимоӣ, инчунин кафолати давлатии гирифтани даромади ҳадди ақали пулӣ ва дар мавриди татбиқи дигар тадбирҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд.

**Моддаи 1. Мафҳумҳои асосӣ**

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

- **сабади истеъмолӣ** - маҷмӯи ҳадди ақали маҳсулоти озуқа, маҳсулоти ғайриозуқа ва хизматрасонӣ, ки барои нигаҳдории саломатии инсон, таъмини ҳаёт ва фаъолияти ӯ заруранд;
- **ҳадди ақали зиндагӣ** - арзиши сабади истеъмолӣ ва маблағи пардохтҳои ҳатм;
- **ҳадди камбизоатӣ** - меъёри даромадҳо барои қонеъ гардонидани талаботи ҳаётан муҳими инсон, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба имкониятҳои иқтисодӣ муқаррар карда шудааст;
- **гурӯҳҳои асосии иҷтимоию демографии аҳолӣ** - гурӯҳи шаҳрвандоне, ки аз рӯи аломатҳои ҷинсию синнусолӣ, мавқеи иҷтимоӣ ва сатҳи таъминоти моддӣ муттаҳид мебошанд (аҳолии қобили меҳнат, нафақахӯрон ва кӯдакон);
- **сатҳи зиндагӣ** - маҷмӯи неъматҳои моддию маънавӣ ва хизматрасонҳо, ки талаботи ҳаётан муҳими одамонро қонеъ мегардонанд;
- **кӯмаки иҷтимоии давлатӣ** - кӯмакпулиҳои иҷтимоӣ, субсидияҳо, ҷубронпулиҳо, хизматрасонии иҷтимоӣ ва молҳои зарурҳ, ки аз ҳисоби буҷети давлатҳ ба оилаҳо ва ё шаҳрвандони камбизоат дода мешаванд;
- **камбизоатон** - оилаҳое (шаҳрвандони яккаву танҳо), ки бо сабабҳои аз онҳо новобаста, даромади миёнаи сарикасии онҳо аз андозаи ҳадди ақали зиндагӣ паст мебошад;

- **даромади миёнаи сарикасии оила** (шаҳрвандони яккаву танҳо) - андозаи миёнаи моҳонаи даромади умумии ба ҳар як узви оила (шаҳрвандони яккаву танҳо) тақсимшуда.

**Моддаи 2. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳадди ақали зиндагӣ**

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳадди ақали зиндагҳ ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, иборат мебошад.

**Моддаи 3. Таъиноти мақсадноки ҳадди ақали зиндагӣ**

Ҳадди ақали зиндагӣ, ки дар маҷмӯъ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоб карда мешавад, бо мақсадҳои зерин истифода мегардад:

- баҳо додани сатҳи зиндагии аҳолӣ барои таҳия ва татбиқи сиёсати иҷтимоӣ ва барномаҳои иҷтимоии мақсаднок;
- таҳлил ва пешбинии сатҳи зиндагии аҳолӣ;
- асосноккунии кӯмакрасонии иҷтимоии давлатӣ ба камбизоатон;
- тадриҷан наздик кардани андозаҳои муқарраршавандаи ҳадди ақали музди меҳнат, нафақаҳо, ҷубронпулиҳо, кӯмакпулиҳо ва дигар пардохтҳои иҷтимоӣ;
- муайян кардани ҳадди камбизоатҳ ва татбиқи тадбирҳо оид ба дастгирии иҷтимоии аҳолӣ.

**Моддаи 4. Намудҳои ҳадди ақали зиндагӣ**

1. Вобаста аз таъиноти мақсаднок ҳадди ақали зиндагӣ ба намудҳои зерин тақсим мешавад:
- ба ҳар як нафар аҳолӣ;
- аз рӯи гурӯҳҳои асосии иҷтимоию демографии аҳолӣ.

2. Ҳадди ақали зиндагӣ дар тамоми ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он, бо ҷудо кардани аҳолӣ ба сокинони шаҳр ва деҳот инчунин бо назардошти хусусиятҳои ҷуғрофию иқлимӣ ва хусусиятҳои дигари истеъмоли неъматҳои моддӣ ва истифодаи хизматрасонҳ ба аҳолӣ дар маҷмӯъ муайян карда мешавад.

**Моддаи 5. Сабади истеъмолӣ**

1. Сабади истеъмолҳ аз инҳо иборат мебошад:

- маҷмўи маҳсулоти озуқа;
- маҷмўи маҳсулоти ҷайриозуқа;
- маҷмўи хизматрасонӣ.

2. Ҳангоми муайян кардани маҷмўи маҳсулоти озуқа меъёрҳои илман асоснокшудаи талаботи ҳадди ақали гурўҳҳои иҷтимоию демографии ахолҳ ба маводи ғизоӣ, инчунин таркиби кимиёвӣ ва арзиши ғизонокии маҳсулоти озуқа ба инобат гирифта мешаванд.

3. Ҳангоми муайян кардани маҷмўи маҳсулоти ғайриозуқа, ки ба таркиби сабади истеъмолӣ дохил мешаванд, қонеъгардонии талаботи ҳадди ақали ҳаётан муҳими гурўҳҳои асосии иҷтимоию демографии аҳолӣ ба маҳсулоти ғайриғизоӣ бо назардошти хусусиятҳои ҷинсиву синнусолҳ ва либос, инчунин барои ташкили чорабиниҳои маданию маишӣ ба назар гирифта мешавад.

4. Ҳангоми муайян намудани маҷмўи хизматрасонии дар таркиби сабади истеъмолӣ вуҷуддошта, қонеъ намудани талаботи ҳадди ақали аҳолӣ ба хизматрасонии манзилию коммуналӣ, маишӣ, нақлиётӣ ва алоқа ба инобат гирифта мешавад.

**Моддаи 6. Таҳия, таҷдиди назар ва тасдиқи сабади истеъмолӣ**

1. Сабади истеъмолӣ барои гурўҳҳои асосии иҷтимоию демографии аҳолӣ зимни тавсияномаҳое, ки аз тарафи мақоми ваколатдори давлатӣ бо иштироки иттиҳодияи намояндагони кормандони Тоҷикистон таҳия мегарданд, ҳисоб карда мешавад.

2. Тавсияномаҳои мазкур на камтар аз як маротиба дар 5 сол муайян карда шуда, аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мегарданд.

3. Таркиб ва сохтори сабади истеъмолиро қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

**Моддаи 7. Даврияти ҳисоб ва қоидаи муқаррар намудани андозаи ҳадди ақали зиндагӣ**

1. Андозаи ҳадди ақали зиндагӣ ба ҳар сари аҳолӣ ва гурўҳҳои иҷтимоию демографӣ дар асоси сабади истеъмолӣ ва маълумоти оморӣ оид ба сатҳи нархҳои истеъмолии маҳсулоти озуқа, маҳсулоти ғайриозуқа ва хизматрасонӣ, бо назардошти ҳамаи намудҳои савдо ва хароҷот барои боҷҳои давлатӣ ва пардохтҳои ҳатмӣ ҳар семоҳа ҳисоб карда мешавад.

2. Андозаи ҳадди ақали зиндагӣ, қоидаҳои муқарраркунӣ ва даврияти дида баромадани онро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

**Моддаи 8. Истифодаи хадди ақали зиндагӣ ҳангоми ба шаҳрвандон расонидани кӯмаки иҷтимоии давлатӣ**

1. Андозаи ҳадди акали зиндагӣ ҳангоми муқаррар намудани андозаҳои ҳадди ақали музди меҳнат ва нафақаҳо, инчунин андозаҳои стипендия, кӯмакпулиҳо ва дигар пардохтҳои иҷтимоие, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, ҳамчун нишондиҳанда ҳисобида мешавад.

2. Ҳангоми бастани шартномаҳои меҳнатии коллективӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вақти муайян намудани андозаи музди меҳнати кормандон ва дигар кӯмакпулиҳо, андозаи ҳадди ақали зиндагӣ ҳамчун меъёри асосӣ истифода мешавад.

3. Наздик кардани ҳадди ақали кафолатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба андозаи ҳадди ақали зиндагӣ бо назардошти вазъияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳила ба марҳила ба амал оварда мешавад.

**Моддаи 9. Нашри маълумот оид ба андозаи ҳадди ақали зиндагӣ**

Маълумот дар бораи андозаи ҳадди ақали зиндагӣ барои ҳар як нафар аз рӯи гурӯҳҳои асосии иҷтимоию демографии аҳолӣ ба таври пурра дар ҷумҳурӣ ҳар се моҳ дар нашрияи расмии омории Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор карда мешавад.

**Моддаи 10. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур**

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Эмомалӣ Раҳмон**

ш. Душанбе
19 майи соли 2009, № 521

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
# ДАР БОРАИ ХИЗМАТРАСОНИИ ИҶТИМОӢ

Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқии фаъолиятро дар соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ ба аҳолӣ муқаррар менамояд ва муносибатҳоеро, ки ҳангоми амалӣ намудани ҳуқуқи шаҳрвандони Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд ба хизматрасонии иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён меоянд, ба танзим медарорад.

## БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

**Моддаи 1. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи хизматрасонии иҷтимоӣ**

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи хизматрасонии иҷтимоӣ ба аҳолӣ ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, иборат мебошад.

**Моддаи 2. Мафҳумҳои асосӣ**

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

**хизматрасонии иҷтимоӣ** - маҷмӯи хизматҳои иҷтимоии марбут ба фаъолияти хадамоти иҷтимоӣ дар бобати дастгирии иҷтимоӣ, расонидани хизматҳои иҷтимоӣ-маишӣ, иҷтимоӣ-тиббӣ, равонишиносию педагогӣ, иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ, хизматҳои дигар ва кӯмаки моддӣ, мутобиқшавӣ ва офияти иҷтимоии шаҳрвандон, ки дар ҳолати душворӣ зиндагӣ қарор доранд;

**хадамоти иҷтимоӣ** - ташкилотҳо, новобаста аз шакли моликият, соҳибкорони инфиродӣ, ки хизматҳои иҷтимоӣ мерасонанд;

**хизматҳои иҷтимоӣ** - намудҳои кору фаъолияте, ки ба қонеъ гардонидани талаботи шаҳрвандон ва ба манфиати онҳо бо мақсади расонидани кӯмак дар ҳолати душвори зиндагӣ ва пешгирии онҳо равона гардидаанд;

**корманди хадамоти иҷтимоӣ** - шаҳрванде, ки бо мақомоти идораи хизматрасонии иҷтимоӣ ва ё ташкилоти иҷтимоии ба аҳолӣ

хизматрасонанда муносибати меҳнатӣ дорад ва ӯҳдадории асосии меҳнатиаш хизматрасонии иҷтимоӣ ба аҳолӣ мебошад;

**истифодабарандагони хизматҳои иҷтимоӣ -** шаҳрванд ва ё гурӯҳи шаҳрвандоне, ки дар ҳолати душвори зиндагӣ қарор доранд ва бинобар ҳамин ба онҳо хизматҳои иҷтимоӣ расонида мешаванд;

**ҳолати душвори зиндагӣ -** ҳолате, ки фаъолияти мӯътадили зиндагии шаҳрвандро ба таври воқеӣ вайрон мекунад ва ё ҳолате, ки у мустақилона аз он баромада наметавонад, аз ҷумла:

-маъюбӣ;

-пиронсолӣ;

-беморӣ;

-оқибати садамаи истеҳсолӣ ва бемории касбӣ;

-аз даст додани саробон, танҳоӣ, ятимӣ, беназоратӣ;

-набудани ҷойи муайяни истиқомат;

-вобастагии бардавоми рӯҳҳ, оқибати зӯроварӣ ва ё ҳолатҳое, ки ҳаётро зери хатар мегузоранд;

-ҳолати дигари душвори зиндагӣ.

**Моддаи 3. Мақсадҳои хизматрасонии иҷтимоӣ**

Мақсадҳои хизматрасонии иҷтимоӣ инҳо мебошанд:

-мусоидат намудан ба таъмини имкониятҳои баробар барои ҳамаи аъзои ҷамъият, ки ба таҳкими ягонагии иҷтимоӣ ва роҳ надодан ба ҷудокунии иҷтимоӣ равона гардидаанд;

-таъмин намудани имконияти ба сар бурдани ҳаёти сазовору бехатар, ҳамзамон иштирок дар корҳои ҷамъиятӣ;

-кӯмак намудан ба шаҳрвандон барои рафъи ҳолати душвори зиндагӣ, ки онҳо бо маблағи худ ва имкониятҳои мавҷудбуда қудрати бартараф кардани онро надоранд;

-тақвият додани ҷидду ҷаҳди шахсии шаҳрвандон ва оилаҳо, муҳайё кардани шароит барои ҳалли мустақилонаи масъалаҳои пешомада аз тарафи онҳо;

-пешгирӣ кардани ҳолати душвори зиндагӣ.

**Моддаи 4. Принсипҳои хизматрасонии иҷтимоӣ**

Хизматрасонии иҷтимоӣ дар асоси принсипҳои зерин амалӣ мегардад:

-масъулиятшиносии мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, ташкилотҳо, ҳамчунин шахсони

мансабдор барои таъмини ҳуқуқҳои шаҳрвандон дар соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ;

-адолати иҷтимоӣ ҳангоми амалигардонии ҳуқуқҳои шаҳрвандон дар соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ;

-ихтиёран истифода бурдан аз хизматрасонии иҷтимоӣ ва рад кардани он;

-инсондӯстӣ, унвонӣ будан ва махфияти хизматрасонии иҷтимоӣ;

-афзалиятнокии пешниҳоди хизмати иҷтимоӣ ба кӯдакон ва ҷавонон, занони ҳомила, пиронсолон ва маъюбоне, ки дар ҳолати душвори зиндагӣ қарор доранд;

-дар навбати аввал андешидани чораҳо оид ба пешгирӣ намудани ҳолати душвори зиндагӣ, баланд бардоштани маърифати иҷтимоии аҳолӣ;

-баробарии шароити фаъолияти хадамоти иҷтимоии ҳамаи шаклҳои моликият;

-вусъати ҳамкории байналмилалҳӣ дар соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ ба аҳолӣ.

## БОБИ 2. ХУҚУҚИ ШАҲРВАНДОН ДАР СОҲАИ ХИЗМАТРАСОНИИ ИҶТИМОӢ

### Моддаи 5. Ҳуқуқи шаҳрвандон ба хизматрасонии иҷтимоӣ

1. Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шаҳрвандон ҳуқуқи хизматрасонии иҷтимоиро дар низоми давлатии хизматрасонии иҷтимоӣ аз рӯи намудҳои асосии он, ки Қонуни мазкур муқаррар кардааст, кафолат медиҳад.

2. Ҳангоми гирифтани хизмати иҷтимоӣ шаҳрвандон ҳуқуқ доранд ба:

-муносибати эҳтиромона ва инсондӯстона аз ҷониби кормандони хадамоти иҷтимоӣ;

-интихоби ташкилот ва намуди хизматрасонии иҷтимоӣ ба истиснои мавридҳое, ки дар моддаи 12 Қонуни мазкур пешбинӣ шудаанд;

-гирифтани маълумоти ройгон оид ба ҳуқуқҳо, ӯҳдадориҳо, намудҳо ва тартибу шароити расонидани хизмати иҷтимоӣ;

-ризоият барои хизматрасонии иҷтимоӣ;

-рад кардани хизматрасонии иҷтимоӣ;

-махфияти маълумоти хусусияти шахсидошта, ки ҳангоми расонидани хизмати иҷтимоӣ ба корманди хадамоти иҷтимоӣ маълум гардидааст;

-ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии худ, аз он ҷумла бо тартиби судҳ.

3. Хизматрасонии иҷтимоӣ дар асоси муроҷиати шаҳрванд, васҳ, парастор, намояндаи дигари қонунии ӯ, мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ аз ҷониби хадамоти иҷтимоӣ амалӣ гардонида мешавад.

4. Шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванде, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон доимӣ истиқомат мекунанд, метавонанд дар асоси муқаррароти Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, аз хизматрасонии иҷтимоӣ истифода намоянд.

**Моддаи 6. Ҳуқуқи шаҳрвандон барои гирифтани маълумот оид ба хизматрасонии иҷтимоӣ**

1. Ҳар як шаҳрванд ҳуқуқ дорад, ки аз мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, инчунин мақомоти хизматрасонии иҷтимоӣ оид ба имконият, намуд, тартиб ва шароити хизматрасонии иҷтимоӣ маълумоти ройгон гирад.

2. Маълумот оид ба хизмати иҷтимоӣ бевосита ба шаҳрвандоне, ки ба хизмати иҷтимоӣ ниёз доранд, аз тарафи кормандони хадамоти иҷтимоӣ, вале нисбати шахсони синнашон ба 16 нарасида ва шахсоне, ки мувофиқи тартиботи муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ғайри қобили амал дониста шудаанд, ба намояндаи қонунии онҳо расонида мешавад.

3. Шаҳрвандоне, ки ба муассисаҳои будубоши доимӣ ва ё ба муассисаҳои будубоши муваққатии хизматрасонии иҷтимоӣ фиристонида мешаванд, ҳамчунин намояндаи қонунии онҳо бояд бо шароити зист ё будубош дар муассисаҳои мазкур ва бо намудҳои хизматрасонҳ пешакӣ шинос карда шаванд.

**Моддаи 7. Ризоият ба хизматрасонии иҷтимоӣ**

1. Хизматрасонии иҷтимоӣ ба шарти ризо будани шаҳрванд барои истифода бурдан аз хизмати иҷтимоӣ, ба истисноӣ мавридҳое, ки дар моддаи 12 Қонуни мазкур пешбинӣ намудааст, амалӣ гардонида мешавад.

2. Ризоият ба хизматрасонии иҷтимоӣ ба шахсони синнашон ба 16 нарасида ва шахсони бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ғайри қобили амал донисташуда баъди гирифтани маълумот аз тарафи намояндагони қонунии онҳо, ки дар қисми дуюми моддаи 6 Қонуни мазкур пешбинӣ шудааст, дода мешавад. Ҳангоми муваққатан набудани намояндагони қонунӣ қарор оид ба ризоият аз тарафи мақомоти васоят ва парасторӣ қабул карда мешавад.

3. Ҷойгиркунӣ дар муассисаи будубоши доимии хизматрасонии иҷтимоӣ дар асоси аризаи хаттии шаҳрванд, вале шахсоне, ки синнашон ба 16 нарасидааст ва шахсони бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузори ғайри қобили амал донисташуда дар асоси аризаи хаттии намояндагони қонунии онҳо амалӣ мегарданд.

4. Ҷойгиркунии шаҳрвандон дар муассисаи будубоши доимии хизматрасонии иҷтимоӣ бе ризоияти онҳо ва ё бе ризояти намояндагони қонунии онҳо дар асос ва мувофиқи тартиби дар моддаи 12 Қонуни мазкур, ҳамчунин дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда иҷозат дода мешавад.

**Моддаи 8. Даст кашидан аз хизматрасонии иҷтимоӣ**

1. Шаҳрвандон, ҳамчунин намояндагони қонунии онҳо ҳуқуқи даст кашидан аз хизматрасонии иҷтимоиро доранд, ба истиснои мавридҳое, ки дар моддаи 12 Қонуни мазкур пешбинӣ шудааст.

2. Дар мавриди даст кашидани шаҳрвандон, ҳамчунин намояндагони қонунии онҳо аз хизматрасонии иҷтимоӣ оқибатҳои имконпазири қарори қабулкардаашон ба онҳо фаҳмонида мешавад.

3. Даст кашидани шаҳрвандон аз хизматрасонии иҷтимоӣ, ки боиси бад шудани вазъи саломатӣ ва ё хавфи таҳдид ба ҳаёти онҳо мегардад, бо аризаи хаттии шаҳрвандон ва ё намояндагони қонунии онҳо ба расмият дароварда мешавад, ки қабули маълумотро оид ба оқибати раддияи онҳо тасдиқ менамояд.

**Моддаи 9. Махфӣ будани маълумот**

1. Маълумоти хусусияти шахсидошта, ки ҳангоми расонидани хизматҳои иҷтимоӣ ба кормандони хадамоти иҷтимоӣ маълум гардидааст, иттилооти дорои истифодаи маҳдуд ва махфияти касбӣ ба ҳисоб меравад.

2. Кормандони хадамоти иҷтимоӣ, ки махфияти касбиро фош менамоянд, мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**Моддаи 10. Ҳуқуқҳои шаҳрвандоне, ки дар муассисаҳои будубоши доимии хизматрасонии иҷтимоӣ қарор доранд**

1. Шаҳрвандони дар муассисаҳои будубоши доимии хизматрасонии иҷтимоӣ қарордошта аз ҳуқуқҳои дар моддаи 5 Қонуни мазкур пешбинишуда истифода мебаранд, ҳамчунин ҳуқуқ доранд ба:

-таъмин шудан бо шароити зисти ба талаботу меъёри санитарӣ-гигиенӣ ҷавобгӯй;

-нигоҳубин, кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ, дандонпизишкӣ дар муассисаҳои будубоши доимии хизматрасонии иҷтимоӣ пешниҳодшаванда;

-кӯмаки ройгони махсус, аз он ҷумла дандонмонӣ (бидуни истифодаи металлҳои қиматбаҳо) дар муассисаҳои давлатии тандурустӣ ҳамчунин ба кӯмаки ройгони протезӣ-ортопедӣ;

-офиятёбии тиббӣ ва мутобиқшавии иҷтимоӣ;

-ихтиёрӣ ширкат намудан ба ҷараёни табобати меҳнатӣ, бо назардошти вазъи саломат, майлу хоҳиш мувофиқи хулосаи тиббӣ ва тавсияи меҳнатӣ;

-ташхиси тиббию меҳнатӣ мувофиқи нишондоди тиббӣ барои муқаррар ва ё иваз намудани гурӯҳи маъюбӣ;

-вохӯрии бемамониат бо адвокат, нотариус, намояндагони қонунии худ, намояндаи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ходимони ташкилотҳои динние, ки расман ба қайд гирифта шудаанд, ҳамчунин вохӯрӣ бо хешовандон ва шахсони дигар;

-ҷудо кардани хона барои ибодат ва иҷрои суннату маросимҳои динӣ, ки барои гузаронидани онҳо шароити мувофиқи ба тартиботи дохилӣ мухолифнабударо дорад, бо назардошти манфиати диндорони мазҳабҳои гуногун;

-таъмини таҳсили ройгон барои шаҳрвандони синни мактабӣ, агар онҳо дар муассисаҳои будубоши доимӣ ба муддати дароз ҷойгир шуда бошанд.

2. Кӯдакон ва ҷавонони маъюбӣ дар муассисаҳои будубоши доимии хизматрасонии иҷтимоӣ қарордошта ба гирифтани таҳсилот ва таҳсили касбҳ мувофиқи имконияти ҷисмонӣ ва қобилияти ақлониашон ҳуқуқ доранд.

3. Шаҳрвандони дар муассисаҳои давлатии хизматрасонии иҷтимоӣ қарордошта, ки ба кӯмаки махсуси тиббӣ ниёз доранд, ба муассисаҳои давлатии нигаҳдории тандурустӣ барои муоина ва табобат фиристонида мешаванд.

4. Нисбати шаҳрвандони дар муассисаҳои будубоши доимии хизматрасонии иҷтимоӣ қарордошта ҷудо нигоҳ доштани онҳо бо мақсади ҷазо додан ва ё фароҳам овардани муҳити муносиб барои кормандони муассисаҳои мазкур манъ аст.

**Моддаи 11. Фаъолияти меҳнатии шаҳрвандони дар муассисаҳои будубоши доимии хизматрасонии иҷтимоӣ қарордошта**

1. Шаҳрвандони дар муассисаҳои будубоши доимии хизматрасонии иҷтимоӣ қарордошта мувофиқи вазъи саломатиашон дар асоси шартномаи меҳнатӣ метавонанд ба кор қабул карда шаванд.

2. Шаҳрвандони дар муассисаҳои будубоши доимии хизматрасонии иҷтимоӣ қарордошта мувофиқи тавсияи тиббӣ ва бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд дар фаъолияти табобатӣ-меҳнатӣ ширкат намоянд. Ба фаъолияти меҳнатӣ маҷбур намудани шаҳрвандоне, ки дар муассисаҳои будубоши доимии хизматрасонии иҷтимоӣ қарор доранд, роҳ дода намешавад.

**Моддаи 12. Маҳдудкунии ҳуқуқи шаҳрвандон ҳангоми ба онҳо расонидани хизмати иҷтимоӣ**

1. Маҳдудкунии ҳуқуқи шаҳрвандон ҳангоми ба онҳо расонидани хизмати иҷтимоӣ бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни мазкур ба роҳ монда мешавад ва метавонад дар ҷойгиркунии онҳо бидуни ризоияташон дар муассисаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ дар мавридҳое ифода ёбад, ки агар онҳо аз нигоҳубин ва дастгирии хешовандонашон ва намояндагони қонуниашон маҳрум бошанд ва дар ин маврид қобилияти мустақилона қонеъ кардани талаботи ҳаётии худро надошта бошанд (гум кардани қобилияти худхизматрасонӣ ё ҳаракати фаъолона) ва ё бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ғайри қобили амал дониста шуда бошанд.

2. Масъалаи ҷойгиркунии шаҳрвандон дар муассисаҳои будубоши доимии хизматрасонии иҷтимоӣ бидуни ризоияти онҳо ва ё бидуни ризоияти намояндагони қонуниашон дар асоси

нишондоди қисми 1 моддаи мазкур бо пешниҳоди мақомоти ҳифзи иҷтимоии аҳолҳ ва ё нигаҳдории тандурустӣ аз тарафи суд ҳал карда мешавад.

3. Аз хизмати муассисаҳои будубоши доимии хизматрасонии иҷтимоӣ даст кашидани шаҳрвандоне, ки қобилияти қонеъ гардонии талаботи асосии ҳаётии худро гум кардаанд ва ё бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ҷайри қобили амал дониста шудаанд, аз рӯи аризаи хаттии намояндагони қонунии онҳо дар мавриде қабул карда мешавад, ки агар онҳо нигоҳубини шахсони номбурда ва барояшон муҳайё кардани шароити зарурии зистро ба ўҳда гирифта бошанд.

4. Шаҳрвандони дорои бактерия ё вирус, гирифтори бемории доимии майзадагӣ, бемориҳои гузарандаи карантинӣ, намуди хуруҷкунандаи бемории сил, иллати вазнини рўҳӣ, касалиҳои олоти таносул ва ҷайраҳо мебошанд, ки дар муассисаҳои махсуси тандурустӣ табобат карданро тақозо менамоянд, барояшон расонидани хизмати иҷтимоӣ дар хона рад карда мешавад. Дар ин маврид рад кардани хизматрасонии иҷтимоӣ бо хулосаи якҷояи мақомоти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва комиссияи духтурон-машваратчиёни муассисаи нигаҳдории тандурустӣ тасдиқ карда мешавад.

5. Хизматрасонии иҷтимоӣ дар хона ба шаҳрвандон дар мавриде қатъ карда мешавад, ки агар онҳо меъёр ва қоидаҳои аз тарафи мақомоти хизматрасонии иҷтимоӣ муқаррарнамударо ҳангоми пешниҳоди ин ё он намуди хизмат вайрон кунанд.

## БОБИ 3. ХИЗМАТРАСОНИИ ИҶТИМОӢ

### Моддаи 13. Намудҳои хизматрасонии иҷтимоӣ

1. Хизматрасонии иҷтимоӣ аз тарафи хадамоти иҷтимоӣ дар намудҳои зерин амалӣ гардонида мешавад:

-хизматрасонии иҷтимоӣ дар хона;

-хизматрасонии иҷтимоӣ дар муассисаҳои будубоши доимҳ;

-хизматрасонии иҷтимоӣ дар муассисаҳои будубоши муваққатӣ;

2. Тартиби хизматрасонии иҷтимоӣ дар хона, дар муассисаҳои будубоши муваққатӣ, муассисаҳои будубоши доимии хадамоти иҷтимоӣ, талабот нисбати кормандони муассисаҳои мазкур, номгўи хизматҳои пешниҳодшаванда ва қоидаҳои дигари

фаъолияти онҳо аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.

**Моддаи 14. Хизматрасонии иҷтимоӣ дар хона**

1. Хизматрасонии иҷтимоӣ дар хона аз тарафи кормандони хадамоти иҷтимоӣ бо роҳи пешниҳод намудани хизматҳои иҷтимоии хусусияти гуногундошта ба шаҳрвандоне, ки муваққатан ва ё доимӣ ба хизматрасонии иҷтимоӣ эҳтиёҷ доранд, анҷом дода мешавад ва бо мақсади истифода бурдан аз шароити табиқ барои ба муҳит мутобиқшавӣ ва офияти онҳо ва ё барои доимӣ нигоҳ доштани шароити мусоид барои фаъолияти ҳаётии онҳо, барои расонидани ёрӣ ҳангоми ҳолати душвори зиндагӣ, инчунин барои пешгирӣ кардани ҳолати монанди онҳо гузаронида мешавад.

2. Хизматрасонии иҷтимоӣ дар хона аз ҷониби кормандони хадамоти иҷтимоӣ ҳамчунин ба шаҳрвандони яккаву танҳо ва шаҳрвандоне, ки аз сабаби пирӣ, беморӣ, маъюбӣ ва мавридҳои дигари ҳолати душвори зиндагӣ ба худхизматрасонӣ қодир нестанд, ба ҷо оварда мешавад.

**Моддаи 15. Хизматрасонии иҷтимоӣ дар муассисаҳои будубоши доимӣ**

Хизматрасонии иҷтимоӣ дар муассисаҳои будубоши доимии хадамоти иҷтимоӣ аз тарафи кормандони хадамоти иҷтимоӣ бо роҳи пешниҳод намудани хизматҳои иҷтимоии хусусияти гуногундошта нисбати шаҳрвандоне, ки дар ҳолати душвори зиндагӣ қарор доранд ва дигар муштариёни хадамоти иҷтимоӣ, ки қисман ва ё пурра қобилияти худхизматрасониашонро гум кардаанд ва ба нигоҳубини доимии беруна эҳтиёҷ доранд, бо роҳи таъмин ва ташкил намудани шароити фаъолияти ҳаётӣ, ки ба синну сол ва вазъи саломатии онҳо мувофиқ аст, ҳамчунин ташкили хӯрок ва нигоҳубин, фаъолияти меҳнатии мувофиқи тавоноӣ, чорабиниҳои фароғатӣ ба амал бароварда мешавад.

**Моддаи 16. Хизматрасонии иҷтимоӣ дар муассисаҳои будубоши муваққатӣ**

Хизматрасонии иҷтимоӣ дар муассисаҳои будубоши муваққатии хадамоти иҷтимоӣ аз тарафи кормандони хадамоти иҷтимоӣ бо роҳи пешниҳод намудани хизматҳои иҷтимоии хусусияти гуногундошта ба шаҳрвандоне, ки дар ҳолати душвори

зиндагӣ қарор доранд, ҳамчунин фаъолияти мӯътадили ҳаётии худро мустақилона нигаҳдорҳ менамоянд ва ба расонидани ёрӣ дар марҳилаҳои аввали пеш омадани мушкилот ва бӯҳрони иҷтимоӣ эҳтиёҷ доранд, ба амал бароварда, барои пешгирӣ кардани ҳолати душвори зиндагӣ кӯмак расонида мешавад.

**Моддаи 17. Хизматҳои иҷтимоӣ**

1. Хизматрасонии иҷтимоӣ бо роҳи ба аҳолӣ пешниҳод намудани хизматҳои иҷтимоии маишӣ, тиббӣ ва санаторӣ - солимгардонӣ, фарҳангӣ, таълимӣ, ҳуқуқӣ, варзишӣ - солимгардонӣ ба амал бароварда мешавад.

2. Хизмати иҷтимоӣ метавонад дар алоқамандии гуногун ҳангоми тадбирҳои зерин пешниҳод карда шавад:

-роҳбаладии иҷтимоӣ (парасторӣ) - ҳамчун маҷмӯи хизматҳои иҷтимоии хусусияти дарозмуддат ва такроршавандадошта, ки ба шаҳрванд бо мақсади пешгирии ҳолати душвори зиндагҳ расонида мешавад;

-мутобиқшавӣ ва офияти иҷтимоӣ - ҳамчун маҷмӯи хизматҳои иҷтимоии хусусияти дарозмуддат ва такроршавандадошта, ки ба шаҳрванд бо мақсади барқарор намудани фаъолияти муқаррарии ҳаётии ӯ пас аз ҳолати душвори зиндагӣ расонида мешавад.

3. Номгӯй ва намудҳои хизматҳои иҷтимоиеро, ки аз ҷониби давлат кафолат дода шудаанд, талаботро нисбати ҳаҷм, сифат ва бехатарии онҳо, ихтисоси кормандон ва талаботи дигарро бо мақсади риояи озодҳ ва ҳуқуқҳои шаҳрвандонро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд.

**Моддаи 18. Пардохти музди хизматрасонии иҷтимоӣ**

1. Хизматрасонии иҷтимоӣ аз ҷониби хадамоти иҷтимоӣ метавонад ба таври ройгон ва музднок ба амал бароварда шавад.

2. Хизматрасонии иҷтимоии ройгон - расонидани хизматҳои иҷтимоӣ бе ҷалби маблағи шахсии шаҳрвандон буда, аз ҳисоби маблағи буҷети давлатӣ амалӣ гардонида мешавад.

3. Дар хадамоти иҷтимоии давлатӣ хизматрасонии иҷтимоии ройгон дар асоси тартиби муқаррарнамудаи моддаи 19 Қонуни мазкур амалӣ мегардад. Тартиб ва ҳаҷми пешниҳоди хизматрасонии ройгони иҷтимоиро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд.

4. Хизматҳои иҷтимоии музднок дар хадамоти иҷтимоии давлатӣ аз рӯи тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон расонида мешаванд.

5. Тартиби пешниҳоди хизматҳои иҷтимоӣ дар хадамоти иҷтимоии шакли дигари моликият аз ҷониби онҳо мустакилона муқаррар мегардад, ки он набояд ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат кунад.

**Моддаи 19. Асосӣ барои хизматрасонии иҷтимоии ройгон дар хадамоти давлатии иҷтимоӣ**

1. Хизматрасонии иҷтимоии ройгон дар хадамоти давлатии иҷтимоӣ ба шахсони зерин пешниҳод карда мешавад:

-ба шаҳрвандоне, ки аз сабаби пиронсолӣ, бемори, маъюбӣ, надоштани хешовандоне, ки ба онҳо кӯмак расонида, нигоҳубин карда метавонанд;

-ба шаҳрвандоне, ки ба сабаби офати табиӣ, фалокат, низоъҳои гуногуни иҷтимоӣ дар ҳолати душвори зиндагӣ қарор доранд;

-ба кӯдакон, ҷавонон ва занони ҳомилаи дар ҳолати душвори зиндагӣ қарордошта.

2. Мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ метавонад номгӯи иловагии хизматҳои ройгони иҷтимоӣ ва асосӣои пешниҳоди онҳоро муқаррар намояд.

## БОБИ 4. ТАШКИЛИ ХИЗМАТРАСОНИИ ИҶТИМОӢ

**Моддаи 20. Низоми хизматрасонии иҷтимоӣ**

1. Низоми хизматрасонии иҷтимоӣ ба шаҳрвандон ба истифода ва рушди ҳама гуна шаклҳои моликият асос ёфта, аз хадамоти давлатӣ ва ғайридавлатии хизматрасонии иҷтимоӣ иборат аст.

2. Давлат рушди хадамоти иҷтимоиро новобаста аз шакли моликият дастгирӣ ва ҳавасманд менамояд.

**Моддаи 21. Низоми давлатии хизматрасонии иҷтимоӣ**

Низоми давлатии хизматрасонии иҷтимоӣ аз мақомоти ваколатдор дар соҳаи хизматрасонии иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад, аз мақомоти хизматрасонии иҷтимоии мақомоти маҳаллии

ҳокимияти давлатӣ, инчунин аз муассисаҳои давлатии хизматрасонии иҷтимоӣ иборат мебошад.

**Моддаи 22. Салоҳияти мақомоти ваколатдори ҳокимияти давлатӣ дар соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ**

Ба салоҳияти мақомоти ваколатдори ҳокимияти давлатӣ дар соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ дохил мешаванд:

-таҳия ва татбиқ намудани сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ;

-қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқҳ дар соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ ва назорати иҷрои онҳо;

-таҳия ва амалигардонии барномаҳои давлатии хизматрасонии иҷтимоӣ;

-муқаррар намудани тартиби ҳамоҳангсозии фаъолият ва таъмини усули хизматрасонии иҷтимоӣ;

-муқаррар намудани тартиби иҷозат барои фаъолияти хизматрасонии иҷтимоӣ;

-муқаррар намудани низоми ягонаи давлатии ҳисоби оморӣ ва ҳисоботдиҳӣ дар соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ;

-идора ва таъмини фаъолияти муассисаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ, ки тахти моликияти давлатӣ қарор доранд.

**Моддаи 23. Салоҳияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ**

Мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барои таъмини сифат ва дастрасии хизматрасонӣ, рушди хизматрасонии иҷтимоӣ дар маҳалли тобеият масъул буда, назорати риояи талаботи давлатии хизматрасонии иҷтимоиро дар низоми хизматрасонии иҷтимоии давлатӣ ва ғайридавлатӣ таъмин менамоянд.

**Моддаи 24. Низоми ғайридавлатии хизматрасонии иҷтимоӣ**

1. Низоми ҷайридавлатии хизматрасонии иҷтимоӣ ташкилотҳои хизматрасонии иҷтимоиро, ки фаъолияташон ба моликияти ҷайридавлатӣ асос ёфтааст, ҳамчунин шахсонеро, ки дар соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ ба тарзи хусусӣ фаъолият мекунанд, муттаҳид менамояд.

2. Ташкили субъектҳои низоми ҷайридавлатии хизматрасонии иҷтимоӣ ва фаъолияти онҳо мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ гардонида мешавад.

**Моддаи 25. Маблағгузории низоми хизматрасонии иҷтимоӣ**

1. Низоми давлатии хизматрасонии иҷтимоӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағгузорӣ карда мешавад.

2. Ташкилотҳои ғайридавлатии хизматрасонии иҷтимоӣ аз ҳисоби сарчашмаҳое, ки ҳуҷҷатҳои таъсисии онҳо пешбинӣ намудаанд, маблағгузорӣ карда мешаванд.

3. Муассисаҳои давлатии хизматрасонии иҷтимоӣ аз рӯи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қитъаҳои замин, амволи барои иҷрои вазифаҳои оинномавии онҳо зарур таъмин карда мешаванд.

4. Намуди фаъолияти муассисаҳои давлатии хизматрасонии иҷтимоиро дигар кардан мумкин нест.

5. Муассисаҳои давлатии хизматрасонии иҷтимоӣ ҳуқуқ надоранд амволашонро, ки бо ҳуқуқи идоракунии оперативӣ ба онҳо мансубанд, ба гарав монанд ва ба иҷора диҳанд.

6. Сарчашмаҳои иловагии ғайрибуҷетии маблағгузории хадамоти иҷтимоӣ маблағҳое мебошанд, ки аз ҳисоби грантҳо, даромад аз соҳибкорӣ, маблағҳое, ки ҳамчун ҳаққи хизматҳои иҷтимоӣ дохил шудаанд, маблағҳои хайриявӣ, сарчашмаҳои дигар, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ намекунад, ворид мешаванд.

## БОБИ 5. ҲУҚУҚ ВА ӮҲДАДОРИҲОИ КОРМАНДОНИ ХАДАМОТИ ИҶТИМОӢ

**Моддаи 26. Ҳуқуқҳои кормандони хадамоти иҷтимоӣ**

1. Кормандони хадамоти иҷтимоӣ ҳуқуқ доранд ба:

-таъмин кардани шароити фаъолияти худ мувофиқи талаботи муҳофизати меҳнат;

-кор дар асоси шартномаи меҳнатӣ;

-ҳимояи шаъну шарафи касбии худ;

-гирифтани дараҷаи тахассусӣ дар вақти мувофиқат кардан ба сатҳи тайёрии таҷрибавӣ ва назариявӣ;

-такмилдиҳии донишу малакаи касбӣ;

2. Қоида ва тартиби ҷуброни хароҷоти вобаста ба иҷрои ӯҳдадориҳои касбӣ, ҳамчунин кафолату имтиёзи кормандони низоми давлатии хадамоти иҷтимоиро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд.

3. Кафолат ва имтиёзоти кормандони хадамоти иҷтимоии намудҳои дигари моликиятро давлат ва муассисони онҳо дар асоси шартнома муқаррар менамоянд.

**Моддаи 27. Ӯҳдадориҳои кормандони хадамоти иҷтимоӣ**

Кормандони хадамоти иҷтимоӣ ӯҳдадоранд:

-тартиби муқаррарнамудаи хизматрасонии иҷтимоиро риоя намоянд;

-маълумотеро, ки махфияти касбӣ ҳисоб меёбад, ҳангоми набудани нишонаҳои амале, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ кардааст, фош накунанд;

-ба истифодабарандагони хизматҳои иҷтимоӣ бо эҳтиром ва инсондӯстона муносибат кунанд, ба амалиёте, ки ба онҳо зарар ва ё осеб мерасонад, роҳ надиҳанд.

## БОБИ 6. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

**Моддаи 28. Ҷавобгарӣ барои вайрон кардани Қонуни мазкур**

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои вайрон кардани Қонуни мазкур бо тартиби муқарраркардаи қонунгузории Чумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**Моддаи 29. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур**

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Эмомалӣ Раҳмон**

ш. Душанбе,
5 январи соли 2008, № 359

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
# ДАР БОРАИ СТАНДАРТҲОИ ИҶТИМОИИ ДАВЛАТӢ

## БОБИ I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

### Моддаи 1. Доираи амали Қонуни мазкур

1. Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқии муқаррар ва истифода намудани стандартҳои иҷтимоии давлатӣ, ҳамчунин сохтори онҳоро муайян мекунад.

2. Қонуни мазкур нисбат ба стандартҳои танзимкунандаи талаботи бехатарии техникӣ ва сифати маҳсулот, мол, кор ва хизматрасонӣ (аз ҷумла стандартҳое, ки дар бахшҳои соҳаи иҷтимоӣ амал мекунанд) татбиқ карда намешавад.

### Моддаи 2. Мафҳумҳои асосӣ

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

- **стандартҳои иҷтимоии давлатӣ** - меъёрҳо ва қоидаҳои аз тарафи давлат муқарраргардидае, ки татбиқи ҳуқуқҳои иҷтимоии ба шаҳрвандон кафолатдодаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тартиби пешниҳоди ин ҳуқуқҳоро таъмин менамоянд;
- **низоми стандартҳои иҷтимоии давлатӣ** - маҷмӯи стандартҳои иҷтимоии давлатӣ, ки соҳаҳои асосии муносибатҳои иҷтимоию иктисодиро фаро гирифтаанд;
- **гурӯҳҳои асосии иҷтимоию демографии аҳолӣ** - категорияҳои асосии шаҳрвандон, ки аз рӯи аломатҳои синнусолию ҷинсӣ, вазъи иҷтимоӣ ва сатҳи таъминоти моддӣ (аҳолии қобили меҳнат, нафақахӯрон ва кӯдакон) муттаҳид шудаанд;
- **сатҳи зиндагӣ** - маҷмӯи неъматҳо ва хизматрасониҳои моддию маънавӣ, ки талаботи ҳаётан муҳими одамонро қонеъ менамояд.

### Моддаи 3. Объект ва субъектҳои танзим

1. Объекти танзими Қонуни мазкур муносибатҳои вобаста ба истифодабарии стандартҳои иҷтимоии давлатӣ байни мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, ташкилотҳо ва шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

2. Субъектҳои фаъолияти вобаста ба истифодабарии стандартҳои иҷтимоии давлатӣ мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, ташкилотҳо ва шаҳрвандон мебошанд, ки дар раванди истифодаи стандартҳои иҷтимоии давлатӣ ҳамкорӣ мекунанд.

**Моддаи 4. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи стандартҳои иҷтимоии давлатӣ**

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи стандартҳои иҷтимоии давлатӣ ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, иборат мебошад.

**Моддаи 5. Муқаррару истифода ва назорат кардани риояи стандартҳои иҷтимоии давлатӣ**

1. Стандартҳои иҷтимоии давлатӣ дар шакли санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқаррар гардида, истифодаи онҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳатмӣ мебошанд.

2. Стандартҳои иҷтимоии давлат бо тартиби муқарраршудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолатҳои зарурӣ таҷдиди назар карда мешаванд.

3. Назорати риояи стандартҳои иҷтимоии давлатӣ бо тартиби муқарраршудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал бароварда мешавад.

**Моддаи 6. Таъиноти стандартҳои иҷтимоии давлатӣ**

Стандартҳои иҷтимоии давлатӣ бо мақсадҳои зерин муқаррар карда мешаванд:

- муайян намудани таркиб ва меъёрҳои кафолатдодашудаи аз тарафи шаҳрвандон истеъмол кардани неъматҳои асосии моддӣ ва истифодаи хизматрасонӣ;

- ба амал баровардани сиёсати ягонаи иҷтимоӣ дар минтакахои гуногуни кишвар;

- истифода кардан ба сифати меъёр дар мавриди асосноккунии хароҷоти буҷетҳои сатҳҳои гуногун барои эҳтиёҷоти иҷтимоӣ;

- баҳодиҳии сатҳи зиндагии аҳолӣ ва рафти татбиқи сиёсати иҷтимоӣ;

- истифода бурдан ҳангоми таҳияи барномаҳои иҷтимоӣ;

- асоснок кардани зарурат ва муқаррар намудани андозаи кӯмакҳои иҷтимоии суроғавӣ ба аҳолии эҳтиёҷманд.

**Моддаи 7. Принсипҳои асосии муқаррар намудани стандартҳои иҷтимоии давлатӣ**

Принсипҳои асосии муқаррар намудани стандартҳои иҷтимоии давлатӣ инҳо мебошанд:

- таъмини мувофиқати стандартҳои иҷтимоии давлатӣ бо принсипҳо ва самтҳои асосии сиёсати иҷтимоӣ;

- таъмини имкониятҳои амалигардонии ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон бо роҳи истифодаи саъю маблағи онҳо, инчунин истифодаи оқилона ва одилонаи сарватҳои миллии кишвар;

- асосноксозии иҷтимоию иқтисодии стандартҳои иҷтимоии давлатӣ;

- роҳ надодан ба пастшавии сатҳи зиндагии шаҳрвандон ҳангоми таҳия ва татбиқи тадбирҳо оид ба рушди иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он;

- таъмини ҳифзи манфиатҳои ҳамаи гурӯҳҳои иҷтимоии ҷомеа;

- истифодаи таҷрибаи ҷаҳонӣ ҳангоми таҳияи низоми стандартҳои иҷтимоии давлатӣ;

- ба шаҳрвандон пешниҳод намудани маълумот дар бораи стандартҳои иҷтимоии давлатӣ;

- таъмини суботи иҷтимоӣ дар ҷомеа дар асоси густариши низоми шарикии иҷтимоӣ.

## БОБИ II. НАВЪҲО ВА НИЗОМИ СТАНДАРТҲОИ ИҶТИМОИИ ДАВЛАТӢ

**Моддаи 8. Навъҳои стандартҳои иҷтимоии давлатӣ**

Стандартҳои иҷтимоии давлатӣ ба шакли меъёрҳо ва қоидаҳои аслӣ, арзишӣ, муваққатӣ ва молиявии танзимкунандаи тартиби муқаррар ва истифода намудани онҳо муқаррар карда мешаванд.

**Моддаи 9. Низоми стандартҳои иҷтимоии давлатӣ**

Низоми стандартҳои иҷтимоии давлатӣ соҳаҳои асосии зерини муносибатҳои иҷтимоиро фаро мегирад:

- пардохти музди меҳнат ва муносибатҳои меҳнатӣ;
- таъмини шуғли аҳолӣ ва дастгирии бекорон;
- таъмини нафақа ва суғуртаи иҷтимоӣ;
- таъмини молҳои ниёзи мардум;
- таъмини аҳолӣ бо манзил ва хизматрасонии маишию коммуналӣ;
- маориф;
- илм;
- тандурустӣ;
- тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш;
- фарҳанг;
- кӯмаки иҷтимоӣ ва хизматрасонии иҷтимоӣ ба аҳолӣ;
- таъмини бехатарии экологӣ;
- ҳимояи ҳуқуқҳои иҷтимоии шаҳрвандон;
- истифодаи механизмҳои андозбандӣ ва нархгузорӣ.

**Моддаи 10. Стандартҳои иҷтимоии давлатӣ дар соҳаи пардохти музди меҳнат ва муносибатҳои меҳнатӣ**

Стандартҳои иҷтимоии давлатӣ дар соҳаи пардохти музди меҳнат муқаррар намудани чунин меъёрҳоро пешбинӣ мекунанд:

- андозаи ҳадди ақалли музди меҳнат дар сатҳи андозаи ҳадди ақалли зиндагӣ;
- меъёрҳо ва тартиби пардохти музди меҳнати кормандони соҳаҳои буҷетӣ;
- тартиби индексатсияи музди меҳнат дар ҳолати баландшавии сатҳи муайяни таваррум ва сари вақт пардохт накардани музди меҳнат;
- тартиби пардохти изофакорӣ, кори рӯзҳои истироҳат ва ид.

Стандартҳои иҷтимоии давлатӣ дар соҳаи муносибатҳои меҳнатӣ муқаррар намудани меъёрҳои зеринро пешбинӣ мекунанд:

- тартиби ба кор қабул кардан ва аз кор озод кардани кормандон, ҳисоб намудани собиқаи кори онҳо;
- меъёри ниҳоии давомнокии рӯзу ҳафта ва моҳи корӣ;
- тартиби додани рухсатии ҳарсолаи пардохтшаванда ва давомнокии он;
- кӯтоҳ намудани рӯзи кории кормандоне, ки ба корҳои мураккабу вазнин ва истеҳсолоти зарарнок машғуланд;
- талаботи ҳатмӣ ба таъминоти бехатарӣ ва ҳифзи меҳнат;

- тартиби ташкили суғуртаи ҳатмӣ аз ҳолатҳои нохуш дар истеҳсолот ва ҳангоми бемориҳои касбӣ.

**Моддаи 11. Стандартҳои иҷтимоии давлатӣ дар соҳаи таъмини шуғли аҳолӣ ва дастгирии бекорон**

Стандартҳои иҷтимоии давлатӣ дар соҳаи таъмини шуғли аҳолӣ ва дастгирии бекорон муқаррар намудани меъёрҳои зеринро пешбинӣ мекунанд:

- тартиби муайян намудани ҳаққи суғурта ҳангоми бекорӣ;
- андоза, мӯҳлат ва тартиби додани кӯмакпулиҳо ба сабаби бекорӣ;
- қоидаҳои ҷустуҷӯи ҷойҳои нави кор;
- тартиби бозомӯзӣ ва такмили таҳсили касбии бекорон, тартиб ва мӯҳлатҳои ба онҳо пешниҳод намудани маълумот оид ба масъалаҳои бо кор таъминкунӣ.

**Моддаи 12. Стандартҳои иҷтимоии давлатӣ дар соҳаи таъминоти нафақа ва суғуртаи иҷтимоӣ**

Стандартҳои иҷтимоии давлатӣ дар соҳаи таъминоти нафақа ва суғуртаи иҷтимоӣ муқаррар кардани меъёрҳои зеринро пешбинӣ мекунанд:

- синну сол, давомнокии собиқаи кори ва муҳлатҳои фаро расидани дигар ҳолатҳои суғуртавӣ барои таъини нафақа ба категорияҳои мухталифи шаҳрвандон;
- андоза ва тартиби гузаронидани маблағи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба мақомоти ваколатдори давлатӣ;
- тартиби муайян кардан ва тағйир додани андозаи ҳадди ақалли нафақаҳо;
- тартиби индексатсияи нафақаҳо дар сурати баланд гардидани сатҳи муайяни таваррум;
- тартиби ташкил ва фаъолияти фондҳои ғайридавлатии нафақа.

**Моддаи 13. Стандартҳои иҷтимоии давлатӣ дар соҳаи таъмини молҳои ниёзи мардум**

Стандартҳои иҷтимоии давлатӣ дар соҳаи таъмини молҳои ниёзи мардум муқаррар намудани меъёрҳои зеринро пешбинӣ мекунанд:

- маҷмӯи ҳадди ақалли маҳсулоти зарурии озуқа, ғайриозуқа, хизматрасонӣ (ба таркиби сабади истеъмолӣ дохилшаванда) ва

меъёрҳои истифодабарии онҳо барои гурӯҳҳои асосии иҷтимоию демографии аҳолӣ;

- номгӯи категорияҳои аҳолӣ, ки барои ба он бо нархҳои арзон ё ба тариқи имтиёзнок фурӯхтани молҳои ниёзи мардум эҳтиёҷ доранд ва ҳамчунин тартиби пешниҳоди чунин имтиёзҳо ва ташкили назорат оид ба риояи онҳо.

**Моддаи 14. Стандартҳои иҷтимоии давлатӣ дар соҳаи таъмини аҳолӣ бо манзил ва хизматрасонии маишию коммуналӣ**

Стандартҳои иҷтимоии давлатӣ дар соҳаи таъмини аҳолӣ бо манзил ва хизматрасонии маишию коммуналӣ муқаррар намудани меъёрҳои зеринро пешбинӣ мекунанд:

- меъёрҳои таъмини майдони истиқоматӣ ва умумӣ ба ҳисоби як нафар;
- тартиби бақайдгирии шаҳрвандон, ки ба гирифтани манзил ё беҳтарсозии шароити манзилӣ эҳтиёҷ доранд;
- номгӯй ва меъёрҳои ба аҳолӣ расондани навъҳои асосии хизматрасонии коммуналӣ (дар таркиби сабади истеъмолӣ);
- ҳадди ниҳоии ҷоизи хароҷоти шаҳрвандон барои пардохти ҳаққи манзил ва хизматрасонии коммуналӣ (мувофиқ ба маҷмӯи даромади оила);
- тартиби ба гурӯҳҳои камбизоати аҳолӣ додани ҷубронпулиҳо барои пардохти ҳаққи манзилию коммуналӣ;
- арзиши ниҳоии хизматрасонии манзилию коммуналӣ дар як моҳ (аз рӯи ҳисоби ба 1 метри мураббаи майдони умумии манзил) ё худ чорабиниҳо оид ба танзими тарифҳои навъҳои хизматрасонӣ;
- категорияҳои шаҳрвандоне, ки ба онҳо манзил ройгон, ба таври қисман пардохт намудан ё бо шартҳои дигари имтиёзнок дода, хизматҳои манзилию маишӣ расонида мешаванд;
- тартиби ҷудо кардани маблағ барои хароҷоти корхона ва муассисаҳои хоҷагии манзилию коммуналӣ ва хизматрасонии маишии аҳолӣаз буҷетҳои сатҳҳои гуногун.

**Моддаи 15. Стандартҳои иҷтимоии давлатӣ дар соҳаи маориф**

Стандартҳои иҷтимоии давлатӣ дар соҳаи маориф муқаррар намудани меъёрҳои зеринро пешбинӣ мекунанд:

- меъёрҳои маблаҷгузории буҷетӣ ва таъминоти моддию техникии муассисаҳои таълимии давлатӣ ва дигар муассисаҳои таълимӣ аз рӯи ҳисоб ба ҳар як хонанда;

- стандартҳои давлатии таҳсилот;

- меъёри шумораи (ҳиссаи) хонандагони таҳсилоти миёнаи касбӣ ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ки ҳуқуқи таҳсили ройгонро доранд (ҳангоми дар асоси озмун ба ин муассисаҳои таълимӣ қабул шудан);

- тартиб ва шаклҳои татбиқи ҳуқуқи шаҳрвандон ба таҳсилоти томактабӣ, таҳсилоти умумӣ, ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии касбӣ, таҳсилоти иловагӣ ва таҳсилоти махсус;

- тартиб ва шаклҳои амалӣ сохтани дастгирии молиявии муассисаҳои таълимӣ барои кӯдакон ва ҷавонон;

- тартиби ройгон фароҳам овардани таҳсилоти махсус барои шахсони имкониятҳояшон маҳдуд;

- меъёри таъмин намудани кӯдакон бо китобҳои дарсӣ ва дафтар;

- меъёри таъминоти моддӣ, кадрӣ ва техникии муассисаҳои таълимии давлатӣ.

**Моддаи 16. Стандартҳои иҷтимоии давлатӣ дар соҳаи илм**

Стандартҳои иҷтимоии давлатӣ дар соҳаи илм муқаррар кардани меъёрҳои зеринро пешбинӣ мекунанд:

- тартиби маблағгузории муассисаҳои илмӣ (аз ҷумла сохторхои илмии мактабҳои олӣ);

- меъёрҳои таъминоти моддию техникии фаъолияти муассисаҳои илмӣ (аз ҷумла сохторҳои илмии мактабҳои олӣ);

- тартиби додани грантҳо ба муассисаҳо, коллективҳо ва кормандони илмӣ;

- ҷадвали тарифҳо ва иловапулиҳо ба музди меҳнати кормандони илмӣ (аз ҷумла сохторҳои илмии мактабҳои олӣ).

**Моддаи 17. Стандартҳои иҷтимоии давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ**

Стандартҳои иҷтимоии давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ муқаррар намудани меъёрҳои зеринро пешбинӣ мекунанд:

- номгӯи намудҳои ёрии тиббию санитарии ройгон, ки аз тарафи муассисаҳои давлатии тандурустӣ ба аҳолӣ расонида мешаванд;

- ҳаҷми ёрии тиббию санитарӣ, ки аз тарафи муассисаҳои давлатии тандурустӣ ба аҳолӣ расонида мешаванд;

- категорияи шаҳрвандоне, ки ба онҳо ёрии тиббию санитарӣ ройгон расонида мешавад;

- номгӯи дорувории асосие, ки нисбати онҳо танзим ва қайди нархҳо татбиқ мешаванд, ҳамчунин категорияи, шахрвандоне, ки ба таври ройгон ё имтиёзнок бо ин доруворӣ таъмин карда мешаванд;

- меъёрҳо ва қоидаҳои санитарию эпидемиологӣ;

- меъёрҳо ва қоидаҳои таъминоти моддию техникӣ, доруворӣ, кадрӣ, озуқа ва дигар мавод дар муассисаҳои тандурустии шакл ва навъҳои гуногун;

- меъёрҳои таъмини молиявии хароҷоти соҳаи тандурустӣ ба ҳар сари аҳолӣ;

- тартиби маблаҷгузории муассисаҳои тандурустӣ аз буҷетҳои сатҳҳои гуногун.

**Моддаи 18. Стандартҳои иҷтимоии давлатӣ дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш**

Стандартҳои иҷтимоии давлатӣ дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш муқаррар намудани меъёрҳои зеринро пешбинӣ мекунанд:

- меъёрҳои таъмини аҳолӣ бо иншооти варзишӣ ва ҳайати мураббиёну омӯзгорон барои омӯзиш ва инкишофи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш;

- тартиби маблаҷгузории муассисаҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш аз буҷетҳои сатҳҳои гуногун;

- меъёрҳо оид ба назорати тиббии варзишгарон ва шаҳрвандоне, ки бо тарбияи ҷисмонӣ машғуланд ва таъмини санитарию гигиении хадамоти дахлдор.

**Моддаи 19. Стандартҳои иҷтимоии давлатӣ дар соҳаи фарҳанг**

Стандартҳои иҷтимоии давлатӣ дар соҳаи фарҳанг муқаррар намудани меъёрҳои зеринро пешбинӣ мекунанд:

- меъёрҳои таъмини аҳолӣ бо хизматҳое, ки аз тарафи муассисаҳои фарҳангӣ расонида мешаванд;

- категорияҳои аҳолӣ, ки аз хизматрасонии ройгони муассисаҳои фарҳангӣ ё имтиёзҳои дигар истифода мебаранд;

- тартиби маблаҷгузории муассисаҳои фарҳангӣ аз буҷетҳои сатҳҳои гуногун бо мақсади ҳифз кардан ва ҷанӣ гардонидани арзишҳои миллии фарҳангӣ.

**Моддаи 20. Стандартҳои иҷтимоии давлатӣ дар соҳаи кўмаки иҷтимоӣ ва хизматрасонии иҷтимоӣ ба аҳолӣ**

Стандартҳои иҷтимоии давлатӣ дар соҳаи кўмаки иҷтимоӣ ва хизматрасонии иҷтимоӣ ба аҳолӣ муқаррар намудани меъёрҳои зеринро пешбинӣ мекунанд:

- тартиби таъсис додан ва фаъолият кардани фондҳои иҷтимоии ғайрибуҷетӣ;

- категорияҳои шаҳрвандоне, ки ба кўмаки иҷтимоӣ ниёз доранд;

- номгўй ва меъёрҳои истифодаи кўмак ва хизматрасониҳои иҷтимоӣ, ки аз тарафи хадамоти иҷтимоӣ ба аҳолӣ ройгон ё бо шартҳои имтиёзнок расонида мешаванд;

- тартиби маблағгузории муассисаҳои ҳифзи иҷтимоӣ ва хадамоти иҷтимоӣ аз буҷетҳои сатҳҳои гуногун.

**Моддаи 21. Стандартҳои иҷтимоии давлатӣ дар соҳаи таъмини бехатарии экологӣ**

Стандартҳои иҷтимоии давлатӣ дар соҳаи таъмини бехатарии экологӣ муқаррар намудани меъёрҳои зеринро пешбинӣ мекунанд:

- меъёрҳои ниҳоии ҷоизи олудашавии муҳити зист;

- шароит барои маълумоти дақиқро оид ба ҳолати муҳити зист дастрас кардани шаҳрвандон;

- ба роҳ мондани истеҳсол ва истеъмоли маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза; - тартиби ҷуброн кардани зарари ба саломатӣ ё молу мулки шаҳрвандон расонидашуда дар ҳолатҳои ҳуқуқвайронкунӣ дар соҳаи таъмини бехатарии экологӣ.

**Моддаи 22. Стандартҳои иҷтимоии давлатӣ дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқҳои иҷтимоии шаҳрвандон**

Стандартҳои иҷтимоии давлатӣ дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқҳои иҷтимоии шаҳрвандон муқаррар намудани меъёрҳои зеринро пешбинӣ мекунанд:

- ба шаҳрвандон расонидани кӯмаки ҳуқуқӣ (аз ҷумла хизмати нотариалӣ);
- ҳифзи давлатӣ ва ҷамъиятии ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони мол ва истифодабарандагони хизмат;
- ба шаҳрвандон ҷуброн кардани зараре, ки дар натиҷаи амалҳои нодурусти муассисаҳои соҳаи иҷтимоӣ расонида шудааст;
- маблғузории муассисаҳое, ки ба шаҳрвандон оид ба ҳимояи ҳуқуқи иҷтимоӣ ёрии ҳуқуқҳ мерасонанд.

**Моддаи 23. Стандартҳои иҷтимоии давлатӣ дар соҳаи истифодаи механизмҳои андозбандӣ ва нархгузорӣ**

Стандартҳои иҷтимоии давлатӣ дар соҳаи истифодаи механизмҳои андозбандӣ ва нархгузорӣ тартиби муқаррар намудани меъёрҳои андозбандии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ҳамчунин фароҳам овардани имтиёзҳои андозии онҳоро бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ мекунанд.

## БОБИ III. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

**Моддаи 24. Мутобиқ намудани Қонуни мазкур ба дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ**

1. Муқаррароти Қонуни мазкур барои таҳия ва қабули дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба масъалаҳои муқаррар ва истифода кардани стандартҳои иҷтимоии давлатӣ асос мебошанд.
2. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки қаблан дар соҳаи муқаррар намудани стандартҳои иҷтимоии давлатӣ интишор шудаанд, то мутобиқ гардонидани онҳо ба Қонуни мазкур дар қисме татбиқ мешаванд, ки ба муқаррароти Қонуни мазкур мухолиф нестанд.

**Моддаи 25. Мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур**

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Эмомалӣ Раҳмон**

ш. Душанбе
19 майи соли 2009, № 528

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
# ДАР БОРАИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚҲОИ КЎДАК

Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқҳои кўдак ва кафолатҳои давлатии амалишавии онҳоро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

## БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

**Моддаи 1. Мафҳумҳои асосӣ**

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

- **кўдак** - шахсе, ки ба синни ҳаждаҳ нарасидааст;

- **кўдаки маъюб** – кўдаке ки, дар натиҷаи нуқсёбии саломатӣ бо коҳиши устувори вазифаҳои организм аз беморӣ, ҷароҳат, иллати ҷисмонӣ ва ақлонӣ боиси маҳдуд шудани фаъолияти ҳаётӣ гардидааст ва ба ҳифзи иҷтимоӣ ниёз дорад;

- **кўдаки ятим** - кўдаке, ки падару модараш, падар ё модари танҳояш вафот кардаанд;

- **кўдаки бепарастор** - кўдаке, ки бо сабабҳои маҳдуд ё маҳрум карда шудани падару модар, падар ё модари танҳояш аз ҳуқуқи падарумодарӣ, бедарак ғоиб эътироф ё фавтида эълон гардидани падару модар, ғайри қобили амал (дорои қобилияти маҳдуди амал) дониста шудани онҳо, барои адои ҷазо дар ҷойҳои маҳрум аз озодӣ қарор доштани падару модар, саркашӣ кардани падару модар аз тарбияи кўдак ё ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои ў, аз ҷумла ҳангоми рад кардани гирифтани кўдаки худ аз муассисаҳои таълимӣ - тарбиявӣ ва ё табобатӣ, инчунин дар дигар ҳолатҳо бе парастории падару модар мондааст;

- **намояндаи қонунии кўдак** - падару модар, фарзандхондҳо, васӣ, парастор ё дигар шахсони онҳоро ивазкунанда, ки мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ғамхорӣ, таълим, тарбия, ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои кўдак ба зиммаи онҳо гузошта шудаанд;

- **оилаи (мураббии) парастор** - оила ё шахсе, ки кўдаки ятим ё бепарасторро ба тарбия қабул кардааст;

- **таъминоти моддӣ ва иҷтимоии пурраи давлатии кўдакони ятим ва бепарастор** - аз ҷониби давлат ба таври ройгон таъмин намудани кўдакони ятим ва бепарастор бо ҷойи зист, хўрок,

либос, пойафзол, маблағҳои пулӣ дар шакли грант ва стипендияҳо, хизматрасонии тиббию иҷтимоӣ ва дигар хизматрасонӣ;

**- хизматрасонии тиббию иҷтимоӣ ба кӯдакон -** маҷмӯи тадбирҳои хизматрасонӣ ба кӯдакон (дастгирии иҷтимоӣ, расонидани ёрии тиббӣ, педагогӣ, равонӣ, ҳуқуқӣ, барқарорсозии иҷтимоии кӯдаконе, ки дар вазъияти душвори зиндагӣ қарор доранд ва таъмини шуғли чунин кӯдакон то ба синни ҳаждаҳ расидани онҳо) аз ҷониби корхонаҳо, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳо, новобаста ба шакли ташкилию ҳуқуқиашон (минбаъд - ташкилотҳо) ва шаҳрвандоне, ки бе таъсис додани шахси ҳуқуқӣ фаъолияти соҳибкории инфиродии хизматрасонии тиббию иҷтимоиро барои кӯдакон иҷро мекунанд.

**Моддаи 2. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак**

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, иборат мебошад.

## БОБИ 2. СИЁСАТИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ҲИФЗИ ҲУҚУҚҲОИ КӮДАК

**Моддаи 3. Ҳадафҳои сиёсати давлатӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак**

1. Сиёсати давлатӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак аз ҳадафҳои зерин иборат аст:

- таъмини ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии кӯдак, роҳ надодан ба поймолкунии онҳо;

- таҳкими кафолатҳои асосии ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии кӯдак, инчунин барқарор кардани ин ҳуқуқҳо дар сурати поймол карда шудани онҳо;

- ташаккули асосҳои ҳуқуқии кафолатҳои ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии кӯдак;

- мусоидат намудан ба рушди ҷисмонӣ, зеҳнӣ, маънавӣ ва ахлоқии кӯдак, тарбияи ӯ дар рӯҳияи ватандӯстӣ, ҳисси баланди шаҳрвандӣ ва сулҳдӯстӣ;

- дастгирии давлатӣ, таъминоти моддӣ ва иҷтимоии пурраи давлатии кӯдакони ятим ва бепарастор;

- таъмини фаъолияти мақсаднок оид ба ташаккули ҷаҳонбинӣ ва маърифати ҳуқуқии кӯдак;

- фароҳам овардани шароити мусоид барои тарбияи кӯдакони ятим ва бепарастор аз ҷониби оилаи (мураббии) парастор.

2. Сиёсати давлатӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак самти афзалиятноки фаъолияти мақомоти давлатӣ ба ҳисоб рафта, бо тарзҳои зерин амалӣ карда мешавад:

- эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, қонуният ва инсондӯстӣ;

- муқаррар намудани ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- дастгирии давлатии оила бо мақсади тарбияи ҳамаҷонибаи кӯдак, ҳифзи ҳуқуқҳои ӯ, омода намудани кӯдак ба зиндагии шоиста дар ҷомеа;

- афзалиятнокии хизматрасонии тиббию иҷтимоӣ ба кӯдак;

- муқаррар ва риоя кардани меъёрҳои давлатии ҳадди ақали иҷтимоӣ барои кӯдак;

- эътирофи афзалияти ҳуқуқу озодӣ ва манфиатҳои қонунии кӯдакони маъюб, ятим ва бепарастор, бо мақсади таъмини шароити мусоид барои таълиму тарбияи онҳо;

- роҳ надодан ба табъизи кӯдакон, новобаста ба мансубияти нажодӣ, миллӣ, ҷинсӣ, динӣ, забонӣ, ҳолати иҷтимоӣ ва молумулкӣ, вазъи саломатӣ ва дигар аломатҳо;

- дастгирии давлатии ташкилотҳое, ки ҳуқуқу манфиатҳои қонунии кӯдаконро ҳифз менамоянд.

**Моддаи 4. Муқаррар кардани меъёрҳои давлатии ҳадди ақали иҷтимоӣ барои кӯдак**

Меъёрҳои давлатии ҳадди ақали иҷтимоӣ ҳаҷми муқаррарнамудаи ҳадди ақали хизматрасонии зерини иҷтимоиро дар бар мегиранд:

- таъмини кафолатноки таҳсилоти умумӣ ва ибтидоии касбии ройгон;

- таъмини таҳсилоти ройгони миёна ва олии касбӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- хизматрасонии ройгони тиббӣ ба кӯдак мутобиқи меъёрҳои ҳадди ақали иҷтимоӣ;

- таъмини кафолатноки кӯдак бо ҳуқуқи интихоби ихтисос ва соҳаи фаъолият, ҳифзи меҳнат, пардохти музди меҳнат бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- хизматрасонии иҷтимоӣ, аз ҷумла дастгирии кафолатноки моддии кӯдакони маъюб, ятим ва бепарастор бо роҳи пардохти кӯмакпулиҳои давлатӣ, инчунин чораҳои мутобиқгардонӣ ва тавонбахшии иҷтимоии кӯдаконе, ки дар шароити душвори зиндагӣ қарор доранд;

- таъмини ҳуқуқи кӯдак ба манзил мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- ташкили тадбирҳои солимгардонӣ ва истироҳат, аз ҷумла барои кӯдаконе, ки дар шароити хатарнок, инчунин дар минтақаҳои аз ҷиҳати экологӣ номусоид зиндагӣ мекунанд;

- ба назар гирифтани манфиатҳои кӯдакони маъюб, ятим ва бепарастор дар мавриди таҳия ва татбиқи барномаҳои давлатии тараққиёти иҷтимоию иқтисодии кишвар;

- мусоидат намудан ба рушди ҷисмонӣ, ақлонӣ, равонӣ, маънавӣ ва ахлоқии кӯдакони маъюб, ятим ва бепарастор;

- расонидани кӯмаки ҳуқуқӣ ва равонӣ ба кӯдак мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Моддаи 5. Салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак**

Ба салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак мансубанд:

- таҳия, татбиқ ва назорати барномаҳои мақсадноки давлатӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак;

- муайян намудани мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак;

- ҳамоҳанг намудани фаъолияти мақомоти иҷроияи марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак;

- иҷрои ӯҳдадориҳои байналмилалии давлат оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдакон ва ҳифзи манфиатҳои онҳо дар ташкилотҳои байналмилалӣ;

- муқаррар кардани меъёрҳои давлатии ҳадди ақали иҷтимоӣ барои кӯдак;

- маблағгузории чорабиниҳои давлатӣ ҷиҳати амалӣ гардонидани сиёсати давлатӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак аз ҳисоби

маблағҳои пешбининамудаи буҷети давлатӣ ва дигар манбаъҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст;

- амалӣ намудани дигар ваколатҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст.

**Моддаи 6. Ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак**

Мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак дорои ваколатҳои зерин мебошад:

- таҳия ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак дар доираи ваколатҳои худ;
- ҳамоҳанг намудани фаъолияти мақомоти давлатӣ ва дигар ташкилотҳо оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак;
- таҳия ва барои тасдиқ пешниҳод намудани барномаҳои давлатӣ ва маҳаллӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак бо тартиби муқарраргардида;
- пешниҳод намудани ҳисоботи солона ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак;
- гузаронидани мониторинги меъёрҳои давлатии ҳадди ақали иҷтимоии нишондиҳандаҳои ҳаёти кӯдакон;
- пешниҳод намудани иттилоот оид ба таъмини ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак ба воситаҳои ахбори омма, ҷомеа ва мақомоте, ки ба ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак машғуланд;
- ба роҳ мондани ҳамкории байналмилалӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак;
- ташкил ва пешбурди Махзани ягонаи давлатии маълумот оид ба кӯдакони маъюб, ятим ва бепарастор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- дар доираи ваколатҳои худ амалӣ намудани назорати таъминоти моддӣ ва иҷтимоии пурраи давлатии кӯдакони ятим ва бепарастор;
- амалӣ намудани дигар ваколатҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст.

**Моддаи 7. Ваколатҳои комиссияҳо оид ба ҳуқуқи кӯдак**

Комиссия оид ба ҳуқуқи кӯдак дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (комиссияи миллӣ оид ба ҳуқуқи кӯдак) ва комиссия оид ба ҳуқуқи кӯдаки мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ (комиссияи маҳаллӣ оид ба ҳуқуқи кӯдак)

ваколатҳоеро амалӣ менамоянд, ки низомномаи онҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи таъмини ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии кӯдакон муқаррар менамоянд.

**Моддаи 8. Ваколатҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак**

1. Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак мутобиқан дорои ваколатҳои зерии мебошанд:

- таъмини амалишавии сиёсати давлатӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак, барномаҳои мақсадноки давлатӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак;
- таъмини рушд ва мустаҳкам намудани заминаи моддию техникии шабакаи муассисаҳои таълимӣ, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ, инчунин муассисаҳои таълимии томактабӣ, ки фаъолияташон ба ташкили таълим, тарбия, фароғат ва тандурустии кӯдакон равона шудааст;
- таъмини фаъолияти комиссияи маҳаллӣ оид ба ҳуқуқи кӯдак, фарогирии кӯдакони маъюб, ятим ва бепарастор бо таълиму тарбия ва тавонбахшию солимгардонӣ тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- амалӣ намудани барномаҳои мақсадноки давлатӣ, таъминоти моддӣ ва иҷтимоии пурраи давлатии кӯдакони ятим ва бепарастор;
- ҳалли масъалаҳо оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкӣ, ташкили шароити мусоид барои ҳаёт ва фаъолияти кӯдакон, инчунин оид ба муқаррар намудани васоят ва парасторӣ ба кӯдакони ятим ва бепарастор тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- таъмини хонандагони мактаб - интернатҳо бо хӯроки ройгон дар доираи маблаҷҳои пешбининамудаи буҷети маҳаллӣ;
- ҳалли масъалаҳо дар хусуси ба кӯдакони маъюб, ятим, бепарастор додани имтиёзҳо ва кӯмаки давлатӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- назорати риояи меъёрҳои ахлоқ ва тартиботи ҷамъиятӣ нисбат ба кӯдакон дар муассисаҳои фароҷатӣ ва ҷойҳои ҷамъиятӣ;

- қабул ва татбиқи барномаҳои маҳаллии таъмини ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии кӯдакони маъюб, ятим, бепарастор ва мониторинги иҷрои онҳо;

- амалӣ намудани дигар ваколатҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст.

2. Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ тавассути мақомоти васоят ва парасторӣ дар соҳаи таъмини ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии кӯдакони ятим ва бепарастор ваколатҳои зеринро амалӣ менамоянд:

- дар ҳамкорӣ бо мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, муассисаҳои таълимӣ муайян намудани кӯдакони ятим ва бепарастор ва санҷиши шароити манзилию маишии шахсоне, ки оилаи (мураббии) парастор гардидан мехоҳанд;

- таъмин намудани кӯдакони ятим ва бепарастор бо манзили истиқоматӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- бастани шартнома дар бораи ба тарбияи оилаи (мураббии) парастор додани кӯдакони ятим ва бепарастор;

- ба суд муроҷиат намудан дар бораи бекор кардани шартнома дар бораи ба оилаи (мураббии) парастор додани кӯдакони ятим ва бепарастор бинобар поймол шудани ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии онҳо;

- баҳисобгирии кӯдакони ятим ва бепарастор, оилаҳои (мураббиёни) парастор, ки барои ба тарбия гирифтани кӯдакони мазкур муроҷиат намудаанд;

- назорати таъмини шароити муносиб барои кӯдакони ятим ва бепарастор дар муассисаҳои таълимӣ, тарбиявӣ, тиббӣ, иҷтимоӣ ва муассисаҳои дигар;

- амалӣ намудани дигар ваколатҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст.

**Моддаи 9. Иштироки шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак**

1. Шахсони воқеҳ ва ҳуқуқӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар татбиқи чорабиниҳо оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак, беҳбудии вазъи кӯдакон, аз ҷумла ташкили низоми муосири ба парасторӣ гирифтани кӯдакони ятим ва бепарастор, чорабиниҳое, ки ба таъмини шароити муносиб барои тарбия, таълим, инкишофи ҳамаҷонибаи кӯдак равона шудаанд, метавонанд иштирок намоянд.

2. Давлат ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки фаъолияташон ба беҳбудии вазъи кӯдакон ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои онҳо равона шудааст, мусоидат карда, рушди ҳамаи шаклҳои хайрия, ба парасторӣ гирифтан ва сарпарастиро нисбат ба кӯдакон бо роҳи додани имтиёзҳо бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дастгирӣ менамояд.

**Моддаи 10. Кӯмаки давлатӣ ба оила**

Бо мақсади муҳайё кардани шароити муносиби моддӣ барои тарбияи кӯдак дар оила давлат ба падару модар ё дигар намояндаи қонунии ӯ кӯмаки иҷтимоӣ ва имтиёзҳоеро, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, дастрас менамояд.

## БОБИ 3. ҲУҚУҚУ ОЗОДИҲОИ КӮДАК

**Моддаи 11. Ҳуқуқи кӯдак ба зиндагӣ, озодӣ, дахлнопазирӣ, шаъну эътибор ва ҳаёти шахсӣ**

1. Ҳар як кӯдак ба зиндагӣ ва шароите ҳуқуқ дорад, ки барои инкишофи мукаммали ҷисмонӣ, равонӣ ва маънавию ахлоқии ӯ заруранд. Кӯдак ба озодӣ, дахлнопазирӣ, шаъну эътибор ва ҳаёти шахсӣ ҳуқуқ дорад.

2. Ҳамаи кӯдакон, новобаста ба баромади иҷтимоӣ, мансубияти миллӣ ва мазҳабӣ, вазъи иҷтимоӣ ва молумулкӣ, нажод, ҷинс, забон, таҳсилот, эътиқоди динӣ, ҷойи зист, вазъи саломатӣ ва дигар ҳолатҳои ба кӯдак ва падару модар ё дигар намояндагони қонунии ӯ дахлдошта, ҳуқуқҳои баробар доранд.

3. Давлат ба кӯдак барои фароҳам овардани шароити мусоид тавассути маҷмӯи чорабиниҳои иҷтимоию иқтисодӣ тадбирҳо меандешад.

**Моддаи 12. Ҳуқуқи кӯдак ба шахсият**

Кӯдак аз лаҳзаи таваллуд шуданаш ба насаб, ном ва номи падар, миллат ва шаҳрвандӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ дорад.

**Моддаи 13. Ҳуқуқи кӯдак ба ҳифзи саломатӣ**

1. Кӯдак ба ҳифзи саломатӣ ҳуқуқ дорад.

2. Давлат бо мақсади таваллуди кӯдаки солим барои ҳифзи саломатии падару модар шароити мусоид муҳайё мекунад.

3. Ҳуқуқи кӯдак ба ҳифзи саломатӣ бо тадбирҳои зерин таъмин карда мешавад:

- қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба ҳифзи саломатии кӯдак;
- тарҷибу ташвиқ ва ҳавасмандгардонӣ ба тарзи ҳаёти солими кӯдак;
- дастгирии давлатии таҳқиқоти илмии соҳаи ҳифзи саломатии кӯдак;
- назорати вазъи саломатии кӯдак ва пешгирии бемориҳои кӯдакона;
- расонидани ёрии тиббӣ;
- фароҳам овардани шароити мусоиди зист, ки барои инкишофи солими кӯдак зарур аст;
- назорати истеҳсол ва фурӯши маводи ҷизоии хушсифат барои кӯдакон.

4. Давлат ба кӯдак ёрии тиббии ройгонро бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолат медиҳад.

5. Ҳама гуна озмоишҳои тиббҳ ва илмҳ нисбат ба кӯдак манъ аст.

**Моддаи 14. Ҳуқуқи кӯдак ба озодии сухан ва виҷдон, иттиллоот ва иштирок дар ҳаёти ҷамъиятҳ**

1. Ҳар як кӯдак ба озодии сухан ва изҳори ақидаи худ, озодии виҷдон ва инкишофи фаъолнокии ҷамъиятҳ, ба гирифтан ва интишор кардани иттиллооти ба синни ӯ мувофиқ, иштироки ихтиёрӣ дар ташкилотҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ дорад.

2. Мақомоти давлатӣ ба ташкилотҳое, ки фаъолияташон ба инкишоф додани шахсияти кӯдак, фаъолнокии ҷамъиятӣ ва эҷодкории ӯ дар соҳаи илм, техника, адабиёт, ҳифзи муҳити зист, фарҳанг ва варзиш, инчунин ташкили истироҳати кӯдак равона шудааст, мусоидат менамоянд.

**Моддаи 15. Ҳуқуқи кӯдак ба моликият**

1. Ҳуқуқи кӯдак ҳамчун соҳибмулк барои ихтиёрдорӣ кардани молу мулки ба ӯ тааллуқдошта мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

2. Маблағе, ки барои кӯдак ба сифати алимент, кӯмакпулӣ ва дигар пардохтҳои иҷтимоӣ муқаррар шудааст, ба ихтиёри падару

модар ё дигар намояндаи қонунии ӯ дода шуда, он барои зисту зиндагонӣ, таълим ва тарбияи кӯдак харҷ карда мешавад.

3. Кӯдак метавонад бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мустақилона ё ба воситаи намояндаи қонунии худ шартномаҳо бандад, дар бонкҳо суратҳисоб дошта бошад, музди кор, стипендия ё дигар даромад ва объектҳои ҳуқуқи моликияти зеҳниашро ихтиёрдорӣ намояд ва ҳуқуқҳои дигари молумулкиашро амалӣ гардонад.

4. Падару модар ё дигар намояндаи қонунии кӯдак, инчунин шахсони алоҳида ҳуқуқ доранд ба номи кӯдак дар бонкҳо маблағ гузоранд ва ҷиҳати дастгирии моддии кӯдакони маъюб, ятим ва бепарастор тадбирҳои зарурӣ андешанд.

**Моддаи 16. Ҳуқуқи кӯдак ба манзил**

1. Кӯдак мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба манзил ҳуқуқ дорад.

2. Ҳуқуқи кӯдакони маъюб, ятим ва бепарастори дар хонаинтернатҳо ва дигар муассисаҳои таълимӣ ё тиббӣ қарордошта ба манзил нигоҳ дошта мешавад, инчунин онҳо ҳуқуқ доранд аз манзили истиқоматӣ (хобгоҳ) истифода баранд ва дар сурати мавҷуд набудани ҷойи зист мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба гирифтани манзил ҳуқуқ доранд.

3. Баровардани кӯдакони маъюб, ятим ва бепарастор аз манзили истиқоматиашон бе додани манзили дигар манъ аст.

**Моддаи 17. Ҳуқуқи кӯдак ба таҳсил**

1. Кӯдак ба таҳсил ҳуқуқ дорад ва ба ӯ таҳсилоти умумии миёна ва ибтидоии касбии ройгон ва таҳсилоти ройгони миёна ва олии касбӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолат дода мешавад. Кӯдак аз муассисаи таълимии давлатӣ то гирифтани таҳсилоти умумии миёна ё ибтидоии касбӣ танҳо бо розигии мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак бо риояи тартиби умумӣ хориҷ карда мешавад.

2. Ба кӯдаки маъюбе, ки ба муносибати махсуси педагогӣ эҳтиёҷ дорад, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсилот кафолат дода мешавад.

**Моддаи 18. Ҳуқуқи кӯдак ба меҳнат**

1. Кўдак ба меҳнат, интихоби озодонаи намуди фаъолият ва касбу ҳунар ҳуқуқ дорад.

2. Кўдак тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иҷозати падару модар ё дигар намояндаи қонуниаш ҳуқуқ дорад дар вақтҳои фориғ аз таҳсил бо коре машғул шавад, ки ба саломатию инкишофи зеҳнии ў мувофиқ буда, ба ҳолати ҷисмонӣ, маънавӣ ва равониаш зарар нарасонад.

3. Тартиби бастан ва қатъ кардани шартномаи меҳнатӣ ва дигар хусусиятҳои муносибатҳои меҳнатӣ, аз ҷумла меъёри зарурии рўзи кор, истироҳат, музди кор ва шароити кори кўдакро қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи меҳнат муқаррар мекунад.

4. Кўдакро ба корҳои вазнин, зеризаминӣ ва шароити меҳнаташон зарарнок қабул ва ҷалб намудан манъ аст.

**Моддаи 19. Ҳуқуқи кўдак ба истироҳат ва фароғат**

1. Кўдак мувофиқи синну сол, вазъи саломатӣ ва талаботаш ба истироҳат ва фароғат ҳуқуқ дорад.

2. Падару модар ё дигар намояндаи қонунии кўдак аз рўи имконият барои нигоҳубин ва инкишофи ҳаматарафаи ў шароити зарурӣ муҳайё месозанд.

3. Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷмўи чорабиниҳоро оид ба таъмини ҳифзи ҳуқуқи кўдакон барои фароғат, солимгардонӣ ва истироҳат, аз ҷумла машғулиятҳои эҷодию фароғатӣ доир мекунанд, майдончаҳои варзишӣ, лагеру осоишгоҳҳо таъсис дода, ташкили фароғати кўдаконро дастгирӣ менамоянд.

4. Давлат маҷмўи чорабиниҳоро оид ба таъмини ҳифзи ҳуқуқи кўдакон ба истироҳату солимгардонӣ ва фароғат амалӣ мегардонад.

**Моддаи 20. Ҳуқуқи муттаҳидшавӣ дар ташкилотҳои ҷамъиятии кўдакон ва ҷавонон**

1. Кўдак ҳуқуқи муттаҳидшавиро дар ташкилотҳои ҷамъиятии кўдакон ва ҷавонон дорад, ба шарте ки фаъолияти онҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолиф набошад, тартиботи ҷамъиятӣ ва амнияти давлат, ҳуқуқу озодиҳои дигар шахсонро халалдор насозад.

2. Ташкилотҳои ҷамъиятии кӯдакон метавонанд бо ташкилотҳои ҷамъиятии кӯдакони дигар мамлакатҳо робита намоянд ва ба ташкилотҳои байналмилалии кӯдакон дохил шаванд.

3. Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ба фаъолияти ташкилотҳои кӯдакон ва ҷавонон мусоидат менамоянд.

**Моддаи 21. Ҳуқуқи кӯдак ба зиндагӣ ва тарбия дар оила**

1. Кӯдак ҳуқуқ дорад дар оила зиндагӣ кунад ва тарбия гирад, падару модарашро шиносад, аз ғамхорӣ ва тарбияи онҳо, ба истиснои ҳолатҳое, ки бар хилофи манфиатҳои ӯ мебошанд, баҳраманд шавад.

2. Кӯдак ҳуқуқ дорад бо падару модар ё дигар намояндаи қонуниаш ҳамроҳ зиндагонӣ кунад.

3. Кӯдакро аз падару модар ё дигар намояндаи қонуниаш ҷудо кардан манъ аст. Мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак танҳо дар ҳолатҳои истисноӣ барои аз падару модар ё дигар намояндаи қонуниаш ҷудо кардани ӯ қарор қабул карда мешавад.

4. Кӯдак дар оила аз ҳуқуқҳои муқаррарнамудаи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода мебарад.

5. Тарбия дар оила асоси инкишофи шахсияти кӯдак ба ҳисоб рафта, ҳар як падару модар ё дигар намояндаи қонунии кӯдак барои тарбия, таълим ва инкишофи ӯ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон масъулияти баробар доранд.

**Моддаи 22. Ҳуқуқи кӯдак дар муносибат бо падар ё модаре, ки ҷудо зиндагӣ мекунанд**

1. Кӯдак ҳуқуқ дорад дар бораи падар ё модаре, ки аз ӯ ҷудо зиндагӣ мекунанд, иттилоъ гирад, бо онҳо вохӯрад ва муносибат намояд, ба истиснои ҳолатҳое, ки чунин вохӯрию муносибатҳо ба ҳаёт ва саломатии ӯ таҳдид намоянд.

2. Падару модар, дигар аъзои оила ва хешовандон барои татбиқи ҳуқуқи кӯдак ба мулоқот бо онҳо набояд мамониат намоянд ва ӯҳдадоранд, ки баъди мулоқот кӯдакро ба ҷойи истиқоматаш баргардонида, ба иваз намудани ҷойи истиқомати ӯ роҳ надиҳанд.

3. Падару модаре, ки аз кӯдак ҷудо зиндагӣ мекунанд, барои иштирок дар тарбияи ӯ ӯҳдадор буда, ҳуқуқ доранд, ки бо кӯдак робита дошта бошанд, агар чунин робита ба тарбияи мӯътадили ӯ халал нарасонад.

4. Баҳсҳо оид ба ҳолатҳои маҳдудкунии ҳуқуқи кӯдак, ки дар ҳамин модда пешбинӣ шудаанд, бо тартиби судӣ ҳал карда мешаванд.

5. Ҷойи истиқомати кӯдак ҳангоми ҷудо зиндагонӣ кардани падару модар бо ризоияти онҳо ва дар сурати розӣ набудан - ба тариқи судӣ муқаррар карда мешавад.

**Моддаи 23. Ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдакон дар муассисаҳои махсуси таълимӣ- тарбиявӣ барои ноболиғон**

1. Кӯдаконе, ки бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шароити махсуси таълиму тарбия эҳтиёҷ доранд, дар муассисаҳои махсуси таълимӣ - тарбиявӣ барои ноболиғон ҷойгир карда мешаванд.

2. Кӯдаконе, ки нӯшокиҳои спиртдор, маводи нашъадор ва моддаҳои мадҳушкунанда истеъмол мекунанд, инчунин кӯдаконе, ки аз рӯи вазъи саломатӣ дар муассисаҳои махсуси таълимӣ - тарбиявӣ барои ноболиғон ҷойгир намуданашон имконнопазир аст, бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои табобат ба муассисаҳои табобатӣ фиристонида мешаванд.

3. Кӯдаконе, ки дар муассисаҳои зикршуда нигоҳ дошта мешаванд, ба гирифтани таҳсилот, омодагии касбӣ, рухсатӣ, мукотиба, мулоқот бо падару модар ё дигар намояндаи қонуниашон, гирифтани фиристаҳо, дастовезҳо ва бастаҳо бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ доранд.

**Моддаи 24. Ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдакони гуреза**

1. Давлат тавассути мақомоти давлатии дахлдор ҷиҳати таъмини ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдакони гуреза чораҳои заруриро дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон меандешад.

2. Мақомоти давлатии дахлдлор барои ҷустуҷӯи падару модар ё дигар намояндагони қонунии кӯдакони гуреза, ки аз оилаҳояшон ҷудо шудаанд, ҷобаҷокунии чунин кӯдакон дар муассисаҳои дахлдори кӯдакона ё оилаи (мураббии) парастор мусоидат менамоянд.

**Моддаи 25. Ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдакони аз офатҳои табиӣ ва садамаҳои техногенӣ зарардида**

Ба кӯдаконе, ки дар натиҷаи офатҳои табиӣ ва садамаҳои техногенӣ зарар дидаанд, давлат кӯмаки моддӣ мерасонад. Бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯдакон аз минтақаи хавфнок кӯчонида мешаванд ва ба онҳо расонидани кӯмаки ройгони тиббӣ, иҷтимоӣ, таъминоти нафақа, ҷуброни молу мулки гумшуда ё зарардида ва манзили вайроншуда кафолат дода шуда, барои якҷояшавӣ бо аъзои оилаашон чораҳо андешида мешаванд.

**Моддаи 26. Манъи иштироки кӯдакон дар амалиётҳои ҷангӣ ва низоъҳои мусаллаҳона**

1. Иштироки кӯдакон дар амалиётҳои ҷангӣ ва низоъҳои мусаллаҳона, инчунин таъсиси ташкилот ва воҳидҳои ҳарбикунонидашудаи кӯдакон, тарҷиби ҷанг ва зӯроварӣ дар байни онҳо манъ аст.

2. Давлат барои таъмини ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдакони дар минтақаи амалиётҳои ҷангӣ ва низоъҳои мусаллаҳона қарордошта ва нигоҳубини онҳо ҳамаи чораҳои имконпазирро меандешад. Ба онҳо кӯмаки моддӣ, тиббӣ ва кӯмакҳои дигар расонида шуда, ҳангоми зарурат онҳо дар муассисаҳо барои кӯдакони ятим ва бепарастор ва ё дар муассисаҳои соҳаи маориф ҷойгир карда мешаванд.

**Моддаи 27. Ҳифзи кӯдакон аз интиқоли ғайриқонунии онҳо аз сарҳади давлатӣ**

Давлат оид ба мубориза бар зидди интиқоли ғайриқонунии кӯдакон аз сарҳади давлатӣ, баровардан ва барнагардонидани кӯдакон аз хориҷа, рабудан, савдо ва қочоқи онҳо бо тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбирҳо меандешад.

**Моддаи 28. Шиносоии кӯдак бо фарҳанги миллӣ ва ҷаҳонӣ**

1. Давлат имконияти шиносоии кӯдакро бо фарҳанги миллӣ, таърих, анъанаву арзишҳои маънавии халқи Тоҷикистон ва комёбиҳои фарҳангии ҷаҳонӣ бо роҳи додани имконияти

истифодаи фондҳои китобхонаҳо, толорҳои намоишҳ, осорхонаҳо, таъсиси шабакаи муассисаҳои махсуси кӯдаконаи фарҳангӣ, муассисаҳои таълимӣ, тарбиявӣ таъмин менамояд.

2. Давлат ба истеҳсол ва таъмини дастрасии филмҳои бадеӣ ва видеоӣ, барномаҳои телевизионӣ ва радио, асарҳои чопӣ, инчунин паҳнкунии иттилооти дигари муфид, ки барои инкишофи қобилияти эҷодӣ ва зеҳнии кӯдакон пешбинӣ шудаанд, мусоидат менамояд.

3. Дар воситаҳои ахбори омма, адабиёт ва чорабиниҳои оммавии фарҳангию фароғатӣ тарҷиб намудани парастиши зӯроварӣ ва бераҳмӣ, паҳн кардани порнография ва иттилооте, ки шаъну эътибори инсониро паст зада, ба тарбияи кӯдак зарар мерасонад, манъ аст.

**Моддаи 29. Ҳифзи кӯдак аз таъсири манфии муҳити иҷтимоӣ**

1. Мақомоти давлатӣ, падару модар ё дигар намояндаи қонунии кӯдак, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқҳ вазифадоранд кӯдакро аз таъсири манфии муҳити иҷтимоӣ, иттилоотӣ, нӯшокиҳои спиртӣ, маҳсулоти тамоку, маводи нашъадор ва психотропӣ, ки ба саломатӣ, рушди маънавӣ ва ахлоқии ӯ зарар мерасонанд, ҳифз намоянд.

2. Барои кӯдакон намоиш додан, фурӯхтан, тӯҳфа кардан, нусхабардорӣ намудан ва ба кироя додани бозичаҳо, кинофилмҳо, фитаҳои сабти овоз ва видео, интишори адабиёт, маҷаллаву рӯзнома ва дигар воситаҳои ахбори омма, ки мақсади онҳо ба вуҷуд овардани адовати нажодӣ, миллӣ, иҷтимоӣ ва динӣ мебошад, ҷангҷӯӣ ва маҳалгароиро тарҷиб намуда, ба зӯран тағйир додани сохти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъват мекунанд, инчунин ба оворагардӣ, гадоӣ, фоҳишагӣ ҷалб намудани кӯдак, интишор, реклама ё ба кӯдак фурӯхтани мавод, расму тасвирҳо, нашрияҳои чопӣ, кино ё видеофилмҳои хусусияти порнографидошта манъ аст.

**Моддаи 30. Манъи маҳдудияти ҳуқуқҳои кӯдак**

Маҳдуд кардани ҳуқуқҳои кӯдак, ба истиснои ҳолатҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, манъ аст.

**Моддаи 31. Хусусияти ҷавобгарии кӯдак**

1. Дастгир намудан ва ҳабси кӯдак ҳамчун чораи истисноӣ танҳо дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ карда мешаванд. Дар бораи дастгир ва ҳабс намудани кӯдак мақомоти давлатии дахлдор фавран ба падару модар ё дигар намояндаи қонунии ӯ, инчунин мақомоти прокуратура хабар медиҳанд. Якҷоя нигоҳ доштани кӯдак дар як ҳуҷра бо дастгиршудагон, ба ҳабс гирифташудагон ё маҳкумшудагони калонсол манъ аст.

2. Дар ҳолати озод намудани кӯдак аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ё аз ҷазо ба ӯ мумкин аст бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳои маҷбуркунии дорои хусусияти тарбиявидошта таъин карда шаванд.

## БОБИ 4. ҲИФЗИ ҲУҚУҚҲОИ КӮДАКОНИ ЯТИМ ВА БЕПАРАСТОР

**Моддаи 32. Васоят ва парасторӣ**

1. Ба кӯдакони ятим ва бепарастор барои ҳифзи ҳуқуқҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон васоят ва ё парасторӣ муқаррар карда мешавад.

2. Давлат барои ҳамаи кӯдакони ятим ва бепарастор шароити баробар муҳайё менамояд.

**Моддаи 33. Фарзандхондӣ**

Бо мақсади муҳайё кардани шароити рушду камол ва тарбияи кӯдаки бепарастор дар оила ӯро бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фарзандхондӣ қабул кардан мумкин аст.

**Моддаи 34. Нигоҳубин ва тарбияи кӯдакони ятим ва бепарастор дар муассисаҳои таълимӣ, тарбиявӣ, табобатӣ ва дигар муассисаҳои ба онҳо монанд**

1. Кӯдакони ятим ва бепарастор, дар сурати мавҷуд набудани имконияти дар оила тарбия ёфтан, дар муассисаҳои таълимӣ, тарбиявӣ, табобатӣ ё дигар муассисаҳои ба онҳо монанд ҷойгир карда мешаванд.

2. Алимент, кӯмакпулӣ ва дигар пардохтҳои иҷтимоӣ ба суратҳисоби шахсии кӯдакони ятим ва бепарастор гузаронида шуда, бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохт карда мешаванд.

3. Ба кӯдакони ятим ва бепарасторе, ки дар муассисаҳои таълимӣ, тарбиявӣ, табобатӣ ва дигар муассисаҳои ба онҳо монанд ҷойгир карда шудаанд, шароити ба муҳити оила монанд муҳайё карда мешавад. Дар ин муассисаҳо кӯдак ба таъминот, таълиму тарбия, рушду камоли ҳамаҷониба, эҳтироми шаъну эътибор, таъмини манфиатҳои худ, ҳифзи забони модарӣ, фарҳанг, урфу одат ва анъанаҳои миллӣ ҳуқуқ дорад.

4. Кормандони муассисаҳои таълимӣ, тарбиявӣ, табобат ва дигар муассисаҳои ба онҳо монанд, ки нигоҳубини кӯдакони ятим ва бепарасторро ба зимма доранд, барои иҷро накардани ӯҳдадориҳои вазифавиашон мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

5. Ҳуқуқу манфиатҳои кӯдакони ятим ва бепарасторро, ки дар муассисаҳои таълимӣ, тарбиявӣ, табобатӣ ва дигар муассисаҳои ба онҳо монанд қарор доранд, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҳимоя намуда, барои бо кор таъмин кардани онҳо мусоидат мекунанд.

**Моддаи 35. Кафолатҳои давлатии ҳифзи иҷтимоӣ ва ҳуқуқии кӯдакони ятим ва бепарастор**

1. Давлат сатҳи шоистаи зиндагиро ба кӯдакони ятим ва бепарастор кафолат дода, ҳуқуқу озодӣ ва манфиатҳои қонунии онҳоро ҳимоя менамояд.

2. Амалигардонии ҳуқуқ ва кафолату ҷубронҳое, ки қонунгузорӣ барои кӯдакони ятим ва бепарастор муқаррар намудааст, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин карда мешавад.

3. Кафолату ҷубронҳое, ки барои кӯдакони ятим ва бепарастор муқаррар шудаанд, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз ба балоғат расидани онҳо низ нигоҳ дошта мешаванд.

4. Дар амалигардонии кафолати давлатии ҳифзи иҷтимоӣ ва ҳуқуқии кӯдакони ятим ва бепарастор ташкилотҳо ва шаҳрвандон низ метавонанд бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок намоянд.

**Моддаи 36. Кафолати давлатии амалӣ намудани ҳуқуқи кӯдакони ятим ва бепарастор ба меҳнат**

1. Давлат амалӣ намудани ҳуқуқи кӯдакони ятим ва бепарасторро ба меҳнат кафолат медиҳад.

2. Ҳангоми мурочиат намудани кӯдакони ятим ва бепарастори аз 15 то 18-сола мақомоти давлатии меҳнат ва шуғли аҳолӣ майлу рағбати онҳоро омӯхта, бо назардошти вазъи саломатӣ ва лаёқатмандиашон самти касбии онҳоро муайян менамоянд.

3. Ба кӯдакони ятим ва бепарастор, ки кор меҷӯянд ва дар мақомоти давлатии меҳнат ва шуғли аҳолӣ ҳамчун бекор ба қайд гирифта шудаанд, бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯмакпулӣ барои бекорӣ дода мешавад.

4. Кӯдакони ятим ва бепарастор, ки ба синни 15 расидаанд, бо роҳхати мақомоти давлатии меҳнат ва шуғли аҳолӣ аз ҳисоби квотаи ҷойҳои корӣ дар ташкилотҳо дар навбати аввал ва дар сурати маъюб будан, бенавбат бо ҷойи кор таъмин карда мешаванд.

5. Мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳо, ки мутахассисони ҷавонро аз ҷумлаи кӯдакони ятим ва бепарастор бо роҳхати мақомоти дахлдори давлатӣ ба кор қабул мекунанд, ӯҳдадоранд барои онҳо шароити мусоиди корӣ фароҳам оваранд.

**Моддаи 37. Кафолати давлатии амалӣ намудани ҳуқуқи кӯдакони ятим ва бепарастор ба манзил**

1. Давлат амалӣ намудани ҳуқуқи кӯдакони ятим ва бепарасторро ба манзил тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолат медиҳад.

2. Ҳуқуқи кӯдакони ятим ва бепарастор ба манзили истиқоматии ба онҳо тибқи мерос гузашта дар давоми будубошашон дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ ё муассисаҳои хизматрасонии иҷтимоии аҳолӣ, ҳамчунин дар муассисаҳои тамоми намудҳои таҳсилоти касбӣ, новобаста ба шакли моликият, дар давраи хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, адои ҷазои маҳрум намудан аз озодӣ дар муассисаҳои ислоҳӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон нигоҳ дошта мешавад.

3. Ба кӯдакони ятим ва бепарастори манзили истиқоматӣ надошта барои сохтмони манзили шахсӣ дар қитъаи замини ба онҳо ҷудокардашуда қарзҳои имтиёзноки мақсаднок дода мешавад. Тартиби додан ва андозаи чунин қарзҳоро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

**Моддаи 38. Кафолати давлатии амалӣ намудани ҳуқуқи кӯдакони ятим ва бепарастор ба ҳифзи саломатӣ**

1. Давлат амалӣ намудани ҳуқуқи кӯдакони ятим ва бепарасторро ба ҳифзи саломатӣ кафолат медиҳад.

2. Ба кӯдакони ятим ва бепарастор хизматрасонии тиббӣ, аз ҷумла гузаронидани диспансеризатсия, солимгардонӣ, азназаргузаронии мунтазами тиббӣ дар муассисаҳои нигаҳдории тандурустии давлатӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳури Тоҷикистон ба таври ройгон расонида мешавад.

3. Кӯдакони ятим ва бепарастор бо мақсади барқарор намудани саломатӣ ҳуқуқ доранд соле як маротиба аз имкониятҳои истироҳатгоҳҳои варзишию солимгардонӣ ё муассисаҳои санаторию курортии давлатӣ ройгон истифода баранд.

4. Кӯдакони ятим ва бепарастори маъюб ҳуқуқи дар муассисаҳои иҷтимоию табобатӣ ба таври ройгон ҷойгир шуданро доранд.

5. Кӯдакони ятим ва бепарастор аз пардохти маблағ барои доруворӣ дар ҳудуди меъёрҳое, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд, инчунин аз пардохти хизматрасонии муассисаҳои тиббии давлатӣ ҷиҳати сохтану тармим кардани дандонҳои сунъӣ, аз ҷумла барои таъмин кардан бо навъҳои дигари ёрии протезию ортопедӣ, ба истиснои онҳое, ки аз металлҳои қиматбаҳо сохта шудаанд, озоданд.

6. Кӯдакони ятим ва бепарастори маъюб бо таҷҳизоти тиббии протезию ортопедӣ, аз ҷумла аробаи маъюбӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври ройгон таъмин карда мешаванд.

**Моддаи 39. Кафолати давлатии амалӣ намудани ҳуқуқи кӯдакони ятим ва бепарастор ба таҳсил**

1. Давлат амалӣ намудани ҳуқуқи кӯдакони ятим ва бепарасторро ба таҳсил кафолат медиҳад.

2. Кӯдакони ятим ва бепарастор ба интихоби муассисаи таълимӣ ва шакли таҳсил бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ доранд.

3. Таҳсилоти умумии кӯдакони ятим ва бепарастор ба таври ройгон тавассути муассисаҳои таълимии давлатии таҳсилоти миёнаи умумӣ амалӣ мегардад. Рад намудани қабули кӯдакони

ятим ва бепарастор ба муассисаҳои таълимии мазкур манъ аст. Таҳсили иловагии кӯдакони ятим ва бепарастор низ дар муассисаҳои таълимии давлатӣ ройгон аст.

4. Кӯдакони ятим ва бепарастор, ки дар муассисаҳои таълимии давлатии таҳсилоти ибтидоӣ, умумии асосӣ ва миёнаи умумӣ таҳсил менамоянд, аз ҳисоби давлат бо либос, пойафзол, адабиёт ва асбобу таҷҳизоти таълимӣ, ҷойи хоб, инчунин бо кӯмакпулии яквақта мувофиқи меъёрҳои муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин карда шуда, истироҳати онҳо дар лагерҳои мактабии тобистона ба таври ройгон ба роҳ монда мешавад.

5. Давлат ба кӯдакони ятим ва бепарастор дар зинаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ, олии касбӣ ва касбии баъд аз муассисаи олии таълимии давлатӣ як маротиба гирифтани таълими ройгонро кафолат медиҳад. Қабули кӯдакони ятим ва бепарастор ба муассисаҳои таълимии мазкур дар асоси квотаҳои муқарраргардида бо тартиби тасдиқнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда мешавад.

6. Қабул ва таҳсили кӯдакони ятим ва бепарастор дар муассисаҳои таълимии ғайридавлатии таҳсилоти ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ, олии касбӣ ва касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ метавонад ба таври ройгон тибқи фармоиши давлатӣ сурат гирад.

7. Муассисаҳои таълимие, ки дар қисмҳои 4 ва 5 ҳамин модда пешбинӣ шудаанд, ӯҳдадоранд кӯдакони ятим ва бепарасторро бо хобгоҳ, либос, пойафзол, хӯрокворӣ ва стипендия таъмин намоянд. Дар муддати бинобар вазъи саломатӣ дар рухсатии академӣ будани таълимгирандагон, аз ҷумлаи кӯдакони ятим ва бепарастор, нисбат ба онҳо таъминоти моддӣ ва иҷтимоии пурраи давлатӣ нигоҳ дошта шуда, ба шахсони мазкур бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯмакпулӣ дода мешавад.

8. Донишҷӯёни муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ, ки аз ҷумлаи кӯдакони ятим ва бепарастор мебошанд ва дар хобгоҳҳои муассисаҳои мазкур истиқомат доранд, аз пардохти хизматрасонии коммуналӣ ва ҳаққи манзили ишғолнамудаашон озод мебошанд.

9. Кӯдакони ятим ва бепарастор, ки дар муассисаҳои таълимии вазоратҳои мудофиа ва корҳои дохилии Ҷумҳурии

Тоҷикистон, инчунин дигар вазорату идораҳое, ки дар онҳо хизмати ҳарбӣ пешбинӣ шудааст, таълим мегиранд, дар таъминоти пурраи давлатӣ қарор доранд.

**Моддаи 40. Кафолати давлатӣ ба кӯдаконе, ки падар ё модар надоранд**

Ба кӯдаконе, ки падар ё модар надоранд, бо тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолати давлатӣ пешбинӣ карда мешавад.

**Моддаи 41. Кафолати давлатии расонидани ёрии ҳуқуқии ройгон ба кӯдакони ятим ва бепарастор**

Давлат ба кӯдакони ятим ва бепарастор ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонуниашон ёрии ҳуқуқии ройгонро кафолат медиҳад.

**Моддаи 42. Кафолати давлатии амалӣ намудани дигар ҳуқуқҳои кӯдакони ятим ва бепарастор**

1. Кӯдакони ятим ва бепарастор ба чорабиниҳои фарҳангӣ ва варзишии муассисаҳои давлатӣ, инчунин намоишгоҳҳо ва осорхонаҳои пурра ё қисман аз ҳисоби давлат маблағгузоришаванда ҳуқуқи ройгон даромаданро доранд.

2. Кӯдакони ятим ва бепарастор ҳуқуқ доранд дар муассисаҳои таълимию варзишии давлатӣ ройгон ба варзиш машғул шаванд.

3. Кӯдакони ятим ва бепарастор ҳуқуқ доранд ройгон аз нақлиёти ноҳиявӣ, байниноҳиявӣ, шаҳрӣ ва байнишаҳрии истифодаи ҷамъиятӣ (ба ҷуз аз таксӣ), инчунин нақлиёти роҳи оҳан ва ҳавоӣ бо тартиби муайяннамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода баранд.

**Моддаи 43. Муайян ва ҷобаҷокунии кӯдакони ятим ва бепарастор**

Муайян ва ҷобаҷокунии кӯдакони ятим ва бепарастор тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

**Моддаи 44. Оилаи (мураббии) парастор**

1. Оилаи (мураббии) парастор таҳти ҳимоя ва ҷамхории давлат қарор дошта, ба он бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд имтиёзҳо

пешбинӣ карда шаванд. Давраи нигоҳубини кӯдакони ятим ва бепарастор тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба собиқаи кории оилаи (мураббии) парастор дохил карда мешавад.

2. Шартҳо ва тартиби барои тарбия ба оилаи (мураббии) парастор додани кӯдакони ятим ва бепарастор, маҳдудиятҳо, талабот нисбат ба шахсоне, ки кӯдакони ятим ва бепарасторро ба тарбия мегиранд, инчунин ҳуқуқу ӯҳдадориҳои онҳо, қоидаҳои ҳатмии шартнома дар хусуси барои тарбия ба оилаи (мураббии) парастор додани кӯдакони ятим ва бепарастор тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешаванд.

## БОБИ 5. ҲИФЗИ ҲУҚУҚҲОИ КӮДАКИ МАЪЮБ

### Моддаи 45. Ҳуқуқи кӯдаки маъюб

1. Кӯдаки маъюб ба ҳаёти мукаммал дар шароите, ки шаъну эътибори ӯро таъмин намуда, барои фаъолона шомил шудан ба ҳаёти ҷамъиятӣ ба ӯ мусоидат мекунад, бо кӯдакони солим ҳуқуқи баробар дорад.

2. Бо мақсади ба кӯдаки маъюб таъмин намудани ҳаёти мукаммал ва мувофиқ ба шароите, ки мустақилияти пурра ва ҳамгироии иҷтимоиро таъмин мекунад, ӯ вобаста ба қобилияти ҷисмонӣ ва зеҳнии худ ҳуқуқ дорад аз нигоҳубин, таҳсил ва тайёрии махсус бархурдор бошад.

3. Кӯдаки маъюб ҳуқуқ дорад мувофиқи қобилияти худ намуди фаъолият ва касберо интихоб кунад, дар фаъолияти ҷамъиятӣ ва эҷодӣ иштирок намояд.

4. Табъизи кӯдак бинобар маъюб буданаш манъ аст.

### Моддаи 46. Кафолатҳои давлатӣ оид ба машғулияти кӯдакони маъюб

1. Давлат ба ташкили шароити зарурӣ ба кӯдаки маъюб барои ҳаёти мукаммал ва инкишоф бо назардошти имконият ва манфиатҳои фардӣ мусоидат намуда, ба ӯ додани кӯмаки моддии дахлдор, ба яке аз падару модари кӯдаки маъюб ё дигар намояндаи қонунии ӯ муқаррар намудани имтиёзҳоеро, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, кафолат медиҳад.

2. Ба кӯдаки маъюб таъминоти моддӣ, маишӣ, иҷтимоӣ, инчунин таъминоти доруворӣ, воситаҳои техникӣ ва дигар воситаҳои тавонбахшӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври ройгон кафолат дода мешавад.

3. Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот вазифадоранд барои таҳсил, тайёрии касбӣ, интихоби шуғли муносиб ва бо кор таъмин намудани кӯдакони маъюб бо назардошти вазъи саломатӣ, талабот ва имкониятҳояшон чораҳои дахлдор андешанд.

4. Барои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки фаъолияташон ба таъмин намудани машғулияти кӯдакони маъюб, ташкили таҳсилоти касбӣ ва бозомӯзии онҳо равона шудааст, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон имтиёзҳо муқаррар карда мешаванд.

## БОБИ 6. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

### Моддаи 47. Маблағгузории чорабиниҳо оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак

Маблағгузории чорабиниҳо оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак аз ҳисоби буҷети давлатӣ, манбаъҳои ғайрибуҷетӣ ва дигар сарчашмаҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, амалӣ карда мешавад.

### Моддаи 48. Ҳамкории байналмилалӣ оид ба масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак

Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудааш дар ҳамкории байналмилалӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак иштирок менамояд.

### Моддаи 49. Ҷавобгарӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

### Моддаи 50. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Эмомалӣ Раҳмон**

ш. Душанбе
18 марти соли 2015, № 1196

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
# ДАР БОРАИ ПЕШГИРИИ ЗЎРОВАРӢ ДАР ОИЛА

Қонуни мазкур муносибатҳои ҷамъиятиро вобаста ба пешгирии зўроварӣ дар оила танзим намуда, вазифаҳои субъектҳои пешгирикунандаи зўроварӣ дар оиларо доир ба ошкор, пешгирӣ ва бартарафсозии сабаб ва шароитҳои ба он мусоидаткунанда муайян менамояд.

## БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

### Моддаи 1. Мафҳумҳои асосӣ

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

- **зўроварӣ дар оила** - кирдори зиддиҳуқуқии қасдонаи дорои хусусияти ҷисмонӣ, рўҳӣ, шаҳвонӣ ё иқтисодӣ, ки дар доираи муносибатҳои оилавӣ аз ҷониби як узви оила нисбат ба дигар узви оила содир шуда, боиси поймол шудани ҳуқуқ ва озодиҳои ў, расонидани дарди ҷисмонӣ ё зарар ба саломатии ў мегардад ё таҳдиди расонидани чунин зарарро ба вуҷуд меорад;
- **пешгирии зўроварӣ дар оила** - маҷмўи чораҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ташкилии аз ҷониби субъектҳои пешгирикунандаи зўроварӣ дар оила амалишаванда, ки ба ҳимояи ҳуқуқу озодиҳо ва манфиатҳои қонунии инсон ва шаҳрванд дар доираи муносибатҳои оилавӣ, ба пешгирии зўроварӣ дар оила, муайян ва бартарафсозии сабаб ва шароитҳои ба он мусоидаткунанда равона карда шудаанд;
- **зўроварии ҷисмонӣ дар оила** - кирдори зиддиҳуқуқии қасдонаи як узви оила нисбат ба дигар узви оила, ки дар натиҷаи истифода бурдани қувваи ҷисмонӣ боиси расонидани дарди ҷисмонӣ ё зарар ба саломатӣ шудааст;
- **зўроварии рўҳӣ дар оила** - таъсиррасонии қасдонаи рўҳ, паст задани шаъну эътибори як узви оила аз ҷониби дигар узви оила бо роҳи таҳдид, таҳқир, иръоб ва ё маҷбуркунӣ ба содир намудани ҳуқуқвайронкуниҳо ё кирдорҳое, ки барои ҳаёт ва саломатӣ хавфноканд, инчунин ба вайроншавии инкишофи рўҳӣ, ҷисмонӣ ё шахсият оварда мерасонад;
- **зўроварии шаҳвонӣ дар оила** - кирдори зиддиҳуқуқии қасдонаи як узви оила, ки ба озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсии

дигар узви оила таҷовуз мекунад, инчунин ҳаракатҳои дорои хусусияти шаҳвонӣ, ки нисбат ба узви ноболиғи оила содир шудаанд;

- **зӯроварии иқтисодӣ дар оила** - кирдори зиддиҳуқуқии қасдонаи як узви оила нисбат ба дигар узви оила вобаста ба маҳрум сохтан аз манзили истиқоматӣ, хӯрок, либос, молу мулк ё воситаҳое, ки ҷабрдида тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба онҳо ҳуқуқ дорад ва ин кирдор метавонад боиси вайрон гардидани солимии ҷисмонӣ, рӯҳӣ ё сар задани дигар ҳолатҳои ногувор гардад;

- **ҷабрдида аз зӯроварӣ дар оила (минбаъд - ҷабрдида)** - узви оила, ки ба ӯ аз ҷониби дигар узви оила қасдан зарари ҷисмонӣ, маънавӣ ё моддӣ расонида шудааст;

- **субъектҳои пешгирикунандаи зӯроварӣ дар оила** - мақомоти давлатӣ, мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ, корхона, муассиса, дигар ташкилотҳо ва шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои пешгирии зӯроварӣ дар оила масъул мебошанд.

**Моддаи 2. Мақсадҳои Қонуни мазкур**

Мақсадҳои Қонуни мазкур аз инҳо иборатанд:

- ҳимояи ҳуқуқии оила ҳамчун асоси ҷамъият;

- танзими ҳуқуқии муносибатҳои вобаста ба пешгирии зӯроварӣ дар оила;

- мусоидат намудан ба татбиқи сиёсати давлатӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила;

- ташаккули вазъи тоқатнопазирии ҷомеа нисбат ба зӯроварӣ дар оила;

- ошкор, пешгирӣ ва бартарафсозии сабаб ва шароитҳои ба зӯроварӣ дар оила мусоидаткунанда;

- мусоидат ба баланд бардоштани масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд.

**Моддаи 3. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила**

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, иборат мебошад.

**Моддаи 4. Доираи амали Қонуни мазкур**

Амали Қонуни мазкур нисбат ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқомат дошта, дар ақди никоҳ мебошанд ва аъзои оилаи онҳо, ҳамчунин нисбат ба шахсоне, ки бо пешбурди хоҷагии умумӣ якҷоя зиндагӣ мекунанд, татбиқ мегардад.

**Моддаи 5. Принсипҳои пешгирии зӯроварӣ дар оила**

Пешгирии зӯроварӣ дар оила ба принсипҳои зерин асос меёбад:

- эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;
- қонуният;
- инсондӯстӣ;
- махфӣ будани иттилоот оид ба зӯроварӣ дар оила;
- дастгирӣ ва таъмини пойдории оила;
- иштироки аҳли ҷомеа, мақомоту ташкилотҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ ва хусусӣ дар низоми иҷтимоӣ ва ҳуқуқии ҳифзи ҳаёт ва саломатии аъзои оила;
- бартарии чораҳои пешгирикунанда нисбат ба чораҳои ҷавобгарӣ;
- ногузирии ҷавобгарӣ барои зӯроварӣ дар оила.

**Моддаи 6. Ҳуқуқҳои ҷабрдида**

Ҷабрдида ҳуқуқҳои зеринро дорад:

- кӯмаки тиббӣ, равонӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоиро гирад;
- бо розигии хаттиаш дар марказҳои ёрирасон, марказҳо ё бахшҳои офиятбахшии тиббию иҷтимоӣ барои ҷабрдидагон ҷойгир карда шавад;
- маслиҳатҳои ҳуқуқӣ ва дигар иттилоотро оид ба ҳифзи амнияташ гирад;
- ба мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ бо мақсади маҳкумкунии ҷамъиятии рафтори шахси зӯроварӣ дар оиларо содирнамуда муроҷиат намояд;
- ба мақомоти корҳои дохилӣ, прокуратура ё суд дар бораи ба ҷавобгарӣ кашидани шахси зӯроварӣ дар оиларо содирнамуда муроҷиат намояд.

## БОБИ 2. СУБЪЕКТҲОИ ПЕШГИРИКУНАНДАИ ЗӮРОВАРӢ ДАР ОИЛА

**Моддаи 7. Салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба пешгирии зўроварӣ дар оила**

Ба салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба пешгирии зўроварӣ дар оила мансубанд:

- таъмини татбиқи сиёсати давлатӣ оид ба пешгирии зўроварӣ дар оила;
- тасдиқ намудани барномаҳои давлатӣ оид ба пешгирии зўроварӣ дар оила;
- ҳамоҳангсозии фаъолияти субъектҳои пешгирикунандаи зўроварӣ дар оила;
- тасдиқ намудани низомнома ва оинномаи намунавии марказҳои ёрирасон;
- амалӣ намудани дигар ваколатҳое, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудаанд.

**Моддаи 8. Ваколатҳои мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ оид ба пешгирии зўроварӣ дар оила**

Мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ оид ба пешгирии зўроварӣ дар оила ваколатҳои зеринро доранд:

- таъмини иҷрои барномаҳои давлатӣ оид ба пешгирии зўроварӣ дар оила;
- таҳия, тасдиқ ва амалӣ намудани барномаҳои маҳаллӣ оид ба пешгирии зўроварӣ дар оила ва ҳамкорӣ бо дигар субъектҳои пешгирикунандаи зўроварӣ дар оила;
- андешидани тадбирҳо оид ба пешгирии зўроварӣ дар оила;
- таъсис додани муассисаҳое, ки ҳифзи иҷтимоӣ ва ҳуқуқии шаҳрвандонро аз зўроварӣ дар оила амалӣ менамоянд;
- амалӣ намудани дигар ваколатҳое, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудаанд.

**Моддаи 9. Ваколатҳои мақомоти давлатии кор бо занон ва оила оид ба пешгирии зўроварӣ дар оила**

Мақомоти давлатии кор бо занон ва оила оид ба пешгирии зўроварӣ дар оила ваколатҳои зеринро доранд:

- иштирок дар таҳия ва татбиқи барномаҳо оид ба пешгирии зўроварӣ дар оила ва ҳамкорӣ бо дигар субъектҳои пешгирикунандаи зўроварӣ дар оила;
- таҳлили сабаб ва шароитҳои ба зўроварӣ дар оила мусоидаткунанда;

- пешниҳоди таклифҳо ба мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҷиҳати андешидани тадбирҳо оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила;

- андешидани тадбирҳои иттилоотию табличотӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила;

- амалӣ намудани дигар ваколатҳое, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудаанд.

**Моддаи 10. Ваколатҳои комиссияҳо оид ба ҳуқуқи кӯдак доир ба пешгирии зӯроварӣ дар оила**

Комиссияҳо оид ба ҳуқуқи кӯдак доир ба пешгирии зӯроварӣ дар оила ваколатҳои зеринро доранд:

- иштирок дар таҳия ва татбиқи барномаҳо оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила ва ҳамкорӣ бо дигар субъектҳои пешгирикунандаи зӯроварӣ дар оила;

- пешниҳоди таклифҳо ба мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатҳ ҷиҳати андешидани тадбирҳо оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила дар байни ноболиғон;

- татбиқи чораҳои зарурӣ нисбат ба ҷабрдидаи ноболиғ ва офиятбахшии ӯ дар ҳамкорӣ бо дигар субъектҳои пешгирикунандаи зӯроварӣ дар оила;

- намояндагӣ дар мақомоти тафтишоти пешакӣ ва суд ҷиҳати ҳифзи манфиатҳои қонунии ноболиғоне, ки таҳти зӯроварӣ дар оила қарор гирифтаанд;

- баррасии масъалаи ба хонаи кӯдакон фиристодани кӯдакони мунтазам таҳти зӯроварӣ дар оила қарордошта;

- ҷиҳати андешидани тадбирҳои дахлдор ба мақомоти корҳои дохилӣ пешниҳод намудани маълумот оид ба шахсоне, ки нисбат ба узви ноболиғи оила зӯроварӣ содир намудаанд ё таҳдиди содир намудани онро кардаанд;

- амалӣ намудани дигар ваколатҳое, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудаанд.

**Моддаи 11. Ваколатҳои мақомоти корҳои дохилӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила**

Мақомоти корҳои дохилӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила ваколатҳои зеринро доранд:

- иштирок дар таҳия ва татбиқи барномаҳо оид ба пешгирии зўроварӣ дар оила ва ҳамкорӣ бо дигар субъектҳои пешгирикунандаи зўроварӣ дар оила;

- қабул, баррасии муроҷиатҳо ва дигар маълумот дар хусуси зўроварӣ дар оила ё таҳдиди содир шудани он бо тартиби пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- ошкор намудани сабаб ва шароитҳои барои зўроварӣ дар оила мусоидаткунанда;

- ба қайд гирифтани шахси зўроварӣ дар оиларо содирнамуда ва нисбати ў татбиқ намудани чораҳои тарбиявию пешгирикунанда;

- ҳангоми муроҷиат ба ҷабрдида фаҳмонидани ҳуқуқҳои ў ва дар ҳолати зарурӣ ба муоинаи тиббӣ фиристодани ҷабрдида;

- бо розигии хаттии ҷабрдида ба марказҳои ёрирасон, марказҳо ё бахшҳои офиятбахшии тиббию иҷтимоӣ барои ҷабрдидагон фиристодани ў;

- додани амрномаи муҳофизатӣ ба шахси зўроварӣ дар оиларо содирнамуда;

- тартиб додани мавод, оғоз намудани парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ё парвандаи ҷиноятӣ нисбат ба шахси зўроварӣ дар оиларо содирнамуда бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- ба қайд гирифтани оилаҳое, ки дар онҳо мунтазам ҳодисаҳои зўроварӣ ҷой доранд ва татбиқ намудани чораҳои пешгирикунанда ҷиҳати устувор намудани оила;

- пешбурди баҳисобгирии омории ҳодисаҳои зўроварӣ дар оила;

- ташкили курсҳои махсуси таълимӣ оид ба масъалаҳои пешгирии зўроварӣ дар оила барои кормандони мақомоти корҳои дохилӣ;

- амалҳ намудани дигар ваколатҳое, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудаанд.

**Моддаи 12. Ваколатҳои мақомоти соҳаи маориф оид ба пешгирии зўроварҳӣ дар оила**

Мақомоти соҳаи маориф оид ба пешгирии зўроварӣ дар оила ваколатҳои зеринро доранд:

- иштирок дар таҳия ва татбиқи барномаҳо оид ба пешгирии зўроварӣ дар оила ва ҳамкорӣ бо дигар субъектҳои пешгирикунандаи зўроварӣ дар оила;

- ҳамкорӣ бо падару модар ё дигар намояндаи қонунии ноболиғ оид ба масъалаҳои таълиму тарбияи фарзандон;

- ошкор намудан ва ҷиҳати андешидани тадбирҳои мушаххас ба мақомоти дахлдори давлатӣ пешниҳод намудани маълумот оид ба тарбиягирандагон ва таълимгирандагоне, ки таҳти зӯроварӣ дар оила қарор гирифтаанд;

- андешидани тадбирҳои иттилоотию табличотӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила;

- амалӣ намудани дигар ваколатҳое, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудаанд.

**Моддаи 13. Ваколатҳои мақомоти соҳаи тандурустӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила**

Мақомоти соҳаи тандурустӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила ваколатҳои зеринро доранд:

- иштирок дар таҳия ва татбиқи барномаҳо оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила ва ҳамкорӣ бо дигар субъектҳои пешгирикунандаи зӯроварӣ дар оила;

- таҳия ва дар амалияи муассисаҳои соҳаи тандурустӣ ҷорӣ намудани тавсияҳои методӣ оид ба расонидани кӯмаки аввалияи тиббию равонӣ ба ҷабрдидагон;

- расонидани кӯмаки аввалияи тиббҳ, ҳамчунин расонидани кӯмаки равонҳ, равонпизишкҳ, наркологҳ ва пешгирию табобатҳ ба ҷабрдида ва шахси зӯроварҳ дар оиларо содирнамуда;

- пешниҳод намудани маълумот ба мақомоти корҳои дохилҳ оид ба мурочиати ҷабрдида ва кӯмаки тиббии ба ӯ расонидашуда;

- амалҳ намудани дигар ваколатҳое, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудаанд.

**Моддаи 14. Ваколатҳои мақомоти соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила**

Мақомоти соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила ваколатҳои зеринро доранд:

- иштирок дар таҳия ва татбиқи барномаҳо оид ба пешгирии зӯроварҳӣ дар оила ва ҳамкорӣ бо дигар субъектҳои пешгирикунандаи зӯроварӣ дар оила;

- ҳангоми мурочиат ба ҷабрдида фаҳмонидани ҳуқуқҳои иҷтимоии ӯ ва расонидани кӯмаки иҷтимоӣ ба ҷабрдида;

- дар ҳамкорӣ бо мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ андешидани тадбирҳо ҷиҳати бо ҷои кор таъмин намудани ҷабрдида ва шахси зӯроварӣ дар оиларо содирнамуда;

- амалӣ намудани дигар ваколатҳое, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудаанд.

**Моддаи 15. Ваколатҳои мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ, корхонаҳо, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳо оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила**

1. Мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот фаъолияти субъектҳои пешгирикунандаи зӯроварӣ дар оиларо дар ҳудуди шаҳрак ва деҳот ҳамоҳанг сохта, дар таҳия ва татбиқи барномаҳои маҳаллӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила иштирок мекунанд, барои пешгирӣ ва бартарафсозии оқибатҳои он тадбирҳои заруриро меандешанд.

2. Мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ дар ҳудуди дахлдор оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила корҳои фаҳмондадиҳӣ, таблиғотӣ ва ташвиқотиро амалӣ намуда, ҷиҳати пойдории оила тадбирҳо меандешанд.

3. Корхонаҳо, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳо, сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқиашон, ҷиҳати пешгирии зӯроварӣ дар оила ва бартарафсозии оқибатҳои он тадбирҳои заруриро меандешанд ва метавонанд ба ҷабрдидагон, ки кормандон ё аъзои онҳо мебошанд барои барқарорсозии саломатиашон кӯмак расонанд.

**Моддаи 16. Марказҳои ёрирасон**

1. Марказҳои ёрирасон аз ҷониби мақомоти давлатӣ, шахсони воқеӣ ва ё ҳуқуқӣ дар шакли муассиса таъсис дода мешаванд. Марказҳои ёрирасон шахси ҳуқуқӣ буда, ба ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ мансубанд ва фаъолияти худро дар асоси низомнома ё оинномa амалӣ менамоянд.

2. Марказҳои ёрирасон оид ба пешгирӣ ва ҳифзи иҷтимоию ҳуқуқӣ аз зӯроварӣ дар оила вазифаҳои зеринро иҷро менамоянд:

- иштирок дар татбиқи барномаҳо оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила ва ҳамкорӣ бо дигар субъектҳои пешгирикунандаи зӯроварӣ дар оила;

- қабули ҷабрдидагон;

- ба таври ройгон ба ҷабрдида расонидани кӯмаки зарурии тиббӣ, равонӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ;

- додани паноҳгоҳ барои будубоши муваққатии ҷабрдида;

- ба мақомоти корҳои дохилӣ бо розигии ҷабрдида пешниҳод намудани маълумот дар бораи далелҳои ошкоршудаи таҳдиди воқеии содир намудани зӯроварӣ дар оила ё далелҳои содир шудани чунин зӯроварӣ;

- таҳлил ва ҷамъбасти сабаб ва шароитҳои ба зӯроварӣ дар оила мусоидаткунанда;

- андешидани тадбирҳо ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи огоҳсозии аҳолӣ оид ба масъалаҳои пешгирии зӯроварӣ дар оила;

- бо дархости дигар субъектҳои пешгирикунандаи зӯроварӣ дар оила пешниҳод намудани маълумот доир ба ҳолатҳои зӯроварӣ дар оила;

- вазифаҳои дигаре, ки низомнома ё оинномаи маркази ёрирасон пешбинӣ намудаанд.

**Моддаи 17. Марказҳо ё бахшҳои офиятбахшии тиббию иҷтимоӣ барои ҷабрдидагон**

1. Марказҳо ё бахшҳои офиятбахшии тиббию иҷтимоӣ барои ҷабрдидагон вобаста ба эҳтиёҷоти мушаххас бо қарори мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар мувофиқа бо мақомоти соҳаи тандурустӣ дар беморхонаҳои марказии шаҳрӣ, ноҳиявӣ ё дармонгоҳҳои марказии шаҳрӣ, ноҳиявӣ таъсис дода шуда, шахси ҳуқуқӣ намебошанд. Реҷаи кории марказҳо ё бахшҳои офиятбахшии тиббию иҷтимоӣ барои ҷабрдидагон бояд ба реҷаи кории беморхона ва дармонгоҳ мувофиқ бошад.

2. Хароҷоти офиятбахшии тиббию иҷтимоии ҷабрдида аз ҷониби шахси зӯроварӣ дар оиларо содирнамуда тибқи нархномаи барои муассисаҳои тандурустӣ муқаррааргардида ҷуброн карда мешавад.

3. Ҷабрдида дар марказҳо ё бахшҳои офиятбахшии тиббию иҷтимоӣ дар асоси аризаи ӯ ё роҳхати мақомоти дахлдори давлатӣ ҷойгир карда мешавад. Барои дар марказҳои мазкур ҷойгир кардани ҷабрдидаи ноболиғ розигии падар, модар ё шахсони онҳоро ивазкунанда, мақомоти васоят ва парасторӣ зарур мебошад.

4. Ҷабрдида дар марказҳо ё бахшҳои офиятбахшии тиббию иҷтимоӣ дар давоми мӯҳлате, ки барои муолиҷаи тиббӣ ва офиятбахшии равонию иҷтимоии ӯ зарур аст, нигоҳ дошта мешавад.

5. Марказҳо ё бахшҳои тавонбахшии тиббию иҷтимоӣ барои ҷабрдидагон вазифаҳои зеринро иҷро менамоянд:

- расонидани кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ, иҷтимоӣ, равонӣ ва дигар намудҳои кӯмак;
- ҳангоми зарурат фиристодани ҷабрдида барои муолиҷаи дахлдор;
- ҳангоми зарурат бо розигии ҷабрдида ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ пешниҳод намудани маълумот дар бораи зӯроварии содиршуда;
- бо дархости дигар субъектҳои пешгирикунандаи зӯроварӣ дар оила пешниҳод намудани маълумот доир ба ҳолатҳои зӯроварӣ дар оила.

## БОБИ 3. ЧОРАҲОИ ФАРДИИ ПЕШГИРИИ ЗӮРОВАРӢ ДАР ОИЛА. МАБЛАҒГУЗОРИИ ФАЪОЛИЯТ ВОБАСТА БА ПЕШГИРИИ ЗӮРОВАРӢ ДАР ОИЛА

### Моддаи 18. Чораҳои фардии пешгирии зӯроварӣ дар оила

1. Чораҳои фардии пешгирии зӯроварӣ дар оила барои таъсиррасонии мақсаднок ба шуур ва рафтори шахси зӯроварӣ дар оиларо содирнамуда ҷиҳати пешгирии содир намудани ҳуқуқвайронкунӣ аз ҷониби ӯ ва таъмини амнияти ҷабрдида татбиқ карда мешаванд.

2. Чораҳои фардии пешгирии зӯроварӣ дар оила аз инҳо иборат мебошанд:

- сӯҳбати хусусияти тарбиявидошта;
- ба мақомоти корҳои дохилӣ овардани шахси зӯроварӣ дар оиларо содирнамуда;
- амрномаи муҳофизатӣ;
- дастгиркунии маъмурӣ;
- татбиқи чораҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла чораҳои маҷбуркунии дорои хусусияти тиббӣ;
- бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳрум кардан аз ҳуқуқи падарию модарӣ, бекор кардани фарзандхондӣ, васоят ё парасторӣ;
- ҷойгир кардани ҷабрдида дар марказҳои ёрирасон, марказҳо ё бахшҳои тавонбахшии тиббию иҷтимоӣ барои ҷабрдидагон.

3. Чораҳои фардии пешгирии зӯроварӣ дар оила бо назардошти хислатҳои фардии шахсе, ки нисбат ба ӯ ин чораҳо

татбиқ карда метавонанд ва хавфнокии кирдори содирнамудаи ӯ интихоб карда метавонанд.

4. Шахсони манфиатдор метавонанд бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз болои қарор дар бораи татбиқи чораҳои фардии пешгирии зӯроварӣ дар оила шикоят кунанд.

**Моддаи 19. Асосҳои татбиқи чораҳои фардии пешгирии зӯроварӣ дар оила**

1. Асосӣ барои татбиқи чораҳои фардии пешгирии зӯроварӣ дар оила ҳолатҳои зерин шуда метавонанд:

- аризаи ҷабрдида ё маълумоти шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ;
- ошкор намудани ҳолати зӯроварӣ дар оила аз ҷониби мақомоти корҳои дохилӣ;
- маълумоте, ки аз ҷониби дигар субъектҳои пешгирикунандаи зӯроварӣ дар оила пешниҳод шудаанд.

2. Ариза ва маълумот оид ба содир шудани зӯроварӣ дар оила ё таҳдиди содир шудани он аз ҷониби мақомоти дахлдори давлатӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ карда метавонанд.

**Моддаи 20. Сӯҳбати хусусияти тарбиявидошта**

1. Сӯҳбати хусусияти тарбиявидошта бо шахси зӯроварӣ дар оиларо содирнамуда ва ҷабрдида аз ҷониби субъектҳои пешгирикунандаи зӯроварӣ дар оила бо мақсади ошкор кардани сабаб ва шароитҳое, ки боиси содиршавии зуроварӣ дар оила шудаанд, фаҳмонидани оқибатҳои иҷтимоию ҳуқуқии он, барқарорсозӣ ва таҳкими устувории оила гузаронида мешавад.

2. Сӯҳбати хусусияти тарбиявидошта дар бинои хизматии субъектҳои пешгирикунандаи зӯроварӣ дар оила, инчунин дар ҷои зист, таҳсил ё ҷои кор гузаронида мешавад.

3. Шахсе, ки бо ӯ сӯҳбати хусусияти тарбиявидошта гузаронида мешавад, дар бораи қатъ кардан ва минбаъд такрор накардани кирдори зиддиҳуқуқӣ огоҳонида мешавад.

4. Сӯҳбати хусусияти тарбиявидошта бо ноболиғон дар ҳузури падару модар, омӯзгор ё дигар намояндаи қонунии онҳо гузаронида мешавад.

**Моддаи 21. Амрномаи муҳофизатӣ**

1. Барои баровардани амрномаи муҳофизатӣ муроҷиат оид ба ҳолати содир шудани зӯроварӣ дар оила ё таҳдиди содир намудани он асос мебошад.

2. Шахсе, ки амрномаи муҳофизатиро гирифтааст, ӯҳдадор аст талаботи дар он пешбинишударо иҷро намояд. Дар ҳолати иҷро накардани талаботи зикргардида шахси мазкур бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида мешавад.

3. Амрномаи муҳофизатӣ ба шахси мукаллафи зӯроварӣ дар оиларо содирнамуда, ки ҳангоми баровардани он ба синни 16-солагӣ расидааст, дода мешавад.

4. Амрномаи муҳофизатӣ ба шахси зӯроварӣ дар оиларо содирнамуда аз ҷониби сардор ё муовинони сардори мақомоти корҳои дохилии маҳалли содир шудани зӯроварӣ дар оила дар муддати 24 соат аз лаҳзаи содир шудани зӯроварӣ дар оила ё ҷой доштани таҳдиди содиршавии он ё аз лаҳзаи додани ариза дар бораи содир шудани зӯроварӣ дар оила дода мешавад.

5. Амрномаи муҳофизатӣ ба мӯҳлати то 15 рӯз дода мешавад. Дар асоси аризаи ҷабрдида ё намояндаи қонунии ӯ мумкин аст мӯҳлати амрномаи муҳофизатӣ бо дархости сардори мақомоти корҳои дохилӣ ва розигии прокурор то 30 рӯз дароз карда шавад.

6. Дар амрномаи муҳофизатӣ насаб, ном ва номи падари шахси зӯроварӣ дар оиларо содирнамуда ё таҳдиди содир кардани онро намуда, вақт ва ҷойи додани амрнома, ҷой, вақт ва ҳолати содир кардани зӯроварӣ дар оила ё таҳдиди содир кардани он, талаботи пешбинишуда ва мӯҳлати амали онҳо, оқибатҳои ҳуқуқӣ дар сурати давом додани ҳаракатҳои зиддиҳуқуқӣ ва риоя накардани талаботи амрномаи мазкур, мансаб, насаб, ном ва номи падари шахси амрномаи муҳофизатиро бароварда зикр мегарданд.

7. Амрномаи муҳофизатӣ нисбати шахси зӯроварӣ дар оиларо содирнамуда метавонад талаботи зеринро пешбинӣ намояд:

- манъ кардани ҳама гуна зӯроварӣ нисбати ҷабрдида, бар хилофи хоҳиши ҷабрдида анҷом додани ҷустуҷӯ, пайгирӣ, ташриф, муоширати ва дигар муносибатҳое, ки ҳуқуқу озодиҳои ҷабрдидаро маҳдуд месозанд;

- тавсия барои дар вақти муайян ба манзили истиқоматӣ ҳозир шудан;

- манъ кардани истеъмоли нӯшокиҳои спиртӣ ва моддаҳои мадҳушкунанда дар вақти амали амрномаи муҳофизатӣ.

8. Иҷро накардани талаботи дар қисми 7 моддаи мазкур зикргардида, ки боиси ҷавобгарии маъмурӣ гардидааст, мӯҳлати амали амрномаи муҳофизатиро бознамедорад.

9. Аз болои амрномаи муҳофизатӣ ба суд шикоят кардан мумкин аст. Шикоят дар мӯҳлати то се шабонарӯз бояд баррасӣ гардад. Шикоят ба суд амали амрномаи муҳофизатиро бознамедорад.

10. Нусхаи амрномаи муҳофизатӣ ба ҷабрдида дода мешавад.

11. Назорати иҷрои талаботи амрномаи муҳофизатӣ аз тарафи мақомоти корҳои дохилие, ки онро баровардааст, амалӣ карда мешавад.

**Моддаи 22. Дастгиркунии маъмурӣ**

Бо мақсади пешгирии зӯроварӣ дар оила, ки таркиби ҳуқуқвайронкунии маъмуриро дорад ва кофӣ набудани амрномаи муҳофизатӣ ҷиҳати таъмини амнияти ҷабрдида, шахси мансабдори мақомоти корҳои дохилӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дастгиркунии маъмурии шахси зӯроварӣ дар оила содирнамударо анҷом медиҳад.

**Моддаи 23. Маблағгузории фаъолияти субъектҳои пешгирикунандаи зӯроварӣ дар оила**

Фаъолияти субъектҳои пешгирикунандаи зӯроварӣ дар оила аз ҳисоби буҷети давлатӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ва дигар манбаъҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, маблағгузорӣ карда мешавад.

## БОБИ 4. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

**Моддаи 24. Риояи махфияти маълумот вобаста ба зӯроварӣ дар оила**

Маълумот дар бораи ҳаёти шахсӣ ва оилавии ҷабрдидагон иттилооти махфӣ буда, бояд ифшо нашаванд. Ифшо намудани иттилооти мазкур аз ҷониби шахсе, ки вобаста ба вазъи хизматӣ аз зӯроварӣ дар оила бохабар шудааст, боиси ҷавобгарии муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мегардад.

**Моддаи 25. Ҷавобгарӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур**

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**Моддаи 26. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур**

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон**

ш. Душанбе,
19 марти соли 2013, № 954

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР БОРАИ ВЕТЕРАНҲО

Ин Қонун статуси ветеранҳоро муайян намуда, назму тартиби татбиқи сиёсати давлатро нисбати ветеранҳо муқаррар мекунад.

## ФАСЛИ I. ҚОИДАҲОИ УМУМӢ

**Моддаи 1. Мақсад ва вазифаҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ветеранҳо**

Мақсади қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ветеранҳо аз он иборат аст, ки барои таъмини зиндагии шоистаи ветеранҳо ва иштироки фаъоли онҳо дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти ҷамъият ва давлат шароити зарурӣ муҳайё гардад.

Вазифаҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ветеранҳо аз инҳо иборатанд:

танзими муносибатҳои ҷамъиятие, ки субъекти онҳо ветеранҳо мебошанд;

ҳимояи ҳамаҷонибаи ҳуқуқу озодиҳо ва манфиатҳои ветеранҳо;

дар ҷамъият устувор намудани муносибати боэҳтиромона нисбати ветеранҳо;

тарбияи ватандӯстонаи шаҳрвандон.

**Моддаи 2. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ветеранҳо**

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ветеранҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз ин Қонун дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин шартномаҳои байналхалқие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирокчии онҳо мебошад, иборат аст.

**Моддаи 3. Таносуби байни ин Қонун ва шартномаҳои байналхалқӣ**

Агар дар шартномаи байкалхалқии Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёрҳое муқаррар шуда бошанд, ки аз меъёрҳои ин Қонун тафовут

доранд, он гоҳ меъёрҳои шартномаи байналхалқӣ истифода бурда мешаванд.

**Моддаи 4. Шахсоне, ки амали ин Қонун нисбати онҳо татбиқ мегардад**

Амали ин Қонун нисбати шаҳрвандоне татбиқ мегардад, ки онҳо дар қаламрави ҷумҳури сукунати доимӣ дошта, мувофиқи Қонун ветеран дониста мешаванд.

Статуси ветеранҳо - шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар қаламрави давлатҳои дигар сукунат доранд, тавассути шартномаҳои байналхалқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

**Моддаи 5. Татбиқи амали ин Қонун нисбати ветеранҳо - шаҳрвандони давлатҳои дигар**

Ветеранҳо - шаҳрвандони хориҷӣ, ветеранҳо - шахсони бетабаа, ки муваққатан ё доими дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон буду бош доранд, аз ҳуқуқу кафолатҳо ва ҷубронот ба андозае истифода менамоянд, ки тавассути шартномаҳои байналхалқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ин Қонун муайян карда шудаанд.

**Моддаи 6. Мафҳумҳое, ки дар ин Қонун мавриди истифода қарор гирифтаанд**

Мафҳумҳое, ки дар ин Қонун мавриди истифода қарор гирифтаанд, мазмуни зайл доранд:

"кам кардани (озод будан аз) пардохти хизматрасонии коммуналӣ "обтаъминкунӣ, обпартоӣ, кашонда бурдани партовҳои маишӣ ва дигар партовҳо, таъминот бо газ, таъминот бо гармӣ ва қувваи барқ - дар ҳудуди меъёрҳои истифода аз хизматрасониҳои коммуналӣ;

"кам кардани (озод будан аз) пардохти хизмати алоқа" - пардохти пули телефон, радио, ҳаққи истифодабарии антеннаи коллективӣ- дар ҳудуди меъёрҳои истифода аз хизматрасонии алоқа;

"кам кардани (озод будан аз) пардохти ҳаққи манзили ишғолнамудаи истиқоматӣ" - кам кардани (озод будан аз) пардохти ҳаққи масоҳати умумии манзили ишғолнамудаи истиқоматӣ - дар ҳудуди меъёрҳои иҷтимоӣ.

## ФАСЛИ II. СИЁСАТИ ДАВЛАТ НИСБАТИ ВЕТЕРАНҲО

### Моддаи 7. Сиёсати давлат нисбати ветеранҳо

Сиёсати давлат нисбати ветеранҳо аз статуси конститутсионии Тоҷикистон ҳамчун давлати иҷтимои бармеояд, ки он барои муҳайё намудани шароит ҷиҳати таъмини зиндагии шоиста ва рушду камоли озодонаи инсон нигаронида шуда, маҷмӯи тадбирҳои ҳуқуқӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, фарҳангию маърифатӣ, ташкилӣ ва тадбирҳои дигарро дарбар мегирад, ки онҳо чораҳои зайлро пешбинӣ мекунанд:

Таҳия ва татбиқи барномаҳои мақсаднок, ки ҳимояи ҳуқуқи ва иҷтимоии ветеранҳоро таъмин менамоянд;

аз тарафи мақомоти ҳокимият ва идораи давлатӣ ба назар гирифтани манфиатҳои ветеранҳо ҳангоми таҳия ва татбиқи муҳимтарин барномаҳои давлатии тараққиёти иҷтимоию иқтисодии кишвар;

ҷалб намудами ветеранҳо барои иштироки бевосита дар идоракунии давлат ва ҷамъият;

мусоидат намудан ба ташкилотҳои ветеранҳо дар амалӣ гардонидани вазифаҳо ва ваколатҳояшон;

таблиғ намудани аҳамияти хизмати ҳарбӣ ва фаъолияти меҳнатӣ, нуфузу эътибори мукофотҳои давлатӣ барои корнамоиҳои ҷангӣ ва меҳнатӣ.

### Моддаи 8. Кафолатҳои ҳимояи иҷтимоӣ ва ҳуқуқии ветеранҳо

Давлат таъмини дараҷаи шоистаи зиндагиро ба ветеранҳо кафолат дода, ҳуқуқҳо, озоди ва манфиатҳои онҳоро ба воситаи мақомоти ҳокимияти қонунгузорӣ, иҷроиявӣ ва судӣ ҳимоя мекунад.

Ҳуқуқҳо ва дигар тадбирҳои ҳимояи иҷтимои, ки пештар барои ветеранҳо ва оилаҳои онҳо тавассути қонунгузории Иттиҳоди ҶШС ва Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шудаанд, бе додани подоши баробарарзиш ба тартибе, ки Қонун муайян кардааст, бекор карда шуда наметавонанд.

Ба ҳеҷ гуна маҳдуд кардани ҳуқуқ ва имтиёзоте, ки ин Қонун барои ветеранҳо ва аҳли оилаҳои онҳо пешбинӣ мекунад, роҳ дода намешавад.

Амалигардонии ҳуқуқ ва кафолату ҷуброноте, ки қонунгузорӣ дар бораи ветеранҳо муқаррар намудааст, аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин карда мешавад.

**Моддаи 9. Вазифаҳо ва ҳуқуқҳои мақомоти давлатӣ, шахсони мансабдор, корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо ва шаҳрвандон нисбати ветеранҳо**

Мақомоти давлати, шахсони мансабдор, корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо, сарфи назар аз шаклҳои моликият ва шароити хоҷагидорӣ ва шаҳрвандон бояд дар ҳаққи ветеранҳо ба аломати эътирофи хизматхои шоистаашон дар назди давлат ва ҷамъият ҷамхорӣ зоҳир намоянд.

Мақомоти давлатӣ, корхонаҳо, ташкилотҳо ва муассисаҳо, сарфи назар аз шакли моликият ва шароити хоҷагидорӣ, метавонанд дар бораи аз ҳисоби захираҳои худи дидани чораҳои иловагӣ нисбати ҳимояи иҷтимоии ветеранҳо, ки дар ин Қонун пешбинӣ нашудаанд, қарор қабул намоянд.

**Моддаи 10. Ташкилоти ветеранҳо**

Бо мақсади ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои аз тарафи Қонун ҳимоя кардашавандаи ветеранҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкилотҳои ветеранҳо барпошуда метавонанд.

Ташкилотҳои ветеранҳо фаъолияти худро мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва оинномаи ташкилот амали менамоянд ва ба тартиби муқарраркардаи Қонун ҳақ доранд дар таҳия ва қабул кардани қарорҳое, ки мақомоти давлати нисбати ветеранҳо қабул менамоянд, иштирок кунанд.

**Моддаи 11. Кафолатҳои фаъолияти ташкилотҳои ветеранҳо**

Мақомоти давлатӣ, инчунин корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо, сарфи назар аз шакли моликият ва шароити хоҷагидорӣ, дар доираи салоҳиятҳои худ метавонанд ба ташкилотҳои ветеранҳо ёрии молиявӣ расонанд, аз ҳисоби маблағи буҷетҳои дахлдор қарз диҳанд, бепул ё дар асоси имтиёзнок дар ихтиёри онҳо ҷою биноҳо, таҷҳизот ва амволи дигарро, ки барои иҷрои вазифаҳои оинномавиашон заруранд, вогузор намоянд.

**Моддаи 12. Кафолатҳои фаъолияти корхонаҳое, ки моликияти ташкилотҳои ветеранҳо мебошанд**

Корхонаҳое, ки моликияти ташкилотҳои ветеранҳо мебошанд, аз пардохти андозҳо ва боҷу хироҷ дар мавридҳо ва ба

тартибе, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст, пурра ё қисман озод буда метавонанд.

## ФАСЛИ III. КАТЕГОРИЯИ ВЕТЕРАН

### Моддаи 13. Категорияи ветеранҳо

Ветеранҳо ба сурати комил дорои ҳуқуқу озодиҳои сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва шахсӣ мебошанд ва ба ўҳдаи худ вазифа ва масъулиятҳое доранд, ки Конститутсия ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудаанд.

Ветеранҳо ба чунин категорияҳо тақсим мешаванд:

ветеранҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ;

ветеранҳои амалиёти ҷангӣ дар қаламрави давлатҳои дигар;

ветеранҳои хизмати ҳарбӣ;

ветеранҳои меҳнат.

### Моддаи 14. Ветеранҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ

Ветеранҳои Ҷанги Бузурги Ватани шаҳрвандоне мебошанд, ки дар амалиёти ҷангӣ барои ҳифзи Ватан ё таъминоти қисмҳои армияи амалкунанда дар минтақаҳои амалиёти ҷангӣ бевосита иштирок кардаанд, инчунин шахсоне, ки хизмати ҳарбиро солҳои Ҷанги Бузурги Ватанҷ сипарӣ намудаанд, дар ақибгоҳ шаш моҳ, ба истиснои давраи кор дар қаламрави муваққатан аз тарафи душман истилогардидаи ИҶШС, кор кардаанд, ё барои меҳнати фидокорона ва хизмати бенуқсон дар ақибгоҳ бо ордену медалҳои ИҶШС дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ мукофотонида шудаанд.

Чунин шахсон ветеранҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ шуморида мешаванд:

а) хизматчиёни ҳарби, аз ҷумла ба эҳтиёт ҷавобшудагон (ба истеъфо баромадагон), ки хизмати ҳарбиро дар қисмҳои ҳарбӣ, штабҳо ва муассисаҳои дар давраи Ҷанги гражданӣ ва Ҷанги Бузурги Ватанӣ ба ҳайати армияи амалкунанда дохилшаванда адо намудаанд, дар амалиёти дигари ҷангӣ барои ҳифзи Иттиҳоди ҶШС иштирок кардаанд, партизанҳо ва пинҳонкорони Ҷанги граждани ва Ҷанги Бузурги Ватани;

б) хизматчиёни ҳарбӣ, аз ҷумла ба эҳтиёт (истеъфо) баромада, инчунин шахсони ҳайати роҳбарӣ ва қатории мақомоти корҳои дохилӣ ва амнияти давлатии Иттиҳоди ҶШС, ки хизматро дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар шаҳрҳое адо намудаанд, ки иштирок дар

муҳофизаи онҳо ба собиқаи хизмат ҷиҳати таъин намудани нафақа аз рӯи шарту шароити барои хизматчиёни ҳарбии қисмҳои ҳарбии армияи амалкунанда муқарраршуда ҳисоб карда мешавад;

в) шахсони ҳайати кирояи Армияи шӯравӣ, Флоти ҳарбии Баҳри, қӯшунҳо ва мақомоти корҳои дохилӣ ва амнияти давлатии ИҶШС, ки дар қисмҳо, штабҳо ва муассисаҳои ба ҳайати армияи амалкунанда дохилшаванда дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ аз рӯи штат соҳибмансаб буданд ё дар он давраҳо дар шаҳрҳое буданд, ки иштирок дар муҳофизаи онҳо ба собиқаи хизмат ҷиҳати таъин намудани нафақа аз рӯи шарту шароити барои хизматчиёни ҳарбии қисмҳои армияи амалкунанда муқарраршуда ҳисоб карда мешавад.

г) шахсоне, ки дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар ҳайати қисмхои ҳарбӣ, штабҳо ва муассисаҳои ба ҳайати армияи амалкунанда ва флот дохилшаванда ба сифати писархондҳои (тарбиягирандагони) полкҳо ва юнгаҳо шомил буданд;

д) шахсоне, ки дар амалиёти ҷангӣ бар зидди Германияи фашистӣ ва иттифоқчиёни он дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар қаламрави кишварҳои хориҷӣ дар ҳайати отрядҳои партизани, гурӯҳҳои пинҳонкор ва дигар воҳидҳои зиддифашистӣ иштирок кардаанд;

е) хизматчиёни ҳарбӣ, аз ҷумла онҳое, ки ба эҳтиёт (истеъфо) баромадаанд, шахсони ҳайати роҳбарӣ ва қатории мақомоти корҳои дохилӣ ва амнияти давлатӣ, шахсоне аз ҷумлаи ҷанговарон ва ҳайати фармондеҳии баталонҳои қиркунанда, взводҳо ва отрядҳои муҳофизати халқ, ки супоришҳои Ҷангии ҳукуматии Иттиҳоди ҶШС-ро дар давраи аз 1 январи соли 1944 то 9 майи соли 1945 дар қаламрави ИҶШС, ҶШС Белоруссия, ҶШС Литва, ҶШС Латвия ва ҶШС Эстония иҷро кардаанд.

**Моддаи 15. Дигар категорияҳои шаҳрвандоне, ки ба ветеранҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ баробар карда шудаанд**

Ба ҷумлаи ветеранҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ, ки дар моддаи 14-уми ин Қонун пешбинӣ гардидаанд, чунин шахсон низ дохил мешаванд:

а) коркунони воҳидҳои махсуси Комиссариати халқии роҳҳо, Комиссариати халқии алоқа, ҳайати шинокунандаи киштиҳои шикорӣ ва нақлиётӣ ва ҳайати парвозу боркашонии авиатсияи Комиссариати халқии саноати моҳии собиқ Иттиҳоди ҶШС, Флоти

баҳрию дарёи, ҳайати парвозу боркашонии авиатсияи роҳҳои асосии баҳрии шимолӣ, ки дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ ба ҳолати шахсони ба ҳайати Армияи Сурх дохилбуда гузаронида шуда, ба манфиати армияи амалкунанда ва флот вазифаҳоро дар ҳудуди сарҳадҳои ақибгоҳии фронтҳои амалкунанда, минтақаҳои оперативии флотҳо иҷро менамуданд, инчунин аъзоёни экипажи киштиҳои флоти нақлиётӣ, ки дар оғози Ҷанги Бузурги Ватанӣ ба бандарҳои давлатҳои дигар боздошта шуда буданд;

б) шахсоне, ки дар объектҳои мудофиаи зиддиҳавоӣ, мудофиаи зиддиҳавоии маҳаллӣ, дар сохтмони иншоотҳои мудофиавӣ, базаҳои баҳрӣ, аэродромҳо ва дигар объектҳои ҳарбии ҳудуди сарҳади ақибгоҳии фронтҳои амалкунанда, дар қитъаҳои роҳи оҳан ва автомобилии ба фронт наздик, дар госпиталҳои эвакуатсионӣ ва поёздҳои санитарӣ дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ кор кардаанд;

в) кормандони муассисаҳо, ташкилотҳо (аз ҷумла муассисаҳо ва ташкилотҳои фарҳанг ва санъат), намояндагони воситаҳои ахбори оммавӣ, ки дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ба ҳайати армияи амалкунанда ба командировка фиристода шудаанд;

г) шахсоне, ки дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ аз тарафи мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ ба ҷамъоварии муҳимот ва техникаи ҳарбӣ, аз мина тоза кардани минтақаҳо ва объектҳо ҷалб карда шудаанд;

д) шаҳрвандоне, ки дар давраи муҳосираи шаҳри Ленинград (аз 8 сентябри соли 1941 то 27 январи соли 1944) дар корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳои шаҳр кор кардаанд ва бо медали "Барои мудофиаи Ленинград" мукофотонида шудаанд ва шахсоне, ки бо нишони "Сокини Ленинградi дар муҳосирабуда" мукофотонида шудаанд;

е) шахсоне, ки бо ордену медалҳои Иттиҳоди ҶШС барои мехнати фидокорона ва хизмати бенуқсони ҳарбӣ дар ақибгоҳ дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ мукофотонида шудаанд;

ж) шахсоне, ки дар давраи аз 22 июни соли 1941 то 3 сентябри соли 1945 дар хизмати ҳарбӣ, дар хизмати мақомоти корҳои дохилӣ ва амнияти давлатӣ на камтар аз шаш моҳ буданд (ҷайр аз шахсоне, ки дар хизмати армияи амалкунанда қарор доштаанд);

з) шахсоне, ки дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар ақибгоҳ камаш шаш моҳ, ба истиснои вақти кор дар марзҳои муваққатан истилошудаи ИҶШС, кор кардаанд;

и) собиқ маҳбусони ноболиғи лагерҳои консентратсионӣ, гетто ва дигар ҷойҳои нигаҳдории маҷбурӣ, ки аз тарафи фашистон ва иттифоқчиёни онҳо дар давраи Ҷанги дуюми ҷаҳон сохта шуда буданд;

к) ҳамсари (шавҳари) маъюбони вафоткардаи Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва маъюбоне, ки ба онҳо баробар карда шудаанд, инчунин ҳамсари (шавҳари) иштирокчиёни вафоткардаи ҷанг, партизанҳо, пинҳонкорон, шаҳрвандоне, ки дар давраи муҳосираи шаҳри Ленинград дар муассисаҳо, корхонаҳо ва ташкилотҳои шаҳр кор кардаанд ва бо медали "Барои мудофиаи Ленинград" ва нишони "Сокини Ленингради дар муҳосирабуда" мукофотонида шуда, дар натиҷаи касалиҳои умумӣ, иллати (маъюбии) меҳатӣ ва дигар сабабҳо ҳамчун маъюб эътироф шудаанд (ба ҷайр аз шахсоне, ки дар натиҷаи амалҳои ҷайриқонуни маъюб шудаанд), ва никоҳи дигар накардаанд.

**Моддаи 16. Иштирокчиёни амалиёти ҷангӣ дар қаламрави давлатҳои дигар**

Чунин шахсон иштирокчиёни амалиёти ҷангӣ дар қаламрави давлатҳои дигар шуморида мешаванд:

а) хизматчиёни ҳарбӣ, аз ҷумла ба эҳтиёт (истеъфо) баромадагиҳо, ӯҳдадорони ҳарбие, ки ба ҷамъомадҳои ҳарбӣ ҷалб шудаанд, шахсони ҳайати қатори ва фармондеҳии мақомоти корҳои дохилӣ ва амнияти давлатӣ, кормандони мақомоти мазкур ва Вазорати мудофиаи собиқ ИҶШС, ки дар асоси қарори мақомоти ҳокимияти давлатии ИҶШС ба дигар давлатҳо фиристода шуда, ҳангоми иҷрои вазифаҳои ҳарбиашон (хизматиашон) дар ин давлатҳо дар амалиётҳои ҷангӣ иштирок кардаанд;

б) хизматчиёни ҳарбӣ, аз ҷумла ба эҳтиёт (истеъфо) баромадагиҳо, шахсони ҳайати қаторӣ ва роҳбарии мақомоти корҳои дохилӣ ва амнияти давлатӣ, ҷанговарон ва ҳайати фармондеҳии баталонҳои қиркунанда, взводҳо ва отрядҳои муҳофизаи халқ, ки ҳангоми иҷрои супоришоти Ҷангии ҳукуматӣ дар қаламрави ИҶШС дар давраи аз 10 маи соли 1945 то 31 декабри соли 1951 ё давраҳои дигар дар амалиёти ҷангӣ иштирок кардаанд;

в) хизматчиёни баталонҳои автомобилҷ, ки ба Афҷонистон барои кашондани борҳо дар давраи амалиёти ҷангҷ ба ин кишвар фиристода шудаанд;

г) хизматчиёни ҳарбии ҳайати парвозкунанда, ки аз қаламрвви Иттиҳоди ҶШС барои иҷрои супоришҳои Ҷанги ба Афҷонистон парвоз кардаанд;

д) кормандоне, ки (ба шумули аъзоёни экипажҳои парвозкунандаи самолётҳои авиатсияи граждан҇, ки дар давраи амалиёти ҷангӣ дар Афғонистон парвоз кардаанд) ба қисмҳои ҳарбии Қувваҳои Муссаллаҳи ИҶШС ҳудуди давлатҳои дигар хизмат расонида, маъюб шудаанд, садаме дидаанд, ё иллатнок гардидаанд, ё бо ордену медалҳои ИҶШС мукофотонида шудаанд;

е) кормандоне, ки аз декабри соли 1979 то декабри соли 1989 ба Афғонистон ба кор фиристода шуда, мӯҳлати хизмати муқarraршудаpo адо намудаанд ё бо сабабҳои узрнок пеш аз мӯҳлат пас фиристода шудаанд.

**Моддаи 17. Маъюбони Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва маъюбони амалиёти ҷангӣ дар қаламрави давлатҳои дигар**

Чунин шахсон маъюбони Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва маъюбони амалиёти ҷангӣ дар қаламрави давлатҳои дигар шуморида мешаванд:

а) хизматчиёни ҳарбӣ, аз ҷумла ба эҳтиёт (истеъфо) баромадагиҳо, (ба шумули тарбиягирандагони қисмҳои ҳарбӣ ва юнгаҳо), ки хизмати ҳарбиро адо намудаанд ё дар қисмҳои ҳарбӣ, штабҳо ва муассисаҳои шомили ҳайати армияи амалкунанда дохилшаванда муваққатан қарор доштанд, партизанҳо, пинҳонкорон, коргарон ва хизматчиёне, ки дар натиҷаи ярадоршавӣ, садама, иллат ё бемории дар давраи Ҷанги гражданӣ ва Ҷанги Бузурги Ватанӣ, дар минтақаҳои роҳи оҳани наздикии фронт, дар сохтмони иншоотҳои мудофиавӣ, базаҳои ҳарбии баҳрӣ, аэродромҳо гирифтор шудаашон маъюб гардидаанд ва онҳое, ки аз ҷиҳати таъмини нафақа ба хизматчиёни ҳарбии қисмҳои армияи амалкунанда баробар карда шудаанд;

б) хизматчиёни ҳарбие, ки дар натиҷаи ярадоршавӣ, садама, иллат ё бемории ҳангоми ҳифзи Ватан ё ҳангоми иҷрои вазифаҳои хизмати ҳарбӣ дар фронт, дар минтақаҳои амалиёти ҷангӣ маъюб шудаанд;

в) шахсони ҳайати қаторӣ ва роҳбарии мақомоти корҳои дохилӣ ва амнияти давлатӣ, ки дар натиҷаи ярадоршави, садама, иллат ё бемории ҳангоми иҷрои вазифаҳои хизматиашон дар минтқаҳои амалиёти ҷангӣ ба амаломада маъюб шудаанд;

г) хизматчиёни ҳарбӣ, шахсони ҳайати қаторӣ ва роҳбарии мақомоти корҳои дохилӣ ва амнияти давлатӣ, ҷанговарон ва ҳайати фармондеҳии баталионҳои қиркунанда, взводҳо ва отрядҳои муҳофизаи халқ, ки дар натиҷаи ярадоршавӣ, садама, иллат ё бемории ҳангоми иҷрои супоришҳои Ҷангии ҳукуматӣ дар қаламрави ИҶШС дар давраи аз 1 январи соли 1944 то 31 декабри соли 1951 ё давраҳои дигар ба амаломада маъюб шудаанд;

д) шахсоне, ки дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ аз тарафи мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ ба ҷамъоварии лавозимот ва техникаи ҳарбӣ, аз мина тоза кардани минтақаҳо ва объектҳо ҷалб шуда, дар натиҷаи ярадоршавӣ, садама, иллат ё бемории дар ин давра шудаашон маъюб шудаанд;

е) кормандони ба қисмҳои армияи амалкунанда дар қаламрави давлатҳои дигар хизматрасонанда, ки дар натиҷаи ярадоршави, садама, иллат ё бемории дар давраи амалиёти ҷангӣ дар ин давлатҳо мубталогаштаашон маъюб шудаанд.

**Моддаи 18. Мақомоте, ки феҳристи қисмҳои ба ҳайати армияи амалкунанд дохилшаванда, феҳристи давлатҳоеро, ки дар онҳо амалиёти ҳарбӣ бо иштироки шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон бурда шудаанд, муайян мекунанд ва шаҳрвандонро ба категорияи ветеранҳо дохил менамоянд**

Феҳристи қисмҳои ҳарбӣ, ки ба ҳайати армияи амалкунанда дохил буданд, аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоди Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

Феҳристи давлатҳо, шаҳрҳо, минтақаҳо ва давраҳои амалиёти ҷангӣ, ки бо иштироки шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон бурда шудаанд, инчунин ба ҷумлаи ветеранҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва ветеранҳои амалиёти ҷангӣ дар қаламрави давлатҳои дигар дохил намудани дигар категорияҳои шаҳрвандон аз тарафи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

**Моддаи 19. Ветеранҳои хизмати ҳарбӣ**

Хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи Иттифоқи ҶШС, Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қӯшунҳои сарҳадӣ, қӯшунҳои дохилӣ ва дигар воҳидҳои ҳарбии мувофиқи Қонун ташкилшуда, инчунин хизматчиёни ҳарбии вазоратҳо ва идораҳое, ки дар онҳо хизмати ҳарбӣ пешбинӣ шудааст, дар сурати мавҷудияти яке аз асосҳои зайл ветеранҳои хизмати ҳарби ҳисоб карда шудаанд:

25 соли тақвимии собиқаи хизмат ва беш аз он;

ҷавоб шудан аз хизмати ҳарбӣ бинобар вазъи саломатӣ (аз рӯи маъюби);

ҷавоб шудан аз хизмати ҳарбӣ бинобар ихтисор шудани штатҳо дар сурати мавҷудияти 20 соли тақвимии собиқаи хизмат ва беш аз он;

дода шудани унвони фахрӣ ё мукофотонида шудан бо орденҳою медалҳои ИҶШС ва Ҷумҳурии Тоҷикистон, мукофотонида шудан бо се дараҷаи нишонҳои хизмати шоистаи идоравӣ;

тартиб ва шарту шароити додани унвони "Ветерани хизмати ҳарбӣ" аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

**Моддаи 20. Ветеранҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ**

Ветеранҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ он шахсоне мебошанд, ки дар вазифаи қаторӣ ё дар ҳайати роҳбарӣ (аз рӯи аттестатсия) дар мақомоти корҳои дохилӣ, мақомоти гумрук ва мақомоти прокуратура хизмат мекунанд, судяҳои собиқ Иттиҳоди ҶШС ва Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин судяҳои Суди иқтисодии Иттиҳоди давлатҳои мустақил, ки дорои яке аз асосҳои зайл ҳастанд:

25 соли тақвимии собиқаи хизмат ва беш аз он;

ҷавоб шудан аз вазифа (хизмат) бинобар вазъи саломатӣ (аз рӯи маъюбӣ);

ҷавоб шудан аз вазифа (хизмат) бинобар ихтисори штатҳо дар сурати мавҷудияти 20 соли тақвимии собиқаи хизмат ва беш аз он;

дода шудани унвони фахрӣ ё мукофотонида шудан бо ордену медалҳои ИҶШС ва Ҷумҳурии Тоҷикистон, мукофотонида шудан бо се дараҷаи нишонҳои хизмати шоистаи идорави;

тартиб ва шарту шароити додани унвони "Ветерани хизмати ҳарбӣ" аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

**Моддаи 21. Ветерани меҳнат**

Ветеранҳои меҳнат шахсоне мебошанд, ки дар корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо сарфи назар аз шакли моликият ва шароити хоҷагидорӣ дар давоми на камтар аз 25 соли тақвимӣ (барои мардҳо) ва 20 соли тақвимӣ (барои занҳо) кор карда, яке аз асосҳои зеринро доранд:

дода шудани унвони фахрӣ ё мукофотонида шудан бо ордену медалҳои Иттиҳоди ҶШС ё Ҷумҳурии Тоҷикистон;

мукофотонида шудан бо се дараҷаи нишонҳои хизмати шоистаи идоравӣ;

барои хизматҳои шоистаашон нафақа мегиранд.

Тартиб ва шарту шароити додани унвони "Ветерани меҳнат" аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

**Моддаи 22. Статути унвони "Қаҳрамони Ҷумҳурии Тоҷикистон", орденҳо, медалҳо ва унвонҳои фахрии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Статути унвони "Қаҳрамони Ҷумҳурии Тоҷикистон", орденҳо, медалҳо ва унвонҳои фахрии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо санадҳои қонунгузории ҶумҳурииТоҷикистон муайян карда мешавад.

Ветеранҳое, ки ба мукофотҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфароз гардидаанд, аз дигар ҳуқуқу кафолатҳо ва ҷубронот, ки тавассути Статути мукофотҳои мазкур мувофиқи қонун муқаррар карда шудаанд, истифода бурда метавонанд.

**Моддаи 23. Нишони сарисинагӣ ва шаҳодатномаи ветеран**

Нишонҳои сарисинагии ветеранҳое, ки дар моддаи 12-уми ин Қонун зикр шудаанд, мукофоти давлатӣ буда, аз номи Президенти ҶумҳурииТоҷикистон тавассути мақомоти (шахсони) ба он вазифадор кардашуда супурда мешаванд.

Статути нишони сарисинагӣ тафассути Қонун муайян карда мешавад ва тавсифи он аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

Ҳуқуқ, кафолатҳо ва ҷуброноти давлатии ветеранҳо ҳангоми аз тарафи онҳо нишон додани шаҳодатномаҳои намунаашон якхелае, ки Шӯрои Вазирони ИҶШС то 31 декабри соли 1991 ё Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳар як категорияи ветеранҳо муқаррар кардааст, татбиқ мешавад.

**Моддаи 24. Тадбирҳои умумии ҳифзи ҳуқуқӣ ва иҷтимоии ветеранҳо**

Ба шахсоне, ки дар асоси ҳамин Қонун ветеран дониста шудаанд, афзалиятҳои зайл дода мешавад:

1) ҳуқуқи афзалиятнок барои муолиҷаи бепул дар муассисаҳои тиббии статсионарӣ ва амбулатории давлатӣ;

2) муоинаи ҳарсолаи диспансерӣ дар муассисаҳои тиббии давлатӣ;

3) ҳангоми ба нафақа баромадан бепул истифода бурдан аз поликлиникаҳое, ки дар онҳо ба қайд гирифта шуда буданд (аз ҷумла поликлиникаҳои тобеи идорӣ);

4) дар навбати аввал аз ҷои кор таъмин карда шудан, барои бекорон бошад, - аз тарафи мақоми таъинкунандаи нафақа дар маҳалли истиқомат ё аз тарафи мақоми таъинкунандаи нафақа таъмин намудани роҳхатҳо барои истироҳат дар шифохонаҳо, профилакторияҳо ва истироҳатгоҳҳо;

5) афзалият барои табобати санаторию курортӣ дар вақти муносиб (аз рӯи қоидаҳои банди 9-уми ҳамин модда);

6) бемузд омӯхтани касбҳои нав дар маҳалли кор дар курсҳои такмили ихтисос дар системаи давлатии тайёр кардани кадрҳо ва такмил додани ихтисоси онҳо бо пардохти музди меҳнат аз ҷои кор дар тамоми давраи таҳсил;

7) дар мавриди мувофиқ истифода бурдани рухсатии меҳнатии ҳарсолаи пулакӣ ва гирифтани рухсатии иловагии бепул;

8) афзалият ҳангоми таъини нафақа, пардохти ёрдампулӣ ва андоз, ки қонунгузори муқаррар кардааст;

9) афзалият ҳангоми қабул шудан ба хона-интернатҳо барои пиронсолону маъюбон, марказҳои минтақавии хизматрасонии иҷтимоии нафақахӯрон ва шӯъбаи расонидани ёрии иҷтимоӣ дар хона (бенавбат фақат ба ветеранҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва амалиёти ҷангӣ дар қаламрави давлатҳои дигар, ба категорияи боқимондаи ветеранҳо - дар навбати аввал);

10) афзалият дар истифодаи тамоми навъҳои хизмати алоқа, муассисаҳои маданӣ-равшаннамоӣ ва варзишию тандурустӣ, харидани билет ба тамоми, навъҳои нақлиёт (аз рӯи қоидаҳои банди 9-уми ҳамин модда);

11) афзалият ҳангоми қабул шудан ба муассисаҳои давлатии маълумоти олӣ ва миёнаи касбӣ;

12) афзалият ҳангоми дохил шудан ба кооперативҳои манзилӣ, сохтмони манзил, гараж, кооперативҳои бӯстонсаройсозӣ, ширкатҳои боғпарварию обчакорӣ, ҳангоми гирифтани қитъаҳои замин (дар ҳудуди меъёре, ки қонунгузори муқаррар кардааст) барои сохтмони хонаҳои хусусӣ, хоҷагиҳои боғдорию обчакорӣ (аз рӯи қоидаҳои банди 9-уми ҳамин модда);

13) афзалият дар гирифтани қарз аз муассисаҳои бонки давлатӣ барои харидани (сохтани) хона, манзили истиқоматии шахсӣ, боғсарой, ободонии қитъаи боғӣ ва таъмири асосии манзилҳои ба онҳо тааллуқдошта (аз рӯи қоидаҳои банди 9-уми ҳамин модда);

14) бепул шахсӣ кунонидани манзили ишғолкардаи истиқоматӣ дар хонаҳои фонди давлатӣ, мунисипалӣ ва идораҳо (аз рӯи қоидаҳои банди 9-уми ҳамин модда);

15) ба ҳисоби собиқаи меҳнат (собиқаи хизмат) дохил кунонидани факти иштирок дар амалиётҳои ҷангӣ дар ҳаҷми секарата (як сол ба ҳисоби се сол).

## ФАСЛИ IV. ҲУҚУҚ ВА КАФОЛАТУ ҶУБРОНОТИ ДАВЛАТИИ ВЕТЕРАНҲОИ ҶАНГИ БУЗУРГИ ВАТАНӢ

### Моддаи 25. Ҳуқуқ ва кафолату ҷуброноти давлатии ветеранҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ

Ветеранҳои ҷанг (моддаи 14-ум) ҷайр аз тадбирҳои ҳифзи ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ, ки дар моддаи 24-уми ҳамин Қонун пешбини шудаанд, аз ҳуқуқ ва кафолату ҷуброноти давлатии зерин истифода менамоянд:

а) умрбод аз пардохтҳои зерин озод карда мешаванд;

1) аз андоз аз даромад, андози замин, андоз аз соҳибони иморатҳо ва андоз аз моликияти шахсони воқеъӣ, андоз аз соҳибони васоити нақлиёт ва дигар мошину механизмҳои худгард, инчунин андоз аз курортпулӣ, андоз аз пули рақамҳои автомобилӣ ё мотоколяскаҳо, пардохти патент барои машғул шудан ба фаъолияти фардии меҳнатӣ ё ба қайди давлат даровардани шуғли соҳибкорӣ бидуни ташкили шахси ҳуқуқӣ, инчунин дар мавридҳое, ки қонунгузорӣ муқаррар кардааст, аз пардохти дигар намуди андозҳо ва боҷу хироҷ;

2) аз пардохти ҳаққи манзили ишғолнамудаи истиқоматӣ. Зимнан то 15 метри мураббаъ аз масоҳати иловагии истиқоматӣ ба андозан яккарата пардохта мешавад;

3) аз пардохти ҳаққи хидмати посбонии ғайриидоравӣ, хадамоти коммунали (новобаста аз фонди манзили, ба истиснои пардохти қувваи брақ ва гази табиӣ) ва барои онҳое, ки дар хонаҳои оби гарме надошта зиндагӣ мекунанд, аз пардохти пули сӯзишворӣ дар ҳудуди меъёри фурӯши барои аҳолӣ муқарраршуда ва хизматгузории нақлиётӣ барои расонидани ин сӯзишвори;

4) аз пардохти хизмати алоқа;

5) барои гирифтани қитъаҳои замин дар он ҳаҷме, ки қонунгузорӣ барои сохтани хонаи шахси, боғчаҳо, гараж, хоҷагии боғдорию полези, чорво муқаррар кардааст;

6) аз фоизи қарзи яккаратаи муассисаҳои бонки давлати барои харидани (сохтани) хона, бинои шахсӣ, боғсаро, ободонии қитъаи замини боғ, ташкили хоҷагии ёрирасон ё деҳқонӣ;

7) аз дорупулӣ аз рӯи нусхаи духтурон дар ҳудуди меъёрҳое, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст;

8) аз ҳаққи сохтану тармим кардани дандонҳои сунъӣ (ба истиснои дандонҳои сунъие, ки аз металлҳои қиматбаҳо сохта шудаанд) инчунин барои таъмин кардан бо навъҳои дигари ёрии протезию-ортопедӣ (ба истиснои онҳое, ки аз металлҳои қиматбаҳо сохта шудаанд);

9) аз пули путёвкаҳо барои табобати санаторию курорти (ба шарте, ки онҳо барои корнамоиҳои ҷангӣ бо ду ва зиёда аз он орденҳои ИҶШС ва ҶумҳурииТоҷикистон мукофотонида шуда бошанд);

10) аз роҳкирои ҳамаи навъҳои нақлиёти мусофирбари шаҳрӣ ва наздишаҳрӣ (ба ғайр аз таксӣ) ва дар нақлиёти автомобилии истифодаи умумӣ, (ба истиснои такси) дар деҳот дар ҳудуди ноҳияи маъмурии ҷои истиқомат, ҳамчунин дар нақлиёти роҳи оҳани наздишаҳрӣ ва автобусҳои хатти ҳаракати наздишаҳрӣ;

11) аз роҳкиро як бор дар ду сол ҳангоми рафтуомад дар нақлиёти роҳи оҳан, ҳавоӣ ё автомобилӣ ё ин ки мувофиқи хоҳиши ӯ дар як сол як бор сафар (рафтуомад) кардан бо нархи 50 фоиз арзоншуда бо навъҳои нақлиёти дар боло номбурда;

б) ғайр аз ин ҳуқуқи зерин дода мешавад:

1) дар навбати аввал (барои маъюбон бенавбат) аз ҷои кор, бо нархи арзон ва барои касоне, ки кор намекунанд, аз ҳисоби мақоми

дахлдори таъминоти нафақа гирифтани путёвка барои табобати санаторию курортӣ;

2) дар навбати аввал шахсони барои беҳбуди шароити манзили муҳтоҷ, (маъюбони гурӯҳи 1 ва 2 бенавбат) аз ҳисоби фондҳои манзилии давлатӣ, мунисипалӣ ё идоравӣ бепул бо манзили истиқоматӣ таъмин мешаванд (кӯчондани онҳо аз манзили истиқоматии хизматӣ бе додани манзили истиқоматии дигар манъ аст);

3) бенавбат гузаронидани телефони хона, зимнан барои инвалидони ҷанг бепул;

4) берун аз конкурс қабул кардан ба муассисаҳои таълими давлатии маълумоти олӣ ва миёнаи касбӣ ва дар давраи таҳсил дар ин муассисаҳо гирифтани стипендияи зиёдтаре, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст;

5) аз ҷои кор гирифтани рухсатии иловагии бепул ба мӯҳлати се ҳафта (маъюбони ҷанг то чор ҳафта);

6) дар навбати аввал (барои маъюбони ҷанг бенавбат) таъмир намудани манзили истиқоматӣ;

7) гирифтани ёрдампулӣ барои корношоямии муваққатӣ дар натиҷаи бемории умумӣ то се моҳ паи ҳам ё то чор моҳ, паи ҳам дар як соли тақвимӣ (маъюбони ҷанг мувофиқан чор ва панҷ моҳ);

8) гирифтани ёрдампулӣ барои корношоямии муваққатӣ дар ҳаҷми 100 фоиз, новобаста аз собиқаи меҳнатӣ;

9) дар навбати аввал таъмин шудан бо сӯзишворӣ.

Ба иштирокчиёни ҷанг, ки дар натиҷаи бемориҳои умумӣ, иллати меҳнатӣ ва дигар сабабҳо (ба истиснои шахсоне, ки маъюбиашон дар натиҷаи аъмоли ҷайриқонуни ба амал омадааст) маъюб шудаанд, ҳуқуқу кафолатҳо ва ҷуброноти маъюбони ҷанг, мувофиқи гурӯҳи муқаррашудаи маъюбӣ, бидуни ташхиси иловагии экспертии тиббӣ дода мешавад.

**Моддаи 26. Ҳуқуқ ва кафолату ҷуброноти давлатии маъюбони ҷанг**

Ба маъюбони ҷанг (моддаи 17) илова бар тадбирҳои ҳимояи ҳуқуқиву иҷтимоии дар моддаи 24-25-уми ҳамин Қонун пешбинишуда ҳуқуқҳои зерин дода мешаванд:

1) бенавбат дар муассисаҳои давлатии табобатии статсионарӣ хобидан (барҳам додани шифохонаи маъюбони ҷанг мумкин нест);

2) ба онҳо мутобиқи хоҳишашон ба ҷои путёвка, барои табобати санаторияву курортӣ дар ду сол як бор додани

ҷубронпулӣ аз рӯи тартибу андозае, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад;

3) гирифтани варақаи беморӣ (ба маъюбони гурӯҳи 1-2) дар сурати нокифоя будани рухсатии навбатӣ ва иловагӣ барои табобат ва рафтуомади курорт барои чанд рӯзе, ки лозим бошад. Зимнан ёрдампулӣ, сарфи назар аз он ки путёвка аз ҳисоби ки дода шудааст, пардохта мешавад;

4) бенавбат гирифтани масолеҳи сохтмонӣ барои сохтмони манзили шахсӣ ва таъмири асосии хонае, ки дар он истиқомат мекунанд;

5) таъмири асосии хонаҳои хусусӣ аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ ба тартибе, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян кардааст;

6) бепул сафар кардан, аз ҷумла барои шахсе, ки маъюби гурӯҳи 1-умро ҳамроҳи мекунад, дар тамоми навъҳои нақлиёти шаҳрии мусофиркаш (ба ҷайр аз таксӣ) ва дар нақлиёти автомобилии истифодаи умумӣ (ба ҷайр аз таксӣ) дар деҳот дар ҳудуди ноҳияи маъмурии ҷои истиқомат, инчунин ҳаракати наздишаҳри;

7) дар як сол як бор бепул сафар кардан (рафтану омадан) тавассути нақлиёти роҳи оҳан, нақлиёти ҳавоӣ ё автомобилии байнишаҳрӣ. Ба шахсе, ки маъюби гурӯҳи 1-умро дар сафар ҳамроҳӣ мекунад (на зиёдтар аз як ҳамроҳикунанда) нархи раҳкирои навъҳои номбаршудаи нақлиёт 50 фоиз арзон карда мешавад. Зимнан, маъюбони гурӯҳи 3-юм-дар як сол як бор аз роҳкирои 50 фоиз арзоншудаи (рафтану омадан) бо нақлиёти роҳи оҳан, ҳавоҷва нақлиёти автомобилии байнишаҳрӣ истифода мебаранд;

Ба маъюбони Ҷанги Бузурги Ватанӣ аз рӯи тартибу мӯҳлате, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян кардааст, бо пешниҳоди муоинаи тиббӣ бепул (бидуни ҳуқуқи фурӯхтан) автомобили сабукрави дастӣ идорашаванда ба муддати ҳафт сол ё ин ки мотоколяска ба муддати истифодаи панҷсола дода шуда, хароҷоти хариди бензин, қисмҳои эҳтиётӣ, инчунин хароҷоти тармиму хизматрасонии техникиашон пардохта мешавад. Зимнан ба маъюбоне, ки аз рӯи муоинаи тиббӣ барои бепул мошин ё мотоколяска гирифтан ҳуқуқ доранду онро нагирифтаанд, ҳар сол ҷубронпулии хароҷот барои истифодаи нақлиёт пардохта мешавад.

**Моддаи 27. Ҳуқуқ ва кафолату ҷуброноти давлатии ветеранҳои амалиётҳои ҷангӣ дар қаламрави давлатҳои дигар**

Ветеранҳои амалиёти ҷангӣ дар қаламрави давлатҳои дигар ба ҷайр аз тадбирҳои ҳифзи ҳуқуқи ва иҷтимоӣ, ки дар моддаи 24-уми ҳамин Қонун пешбинӣ шудаанд, аз кафолату ҷуброноти зерин истифода мебаранд:

а) кафолату ҷуброноти дар моддаи 25-уми ҳамин Қонун зикршуда, ба истиснои зербандҳои 2), 3), 4)-ум ва 10)-уми банди "а" ва зербандҳои 3, 7-уми банди "б" - шахсоне, ки дар сарсатрҳои "а", "б", "в"-и моддаи 16-уми ҳамин Қонун зикр шудаанд, истифода мебаранд. Зимнан категорияи шахсони мазкур хизмати коммуналӣ (ба истиснои пардохти қувваи брақ ва гази табиӣ), пули хизмати алоқаро 50 фоиз кам месупоранд, барояшон бенавбат телефони хона гузаронида мешавад. Бар замми он, категорияи шахсони номбаршуда, ки садама дидаанд ва ярадору иллатнок шудаанд, ҳақ доранд дар ду сол як бор (рафтану омадан) дар нақлиёти роҳи оҳан, ҳавоӣ ё нақлиёти автомобилии байнишаҳрӣ бепул сафар кунанд, ё бо хоҳиши худ дар як сол як бор дар нақлиёти зикршуда бо пардохтани 50 фоизи ҳақи роҳкиро сафар кунанд;

б) дар моддаи 25-уми ин Қонун зикршуда ба истиснои зербандҳои 1),

2), 3), 4)-ум ва 10)-уми банди "а" ва зербандҳои 3, 7, 9-уми банди "б" онҳое, ки дар сарсатрҳои "г" ва "д"-и моддаи 16-уми ҳамин Қонун зикр шудаанд;

в) дар моддаи 25-уми ҳамин Қонун зикршуда, ба истиснои зербандҳои 1), 2), 3), 4), 6), 7), 8) ва 10)-уми банди "а" ва зербандҳои 2, 3, 6, 7, 8-уми банди "б" - онҳое ки дар сарсатри "е"-и моддаи 16-уми ҳамин Қонун зикр шудаанд.

**Моддаи 28. Ҳуқуқ ва кафолату ҷуброноти давлатии коркунони ташкилотҳои махсуси Комиссариатҳои халқӣ ва идораҳои собиқ ИҶШС**

Коркунони ташкилотҳои махсуси Комиссариати халқии роҳҳо, Комиссариати халқии алоқа, ҳайати шинокунандагони киштиҳои шикорӣ ва боркашон ва ҳайати парвозу боркашонии Комиссариати халқии саноати моҳии собиқ ИҶШС, флотҳои баҳрию дарёӣ, ҳайати парвозкунандагону боркашонии авиатсияи Саридораи роҳҳои Баҳри Шимолӣ (Главсевморпуть), ки дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ ба ҳолати шахсони ба ҳайати Армияи Сурх дохилбуда гузаронида шуда, ба манфиати армияи амалкунанда ва флот супоришҳоро дар ҳудуди сарҳадҳои ақибгоҳии фронтҳои

амалкунанда, минтақаҳои оперативии флотҳо иҷро менамуданд, аъзоёни экипажҳои киштиҳои флоти боркашон, ки дар аввалҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар бандарҳои дигар давлатҳо боздошта шудаанд, ҳамчунин шахсони дар сарсатрҳои "в" ва "г"-и моддаи 15-уми ҳамин Қонун зикршуда илова бар тадбирҳои ҳифзи иҷтимоӣ, ки дар моддаи 24-уми ҳамин Қонун пешбинӣ шудаанд, аз ҳуқуқ ва кафолату ҷуброноти зерини давлатӣ истифода мебаранд:

1) гирифтани қарзи бефоизи яккарата аз муассисаҳои бонки давлатӣ барои харидани (сохтани) хонаи хусусии истиқоматӣ, боғсаро ва ободонии қитъаи замини боғӣ;

2) бепул гирифтани қитъаҳои замин дар ҳаҷме, ки қонунгузори барои сохтмони манзили истиқомати, хоҷагии боғдорию полизи ва деҳқони муайян кардаанд;

3) дар навбати аввал гузаронидани телефони хона;

4) аз рӯи нусхаҳои духтурон бепул гирифтани доруҳо дар ҳудуди меъёре, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст ва бепул ва дар навбати аввал сохтану таъмир кардани дандонҳои сунъӣ (ба истисноӣ дандонҳои сунъие, ки аз металлҳои қиматбаҳо сохта мешаванд) дар дармонгоҳҳои маҳалли истиқомат;

5) гирифтани рухсатии иловагии бепул соле ба муддати то сеҳафта;

6) бепул сафар кардан бо тамоми навъҳои нақлиёти мусофиркаши шаҳр ва нақлиёти мусофиркаши наздишаҳрӣ (ба ғайр аз таксӣ) ва нақлиёти автомобилии истифодаи умумӣ (ба ғайр аз таксӣ) дар деҳот дар ҳудуди ноҳияи маъмурии ҷои истиқомат, инчунии дар нақлиёти роҳи оҳани наздишаҳрӣ ва автобусҳои хати ҳаракати наздишаҳрӣ;

7) озод будан аз пардохти хонапулӣ, хизмати коммуналӣ (ба истисноӣ пардохти қувваи барқ ва гази табиӣ) ва хизмати алоқа.

**Моддаи 29. Ҳуқуқ ва кафолату ҷуброноти давлатии шаҳрвандоне, ки дар давраи муҳосираи шаҳри Ленинград (аз 8 сентябри соли 1941 то 27 январи соли 1944) дар корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳои шаҳр кор карда, бо медали "Барои мудофиаи Ленинград" ё нишони "Ба сокини Ленинградӣ дар муҳосирабуда" мукофотонида шудаанд**

Шаҳрвандоне, ки дар давраи муҳосираи шаҳри Ленинград (аз 8 сентябри соли 1941 то 27 январи соли 1944) дар корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳои шаҳр кор карда, бо медали "Барои

мудофиаи Ленинград" ё нишони "Ба сокини Ленингради дар муҳосирабуда" мукофотонида шудаанд, илова бар тадбирҳои ҳифзи ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ, ки дар моддаи 24-уми ҳамин Қонун пешбинӣ шудаанд, аз ҳуқуқ ва кафолату ҷуброноти зерини давлатӣ истифода мебаранд:

1) гирифтани қарзи бефоизи яккарата аз муассисаҳои бонки давлатӣ барои харидани (сохтани) хонаи хусусии истиқоматӣ, хоҷагии боғдорӣ ё деҳқонӣ;

2) дар навбати аввал бепул ва бенавбат гирифтани манзили истиқоматӣ дар хонаҳои мансуби фонди манзилии давлатӣ, мунисипалӣ ва идоравӣ барои шахсоне, ки муҳтоҷи беҳтар кардани шароити манзили мебошанд, дар навбати аввал таъмир намудани манзилҳои истиқоматии онҳо;

3) бенавбат гузаронидани телефони хона;

4) бепул гирифтани қитъаҳои замин дар ҳаҷме, ки қонунгузорӣ барои сохтмони манзили истиқоматии шахсӣ, хоҷагии боғдорию полизи муайян кардааст;

5) бепул гирифтани доруҳо аз рӯи нусхаи духтурон дар ҳудуди меъёре ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст;

6) бепул сохтану таъмир кардани дандонҳои сунъӣ (ба истисноии дандонҳои сунъие, ки аз металлҳои қиматбаҳо сохта шудаанд), ва таъмин намудан бо дигар навъҳои дандонҳои сунъи ва маснуоти ортопедӣ;

7) гирифтани рухсатии иловагии бепул ба мӯҳлати то се ҳафта дар як сол;

8) аз ҷои кор таъмин шудан бо роҳхат ба шифохонаҳо, дармонгоҳҳо, хонаҳои истироҳат бо нархи арзон ва касони корнакунанда аз тарафи мақомоти нафақа бо роҳхатҳои бепул таъмин карда мешаванд;

9) бепул таъмин шудан бо роҳхатҳо аз рӯи муоинаи тиббӣ барои табобати санаторию курортӣ дар давраи аз октябр то апрел;

10) бепул сафар кардан дар тамоми навъҳои нақлиёти мусофиркаши шаҳрӣ ва наздишаҳрӣ (ба ҷайр аз таксӣ) ва нақлиёти автомобилии истифодаи умумӣ (ғайр аз таксӣ) дар деҳот дар ҳудуди ноҳияи маъмурии ҷои истиқомат, инчунин дар нақлиёти роҳи оҳани байнишаҳрӣ ва автобусҳои хати ҳаракати наздишаҳрӣ;

11) бепул сафар кардан дар ду сол як бор (рафтану омадан) дар нақлиёти роҳи оҳан, ҳавоӣ ё нақлиёти автомобилии

байнишаҳрӣ ё ин ки дар як сол як бор сафар кардан ба навъҳои нақлиёти номбаршуда бо 50 фоиз кам кардани роҳкиро;

12) озод будан аз пардохти хонапулӣ. Зимнан пули масоҳати иловагии манзили истиқоматӣ (то 15 метри мураббаъ) дар ҳаҷми яккарата пардохта мешавад;

13) озод будан аз паддохти музди хизмати посбонии ҷайриидоравӣ, хизмати коммуналӣ ва хизмати алоқа. Зимнан шахсоне, ки хонаҳояшон маркази гармидиҳанда надорад, - аз пардохти пули сӯзишворӣ, ки дар ҳудуди меъёрҳои барои фурӯш ба аҳолӣ муқаррар карда шудаанд ва хизмати нақлиётҷ барои овардани ин сӯзишворӣ.

**Моддаи 30. Ҳуқуқ ва кафолату ҷуброноти давлатии шахсоне, ки солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар объектҳои ҳарбии ҳудуди сарҳади ақибгоҳии фронтҳои амалкунанда кор мекарданд**

Шахсоне, ки дар объектҳои мудофиаи зиддиҳавоӣ, мудофиаи зиддиҳавоии маҳаллӣ, сохтмони иншоотҳои мудофиавӣ, базаҳои баҳрӣ, аэродромҳо ва дигар объектҳои ҳарбии ҳудуди сарҳади ақибгоҳии фронтҳои амалкунанда, дар минтақаҳои наздифронтии роҳи оҳан ва автомобилгард, дар шифохонаҳои сайёр (эвакуасиони), ва поездҳои санитарӣ дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанҷӣ кор кардаанд, илова бар тадбирҳои ҳифзи ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ, ки моддаи 21-уми ҳамим Қонун пешбинӣ намудааст аз ҳуқуқ ва кафолату ҷуброноти давлатии зерин истифода мебаранд:

1) гирифтани қарзи яккаратаи бефоизи муассисаҳои бонки давлатӣ барои харидани (сохтани) хонаи истиқоматии хусусӣ, боғсарой ва ободонии қитъаи замини боғ аз рӯи тартиб ва ҳаҷме, ки қонунгузорӣ муқаррар кардааст;

2) бепул гирифтани қитъаҳои замин дар ҳаҷме, ки қонунгузорӣ барои сохтмони манзили хусусӣ ва ташкили хоҷагии деҳқони муайян кардааст;

3) 50 фоиз кам кардани нархи доруҳои аз рӯи нусхаи духтурон гирифташаванда дар ҳудуди меъёрҳое, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст;

4) гирифтани рухсатии иловагии бепул ба мӯҳлати то се ҳафта дар як сол;

5) бепул сафар кардан дар тамоми навъҳои нақлиёти мусофиркаши шаҳрӣ ва нақлиёти мусофиркаши наздишаҳрӣ (ба ғайр аз таксӣ) ва нақлиёти автомобилии истифодаи умумӣ дар

деҳот (ба ғайр аз таксӣ) дар ҳудуди ноҳияи маъмурии ҷои истиқоматӣ, инчунин дар нақлиёти роҳи оҳани наздишаҳрӣ ва автобусҳои хатти ҳаракати наздишаҳрӣ;

6) озод будан аз пардохти пули манзил, хизмати коммуналӣ (ба истисноӣ пардохти қувваи барқ ва гази табиӣ), пардохти пули хизмати алоқа;

7) касонеро, ки дар натиҷаи бемории умумӣ маъюби гурӯҳи I ва II шудаанд, аз манзили хизматии ишғолкардаашон бидуни бароияшон беподош додани иқоматгоҳи дигар хориҷ намудан мумкин нест.

**Моддаи 31. Ҳуқуқ ва кафолату ҷуброноти давлатии шахсоне, ки аз 22 июни соли 1941 то 3 сентябри соли 1945 на камтар аз шаш моҳ дар хизмати ҳарбӣ, хизмати мақомоти корҳои дохилӣ ва амнияти давлатӣ будаанд (ба ғайр аз шахсони дар ҳайати армияи амалкунанда буда ё барои хизмати бенуқсони ҳарбии солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар ақибгоҳ бо ордену медалҳои ИҶШС мукофотнидашуда)**

Шахсоне, ки аз 22 июни соли 1941 то 3 сентябри соли 1945 камаш 6 моҳ дар хизмати ҳарбӣ, хизмати мақомоти корҳои дохилӣ ва амнияти давлатӣ будаанд (ғайр аз шахсони дар ҳайати армияи амалкунанда буда ё, барои хизмати бенуқсони ҳарбӣ дар ақибгоҳ, солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ бо ордену медалҳои ИҶШС мукофотонида шудаанд), ба ғайр аз тадбирҳои ҳимояи ҳуқуқию иҷтимоӣ, ки моддаи 24-уми ҳамин Қонун пешбини кардааст, аз ҳуқуқ ва кафолату ҷуброноти зайли давлатӣ истифода мебаранд:

1) гирифтани кредитҳои якдафъагии бефоизи муассисаҳои бонки давлатӣ барои харидани (сохтани) манзил, хонаи истиқоматии шахсӣ, боғсарой, ободонии қитъаи замини боғ, ташкили хоҷагии ёрирасон ва деҳқонӣ ба тартибе, ки қонунгузори муқаррар кардааст;

2) маъюбони гурӯҳҳои I ва II аз хонаҳои хизматӣ, ки дар он зиндаги мекунанд, бе додани дигар манзили бепул кӯчонда шуда наметавонанд;

3) гирифтани рухсатии иловагии бепул ба мӯҳлати то се ҳафта дар як сол;

4) рафтуои бепул дар ҳамаи навъҳои нақлиёти мусофиркаши шаҳри (ғайр аз таксӣ), инчунин 50 фоиз кам кардани музди рафту омад бо нақлиёти мусофиркаши наздишаҳрӣ ва нақлиёти автомобилии истифодаи умумӣ дар деҳот дар ҳудуди ноҳияи маъмурии ҷои истиқомат.

**Моддаи 32. Ҳуқуқу кафолатҳо ва ҷуброноти шахсоне, ки дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ на камтар аз шаш моҳ дар ақибгоҳ кор кардаанд, ба истисноии замони кор дар маҳалҳои муваққатан истилошудаи ИҶШС, ё барои меҳнати фидокоронаи солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар ақибгоҳ бо ордену медалҳо мукофотонида шудаанд**

Шахсоне, ки дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ камаш шаш моҳ дар ақибгоҳ кор кардаанд, ба истисноии замони кор кардан дар маҳалҳои муваққатан истилошудаи ИҶШС ё барои меҳнати фидокоронаи солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар ақибгоҳ бо ордену медалҳои ИҶШС мукофотонида шудаанд, бар замми тадбирҳои ҳимояи ҳуқуқию иҷтимоии дар моддаи 24 Қонуни мазкур пешбинишуда аз ҳуқуқ ва кафолату ҷуброноти давлатии дар моддаҳои 25, 26 ва банди 2 моддаи 31 Қонуни мазкур пешбинишуда истифода мебаранд.

**Моддаи 33. Ҳуқуқ ва кафолату ҷуброноти собиқ асирони ноболиғи конслагерҳои фашистӣ**

Асирони собиқ ноболиҷи лагерҳои консентратсионӣ, гетто ва дигар ҷойҳои нигоҳдории маҷбурӣ, ки фашистон ва иттифоқчиёни онҳо дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ ташкил карда буданд, бар замми ҳимояи ҳуқуқӣ ва иҷтимоии дар моддаи 24-уми ҳамин Қонун пешбинишуда, аз ҳуқуқ ва кафолату ҷуброноти давлатии зайл истифода мебаранд:

1) гирифтани қарзи бефоиз аз муассисаҳои бонки давлатӣ барои харидани (сохтани) манзил, хонаи истиқоматии шахсӣ, боғсарой, ободонии қитъаи боғ, ташкили хоҷагии ёрирасон ё деҳқонӣ ба тартибе, ки қонунгузорӣ муқаррар кардааст;

2) озод будан аз пардохти пули манзил, хизмати коммуналӣ (ба истисноии пардохти қувваи барқ ва гази табиӣ) ва хизмати алоқа, касоне, ки дар хонаҳои маркази гармидиҳанда надошта сукунат доранд, аз пули сӯзишворӣ дар ҳудуди меъёрҳое, ки барои фурӯш ба аҳолӣ муқаррар шудааст;

3) дар навбати аввал гузаронидани телефони хона;

4) 50 фоиз кам кардани пардохти пули доруҳои аз рӯи нусхаи (ресепти) духтур харидашаванда дар ҳудуди меъёрҳое, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, ҳамчунин пардохти пули сохтан ва таъмир кардани протезҳои дандон (ба истисноИ протезҳо аз маъданҳои қиматбаҳо) ва дигар ёрии протезию ортопедӣ аз рӯи нишондоди тиббӣ;

5) гирифтани рухсатии бепул ба муддати то се ҳафта дар як сол;

6) соле як маротиба 50 фоиз кам кардани нархи рафтуомад дар нақлиёти роҳи оҳан, нақлиёти ҳавоӣ ё нақлиёти автомобилии байнишаҳрӣ ва ё бо хоҳиши худ дар ду сол як маротиба дар нақлиёти фавкуззикр бепул рафтуомад кардан;

7) бепул рафтуомад кардан дар тамоми навъҳои нақлиёти мусофиркаши шаҳрӣ ва нақлиёти мусофиркаши наздишаҳрӣ (ба ғайр аз таксӣ) ва нақлиёти автомобилии истифодаи умуми (ба ҷайр аз такси) дар деҳот дар ҳудуди ноҳияи маъмурии ҷои истиқомат, инчунин дар нақлиёти роҳи оҳани наздишаҳрҷ ва автобусҳои хатти ҳаракати наздишаҳрҷ.

## ФАСЛИ V. ҲУҚУҚ ВА КАФОЛАТУ ҶУБРОНОТИ ДАВЛАТИИ ШАХСОНЕ, КИ БАРОИ ХИЗМАТҲОИ ШОЁН БО ОРДЕНУ МЕДАЛҲО МУКОФОТОНИДА ШУДААНД

### Моддаи 34. Ҳуқуқ ва кафолату ҷуброноти Қаҳрамонҳои Иттиҳоди Шӯравҷ ва ашхоси бо се дараҷаи ордени "Шараф" мукофотонидашуда

Қаҳрамонҳои Иттиҳоди Шӯравҷ ва ашхоси бо се дараҷаи ордени "Шараф" мукофотонидашуда илова ба тадбирҳои ҳимояи ҳуқуқҳ ва иҷтимоие, ки дар моддаи 24, зербандҳои 2), 3), 4), 5), 6), 7), 9)-уми банди "а" ва зербандҳои 2, 3, 4, 5, 6, 7, 8, 9-уми банди "б"-и моддаи 25, сарсатрҳои 1, 3, 4, 5-уми қисми якуми моддаи 26-уми ҳамин Қонун пешбинӣ шудаанд, аз ҳуқуқ ва кафолату ҷуброноти давлатии зайл истифода мебаранд;

1) таъини нафақа барои хизматҳои шоён;

2) соле як маротиба рафтуомади бепул бо нақлиёти роҳи оҳан (вагони купейдор), нақлиёти ҳавоҷӣ ё автомобилии байнишаҳрӣ;

3) озод будан аз пардохти ҳамаи андозу боғу хироӣ;

4) соле як маротиба аз ҷои кор ва барои шахсоне, ки кор намекунанд, аз ҷониби мақомоти нафақа таъмин шудан бо путёвкаи бепул барои муолиҷаи санаторию курортӣ мутобиқи хулосаи муассисаи тиббӣ;

5) додани масоҳати иловагии истиқомат дар биноҳои фонди манзили давлатӣ, мунисипалӣ ё идоравӣ то 20 метри мураббаъ.

Бо қарори мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроияи ҷои таваллуди Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ ва шахси бо се дараҷаи ордени "Шараф" мукофотонидашуда хотираи онҳо бо гузоштани номашон ба кӯчаю майдонҳо, гулгаштҳо, мактабу маҳалҳои аҳолинишин, объектҳои физикию географӣ ё бо тадбирҳои дигари дар қонунгузорӣ пешбинигардида абади гардонида мешавад.

**Моддаи 35. Ҳуқуқ ва кафолату ҷуброноти давлатии Қаҳрамонҳои Меҳнати Сотсиалистӣ ва ашхоси бо се дараҷаи ордени "Шарафи Меҳнатӣ" мукофотонидашуда**

Қаҳрамонҳои Меҳнати Сотсиалистӣ ва ашхоси бо се дараҷаи ордени "Шарафи Меҳнати" мукофотонидашуда илова ба ҳимояи ҳуқуқию иҷтимоие, ки дар моддаи 24, зербандҳои 1), 2), 3), 4), 5), 6), 9)-уми банди "а", зербандҳои 2, 3, 4, 5, 8-уми банди "б"-и моддаи 25, сарсатрҳои 1, 3, 4, 5-уми қисми якуми моддаи 26 ва бандҳои 1, 2, 3-уми қисми якуми моддаи 34-уми ҳамин Қонун пешбинӣ шудааст, ба бепул гирифтани масоҳати иловагии манзили истиқоматӣ то 15 метри мураббаъ ҳақ доранд.

**Моддаи 36. Ҳуқуқ ва кафолату ҷуброноти шахсоне, ки бо се дараҷаи ордени "Барои хизмати Ватан дар Қувваҳои Мусаллаҳи ИҶШС" мукофотонда шудаанд**

Шахсони бо се дараҷаи ордени "Барои хизмати Ватан дар Қувваҳои Мусаллаҳи ИҶШС" мукофотонидашуда бар замми тадбирҳои ҳимояи ҳуқуқӣ ва иҷтимоии дар моддаи 24, зербандҳои 1), 2), 5), 9)-уми банди "а", зербандҳои 2, 4, 5, 7-уми банди "б"-и моддаи 25, банди 3-уми қисми якуми моддаи 34-уми ҳамин Қонун пешбинишуда ҳақ доранд, ки соле як маротиба бо нақлиёти роҳи оҳан (вагони купейдор) бепул рафту омад кунанд ва хароҷоти хизмати комуналиро дар ҳаҷми 50 фоиз кам мепардозанд.

## ФАСЛИ VI. ҲУҚУҚ ВА КАФОЛАТУ ҶУБРОНОТИ ДАВЛАТИИ ВЕТЕРАНҲОИ ХИЗМАТИ ҲАРБӢ, МЕҲНАТ ВА

## МАҚОМОТИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚ ВЕТЕРАНҲО - ШАҲРВАНДОНИ ДАВЛАТҲОИ ДИГАР

**Моддаи 37. Ҳуқуқ ва кафолату ҷуброноти ветеранҳои хизмати ҳарбӣ**

Ветеранҳои хизмати ҳарбӣ (моддаи 19) бар замми тадбирҳои ҳимояи ҳуқуқию иҷтимоие, ки дар моддаи 24-уми ҳамин Қонун ва санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи статуси хизматчиёни ҳарбӣ пешбинӣ шудааст, аз ҳуқуқ ва кафолату ҷуброноти давлатии зайл истифода мебаранд:

1) озод будан аз пардохти андозҳо (кам кардани маблағи андозҳо) дар ҳолатҳое, ки қонунгузорӣ муайян месозад;

2) дар навбати аввал таъмин шудан бо манзили бепул дар иморатҳои фонди манзилии давлатӣ, мунисипалӣ ва идоравӣ. Зимнан аз манзил хориҷ кардани хизматчиёни ҳарбии аз хизмати ҳарбӣ ҷавобшуда бидуни барояшон додани манзили дигар манъ аст;

3) гирифтани масоҳати иловагии истиқоматӣ то 9 метри мураббаъ (барои ҳайати афсарони олирутба);

4) 50 фоиз кам кардани пули пардохти манзил ва хизмати коммуналӣ (ба истиснои пардохти қувваи барқ ва гази табиӣ);

5) таъмини муолиҷаи санитарию курортӣ аз ҳисоби Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Дар ин сурат шахсоне, ки аз Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳхат мегиранд, як ҳиссаи арзиши роҳхатро мувофиқи тартиб ва андозаи муқарраркардаи қонун мепардозанд;

6) озод намудан аз пардохти пули рафтуомад дар ҳамаи навъҳои нақлиёти мусофиркаши шаҳрӣ ва наздишаҳрӣ (ба истиснои такси) ва нақлиёти автомобилии истифодаи умумӣ (ғайр аз таксӣ) дар деҳот.

Ба ветеранҳои дорои унвони генерал ҳангоми фиристода шуданашон барои хизматрасонии тиббӣ ва муолиҷаи санаторию курортӣ ба муассисаҳои тиббии ҳарбӣ, санаторияву истироҳатгоҳҳо мутобиқи путёвкаҳое, ки муассисаҳои тиббии ҳарбӣ медиҳанд, ҳуқуқ дода мешавад, ки дар асоси хулосаи муассисаҳои марбутаи тиббии ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби маблағи идораи дахлдор барои муолиҷаи статсионарӣ рафта оянд.

**Моддаи 38. Ҳуқуқ ва кафолату ҷуброноти давлатии ветеранҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ**

Ветеранҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бар замми тадбирҳои ҳимояи ҳуқуқии иҷтимоие, ки дар моддаи 24-уми ҳамин Қонун, санадҳои қонунгузорӣ оид ба статуси шахсони ҳайати қаторӣ ва раҳбарии мақомоти корҳои дохилӣ, шахсони дорои унвони махсуси мақомоти гумрук, судяҳо ва кормандони прокурорию тафтишотии мақомоти прокуратура аз ҳуқуқ ва кафолату ҷуброноти давлатии зайл истифода мебаранд:

1) таъин кардани нафақа, пардохтани замимапулӣ ва иловапулӣ ба нафақа мутобиқи Қонун "Дар бораи таъмини нафақаи хизматчиёни ҳарби";

2) ҳисоб кардани вақти хизмат (собиқаи хизмат) ба собиқаи меҳнат (як бар як);

3) озод кардан аз пардохти пули рафтуомад дар тамоми навъҳои нақлиёти мусофиркаши шаҳрӣ ва наздишаҳрӣ (ба ғайр аз таксӣ) ва дар нақлиёти автомобилии истифодаи умум (ба ҷайр аз таксӣ) дар деҳот;

4) дар навбати аввал гирифтани хона, аз ҷумла масоҳати иловагии манзил то 9 метри мураббаъ (масоҳати иловагӣ ба шарте дода мешавад, ки унвон, дараҷа (рутба) ба унвони генерал-майор ва унвони аз он болотар, мутобиқ бошад);

5) 50 фоиз кам кардани пардохти пули манзил, хизмати коммуналҷӣ (ба истиснои пардохти қувваи брақ ва гази табиӣ).

**Моддаи 39. Ҳуқуқ ва кафолату ҷуброноти давлатии ветеранҳои меҳнат**

Ветеранҳои меҳнат ҳангоми ба нафақа баромадан бар замми тадбирҳои ҳимояи ҳуқуқию иҷтимоие, ки дар моддаи 24, банди 3-юми моддаи 38-уми ҳамин Қонун пешбинӣ шудаанд, аз ҳуқуқ ва кафолату ҷуброноти давлатии зайл истифода мебаранд:

1) гирифтани кӯмаки моддӣ ё молиявӣ аз ҳисоби маблағи корхонаҳо;

2) гирифтани иловапулӣ ба нафақа;

3) барои онҳое, ки ба нафақаи пиронсолӣ баромадаанд, нигоҳ доштани собиқаи муттасили меҳнатӣ;

4) дар навбати аввал гирифтани манзил (дар ҳолатҳои пешбиникардаи Қонун).

Ветеранҳои меҳнат вақти ба нафақа баромадан аз ҳуқуқи аъзои коллективи меҳатии корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳое,

ки онҳо пеш аз нафақахӯр шудан дар он ҷо кор мекарданд, истифода мебаранд. Ҳуқуқи беҳбуди шароити манзилии онҳо ва иштироки онҳо дар хусусигардони ва саҳҳомикунонии корхона, муассиса ва ташкилот боқӣ мемонад.

**Моддаи 40. Ҳуқуқ ва кафолату ҷуброноти давлатии ветеранҳо шаҳрвандони давлатҳои дигар, ки муваққатан муқими Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд**

Ветеранҳо - шаҳрвандони давлатҳои собиқ ИҶШС, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бетабаа, ки муваққатан муқими Ҷумҳурии Тоҷикистон гаштаанд, аз ҳуқуқ ва кафолату ҷуброноти зерини давлати истифода мебаранд:

а) ветеранҳои ҷанг;

аз рӯи дорухатҳои (ресептҳои) табибон бепул гирифтани дорувор (дар ҳудуди меъёрҳое, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян месозад);

муолиҷаи бепул дар муассисаҳои тиббии давлатӣ;

б) ветеранҳои ҳамаи категорияҳо:

рафтуомади бепул дар тамоми навъҳои нақлиёти мусофиркаши шаҳрӣ ва наздишаҳрӣ (ба истнои таксӣ) ва дар нақлиёти автомобилии истифодаи умум дар деҳот;

бенавбат истифода бурдан аз хизмати алоқа ва муассисаҳои спортию солимгардонӣ ва маданию маърифатӣ;

бенавбат харидани билет ба ҳамаи навъҳои нақлиёт.

## ФАСЛИ VII. ҲУҚУҚ ВА КАФОЛАТУ ҶУБРОНОТИ АЪЗОИ ОИЛАИ ВЕТЕРАНҲО

**Моддаи 41. Шахсоне, ки аъзои оилаи ветеранҳо дониста мешаванд**

Шахсони зайле, ки якҷоя бо оилаи ветеран зиндагӣ мекунанд, аъзои оилаи ӯ дониста мешаванд:

а) волидайн (модар, падар);

б) ҳамсарон (шавҳар, зан);

в) фарзандони ба синни 18 нарасида ё калонтар аз ин син, агар онҳо дар муассисаҳои таълимии олӣ ё миёнаи касбӣ таҳсил намоянд;

г) бародарон, хоҳарон ва наберaҳои ҷайриқобили меҳнат, агар онҳо дар таъминоти ветеран бошанд;

д) бобо, бибӣ ё дигар ашхоси ғайриқобили меҳнат, ки дар таъминоти ветеран мебошанд.

**Моддаи 42. Ҳуқуқ ва кафолату ҷуброноти давлатии аъзои оилаи ветеран**

Аъзои оилаи ветеран аз ҳуқуқ ва кафолату ҷуброноти зайли давлатӣ истифода мебаранд:

а) 50 фоиз кам кардани пардохти пули хизмати коммуналӣ (ба истиснои пардохти қувваи барқ ва гази табиӣ) барои аъзои оилаи ветеран, ки дар сарсатри "а" моддаи 27, дар модаҳои 25, 26, 28, 29, 30, 33, 35 ва 36-уми ҳамин Қонун зикр шудаанд;

б) 50 фоиз кам кардани пардохти пули манзил барои аъзои оилаи ветеран, ки дар модаҳои 26, 31, 35-уми ин Қонун зикр шудаанд;

в) аз пардохтани пули хизмати коммуналӣ (ба истиснои пардохти қувваи брақ ва гази табиӣ) озод намудани аъзои оилаи ветеран, ки дар моддаи 34-уми ҳамин Қонун зикр шудаанд.

**Моддаи 43. Ҳуқуқ ва кафолату ҷуброноти иловагии давлатии аъзои оилаҳои ветеранҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва ветеранҳои амалиёти ҷангӣ дар қаламрави давлатҳои дигар, ки ҳалок шудаанд (фавтидаанд)**

Аъзои оилаҳои ветеранҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва ветеранҳои амалиёти Ҷангии дар қаламрави давлатҳои дигар ҳалокшуда (фавтида), ки дар модаҳои 14, 16 ва17-уми ҳамин Қонун зикр шудаанд, ба замми тадбирҳои ҳимояи ҳуқуқӣ ва иҷтимоии дар моддаи 42-юми ин Қонун пешбинишуда аз ҳуқуқ ва кафолату ҷуброноти зайли давлатӣ истифода мебаранд:

1) таъини нафақа ба сабаби гум кардани саробон ва андозбандии имтиёзнок;

2) гирифтани ёрдампули барои гӯрондан дар ҳадди меъёре, ки қонунгузорӣ муқаррар кардааст;

3) ба моликияти оила додани автомобили сабукрав ё мотоколяскае, ки маъюб бепул гирифта буд;

4) дар навбати аввал бо манзил бепул таъмин намудани ашхоси муҳтоҷи беҳбудии шароити манзил;

5) кам кардани пули пардохти сӯзишворӣ (дар ҳаҷми 50 фоиз) дар ҳудуди меъёре, ки сокинони хонаҳои марказгармӣ надошта мехаранд;

6) гирифтани кредити яккаратаи имтиёзноки муассисаҳои бонкӣ барои харидани (сохтани) квартира, хонаи истиқоматӣ, боғсарой, ободонии қитъаҳои боғ, ташкили хоҷагии ёрирасон ё деҳқонӣ;

7) ҳуқуқи имтиёзноки дохилшавӣ ба кооперативҳои манзилӣ, сохтмони манзил, гаражҳо ва кооперативҳои дигар, ширкатҳои боғу полизӣ;

8) бепул гирифтани қитъаи замин ба андозаи дар Қонун муайяншуда барои сохтмони манзил, ба роҳ мондани хоҷагии боҷу полизӣ ё деҳқонӣ;

9) норавоии аз хонаҳои истиқоматии хизматӣ баровардани оилаҳои ветеранҳои ҳалокшуда (фавтида) бе ин ки ба онҳо хонаи дигари истиқоматӣ бепул дода шавад;

10) бепул истифода кардан аз поликлиникаҳо ҳангоми ба нафақа баромадан, ки аъзои оила дар замони зинда будани ветерани ҳалокшуда (фавтида) вобаста карда шуда буданд;

11) дар асоси нусхаҳои (ресептҳои) духтурон ба ҳадди меъёр ва тартиби муқарраркардаи Ҳукумати ҶумҳурииТоҷикистон аз дору бепул таъмин намудани волидайн, зани (шавҳари) ветерани ҳалокшуда (фавтида);

12) ҳуқуқи имтиёзнок барои таъмин карда шудан бо путёвкаи санаторияҳо, профилакторияҳо, истироҳатгоҳҳо (дар сурати ҷоиз будани муолиҷаю истироҳат аз нигоҳи тиббӣ) аз охирин ҷои кори ветерани ҳалокшуда (фавтида);

13) бепул сафар кардани волидайн, зани (шавҳари) ветерани ҳалокшуда (фавтида) дар тамоми навъҳои нақлиёти мусофиркаши шаҳрӣ, наздишаҳрӣ (ба ғайр аз таксӣ) ва дар нақлиёти автомобилии истифодаи умуми деҳот (ба ғайр аз такси) дар ҳудуди ноҳияи маъмурии ҷои истиқомат, ҳамчунин дар нақлиёти роҳи оҳани хатти наздишаҳрӣ ва дар автобусҳои маршрутҳои наздишаҳрӣ;

14) дар навбати якум қабул кардани зани (шавҳари) ветерани ҳалокшуда (фавтида) ба хона-интернатҳои пиронсолону маъюбон, ба марказҳои хизматрасонии иҷтимоӣ, ҳамчунин бенавбат қабул намудани онҳо барои хизматрасони аз тарафи шӯъбаҳои кӯмаки иҷтимои дар хона;

Ҳуқуқу кафолатхо ва ҷуброноти давлатӣ ба волидайни зани (шавҳари) дубора ақди никоҳ накарда, сарфи назар аз ин ки онҳо нонхӯри ветерани Ҷанги Бузурги Ватани, ветерани амалиёти ҷангӣ мебошанд ё не ва сарфи назар аз гирифтани ҳар навъи нафақа ва музди кор, ҳамчунин ба шахсони дар банди "и" моддаи 15-уми ҳамин Қонун зикршуда дода мешаванд.

Ҳуқуқ ва кафолату ҷуброноти давлатӣ, ки барои аъзои оилаи ветеранҳои ҳалокшудаи Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва ветеранҳои амалиёти Ҷангии қаламрави давлатҳои дигар муқаррар карда шудаанд, ба аъзои оилаҳои хизматчиёни ҳарбӣ, шахсони ҳайати қаторӣ ва ҳайати роҳбарии мақомоти корҳои дохилӣ ва амнияти давлатӣ, шахсони дорои унвони махсуси мақомоти гумрук, судяҳо ва кормандони прокурорию тафтишотии мақомоти прокуратура, ки ҳангоми иҷрои хизмати ҳарбӣ ё вазифаҳои хизматӣ, ё дар асирӣ ва ё мутобиқи тартиби муқарраркардаи Қонун дар минтақаҳои амалиёти ҷангӣ беному нишон гумгашта дониста шудаанд, татбиқ мегарданд.

## ФАСЛИ VIII. ҚОИДАҲОИ НИҲОӢ

### Моддаи 44. Боздоштани ҳуқуқ ва кафолату ҷуброноти давлатии ветеран ва аъзои оилаи вай

Дар сурати ба маҳрумият аз озодӣ маҳкум шудани ветеран ҳуқуқ ва кафолату ҷуброноти давлатии пешбининамудаи ҳамин Қонун дар давраи адо кардани ҷазои таъимнамудаи суд боздошта мешаванд.

Мақоме, ки ба ветеран замимаварақаи шаҳодатномаро дар бораи истифодаи ҳуқуқ ва кафолату ҷуброноти давлатии пешбиникардаи ин Қонун додааст, варақаи мазкурро бекор мекунад.

Ҳуқуқ ва кафолату ҷуброноти марбутаи давлатӣ баъд аз адои ҷазо дар асоси дархости он муассисаи ислоҳоти меҳнатӣ, ки ветеран дар он ҷо мӯҳлати ҷазоро сипарӣ мекунад, аз нав барқарор карда мешавад.

Масъалаи боздоштан ё барқарор намудани ҳуқуқ ва кафолату ҷуброноти давлатӣ нисбати аъзои оилаи ветерани ба маҳрумият аз озодӣ маҳкумшуда низ ба ҳамин тартиб ҳал мегардад.

### Моддаи 45. Таъмини молиявии ҳуқуқ ва кафолату ҷуброноти давлатии ветеранҳо ва аъзои оилаи онҳо

Таъмини молиявии ҳуқуқ ва кафолату ҷуброноти давлатие, ки Қонуни мазкур барои ветеранҳо ва аъзои оилаи онҳо пешбинӣ намудааст, аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ ба амал бароварда мешавад.

### Моддаи 46. Масъулият барои риоя накардани қонунгузорӣ дар бораи ветеранҳо

Шахсоне, ки дар риоя накардани қонунгузорӣ дар бораи ветеранҳо гуннаҳкоранд, масъулияте ба душ доранд, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст.

**Моддаи 47. Баҳсҳо аз рӯи масъалаҳои вобаста ба амалӣ кардани ҳуқуқ ва кафолату ҷуброноти давлатии пешбиникардаи ин Қонун**

Баҳсҳо аз рӯи амали кардани ҳуқуқ ва кафолату ҷуброноти давлатии пешбининамудаи ин Қонун аз тариқи суд ҳал карда мешаванд.

Амалҳои ғайриқонунии мақомот ва шахсони мансабдор оид ба амалӣ намудани ҳуқуқ ва кафолату ҷуброноти давлатӣ низ ба ҳамин тартиб ҳал карда мешаванд.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Эмомалӣ Раҳмон**

ш. Душанбе
7 апрели соли 1995, № 59

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## Оид ба мавриди амал қарор додан ва татбиқ намудани Қонуни ҶумҳурииТоҷикистон «Дар бораи ветеранҳо»

Маҷлиси Олии ҶумҳурииТоҷикистон **қарор мекунад:**

I. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ветеранҳо» аз рӯзи нашр шуданаш мавриди амал қарор дода шавад.

II. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муддати як моҳ:

оид ба дохил намудани тағйирот ва иловаҳо ба санадҳои қонунгузорӣ, ки бо қабули Қонун «Дар бораи ветеранҳо» вобастаанд, ба тартиби муқарраршуда таклифҳо пешниҳод намояд;

қарорҳо ва супоришҳои Ҳукуматро ба Қонуни мазкур мутобиқ созад;

ба вазоратҳо ва идораҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон супорад, ки санадҳои меъёрию ҳуқуқии баровардаашонро бо Қонуни мазкур мутобиқ гардонанд;

ба тартиби муқарраршуда санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҳукумати ИҶШС-ро оид ба ҳуқуқ ва кафолату ҷубронoти давлатии ветеранҳо дар қаламрави ҷумҳурӣ беэътиборшуда ҳисоб кунад;

қоидаҳои дахлдорро дар бобати татбиқи Қонуни мазкур таҳия ва тасдиқ намояд.

III. Муқаррар карда шавад, ки амали модаҳои 14, 15 ва 17-уми Қонуни мазкур нисбати шахсоне (аз ҷумлаи сокинони Ҷумҳурии Тоҷикистон) татбиқ мешавад, ки:

дар амалиёти Ҷангии фронтҳои Ҷанги гражданӣ дар ҳудуди ИҶШС аз 23 феврали соли 1918 то октябри соли 1922;

дар мубориза ба муқобили босмачигӣ дар қаламрави Тоҷикистон аз октябри соли 1922 то июни соли 1931; дар Ҷанги байни Шӯравию Польша аз март то октябри соли 1920; дар ҳудуди Испания аз соли 1936 то соли 1939; дар маҳалли Кӯли Ҳасан аз 26 июл то 11 августи соли 1939; дар соҳили дарёи Халхин-Гол аз 11 май то 16 сентябри соли 1939; ҳангоми муттаҳидкунии ИҶШС, Украинаи Ғарбӣ ва Белоруссияи Ғарбӣ аз 17 то 28 сентябри соли 1939; дар Хитой аз августи соли 1924 то июли соли 1927, аз октябр то ноябри соли 1929, аз июли соли 1937 то сентябри соли 1945; Ҷанги Шӯравию Фин аз 30 ноябри соли 1939 то 13 марти соли 1940 ва Ҷанги Шӯравию Япония аз 9 август то 3 сентябри соли 1945 иштирок кардаанд.

IV. Фаҳмонда шавад, ки иштирок дар ҳимояи шаҳрҳои Одесса аз 10 август то 16 октябри соли 1941, Севастопол аз 5 ноябри соли 1941 то 4 июли соли 1942, Сталинград аз 12 июл то 19 ноябри соли 1942 ва Ленинград аз 8 сентябри соли 1941 то 27 январи соли 1944 дар асоси шартҳое, ки барои таъини нафақа ба хизматчиёни ҳарбии қисмҳои ҳарбии армияи амалкунанда муқаррар карда шудааст, ба собиқаи хизмат ҳисоб карда мешавад.

V. Фаҳмонда шавад (ҳангоми татбиқи сарсатри «б» моддаи 16-уми Қонун), ки дар давраи аз 10 май соли 1945 то 31 декабри соли 1951 амалиёти ҷангӣ дар қаламрави ҶШС Белоруссия, ҶШС Украина, ҶШС Латвия, ҶШС Литва ва ҶШС Эстония, ки ба ҳайати собиқ Иттифоқи ҶШС дохил буданд, инчунин дар ҷазираи Даманск моҳи марти соли 1969 дар маҳалли кӯли Жаланашкул моҳи августи соли 1969 бурда шудаанд.

VI. Муқаррар карда шавад, ки амали моддаҳои 16 ва 17-уми Қонуни мазкур нисбати шахсоне (аз ҷумлаи сокинони Ҷумҳурии Тоҷикистон) татбиқ мешавад, ки дар амалиёти ҷангӣ дар қаламрави давлатҳои зерин иштирок кардаанд:

1. Алҷазоир – солҳои 1962-1964.

2. Ангола - ноябри соли 1975 - ноябри соли 1979.

3. Афғонистон - апрели соли 1978 - 15 феврали соли 1989.

4. Бангладеш – солҳои 1972-1973 (танҳо барои ҳайати шахсии киштиҳо ва киштиҳои ёрирасони Флоти ҳарбии Баҳрии ИҶШС).

5. Венгрия – октябр-ноябри соли 1956.

6. Вьетнам - январи соли 1961 - декабри соли 1974.

7. Миср (Ҷумҳурии Муттаҳидаи Араб) - октябри соли 1962 - марти соли 1963, июни соли 1967; соли 1968 марти соли 1969 - июли соли 1972, октябри соли 1973 - марти соли 1974, июни соли 1974 - феврали соли 1975 (танҳо барои ҳайати шахсии минаҷӯёни Флотҳои Баҳри Сиёҳ ва Уқёнуси Ором, ки барои аз мина тоза кардани минтақаи наҳри Суэц иштирок намудаанд).

8. Ҷумҳурии Ямани Араб - октябри соли 1962 - марти соли 1963, ноябри соли 1967 - декабри соли 1969.

9. Камбоҷа - апрел - декабри соли 1970.

10. Хитой - марти соли 1946 - апрели соли 1949, март - май соли 1950 (танҳо барои хизматчиёни ҳарбии гурӯҳи қӯшуни мудофиаи зиддиҳавоии минтақаи шаҳри Шанхай), июни соли 1950 - июли соли 1953 (танҳо барои хизматчиёни ҳарбии қисмҳои

ҳарбии шӯравӣ ва ҷузъу томҳое, ки дар амалиёти ҷангӣ дар Кореяи Шимолӣ аз ҳудуди Хитой иштирок кардаанд).

11. Лаос - январи соли 1960 - декабри соли 1963, августи соли 1964 - ноябри соли 1968, ноябри соли 1969 - декабри соли 1970.

12. Лубнон - июни соли 1982.

13. Мозамбик – солҳои 1967-1969, ноябри соли 1975 - ноябри соли 1979.

14. Кореяи Шимолӣ - июни соли 1950 - июли соли 1953.

15. Сурия - июни соли 1967, март-июли соли 1970, сентябр - ноябри соли 1972, октябри соли 1973, июни соли 1982.

16. Эфиопия - декабри соли 1977 - ноябри соли 1979.

17. Ҷумҳурии Чехословакия – августи соли 1968 -1969.

VIII. Муқаррар карда шавад, ки амали модаҳои 14, 15 ва 17-уми Қонун нисбати хизматчиёни ҳарбии (аз ҷумла ба эҳтиёт (истеъфо) баромадаи сокини Ҷумҳурии Тоҷикистон) қисмхои ҳарбӣ ва муассисаҳои шӯравии аз 25 август то 5 сентябри соли 1941 ба Эрон даровардашуда татбиқ мегардад.

IҲ. Фаҳмонида шавад, ки имтиёзҳои кам кардани пардохти пули истифодаи манзил ва хизматрасонии коммуналӣ (озод намудан аз он), ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ветеранҳо» пешбинӣ шудааст, новобаста аз мансубияти фонди манзил ё хусусигардонии манзил дода мешаванд.

**Раиси Маҷлиси Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **С. Раҷабов**

ш. Душанбе
7 апрели соли 1995, № 60

*Дар матни Қонуни зерин калимаҳои ихтисоршудаи "ВНМО" ва "БНММ" ба калимаҳои "вируси норасоии масунияти одам" ва "бемории пайдошудаи норасоии масуният" иваз карда шаванд (Қонуни ҶТ аз 31.12.2008 № 476)*

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР БОРАИ МУҚОВИМАТ БО ВИРУСИ НОРАСОИИ МАСУНИЯТИ ОДАМ ВА БЕМОРИИ ПАЙДОШУДАИ НОРАСОИИ МУҲАССАЛИ МАСУНИЯТ

Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқии амалӣ намудани маҷмӯи чорабиниҳои муқовимат ба паҳншавии вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуниятро танзим намуда, риояи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва озодиҳои асосии инсонро дар бар гирифта, барои пешгирии паҳншавии сироятпазирии вируси норасоии масунияти одам, кам кардани таъсири мубталошавӣ ба беморӣ, расонидани ёрии тахассусии тиббӣ ба шахсони мубталои вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният ва сабук гардонидани оқибати он барои ҳар кас ва тамоми ҷомеа нигаронда шудааст.

## БОБИ 1 МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

**Моддаи 1. Мафҳумҳои асосӣ**

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

- **вируси норасоии масунияти одам** - вирусе, ки ҳолати норасоии масуниятро дар организми одам ба вуҷуд меорад;

- **сирояти вируси норасоии масунияти одам** - бемории давомноке, ки сабабгораш вируси норасоии масунияти одам аст;

- **шахсони сироятшудаи вируси норасоии масунияти одам** - шахсоне, ки гирифтори вируси норасоии масунияти одам шудаанд (шахсони ҳомили вируси норасоии масунияти одам ва мубталои бемории пайдошудаи норасоии масуният);

- **бемории пайдошудаи норасоии масуният** - давраи интиҳоии сироятёбӣ, ки онро вируси норасоии масунияти одам боис шудааст;

- **одамони мубталои бемории пайдошудаи норасоии масуният** - шахсони дорои зуҳуроти клиникии беморӣ дошта, ки барои онҳо иллатнокии амиқи системаи масуният аз таъсири вируси норасоии масунияти одам хос аст;

- **доруҳои зидди ретровирусӣ** - доруҳои тиббие мебошанд, ки тавассути таъсири онҳо ба вируси норасоии масунияти одам дар хуни организми шахси сироятшуда миқдори вирусҳо кам шуда, ҳаёти шахси сироятшудаи ВНМО дароз мегардад;

- **гурӯҳҳои махсуси аҳолӣ бо хатари бештари сироятёбӣ аз вируси норасоии масунияти одам** - шахсоне, ки эҳтимолан метавонанд бо сарчашмаи вируси норасоии масунияти одам иртибот дошта, ҳамчунин дар инкишофи эпидемия ва чораҳои ҷавобӣ нақши асосӣ бозанд, аз ҷумла шахсони алоқаи ҷинсии ҳамҷинсона дошта, шахсони фоҳиша ва шахсоне, ки воситаҳои нашъадорро бо усули тазриқ истеъмол мекунанд;

- **гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ** - шахсоне, ки барои онҳо бо сабаби таъсири шароити номусоиди оилавӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва меҳнатӣ хатари сироят ёфтан аз вируси норасоии масунияти одам зиёд мегардад, аз ҷумла муҳоҷирони меҳнатӣ, маҳбусон, кӯдакони бесаробон, ҷавонони бемори дорои нишонаи бемориҳои бо роҳи алоқаи ҷинсӣ сирояткунанда, шарикони ҷинсии шахсоне, ки маводи нашъаоварро бо усули тазриқ истеъмол мекунанд;

- **пинҳонӣ** - муоинаи шахс бо мақсади ошкор кардани мубталошавӣ ба вируси норасоии масунияти одам (машваратдиҳӣ, ташхис) бе ифшои насаб, ном, номи падар ва маълумоти дигар;

- **махфӣ** - манъ будани ҳама гуна муҳокимаи вазъи солимии шахс ё дар бораи вай ошкор кардани маълумот, ба ғайр аз муносибатҳои байниҳамдигарии касбӣ ва танҳо бо розигии худи шахс.

## Моддаи 2. Қонунгузорӣ дар бораи муқовимат бо ВНМО/БНММ[1)]

Қонунгузорӣ дар бораи муқовимат бо ВНМО/БНММ[1)] ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии

---

[1)] *дар матни қонун калимаҳои ихтисоршудаи "ВНМО" ва БНММ" ҳамчун "вируси норасоии масунияти одам" ва "бемории пайдошудаи норасоии масуният" хонда шаванд.*

Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф кардааст, иборат мебошад.

**Моддаи 3. Татбиқи Қонуни мазкур**

Амали Қонуни мазкур ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ, гурезаҳо, муҳоҷирони иҷборӣ ва шахсони бешаҳрванд паҳн мегардад.

Қонуни мазкур нисбат ба муассисаю ташкилот ва корхонаҳое, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби муқарраршуда ба қайд гирифта шудаанд, новобаста аз шаклҳои ташкилию ҳуқуқии онҳо татбиқ карда мешавад.

**Моддаи 4. Сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муқовимат бо ВНМО / БНММ**

Сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муқовимат бо ВНМО/БНММ дар асоси Қонуни мазкур, дигар қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки мутобиқи ҳамин Қонун қабул карда мешаванд, дар амал татбиқ карда мешавад.

Давлат кафолат медиҳад:

- риояи тамоми ҳуқуқ ва озодиҳо нисбати одамони аз ВНМО сироятёфтаю мубталои БНММ ва аъзои оилаи онҳо, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- амалисозии назорати эпидемиологии паҳншавии сирояти вируси норасоии масунияти одам ва беморӣи пайдошудаи норасоии масуният дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти риоя ва афзалияти ҳуқуқи инсон, пинҳонӣ будани ташхис ва риояи усулҳои махфӣ анҷом додани он;

- расонидани кӯмаки ройгони босифат ва аз ҷиҳати илмӣ асосноки тахассусии тиббӣ ва иҷтимоию равоншиносӣ барои шахсони мубталои вируси норасоии масунияти одам ва беморӣи пайдошудаи норасоии масуният бо риояи махфӣ будани он;

- дастрас ва бехатар будани азназаргузаронии тиббӣ барои ошкор сохтани сирояти ВНМО, аз ҷумла азназаргузаронии пинҳонӣ;

- таъмини воситаҳои пешгирӣ, ташхис ва табобати сирояти ВНМО, инчунин назорат ба бехатарии маводҳои тиббӣ, моеъҳои биологӣ ва бофтаҳое, ки бо мақсадҳои ташхис, муолиҷа ва илмӣ истифода бурда мешаванд;

- инкишоф додани тадқиқотҳои илмӣ оид ба проблемаҳои ВНМО/БНММ;

- мунтазам ба аҳолӣ додани иттилоот вобаста ба ВНМО/БНММ, аз ҷумла тавассути воситаҳои ахбори омма;

- инкишоф додани ҳамкории байналмилалӣ ва мубодилаи доимии иттилоот дар доираи барномаҳои байналмилалии муқовимат бо ВНМО/БНММ.

- дастрас ва саривақтӣ будани кӯмаки тиббӣ ва иҷтимоию равоншиносӣ;

- қабули даврии барномаи давлатии мубориза бар зидди вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният.

Чораҳои муқовиматро бо ВНМО/БНММ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ амалӣ мегардонанд. Дар татбиқи чораҳо оид ба муқовимат бо ВНМО/БНММ корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ сарфи назар аз шаклҳои ташкилию ҳуқуқӣ, аз ҷумла иттиҳодияҳои байналмилалӣ, инчунин шахсони воқеӣ, аз ҷумла шаҳрвандони хориҷӣ иштирок карда метавонанд. Давлат дастгирии ин шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро дар татбиқи барномаҳои мазкур кафолат медиҳад.

**Моддаи 5. Маблағгузории фаъолият оид ба муқовимат бо ВНМО/БНММ**

Маблағгузории фаъолият оид ба муқовимат бо ВНМО/БНММ хусусияти афзалиятнок дорад.

Маблағгузории чорабиниҳо оид ба муқовимат ба паҳншавии ВНМО/БНММ аз ҳисоби манбаъҳои зерин сурат мегирад:

- маблаҷи буҷети давлатӣ;

- маблаҒи фондҳои мақсаднок, аз ҷумла Фонди миллии муқовимат ба вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният, ки фаъолияти он мувофиқи Низомномаи тасдиқнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим карда мешавад;

- маблағҳое, ки барои суғуртаи тиббии ихтиёрӣ ва ҳатмӣ равона карда мешаванд;

- саҳмияҳои ихтиёрӣ ва хайрияи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ;

- дигар манбаъҳои маблағгузорие, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст.

## БОБИ 2 ПЕШГИРӢ, ТАШХИС ВА МУОИНАИ ШАХСОНИ СИРОЯТШУДАИ ВНМО

**Моддаи 6. Ҳуқуқ ба пешгирии ВНМО/БНММ**

Ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ, гурезаҳо, муҳоҷирони иҷборӣ ва шахсони бешаҳрванд кафолати ҳуқуқҳои зерин дода мешавад:

- муоинаи пешгирикунанда бо риояи усулҳои махфӣ, пинҳонӣ ва ихтиёрии ташхис тибқи тартиби муқаррарнамудаи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- азназаргузаронии тиббии ихтиёрӣ, манфӣ ва пинҳонӣ бо мақсади ошкор сохтани мубталошавии шахс бо вируси норасоии масунияти одам ва ташхис дар муассисаҳои тиббӣ новобаста аз шакли моликият;
- мунтазам гирифтани иттилооти пурра ва босифат, аз ҷумла тавассути воситаҳои ахбори омма оид ба роҳҳои сироятёбӣ ва усулҳои пешгирии вируси норасоии масунияти одам, барномаю хизматрасониҳои мавҷудаи пешгирӣ, ҳуқуқҳои инсон вобаста бо эпидемияи вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният, инчунин оид ба муолиҷа, нигоҳубин ва дастгирии шахсони аз вируси норасоии масунияти одам сироятёфта ва мубталои бемории пайдошудаи норасоии масуният;
- мунтазам тавассути воситаҳои ахбори омма гирифтани маълумот дар бораи пешгирии ВНМО/БНММ, барномаҳои амалкунанда ва хизматрасонӣ оид ба пешгирӣ, ҳуқуқҳои инсон вобаста ба сирояти ВНМО/БНММ, инчунин табобат, кӯмак ва дастгирии шахсоне, ки мубталои ВНМО/БНММ мебошанд;
- баргузор намудани чорабиниҳои маърифатию оммавӣ, аз ҷумла вохӯриҳо, семинарҳо, аксияҳо ва таъсиси маҳфилҳои пешгирии вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният дар байни аҳолӣ.

Ба гурӯҳҳои махсуси аҳолӣ бо хатари бештари сироятёбӣ аз вируси норасоии масунияти одам ва гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ иттилооти махсус ва хизматрасониҳое, ки ба тағйирёбии рафтори таваккалӣ равона шудаанд, дода мешавад;

Бо мақсади пешгирии паҳншавии вируси норасоии масунияти одам, бемории пайдошудаи норасоии масуният ва дигар бемориҳое, ки ба воситаи хун мегузаранд, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷоя бо Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барномаи пешниҳод кардани иттилоот ва баргузор намудани корҳои маърифатиро дар муассисаҳои низоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ таҳия ва татбиқ менамоянд.

Ин ҳуқуқҳо тавассути кӯмаки тахассусии тиббӣ, бунёди шабакаи кофии муассисаҳо барои пешгирӣ ва муолиҷаи беморони ВНМО/БНММ таъмин карда мешаванд.

**Моддаи 6 (1). Афзалиятнокии пешгирии вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният**

Пешгирии вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз самтҳои афзалиятнок дар фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ба ҳисоб меравад.

Ин амалҳо ба принсипҳои риоя намудани ҳуқуқҳои инсон асос ёфта, мувофиқи санадҳои дахлдори байналмилалии танзимкунандаи ҳуқуқҳои инсон вобаста ба сироятёбӣ аз вируси норасоии масунияти одам ва мубталои бемории пайдошудаи норасоии масуният татбиқ карда мешаванд.

**Моддаи 7. Азназаргузаронии тиббӣ**

Азназаргузаронии тиббӣ дар муассисаҳои давлатии тандурустӣ, инчунин дар муассисаҳои хусусии тиббӣ, ки ба онҳо бо тартиби муқарраркардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозатнома (литсензия) дода шудааст, сурат мегирад. Азназаргузаронии ҳатмии тиббӣ бояд махфӣ сурат гирад.

Азназаргузаронии тиббии ихтиёрӣ ва махфӣ ба истисноӣ ҳолатҳое, ки моддаи 9 Қонуни мазкур пешбинӣ кардааст, баргузор мегардад.

Дар азназаргузаронии тиббии шахс намояндаи қонунии ӯ низ ҳуқуқи иштирок кардан дорад.

Азназаргузаронии тиббии ноболиғони ба синни 16 нарасида ва шахсоне, ки ба тартиби муқарраркардаи қонун корношоям эътироф шудаанд, мумкин аст бо хоҳиш ё розигии намояндагони

қонунии онҳо баргузор шавад ва онҳо ҳуқуқ доранд ҳангоми азназаргузаронии тиббӣ иштирок намоянд.

Натиҷаҳои азназаргузаронӣ ба шахси аз азназаргузарониро гузашта ё намояндаи қонунии ӯ бо тартиби муқарраркардаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешавад.

Шахсе, ки азназаргузаронии тиббиро гузаштааст, ҳуқуқ дорад дар ҳамин муассиса, инчунин дар муассисаи дигари системаи давлатии тандурустӣ, новобаста аз мӯҳлати гузаштаи азназаргузаронӣ мавриди азназаргузаронии такрории тиббӣ қарор гирад. Тартиби азназаргузаронии тиббӣ бо мақсади ошкор сохтани сирояти вируси норасоии масунияти одам, баҳисобгирӣ, муоинаи тиббии сироятшавӣ ба ВНМО ва муоинаи пешгирии онҳоро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад.

Ба шахсе, ки сирояти ВНМО дар вай ошкор шудааст, дар бораи кафолатҳои давлатӣ, ҳуқуқу озодиҳо ва масъулият, ки ба зиндагӣ бо сирояти ВНМО алоқаманд аст, инчунин дар бораи хадамоти дастгирии иҷтимоию равоншиносӣ ва гурӯҳҳои кӯмаки якдигарии сирояти ВНМО ахбороти пурра дода мешавад.

**Моддаи 8. Азназаргузаронии ихтиёрии тиббӣ**

Барои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ, гурезаҳо, муҳоҷирони иҷборӣ ва шахсони бешаҳрванд, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон зиндагӣ мекунанд ё қарор доранд, азназаргузаронии тиббӣ ба тариқи ихтиёрӣ ва пинҳонӣ бо хоҳиш ё розигии ҳамин шахсон баргузор мешавад.

**Моддаи 9. Азназаргузаронии ҳатмии тиббӣ**

Донорҳои хун, моеъҳои биологӣ, узвҳо ва бофтаҳои бадан азназаргузаронии ҳатмии тиббиро мегузаранд.

Шахсоне, ки азназаргузаронии ҳатмии тиббиро рад кардаанд, донори хун, моеъҳои биологӣ, узвҳо ва бофтаҳои бадан буда наметавонанд.

Шахсони алоҳида аз рӯи нишондодҳои эпидемиологӣ, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад, азназаргузаронии ҳатмии пинҳониро барои сирояти ВНМО мегузаранд.

**Моддаи 10. Муоинаи тиббии шахсони сироятшудаи ВНМО**

Муоинаи тиббии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ, гурезаҳо, муҳоҷирони иҷборӣ ва шахсони бешаҳрванд, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон зиндагӣ мекунанд ё қарор доранд ва мубталои вируси норасоии масунияти одам мебошанд (ҳомилони вирус ва беморон), танҳо бо мақсадҳои эпидемиологӣ ва дар асоси махфӣ дар муассисаҳои дахлдори давлатии системаи тандурустӣ гузаронда мешавад.

Маълумоти бадастовардаи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (табиб) дар бораи вазъи саломатӣ оид ба вируси норасоии масунияти одам маълумоти махфӣ (сирри табибӣ) мебошад ва он танҳо дар асоси қарори суд ё бо дархости мақомоти тафтишотӣ дода шуда, истифодаи ин маълумот бо мақсади таъқиби ҷиноятӣ ва маъмурии шахсон манъ аст.

**Моддаи 11. Риояи сирри табибӣ**

Маълумот дар бораи сирояти вируси норасоии масунияти одам ё мубталои БНММ шудан сирри табибӣ буда, онро Қонун ҳифз мекунад.

## БОБИ 3 ҲУҚУҚ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ ШАХСОНИ СИРОЯТШУДАИ ВНМО/БНММ ВА АЪЗОИ ОИЛАҲОИ ОНҲО

**Моддаи 12. Ҳуқуқҳои шахсони сироятшудаи ВНМО/БНММ**

Шахсони сироятшудаи ВНМО ва мубталои БНММ дорои чунин ҳуқуқҳоянд:

- муносибати инсондӯстонаи ҷамъият, ки паст задани шаъну эътибори инсонро истисно менамояд;

- талаб кардани махфӣ нигоҳ доштани маълумотҳо дар бораи вазъи саломатии худ, агар шароит ва хусусияти ҳаёту меҳнати онҳо хатари сирояти ин вируси норасоии масунияти одамро ба дигарон ба вуҷуд наоварад.

- ҷуброни зарари моддию маънавие, ки бинобар фош кардани маълумот дар бораи ба он шахсон сироят кардани вируси норасоии масунияти одам расонида шудааст;

- фаъолияти касбӣ аз рӯи ихтисоси интихобкарда, ба истиснои кор аз рӯи ихтисосҳо ва дар вазифаҳое, ки бо рӯйхати махсус муқаррар шудаанд;

- ба ройгон гирифтани ҳамаи намудҳои кӯмаки тахассусӣ ва махсуси тиббӣ, аз ҷумла кӯмаки доруворӣ дар муассисаҳои давлатии тандурустӣ;

- ба ҳимоя аз табъиз (дискриминатсия), аз ҷумла ҳангоми дастрасӣ ба табобат;

- ба иштироки фаъолона дар муайян кардани мақсадҳои табобат, аз ҷумла вақт ва тарзи табобат ва хотима ёфтани он;

- ба падару модар ё намояндагони қонунии кӯдакони таваллудкардаи модарони аз вируси норасоии масунияти одам сироятёфта аз лаҳзаи таваллуд то пурра муқаррар шудани ташхиси кӯдак оид ба мавҷудияти вируси норасоии масунияти одам, бо мақсади минбаъд кам кардани хатари сироятёбӣ аз вируси норасоии масунияти одам, гирифтани маводи ивазкунандаи шири модар.

Дар муассисаҳои муолиҷавӣ ба рад кардани қабул ва расонидани кӯмаки таъҷилӣ ба шахсони мубталои ВНММ/БНММ роҳ дода намешавад.

**Моддаи 13. Манъи маҳдудкунии ҳуқуқи шахсони сироятшудаи ВНМО**

Аз кор озод кардан, ба истиснои кор аз рӯи ихтисос ва дар вазифаҳои муқаррарнамудаи номгӯи махсус, ки хизмат мерасонанд, инчунин маҳдуд намудани дигар ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шахсони сироятшудаи ВНМО бо сабаби мубталои ВНМО буданашон, ҳамчунин маҳдуд кардани ҳуқуқҳои манзилӣ ва дигар ҳуқуқу манфиатҳои қонунии аъзои оилаҳои шахсони сироятшудаи ВНМО роҳ дода намешавад.

Истифодаи шахсони сироятшудаи ВНМО ба сифати объектҳои санҷиши тиббии воситаҳо ва усулҳои омӯзиши илмӣ ё раванди таълим манъ аст.

Табъиз (дискриминатсия) дар асоси сирояти вируси норасоии масунияти одам манъ аст.

Дар асоси сирояти воқеӣ ва ё эҳтимолии вируси норасоии масунияти одам содир намудани ҳама гуна ҳаракати оммавӣ бо мақсади барангехтани кинаву адоват ва паҳн намудани муносибати нафратовари шахс ва ё гурӯҳи аҳолӣ амалӣ ғайриқонунист.

Ҳама гуна маҳдудкунии ҳуқуқ ва озодиҳои одамоне, ки мубталои вируси норасоии масунияти одам ва бемории

пайдошудаи норасоии масуният мебошанд, танҳо бо мақсади таъмини ҳуқуқ ва озодии шахсони дигар раво дониста мешаванд.

**Моддаи 14. Кӯмаки тиббӣ ва иҷтимоию равоншиносӣ ба шахсони мубталои ВНМО/БНММ**

Кӯмаки тиббӣ ба шахсони мубталои ВНМО/БНММ дар муассисаҳои давлатии тандурустӣ, расонида мешавад.

Ҳамаи намудҳои кӯмаки тиббӣ ба шахсони мубталои ВНМО/БНММ дар асосҳои умумӣ, аз рӯи нишондодҳои клиникӣ расонда мешавад.

Кӯмаки иҷтимоию равоншиносӣ ба шахсони мубталои вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният дар муассисаҳои давлатии тандурустӣ, маориф, ҳифзи иҷтимоӣ, инчунин дар муассисаҳои хусусии тиббии дорои иҷозатномаи дахлдор, ки бо ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва намояндагони ҷомеаи шахсони мубталои вируси норасоии масунияти одам ҳамкорӣ мекунанд, расонида мешавад.

**Моддаи 14 (1). Кӯмаки тиббӣ ва чораҳои дорои хусусияти пешгирикунанда дар муассисаҳои низоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ**

Шахсе, ки дар натиҷаи муоинаи ӯ вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи масуният муайян шудааст ҳангоми дар ҷойҳои аз озодӣ маҳрум ё ҳабси пешакӣ қарор доштан ҳуқуқи гирифтани кӯмаки тиббии дахлдор, машварат ва фиристода шудан ба дигар хадамоти мададрасонро дорад.

Маҳбусон ва боздоштшудагон ба ташхиси ройгони махфии сирояти вируси норасоии масунияти одам ва ба машварат дар асоси розигии огоҳона, инчунин барои гирифтани маълумот оид ба вазъи саломатиашон ҳуқуқ доранд. Маълумот оид ба вазъи саломатӣ дар ҳуҷҷатҳое нигоҳ дошта мешавад, ки он танҳо барои кормандони тиб дастрас буда, фақат бо розигии худи маҳбус ва ё дар ҳолати зарурати таъмини бехатарии дигар маҳбусон ва кормандони маҳбасҳо бояд ошкор карда шавад.

**Моддаи 15. Ҳифзи иҷтимоии шахсони мубталои ВНМО/БНММ ва аъзои оилаҳои онҳо**

Мақомоти идораи ҳифзи иҷтимоӣ дар ҳамкорӣ бо мақомоти идораи тандурустӣ, маориф, меҳнат ва шуғли аҳолӣ барномаҳоро оид ба дастгирии иҷтимоии шахсони мубталои ВНМО/БНММ ва аъзои оилаи онҳо, аз ҷумла таъин кардан ва пардохтани нафақаю кӯмакпулиҳо, расонидани кӯмаки иҷтимоию маишӣ, расонидани кӯмак барои гирифтани таҳсилот, бозомузӣ ва бо кор таъминкунӣ таҳия ва татбиқ менамоянд.

Мақомоти идораи маориф, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ барномаҳои дастгирии иҷтимоии кӯдаконеро, ки дар натиҷаи сирояти ВНМО ятим ё бе парастории волидон мондаанд, таҳия ва татбиқ мекунанд.

Ба шахсоне, ки дар натиҷаи амалиёти тиббии бо тартиби расмӣ иҷрошуда ВНМО сироят кардааст, таъминоти нафақавӣ ва ҳуқуқи дар навбати аввал гирифтани манзил дар сурати набудани он ё зарурати беҳсозии шароити манзилӣ бо тартиби муайянкардаи қонунгузорӣ муқаррар карда мешавад.

Барои кӯдакони то 16-сола, ки мубталои ВНМО/БНММ мебошанд, кӯмакпулии давлатии ҳармоҳа таъин карда мешавад.

Тартиби додани кӯмакпулиҳо, ҳаҷм ва манбаи пардохти онҳоро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад.

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷоя бо Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи нишондодҳои тиббӣ таълими кӯдакон ва наврасонеро, ки мубталои ВНМО/БНММ буда, дар муассисаҳои тандурустӣ ё шароити хона қарор доранд, аз рӯи барномаҳои махсуси мактаби таҳсилоти умумӣ ташкил менамоянд.

**Моддаи 16. Ҳуқуқи волидоне, ки кӯдакони онҳо мубталои ВНМО/БНММ мебошанд**

Волидони кӯдаконе, ки мубталои ВНМО/БНММ мебошанд ва шахсоне, ки онҳоро иваз менамоянд, дорои чунин ҳуқуқҳоянд:

- дар беморхонаҳо ҳамроҳи кӯдакон (то 14-сола) бошанд ва онҳо дар ин давра аз кор озод шуда, ба онҳо барои корношоямии муваққатӣ кӯмакпулӣ дода мешавад;

- дар ҳолати аз кор озод кардани яке аз волидон бинобар нигоҳубини кӯдаки то 16-сола нигоҳ доштани собиқаи меҳнатӣ барои пардохти кӯмакпулии корношоямии муваққатӣ ба шарте, ки то ба синни зикрёфта расидани кӯдак ба кор дохил шуда бошад;

- рафту омади ройгони яке аз волидон ё дигар намояндаи қонунии кўдаки то 18-сола ҳангоми ба ҷои табобат бурда овардани ў. Модароне, ки кўдаки то 16-солаи мубталои ВНМО/БНММ доранд, барои гирифтани рухсатии ҳарсола дар тобистон ё вақти дигари барояшон мувофиқ ҳуқуқ доранд. Дар сурати набудани модар ва чунин кўдакро тарбия кардани падар ё шахси дигар ин ҳуқуқ ба ҳамин шахсон дода мешавад.

**Моддаи 17. Ҷуброни зарари расонидашуда ба шахсони мубталои ВНМО/БНММ**

Зараре, ки ба шахсони мубталои ВНМО/БНММ дар натиҷаи нодуруст иҷро намудани вазифаҳои хизматӣ аз ҷониби кормандони тиббии муассисаҳои хизматрасонии тиббӣ расонда шудааст, бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷуброн карда мешавад.

## БОБИ 4 ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ КОРМАНДОНЕ, КИ ДУЧОРИ ХАТАРИ КАСБИИ СИРОЯТИ ВНМО МЕБОШАНД

**Моддаи 18. Ба бемориҳои касбӣ мансуб донистани ВНМО/БНММ**

Дар вақти иҷрои вазифаҳои хизматӣ ба сирояти вируси норасоии масунияти одам гирифтор шудани кормандони тиббӣ, фармасевтӣ ва дигар кормандон ба гурўҳи бемориҳои касбӣ мансуб дониста мешаванд.

**Моддаи 19. Ҳифзи иҷтимоии кормандоне, ки дучори хатари касбии сирояти ВНМО мебошанд**

Кормандоне, ки бо расонидани кўмаки тиббӣ ба аҳолӣ, тадқиқоти озмоишгоҳӣ ё илмӣ аз рўи масъалаҳои ВНМО/БНММ ва истеҳсоли дорувории вирусӣ машғуланд, инчунин донорҳо, кормандони хадамоти иҷтимоӣ ва дигар шахсоне, ки баҳри расонидани кўмак ба шахсони сироятшудаи ВНМО/БНММ ҷалб шудаанд, аз ҳолатҳои сирояти ВНМО ва инчунин маъюб гаштан ва фавтидани онҳо аз БНММ ҳангоми иҷроивазифаи хизматӣ суҷуртаи ҳатмии давлатӣ карда мешаванд.

Тартиби суғуртаи ҳатмии ин гурўҳи кормандонро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад.

Маъмурияти муассисаҳои тиббӣ, ки кормандони онҳо барои сирояти ВНМО таҳқиқоти ташхисӣ мегузаронанд, ба шахсони мубталои ВНМО/БНММ кӯмаки тиббӣ мерасонанд, инчунин бо хун ва дигар маводи шахсони мазкур сарукор доранд, ӯҳдадоранд ин кормандонро бо воситаҳои зарурии муҳофизат таъмин намоянд ва онҳоро бо мақсади ошкор сохтани сирояти ВНМО мунтазам муоина кунанд.

**Моддаи 20. Ҳуқуқи кормандони тиббии мубталои ВНМО/БНММ**

Кормандони тиббие, ки дар натиҷа ба таври дахлдор бинобар сидқан иҷро намудани вазифаи хизматӣ ба онҳо вируси норасоии масунияти одам сироят кардааст ё бемори норасоии муҳассили масуният шудаанд, дорои чунин ҳуқуқҳоянд:

- дар навбати аввал ба беҳтар кардани шароити манзилӣ бо тартиби муайянкардаи қонунгузорӣ;
- ба нафақаи имтиёзноки пиронсолӣ, дар мавриди фавтидани онҳо аз БНММ ба пардохт кардани нафақа дар ҳаҷми 100 фоизи музди кор ба аъзои корношоями оила ва фарзандони онҳо то расидан ба синни балоғат;
- ба рухсатии ҳарсолаи давомнокиаш на камтар аз 36 рӯзи корӣ бо истифодаи он дар тобистон ё дигар вақти барои онҳо мувофиқ;
- ба табобати ҳарсола дар муассисаҳои муолиҷавию истироҳатӣ новобаста аз тобеияти идоравии онҳо;
- ба ҷуброни зарар, ки ҳаҷм ва тартиби онро қонунгузорӣ муқаррар мекунад.

Дар сурати сироят кардани ВНМО ҳангоми иҷро ба таври дахлдор накардани вазифаи касбӣ, дар натиҷаи вайрон намудани қоидаҳо ва меъёрҳои бехатарӣ бо гуноҳи корманд ҳуқуқи ӯро барои ҷуброни зарар қонунгузорӣ муайян менамояд.

**Моддаи 21. Имтиёзҳо дар соҳаи меҳнат**

Кормандони дахлдори муассисаҳои давлатии махсусгардонидашудаи низоми тандурустӣ, ки ба шахсони бо вируси норасоии масунияти одам сироятшуда ё беморони мубталои бемории пайдошудаи норасоии масуният ёрии тиббӣ ё дигар кӯмакҳо мерасонанд ва ба гузаронидани таҳқиқоти илмӣ бо истифодаи маводи сироятёфта, истеҳсоли доруҳои биологӣ барои ташхис машғул мебошанд, ҳуқуқ доранд:

- ба баромадан ба нафақа мутобиқи рўйхати №1-уми истеҳсолот, корҳо, ихтисосҳо, вазифаҳо ва нишондиҳандаҳои корҳои зеризаминӣ, кор дар шароити махсусан вазнини меҳнат, ки машғул будан бо онҳо ба нафақа аз рўи синну сол бо шартҳои имтиёзнок ҳуқуқ медиҳад;

- ба иловапулии музди кор дар ҳаҷми 100 фоиз;

- ба рухсатии ҳарсолаи давомнокиаш то 56 рўзи тақвимӣ;

- ба рўзи кории кўтоҳ (рўзи кори 6 - соата).

## БОБИ 5 МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

### Моддаи 22. Ҳамоҳангсозӣ, мониторинг ва арзёбии самаранокии муқовимат бо ВНМО/БНММ

Ҳамоҳангсозии амалиёт оид ба муайян намудани афзалиятҳои муқовимат бо паҳншавии ВНМО/БНММ, таҳияи барномаҳо ва нақшаҳои фаъолият, тайёр кардани нақшаҳои молиявӣ, амалӣ гардонидани мониторинг ва арзёбии самаранокии фаъолият дар ҳамаи зинаҳо аз ҷониби Кумитаи миллии ҳамоҳангсозӣ, ки намояндагони мақомоти ҳокимияти иҷроия ва қонунгузор, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ҷомеаи шахсони сироятшудаи ВНМО/БНММ ва дигар муассисаю ташкилот ва корхонаҳоро дар бар гирифта, дар фаъолияти муқовимат бо ВНМО/БНММ дар зинаҳои дахлдор фаъолона ширкат меварзанд, анҷом дода мешавад.

Мониторинги татбиқи нақшаю барномаҳо, арзёбии самаранокии фаъолият оид ба муқовимат бо паҳншавии ВНМО/БНММ дар дараҷаи миллӣ ва минтақавӣ аз ҷониби гўруҳҳои корҳ ва муассисаҳои дараҷаи дахлдор, ки комиссияи байнисоҳавии дахлдор ваколатдор намудааст, мунтазам амалӣ гардонида мешавад.

Ахборот дар бораи натиҷаи мониторинги паҳншавии ВНМО/БНММ, татбиқи нақшаю барномаҳо, инчунин арзёбии самаранокии фаъолият оид ба муқовимат бо паҳншавии ВНМО/БНММ, аз ҷумла дар доираи шартномаҳои байналмилалӣ сари вақт дар воситаҳои ахбори омма пурра чоп карда мешавад.

### Моддаи 23. Ҳамкории байнисоҳавӣ дар муқовимат бо ВНМО/БНММ

Ҳамаи муассисаҳои маориф ба нақшаҳои таълимӣ ва фаъолияти таълимию тарбиявӣ масъалаҳои тарғиби тарзи ҳаёти солимро ворид намуда, ба хонандагон дар бораи роҳҳои сирояти

ВНМО ва усулҳои пешгирии ВНМО/БНММ ахбороти пурра, босифат ва дастрас медиҳанд.

Вазорату идораҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, корхонаҳо, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳо новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ, якҷоя бо Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барномаҳои муқовимат ба вируси норасоии масунияти одам ва беморим пайдошудаи норасоии масуниятро барои гурӯҳҳои осебпазир ва махсуси аҳолӣ бо хатари бештари сироятёбӣ аз вируси норасоии масунияти одам таҳия ва татбиқ менамоянд.

**Моддаи 24. Ҳамкории байналмилалӣ**

Ҳамкории байналмилалӣ дар муқовимат бо паҳншавии ВНМО/БНММ дар доираи барномаҳои дахлдори байналмилалӣ ва дигар санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла дар соҳаи мубодилаи донишҳо ва таҷрибаи андӯхта оид ба масъалаи ҳифзи ҳуқуқи инсон вобаста ба ВНМО/БНММ, инчунин ба вуҷуд овардани механизмҳои ҳифзи ҳуқуқи инсон дар заминаи ВНМО/БНММ дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ амалӣ гардонида мешавад.

**Моддаи 25. Масъулияти шахсони сироятшудаи ВНМО**

Дидаю дониста зери хатари сироят гузоштан ё сироят кунондани шахси дигар (ё якчанд шахс) бо вируси норасоии масунияти одам аз ҷониби шахсе, ки ба сирояти ВНМО гирифтор буданашро медонад, боиси ҷавобгарии ҷиноятии муқарраркардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мегардад.

Шахси гунаҳгор инчунин зарареро ки бинобар расонидани кӯмаки тиббӣ ва иҷтимоӣ ба шахси сироятшуда расондааст, бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷуброн мекунад.

**Моддаи 26. Масъулияти кормандони тиббӣ**

Кормандони муассисаҳои тандурустӣ, ки вазифаи касбии худро хунукназарона ба ҷо овардаанд ва ин боиси ба шахси дигар (ё якчанд шахс) сироят кардани вируси норасоии масунияти одам гардидааст, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**Моддаи 27. Масъулият барои вайрон кардани Қонуни мазкур**

Риоя накардани Қонуни мазкур боиси бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ба ҷавобгарии интизомӣ, маъмурӣ, ҷиноятӣ ва граждании кашидан мегардад.

**Моддаи 28. Аз эътибор соқит донистани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи пешгирии беморисии СПИД (аломати норасоии масунияти бадан)"**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 1993 "Дар бораи пешгирии бемории СПИД (аломати норасоии масунияти бадан)" (Ахбори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1994, №2, моддаи 34; Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1996, №3, моддаи 48; соли 1997, №23-24, моддаи 333) аз эътибор соқит дониста шавад.

**Моддаи 29. Мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур**

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Эмомалӣ Раҳмон**

ш. Душанбе
28 декабри соли 2005, № 150

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР БОРАИ ФАРМОИШИ ИҶТИМОИИ ДАВЛАТӢ

Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқӣ, принсипҳо, тартиби ташкил, ҷойгиркунӣ, маблағгузорӣ ва иҷрои фармоиши иҷтимоии давлатиро, ки аз тарафи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, новобаста аз шакли моликият ва ташкилию ҳуқуқиашон амалӣ мегарданд, муқаррар мекунад.

**Моддаи 1. Мафҳумҳои асосӣ**

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

- **фармоиши иҷтимоии давлатӣ** - шакли ҳуқуқию иқтисодии иҷрои барнома ва лоиҳаи иҷтимоӣ, ки барои ҳалли масъалаҳои иҷтимоии сатҳи ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ равона гардида, аз ҳисоби маблағи буҷети давлатӣ, инчунин маблағи ҷалбшаванда бо роҳи бастани шартномаи байни фармоишгари иҷтимоии давлатӣ ва иҷрокунандаи он таъмин карда мешавад;

- **эҳтиёҷоти иҷтимоии давлатӣ** - талаботи объективие, ки дар барнома ва лоиҳаи иҷтимоии соҳаҳои илм, маориф, фарҳанг, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва шуғли аҳолӣ, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, ҳифзи табиат ва муҳити зист, сиёсати давлатии ҷавонон, кор бо занон, пойдории оила, мусоидат ба ҳалли масъалаҳои демографӣ, сиёсати гендерӣ, дастгирии дигар соҳаҳои дорои аҳамияти иҷтимоӣ ифода ёфтааст;

- **барномаи иҷтимоӣ** - маҷмӯи тадбирҳои ташкилӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, техникӣ ва нақшаи амалиёт, ки аз ҳисоби маблағи буҷети давлатӣ, инчунин маблағи ҷалбшаванда барои ноил шудан ба мақсад дар соҳаҳои илм, маориф, фарҳанг, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва шуғли аҳолӣ, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, ҳифзи табиат ва муҳити зист, сиёсати давлатии ҷавонон, кор бо занон, пойдории оила, мусоидат ба ҳалли масъалаҳои демографӣ, сиёсати гендерӣ, дастгирии дигар соҳаҳои дорои аҳамияти иҷтимоӣ равона карда мешаванд;

- **лоиҳаи иҷтимоӣ** - маҷмӯи тадбирҳо барои ноил шудан ба мақсадҳои мушаххаси дорои аҳамияти иҷтимоӣ дар доираи барномаи иҷтимоӣ;

- **фармоишгари иҷтимоии давлатӣ** - мақоми ҳокимияти давлатӣ ва сохторҳои он, ки ба зиммаи онҳо ӯҳдадории иҷрои

чораҳои марбут ба интихоби иҷрокунанда, аз ҷониби тарафҳо бастани шартнома, маблағгузорӣ ва назорати иҷрои фармоиши иҷтимоии давлатӣ вогузор шудааст;

- **иҷрокунандаи фармоиши иҷтимоии давлатӣ** - шахси воқеӣ ва ҳуқуқӣ, новобаста аз шакли моликият ва ташкилию ҳуқуқӣ, ки дар озмун ҷолиб омада, бо фармоишгари иҷтимоии давлатӣ шартнома бастааст ва ба зиммаи ӯ иҷрои фармоиши иҷтимоии давлатӣ вогузор шудааст;

- **ҷойгиркунии фармоиши иҷтимоии давлатӣ** - раванде, ки дар ҷараёни он фармоишгари иҷтимоии давлатӣ чораҳои марбут ба интихоби иҷрокунандаи фармоиши иҷтимоии давлатӣ, баста шудани шартнома аз ҷониби тарафҳоро иҷро намуда, масъалаи пешбинӣ намудани маблағгузории онро дар лоиҳаи буҷети давлатӣ барои соли оянда пешниҳод менамояд;

- **озмун барои иҷрои фармоиши иҷтимоии давлатӣ** (минбаъд-озмун) тарзи интихоби иҷрокунандаи фармоиши иҷтимоии давлатӣ аз тарафи фармоишгар;

- **шартнома оид ба иҷрои фармоиши иҷтимоии давлатӣ** - шартномаест, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон байни фармоишгари иҷтимоии давлатӣ ва иҷрокунанда баста шуда, он ҳуқуқ, ӯҳдадорӣ ва масъулияти тарафҳоро барои иҷрои фармоиши иҷтимоии давлатӣ муайян менамояд.

**Моддаи 2. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи фармоиши иҷтимоии давлатӣ**

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи фармоиши иҷтимоии давлатӣ ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, иборат мебошад.

**Моддаи 3. Мақсади Қонуни мазкур**

1. Қонуни мазкур барои таъмини самарабахш ва мақсаднок истифода бурдани маблағҳои буҷетӣ ва ҷалбшаванда, ҳалли масъалаҳои дорои аҳамияти иҷтимоӣ, мусоидат баҳри беҳдошти вазъи зиндагии шаҳрвандон, инчунин ҷиҳати ба ин кор ҷалб намудани шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, новобаста аз шакли моликият ва ташкилию ҳуқуқиашон ва табақаҳои васеи аҳолӣ равона карда мешавад.

2. Муносибатҳое, ки ҳангоми иҷрои фармоиши иҷтимоии давлатӣ ба миён омада, дар Қонуни мазкур пешбинӣ нагардидаанд, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим карда мешаванд.

**Моддаи 4. Принсипҳои ташкил ва ҷойгиркунии фармоиши иҷтимоии давлатӣ**

Фармоиши иҷтимоии давлатӣ дар асоси принсипҳои зерин ташкил ва ҷойгир карда мешавад:

- аз ҳисоби буҷет маблағгузорӣ шудани фармоиши иҷтимоии давлатӣ;
- самарабахшу мақсаднок ҷобаҷогузорӣ ва истифода намудани маблағи буҷети давлатӣ, инчунин маблағи ҷалбшаванда;
- афзалияти интихоби масъалаҳои муҳимтарини иҷтимоӣ;
- мувофиқати маблағгузории буҷетӣ бо манбаъҳои иловагии ғайрибуҷетӣ;
- ба тариқи озмун интихоб шудани иҷрокунандаи фармоиши иҷтимоии давлатӣ;
- дастрасии баробар ва озоди иттилоот барои иштирокчиёне, ки хоҳиши амалӣ намудани фармоиши иҷтимоии давлатиро доранд.

**Моддаи 5. Мақсад ва самтҳои амалӣ намудани фармоиши иҷтимоии давлатӣ**

1. Мақсадҳои амалӣ намудани фармоиши иҷтимоии давлатӣ инҳоянд:

- қонеъ намудани эҳтиёҷоти иҷтимоии давлатӣ;
- ҳалли масъалаҳои муҳими иҷтимоии сатҳи ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ, ки аз доираи фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ берун мондаанд ва ё ғайричашмдошт ба миён омадаанд;
- истифодаи воситаҳои иловагии меҳнатӣ ва захираҳои моддию молиявӣ барои ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ;
- андешидани чораҳои иловагӣ барои дастгирии вазъи иҷтимоии шаҳрвандон;
- саҳмгузорӣ бо мақсади беҳдошти вазъи зиндагии шаҳрвандон.

2. Фармоиши иҷтимоии давлатӣ дар самтҳои зерин амалӣ мешавад:

- илм, маориф, фарҳанг, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва шуғли аҳолӣ;

- тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш;
- тарбияи ҳарбию ватандӯстӣ;
- ҳифзи табиат ва муҳити зист;
- таъмини аҳолӣ бо оби нӯшокӣ;
- кор бо занон, пойдории оила, мусоидат ба ҳалли масъалаҳои демографӣ ва сиёсати гендерӣ;
- ҳифзи ҳуқуқи модару кӯдак;
- дастгирии сиёсати давлатии ҷавонон;
- дастгирии олимони ҷавон дар амалӣ гардонидани лоиҳаҳои сармоягузорӣ;
- дастгирии иҷтимоӣ ва ҳимояи ҳуқуқи шаҳрвандон, аз ҷумла беҳтар намудани вазъи моддии оилаҳои камбизоат, маъюбон, гурезагон, муҳоҷирон, ҳамчунин шахсоне, ки бо сабаби нуқсонҳои ҷисмонӣ, зеҳнӣ ва ҳолатҳои дигар ҳуқуқу манфиатҳои қонунии худро мустақилона амалӣ карда наметавонанд;
- омода намудани аҳолӣ барои бартараф намудани оқибатҳои офатҳои табиӣ, ҳолатҳои фавқулодда, пешгирӣ намудани онҳо ва кӯмак расонидан ба зарардидагон;
- ҳифзи биноҳо, ёдгориҳои таърихӣ, иншооту мавзеъҳое, ки дорои аҳамияти миллӣ, давлатӣ ва фарҳангӣ мебошанд;
- баланд бардоштани савияи маърифати сиёсию ҳуқуқии шаҳрвандон.

**Моддаи 6. Тартиби таҳияи фармоиши иҷтимоии давлатӣ**

1. Фармоиши иҷтимоии давлатӣ дар шакли барнома ва лоиҳаи иҷтимоӣ таҳия ва пешниҳод карда мешавад. Барнома ва лоиҳаи иҷтимоӣ ҳар сол пеш аз таҳияи лоиҳаи буҷети давлатӣ барои соли оянда бо роҳи интихоби масъалаҳои муҳими иҷтимоӣ аз тарафи мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва сохторҳои он, ки амалӣ намудани фармоиши иҷтимоии давлатии соҳаи мушаххас дар салоҳияти онҳост, бо ҷалби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, новобаста аз шакли моликият ва ташкилию ҳуқуқиашон, таҳия карда мешаванд.

2. Ҳалли масъалаҳои муҳими иҷтимоие, ки ба салоҳияти якчанд сохторҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ дохил мешаванд, метавонанд дар доираи як барнома ва лоиҳаи иҷтимоӣ пешниҳод карда шаванд.

3. Барнома ва лоиҳаи иҷтимоӣ бояд дорои чунин маълумот бошанд:

- собит кардани масъала аз лиҳози вазъи мавҷуда ва таҳлили илмию иқтисодии ҳолати аввала;

- вазифаҳои асосӣ, давра ва мӯҳлати иҷрои барнома ва лоиҳаи иҷтимоӣ;

- тартиби иҷрои барнома ва лоиҳаи иҷтимоӣ;

- номи мушаххаси фармоишгари иҷтимоии давлатӣ оид ба иҷрои барнома ва лоиҳаи иҷтимоӣ;

- маълумот дар бораи маҷмӯи маблағгузорӣ, захираҳои моддию меҳнатӣ ва манбаи таъмини онҳо;

- дурнамо ва натиҷагирии пешакии чашмдошти иҷтимоию иқтисодии барнома ва лоиҳаи иҷтимоӣ дар сурати амалӣ гардонидани онҳо;

- пешниҳоди назорати рафти иҷрои барнома ва лоиҳаи иҷтимоӣ;

- дигар ҳуҷҷату мавод, ки барои тасдиқи барнома ва лоиҳаи иҷтимоӣ зарур мебошанд.

**Моддаи 7. Ҷойгиркунии фармоиши иҷтимоии давлатӣ**

1. Фармоишгари иҷтимоии давлатӣ чораҳои марбут ба интихоби иҷрокунандаи фармоиши иҷтимоии давлатӣ ва аз ҷониби тарафҳо баста шудани шартномаро иҷро намуда, масъалаи пешбинӣ намудани маблағгузории онро дар лоиҳаи буҷети давлатӣ барои соли оянда пешниҳод менамояд.

2. Номгӯи соҳаҳои афзалиятноки фармоиши иҷтимоии давлатиро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ муайян менамоянд.

3. Иҷрокунандаи фармоиши иҷтимоии давлатӣ дар асоси озмун интихоб карда мешавад. Шарту тартиби баргузории озмунро фармоишгари иҷтимоии давлатӣ муайян карда, дар воситаҳои ахбори омма нашр менамояд. Ба ҳайати ҳакамони озмун намояндагони мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва сохторҳои онҳо, ки бевосита ба иҷрои барнома ва лоиҳаи иҷтимоии мазкур вобастаанд, шомил мегарданд. Ҳамчунин ба ин ҳайат мутахассисон, экспертҳо, намояндагони ташкилотҳои ғайридавлатӣ низ метавонанд ҷалб карда шаванд. Ғолиби озмун иҷрокунандаи фармоиши иҷтимоии давлатӣ ҳисобида мешавад ва бо фармоишгари иҷтимоии давлатӣ шартнома мебандад.

4. Низомномаи намунавӣ дар бораи баргузории озмун барои иҷрои фармоиши иҷтимоии давлатӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

5. Дар асоси қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳрҳо ва ноҳияҳо мақоми ваколатдори давлатӣ маблағгузории фармоиши иҷтимоии давлатиро ҳангоми таҳияи лоиҳаи буҷети давлатӣ барои соли оянда пешбинӣ намуда, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон онро барои тасдиқ пешниҳод мекунад.

**Моддаи 8. Шартнома оид ба иҷрои фармоиши иҷтимоии давлатӣ**

1. Шартномае, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон байни фармоишгари иҷтимоии давлатӣ ва иҷрокунанда баста шудааст, ҳуҷҷати асосӣ ба ҳисоб рафта, ҳуқуқ, ӯҳдадорӣ ва масъулияти онҳоро муайян менамояд, муносибатҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ташкилию техникии тарафҳоро ба танзим медарорад.

2. Баҳсҳои байни иҷрокунандаи фармоиши иҷтимоӣ ва фармоишгари иҷтимоии давлатӣ ҳангоми бастани шартнома бавуҷудомада, иҷрои шартнома ва ворид намудани тағйиру иловаҳо ба матни он ё бекор кардани шартнома оид ба иҷрои фармоиши иҷтимоии давлатӣ, инчунин ҷуброни зарари моддӣ ва ё маънавӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ карда мешаванд.

**Моддаи 9. Ҳуқуқу ӯҳдадориҳои фармоишгар ва иҷрокунандаи фармоиши иҷтимоии давлатӣ**

1. Ҳуқуқу ӯхдадориҳои тарафҳо барои иҷрои фармоиши иҷтимоии давлатӣ аз рӯи шартнома тибқи талаботи Қонуни мазкур муайян карда мешавад.

2. Фармоишгари иҷтимоии давлатӣ мувофиқи шартҳои шартнома иҷрокунандаро барои иҷрои он бо таҷҳизоти моддӣ ва захираҳои молиявӣ таъмин менамояд, мутобиқи талаботи Қонуни мазкур рафти иҷрои фармоиши иҷтимоии давлатиро назорат мекунад, ба мақомоти дахлдор оид ба иҷрои он ҳисобот медиҳад ва дар воситаҳои ахбори омма ҳисоботи солонаи иҷрои фармоиши иҷтимоии давлатиро нашр менамояд.

3. Иҷрокунандаи фармоиши иҷтимоии давлатӣ вазифадор аст, ки маблағи гирифтаашро танҳо барои иҷрои ӯҳдадориҳои шартнома харҷ намояд ва ҳуқуқ дорад барои иҷрои корҳои пешбининамудаи шартнома шахсони сеюмро ҷалб кунад.

Ҳамчунин дар ин ҳолат ӯ дар назди фармоишгари иҷтимоии давлатӣ пурра ҷавобгар мебошад.

**Моддаи 10. Маблағгузории фармоиши иҷтимоии давлатӣ**

Фармоиши иҷтимоии давлатӣ аз ҳисоби манбаъҳои зерин маблағгузорӣ карда мешавад:

- маблағи буҷети давлатӣ;
- маблағ ва захираҳои дигари моддию молиявие, ки иҷрокунанда ҷалб намудааст;
- саҳмгузории ихтиёрии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, новобаста аз шакли моликият ва ташкилию ҳуқуқии онҳо;
- дигар манбаъҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст.

**Моддаи 11. Назорати иҷрои фармоиши иҷтимоии давлатӣ**

Назорати иҷрои фармоиши иҷтимоии давлатӣ аз тарафи мақомоти ваколатдори давлатӣ ва фармоишгари иҷтимоии давлатӣ дар доираи салоҳияти муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешавад.

**Моддаи 12. Ҷавобгарӣ барои вайрон намудани Қонуни мазкур**

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, новобаста аз шакли моликият ва ташкилию ҳуқуқиашон, барои вайрон кардани талаботи Қонуни мазкур тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**Моддаи 13. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур**

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Эмомалӣ Раҳмон**

ш. Душанбе
31 декабри соли 2008, № 482

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР БОРАИ ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ ШАҲРВАНДОНЕ, КИ БАР АСАРИ ФАЛОКАТИ НЕРӮГОҲИ БАРҚИ АТОМИИ ЧЕРНОБИЛ ЗАРАР ДИДААНД

## БОБИ I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

### Моддаи 1. Мақсади Қонуни мазкур

Мақсади Қонуни мазкур ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои шахсоне мебошад, ки дар минтақаҳои таъсири омилҳои номусоиди бар асари фалокати нерӯгоҳи барқи атомии Чернобил 26 апрели соли 1986 бавуҷудомада зарар дидаанд ва ё дар рафъи оқибатҳои ин фалокат ширкат варзидаанд, инчунин кӯдаконе, ки падар ё модарашон ба таъсири шуоъхӯрии радиатсионӣ ва таъсири ирсӣ дучор гардидаанд.

### Моддаи 2. Мафҳумҳои асосӣ

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

- **дастгирии давлатии шаҳрвандони бар асари фалокати нерӯгоҳи барқи атомии Чернобил зарардида** (минбаъд - шаҳрвандони зарардида) - низоми чораҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, тиббӣ ва ташкилию техникии аз тарафи давлат кафолат додашудае, ки оқибатҳои манфии таъсири радиатсиониро ҷуброн карда, ҳифзи саломатии шаҳрвандони зарардида ва шароити мусоиди зиндагии онҳоро таъмин менамоянд;
- **минтақаи ҷудокунӣ** - минтақае, ки солҳои 1986-1987 минтақаи 30-километра номида шуда, аз соли 1988 бошад, минтақаи зарардидаи ҳудудҳои Федератсияи Россия, Украина ва Белоруссия ном гирифт, ки аз он ҷо аҳолӣ тибқи меъёрҳои бехатарии радиатсионӣ соли 1986 кӯчонида шуда буд;
- **андозаи шуоъафканӣ** - андозаи қувваи афканишоти иондор, ки бо назардошти ҳассосияти узву бофтаҳои гуногун ба бадан таъсир расонидааст;
- **бемории шуоъ** - беморие, ки ҳангоми шуоъхӯрии организми инсон таҳти таъсири аз ҳадди имконпазир зиёди радиатсия ба вуҷуд меояд;

- **кӯчонидани аҳолӣ** - аз ҷойҳои хавфнок муваққатан ба ҷойҳои бехавф кӯчонидани аҳолӣ.

**Моддаи 3. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандоне, ки бар асари фалокати нерӯгоҳи барқи атомии Чернобил зарар дидаанд**

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандоне, ки бар асари фалокати нерӯгоҳи барқи атомии Чернобил зарар дидаанд, ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, иборат мебошад.

**Моддаи 4. Гурӯҳҳои шаҳрвандоне, ки бар асари фалокати нерӯгоҳи барқи атомии Чернобил зарар дидаанд**

Ба гурӯҳҳои шаҳрвандоне, ки бар асари фалокати нерӯгоҳи барқи атомии Чернобил зарар дидаанд, шахсони зерин дохил мешаванд:

а) шахсоне, ки дар вақти фалокати нерӯгоҳи барқи атомии Чернобил дар минтақаи ҷудокунӣ истиқомат мекарданд, дар минтақаи ҷудокунӣ сафари хизматӣ доштанд, хизматчиёни ҳарбӣ ва ҳайати шахсии фармондеҳиву қатории мақомоти корҳои дохилӣ, ки дар ин минтақа хизмат кардаанд, инчунин шахсоне, ки соли 1986 ва солҳои минбаъда аз минтақаи ҷудокунӣ, ки ҷои зисти доимиашон буд, ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ихтиёран кӯчида омадаанд ё кӯчонида шудаанд, аз ҷумла кӯдаконе, ки ҳангоми кӯчидан дар батни модар буданд;

б) шаҳрвандоне, ки дар рафъи оқибатҳои фалокати нерӯгоҳи барқи атомии Чернобил иштирок кардаанд, аз ҷумла:

- шаҳрвандони муваққатан ба сафари хизматӣ фиристода, ки дар рафъи оқибатҳои фалокати нерӯгоҳи барқи атомии Чернобил иштирок кардаанд ва (ё) дар ин давра дар ҳудуди минтақаи ҷудокунӣ бо дигар корҳо машғул буданд;

- хизматчиёни ҳарбӣ, аз ҷумла низомиёни шомили ҷузъу томҳои махсуси наҷотбахш ва шахсони ӯҳдадори ҳарбӣ, ки махсус барои ҳамин мақсад даъват шуда, сарфи назар аз маҳалли ҷойгиршавӣ ва иҷрои корҳои вобаста ба рафъи оқибатҳои фалокати

нерўгоҳи барқи атомии Чернобил ҷалб гардида буданд, инчунин шахсони роҳбарикунанда ва ҳайати қатории мақомоти корҳои дохилӣ, ки солҳои 1986-1991 дар минтақаи ҷудокунӣ ҳизмат мекарданд ва (ё) дар нерўгоҳи барқи атомии Чернобил бо дигар корҳо машғул буданд;

в) шахсони дар бандҳои "а" ва "б" ҳамин модда нишондодашуда, ки ба бемории шуоъзада ва бемориҳои дигари вобаста ба фалокати нерўгоҳи барқи атомии Чернобил ё корҳои рафъи оқибатҳои ин фалокат гирифтор шудаанд;

г) шахсони дар бандҳои "а" ва "б" ҳамин модда нишондодашуда, ки бар асари фалокати нерўгоҳи барқи атомии Чернобил ё корҳои рафъи оқибатҳои ин фалокат маъюб шудаанд;

д) кўдаконе, ки аз падар ё модари зарардида, инчунин наврасоне, ки тибқи хулосаи мақомоти салоҳиятдори тиббӣ аз наслҳои минбаъдаи гирифтори бемориҳои ирсии вобаста ба фалокати нерўгоҳи барқи атомии Чернобил таваллуд ёфтаанд;

е) оилаҳои бесаробонмондаи шахсоне, ки бар асари фалокати нерўгоҳи барқи атомии Чернобил зарар дидаанд.

**Моддаи 5. Дастгирии давлатии ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандоне, ки бар асари фалокати нерўгоҳи барқи атомии Чернобил зарар дидаанд**

Дастгирии давлатии ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандони зарардида дар асоси тадбирҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

- бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷуброни товони зараре, ки ба саломатии шаҳрвандони ҷудогона расидааст;

- ба қайд гирифтани шахсони зарардида ва тартиб додани феҳристи давлатии тиббии ченкунии андозаи шуоъафканӣ;

- таҳия ва амалӣ гардонидани механизмҳои муайянкунии сабабҳои беморӣ ва маъюбӣ бар асари оқибати ин фалокат;

- таҳия ва амалигардонии усули илман асосноки ҳисоби ҷудогонаи андозаи шуоъхўрии шаҳрвандон аз лаҳзаи сар задани ин фалокат;

- муайян намудани мақоми шахсоне, ки гирифтори таъсири фалокати нерўгоҳи барқи атомии Чернобил шудаанд, инчунин таҳия ва амалӣ намудани чораҳо барои ҳифзи иҷтимоии онҳо вобаста ба гурўҳҳои муқарраршудаи зарардидагон;

- ташкили механизми имтиёзноки фаъолияти муассисаҳои тиббии давлатӣ, санаторию курортӣ, ки масъалаҳои ҳифзи саломатии шаҳрвандони зарардидаро бевосита ҳаллу фасл мекунад;

- бо мақсади маблағгузории иловагӣ барои ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандони зарардида ташкил намудани фондҳои махсус;

- амалӣ намудани дигар имтиёзҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ кардааст.

## БОБИ II. ҲУҚУҚҲОИ ШАҲРВАНДОНЕ, КИ БАР АСАРИ ФАЛОКАТИ НЕРӮГОҲИ БАРҚИ АТОМИИ ЧЕРНОБИЛ ЗАРАР ДИДААНД

**Моддаи 6. Ҳуқуқи шаҳрвандони бар асари фалокати нерӯгоҳи барқи атомии Чернобил зарардида ба ҳифзи саломатӣ**

Шаҳрвандони зарардида дар муассисаҳои тиббии давлатӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳифзи саломатӣ ҳуқуқ доранд.

Иштирокчиёни рафъи оқибатҳои фалокати нерӯгоҳи барқи атомии Чернобил, ки саломатиашон осеб надидааст, ҳар сол аз муоинаи тиббӣ ба таври ройгон дар муассисаҳои тиббии давлатӣ мегузаранд.

**Моддаи 7. Ҳуқуқи шаҳрвандони бар асари фалокати нерӯгоҳи зарардида ба ҷубронпулӣ ва имтиёзҳо**

Давлат ба шаҳрвандони зарардида ҷубронпулӣ ва имтиёзҳои дар Қонуни мазкур пешбинишударо кафолат медиҳад.

Агар шаҳрвандони зарардида бо якчанд асос ба гирифтани ҷубронпулӣ ва имтиёзҳои дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда ҳуқуқ дошта бошанд, ба онҳо ҳуқуқи интихоби яке аз ин ҷубронпулӣ ва ё имтиёзҳо дода мешавад.

Шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванди зарардида, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон доимӣ истиқомат мекунанд, аз ҷубронпулӣ ва имтиёзҳои пешбининамудаи Қонуни мазкур ва шартномаҳои байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, истифода мебаранд.

**Моддаи 8. Ҷубронпулӣ ва имтиёзҳо ба шаҳрвандоне, ки бар асари фалокати нерӯгоҳи барқи атомии Чернобил зарар дидаанд**

Ба шаҳрвандони зарардида ҷубронпулӣ ва имтиёзҳои зерин муқаррар карда мешаванд:

- кўмаки тиббии ройгон дар доираи барномаи кафолатҳои давлатии кўмаки тиббию санитарии ройгон ба аҳолӣ, гирифтани доруворӣи ройгон (аз рўи дастури духтур), табобат ва шинонидани дандонҳои сунъии ройгон ба зарардидагон (ба истисноӣ қолабҳо аз фулузоти қиматбаҳо);

- табобати ройгони ҳарсолаи санаторию курортӣ ё пардохти ҷубронпулӣ ба андозаи арзиши миёнаи роҳхат дар дохили Ҷумҳурии Тоҷикистон барои шахсони дар бандҳои "а", "б" ва "в" моддаи 4 Қонуни мазкур нишон додашуда аз ҷои кор ва барои шахсони дар бандҳои "г", "д" ва "е" моддаи 4 Қонуни мазкур аз мақомоти ҳифзи иҷтимоии маҳалли зист;

- пардохти ҳаққи хизмати алоқа (ҷайр аз гуфтугўҳои телефонии байнишаҳрӣ ва байналмилалӣ), хизмати коммуналӣ (оби гарм ва гармкунӣ, оби хунук), баровардани партовҳо ва хизматрасонии фонди манзилӣ (50 фоиз);

- нигоҳ доштани андозаи маоши пешина ҳангоми гузаронидан ба кори каммузд тибқи тартиби муқаррарнамудаи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- хизматрасонӣ азтарафи шўъбаи ҳифзи иҷтимоӣ дар хона ба г шахсони барҷомонда ва маъюб дар сурати набудани хешу табори наздики онҳо;

- истифодаи ройгони нақлиёти мусофиркашонӣ (ба ғайр аз таксӣ) дар дохили ҷумҳурӣ, рафтуо кардан барои табобат бо нақлиёти роҳи оҳан ва ҳавоӣ барои шахсони дар бандҳои "а", "б" ва "в" моддаи 4 Қонуни мазкур дар ҳаҷми 50 фоиз, барои шахсони дар банди "г" моддаи 4 Қонуни мазкур тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Давлатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил;

- истифодаи рухсатии навбатии ҳарсолаи пардохтшаванда дар вақти барои онҳо мусоид, инчунин гирифтани рухсатии иловагии музднок ба муддати 14 рўзи тақвимӣ;

- додани ҷубронпулии ҳарсола ба оилаҳои бесаробонмондаи шахсони бар асари фалокати нерўгоҳи барқи атомии Чернобил зарардида дар ҳаҷми арзиши миёнаи роҳхати санаторию, курортӣ;

- пардохти хароҷоти рўзмарра ҳангоми сафар барои муоинаи тиббӣ ҷиҳати муайян намудани таъсири шуоъафканӣ;

- пардохти кӯмакпулии яквақтаи ҳарсола дар ҳаҷми се нишондиҳанда барои ҳисобҳо ба шахсони дар бандҳои "а", "б" ва "в" моддаи 4 муайяншудаи Қонуни мазкур;

- ба муассисаҳои давлатии таълимии миёнаи махсус ва олӣ тибқи квотаҳои муқарраргардида дохил шудани фарзандони шаҳрвандони зарардида;

- дар хона - интернатҳои кӯҳансолон, маъюбон ва интернатҳои махсусгардонидашуда бе навбат ҷойгир намудани шаҳрвандони зарардида;

- истифода аз қарзҳои имтиёзнок бо мақсади харидан ва ё сохтмони хонаи истиқоматӣ (аз ҷумла қарзи ипотекӣ);

- таъмини нафақаи имтиёзнок тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- истифода аз дигар имтиёзҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ кардааст.

Тартиби пардохти ҷубронпулӣ ва имтиёзҳоро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд.

**Моддаи 9. Хизматрасонии тиббӣ ба шаҳрвандоне, ки бар асари фалокати нерӯгоҳи барқи атомии Чернобил зарар дидаанд**

Шаҳрвандони дар моддаи 4 Қонуни мазкур зикршуда, инчунин кӯдакони баъди фалокати нерӯгоҳи барқи атомии Чернобил таваллудшудаи онҳо, ки дар он маврид шуоъафкании радиоактивӣ метавонист ба онҳо низ таъсир расонад, бояд ҳатман таҳти мушоҳидаи тиббии доимӣ қарор гиранд. Барои ба қайд гирифтани ин шахсон феҳристи давлатӣ тартиб дода мешавад.

Хизматрасонии тиббӣ ба шаҳрвандони зарардида ва мушоҳидаи диспансерии онҳо аз тарафи муассисаҳои нигаҳдории тандурустии давлатӣ дар ҷои истиқомат ё кори онҳо амалӣ гардонида мешавад. Хизматрасонии махсуси тиббии ин гурӯҳи шаҳрвандонро муассисаҳое таъмин месозанд, ки номгӯи онҳо, тартиби хизматрасонии тиббӣ, инчунин гузаронидани мушоҳидаи тиббии доимии онҳо аз тарафи мақоми ваколатдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

Сабабҳои бемории шаҳрвандони зарардидаи дар моддаи 4 Қонуни мазкур зикршударо, ки бар асари фалокати нерӯгоҳи барқи атомии Чернобил бемор ва маъюб гардидаанд, комиссияҳои

экспертии тиббию меҳнатие (КЭТМ) муқаррар менамоянд, ки онҳоро мақомоти ваколатдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис додааст.

Шаҳрвандоне, ки бо қарори Шӯрои экспертӣ ва комиссияҳои экспертии тиббию меҳнатӣ (КЭТМ) розӣ нестанд, ҳуқуқ доранд ҷиҳати баррасии такрории парванда ба Комиссияи экспертии тиббию меҳнатии ҷумҳуриявӣ муроҷиат намоянд.

**Моддаи 10. Ҳифзи иҷтимоӣ, хизматрасонии тиббӣ ва солимгардонии кӯдакону наврасон**

Ба кӯдакону наврасони бар асари фалокати нерӯгоҳи барқи атомии Чернобил зарардида, ки дар банди "д" моддаи 4 Қонуни мазкур зикр гардидаанд, имтиёзҳои зерин муқаррар карда мешавад:

- гузаронидани мушоҳидаи ҳатмии тиббии ҳарсолаи ройгон дар муассисаҳои тиббии давлатӣ;

- таъмини ройгони доруворӣ (аз рӯи дастури духтур) барои табобати дармонгоҳии кӯдакон ва занҳои ҳомиладори бар асари фалокати нерӯгоҳи барқи атомии Чернобил зарардида;

- табобати ройгон тибқи дастури тиббӣ дар муассисаҳои санаторию курортии соҳаи дахлдор;

- рафтуои ройгони кӯдакон дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамроҳи падар ё модар, васҳ ё парастор бо нақлиёти роҳи оҳан, дар ноҳияҳое, ки роҳи оҳан надоранд, бо нақлиёти ҳавоӣ ё нақлиёти байнишаҳрӣ то муассисаи табобатӣ ва санаторию курортӣ;

- ҳузури модар бо кӯдаки бемор дар муассисаҳои табобатӣ бо пешнҳҳоди духтур дар давраи табобат;

- таъмин кардани кӯдакони зарардида бо озуқа, аз ҷумла дар мактабҳо ва кӯдакистонҳо бо арзиши миёнаи аз тарафи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ муайяншуда.

Кӯдаконе, ки осеби ба падар ё модарашон расида ба онҳо гузаштааст, аз имтиёзҳои дар Қонуни мазкур пешбинишуда истифода мебаранд.

Ба падар ё модари кӯдакони то 16-солаи бар асари фалокати нерӯгоҳи барқи атомии Чернобил зарардида имтиёзҳои зерин муқаррар карда мешаванд:

- пардохти варақаи корношоямӣ барои нигоҳубини кӯдаки бемор ба андозаи 100 фоизи маоши миёнаи падар ё модар;

- пардохти 100 фоизаи варақаи корношоямӣ ба падар ё модаре, ки ба кӯдаки бемор дар муассисаи табобатӣ дар давоми табобат ҳамроҳӣ менамояд.

Тартиби хизматрасонии тиббӣ ва солимгардонии кӯдакону наврасонро, ки дар моддаи мазкур нишон дода шудааст, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистрн муайян менамояд.

**Моддаи 11. Кафолатҳои иловагӣ ба шаҳрвандоне, ки бар асари фалокати нерӯгоҳи барқи атомии Чернобил гардидаанд**

Кафолатҳои иловагиро ба шаҳрвандони зарардида Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад: Мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, шахсони мансабдор, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо новобаста ба шакли моликият дар доираи салоҳияташон оид ба беҳбудии шароити моддию маишӣ, маънавӣ, хизматрасонии тиббӣ, инчунин амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар ҳолатҳо нисбати шаҳрвандони зарардида чораҳои иловагӣ меандешанд.

**Моддаи 12. Маблаҷгузории чорабиниҳои ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандоне, ки бар асари фалокати нерӯгоҳи барқи атомии Чернобил зарар дидаанд**

Чорабиниҳои ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандони зарардида аз ҳисоби манбаъҳои зёрин маблағгузорӣ мешаванд:

- аз маблаға буҷети давлатӣ;
- аз маблаға фондҳои мақсаднок;
- аз хайрияи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ;
- аз дигар манбаъҳои маблағгузорие, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст.

**Моддаи 13. Танзими муносибатҳо вобаста ба таъмини нафақа**

Муносибатҳо вобаста ба таъмини нафақаи шаҳрвандони зарардида ва аъзои оилаи онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим дароварда мешаванд.

## БОБИ III. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

**Моддаи 14. Ҷавобгарӣ барои риоя накардани Қонуни мазкур**

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои вайрон кардани Қонуни мазкур мутобиқи қонунгузории Ҷумхурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**Моддаи 15. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур**

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Эмомалҳӣ Раҳмон**

ш. Душанбе
5 марти соли 2007, № 242

## КОДЕКСИ МАНЗИЛИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз 27 декабри соли 1997
(иқтибос)

### ФАСЛИ 3
### БО ХОНАҲОИ ИСТИҚОМАТӢ ТАЪМИН НАМУДАНИ ШАҲРВАНДОН. КИРОЯИ ХОНАИ ИСТИҚОМАТӢ

### БОБИ 1
### ДОДАНИ ХОНАҲОИ ИСТИҚОМАТӢ ДАР БИНОҲОИ ФОНДИ МАНЗИЛИ ДАВЛАТӢ ВА ҶАМЪИЯТӢ

**Моддаи 25. Ҳуқуқи шаҳрвандон ба гирифтани хонаи истиқоматӣ**

Шаҳрвандоне, ки ба бехтар кардани шароити манзил эҳтиёҷманданд, ҳуқуқ доранд аз фонди манзили давлатӣ ё ҷамъиятӣ тибқи тартиби пешбининамудаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси мазкур ва дигар қонунҳо барои истифодаи хонаҳои истиқоматӣ гиранд. Ба шаҳрвандони зикргардида, ки дар ҳамин маҳал муқими зиндагӣ мекунанд (агар дар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад), чун қоида манзил ба ҳар оила дар шакли квартираи алоҳида дода мешавад.

Шаҳрвандон барои гирифтани хонаи истиқоматӣ дар биноҳои фонди манзили давлатӣ ва ҷамъиятӣ баробари ба балоғат расиданд, яъне баъди расидан ба синии ҳаждаҳсолагӣ, ҳангоми оиладоршавӣ ва ё ба кор даромадан ва ё дар ҳолатҳои пешбининамуди Қонун то расидан ба синни ҳаждаҳсолагӣ - мутобиқан аз вакти оиладоршавӣ ва ё ба кор даромадан ҳуқуқи мустақилона пайдо мекунанд.

Шаҳрвандон мутобиқи асосҳои пешбининамудаи Кодекси мазкур, дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон эҳтиёҷманди беҳтар кардани шароити манзил дониста мешаванд.

**Моддаи 26. Бо хонаи истиқоматӣ таъмин намудани аъзоёни кооперативҳои манзилу сохтмон, ки эҳтиёҷманди бехтар намудани шароити манзил мебошанд, шаҳрвандоне, ки**

**хонаҳо ва ё квартираҳои шахси доранд, дигар шаҳрвандони сокини ин биноҳо**

Аъзоёни кооперативҳои манзилу сохтмон, шаҳрвандоне, ки хона ва ё квартираи шахсӣ доранд, инчунин дигар шаҳрвандони сокини ин биноҳо, ки эҳтиёҷманди бехтар намудани шароити манзиланд, тибқи асосҳои пешбининамудаи Кодекси мазкур бо хона таъмин карда мешаванд.

**Моддаи 27. Асосҳое, ки шаҳрвандон барои беҳтар кардани шароити манзил эҳтиёҷманд дониста мешаванд**

Барои беҳтар кардани шароити манзил шаҳрвандони зайл эҳтиёҷманд дониста мешаванд;

1) онҳое, ки сатҳи майдони истиқоматиашон ба ҳар як аъзои оила аз меъёри муқаррарнамудаи қисми 1 моддаи 36 Кодекси мазкур камтар аст;

2) онҳое, ки бо шартномаи кирояи иловагӣ дар биноҳои фонди манзили давлатӣ ва ҷамъиятӣ ё тибқи шартномаи кироя (кирояи иловагӣ) дар биноҳои кооперативҳои манзилу сохтмон ё дар фонди манзили шахсӣ зиндагӣ карда, дар ҳамон маҳал дигар хонаи истиқоматҳӣ надоранд;

3) онҳое, ки дар як утоқ ё утоқҳои дарун ба даруни аз ҳам ҷудо набуда зиндагӣ карда, аъзои як оила нестанд, сарфи назар аз муносибати хешу ақрабоӣ;

4) онҳое, ки дар хобгоҳҳои умумҳ зиндагӣ мекунанд, ба ғайр аз кормандони мавсимӣ ва муваққатӣ, инчунин шаҳрвандоне, ки вобаста ба таҳсил сукунат мекунанд;

5) онҳое, ки дар бинои (хонаи) истиқоматии шароиташ ба талабҳои муқарраргардидаи санитарию-техникӣ ҷавоб намедиҳад, зиндагӣ мекунанд;

6) онҳое, ки дар квартираи шароиташ номусоид, дар як утоқ ё утоқи дарун ба дарун бо аъзои дигари оила зиндагӣ мекунанд, инчунин бо майдони иловагии истиқоматҳӣ таъмин нестанд (қисми 2, моддаи 36, Кодекси манзил) ашхосе, ки гирифтори баъзе намудҳои бемориҳои кӯҳнаи вазнин мебошанд ва ин бемориҳои онҳо дар рӯйхати тибқи асноди қонунгузорӣ тасдиқгардида дохил карда шудааст;

7) шахсони гуногунҷинсе, ки дар як утоқ зиндагӣ карда, синнашон аз 7-сола боло мебошанд, ба ғайр аз зану шавҳар;

8) онҳое, ки дар биноҳои истиқоматии хизматӣ зиндагӣ мекунанд;

9) онҳое, ки дар як квартира зиндагӣ карда, аъзои як оила намебошанд ва байни онҳо муносибати хешу ақрабоӣ мавҷуд нест;

10) онҳое, ки ба сифати аъзои оилаи иҷорагир зиндагӣ мекунанд, вале бо шартномаи иҷора дохил карда нашудааст, аъзоёни кооперативҳои манзилу сохтмон бидуни ҳуқуқи барои ба даст овардани як қисми саҳмия, аъзоёни оилаи молики хона бидуни ҳуқуқи моликият ба бинои истиқоматӣ;

11) маъюбони Ҷанги Бузурги Ватанӣ, аъзоёни оилаи ҷанговарони (партизанҳои) ҳалокгардида ва ашхоси тибқи тартиби муқарраргардида ба онҳо баробаркардашуда.

Шаҳрвандонро мутобиқи асосҳои дигари пешбининамудаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба беҳтар кардани шароити манзил эҳтиёҷманд донистан мумкин аст.

**Моддаи 28. Дар ҷои истиқомат баҳисобгирии шаҳрвандони эҳтиёҷманди бехтар намудани шароити манзил**

Шаҳрвандоне, ки ба бехтар намудани шароити манзил эҳтиёҷманданд, чун қоида дар ҷои истиқоматиашон дар мақомоти иҷроияи дахлдор ба ҳисоб гирифта мешаванд.

**Моддаи 30. Тартиби баҳисобгирӣ ва ба ҳисоб гирифтани шаҳрвандони эҳтиёҷманди беҳтар намудани шароити манзил**

Тартиби баҳисобгирии шаҳрвандоне, ки ба беҳтар кардани шароити манзил эҳтиёҷманданд, инчунин муайян намудани навбати ба онҳо додани хонаи истиқоматиро Кодекси мазкур муайян менамояд,

Аризаҳои шаҳрвандон дар бораи ба қайд гирифтани онҳо ва аъзои оилаашон, ки ба беҳтар кардани шароити манзил эҳтиёҷманданд, дар давоми як моҳ аз тарафи мақомоти ҳокимияти маҳаллии иҷроия, дар ҷои кор бошад аз тарафи маъмурият ва ташкилотҳои иттифоқи касабаи корхонаю ташкилот ва ё муассиса барраси карда мешавад. Дар бораи қарори қабулшуда ба шаҳрвандон хаттӣ хабар дода мешавад.

Номгӯй ва шакли асноде, ки барои ҳисобгирии шаҳрвандон ҷиҳати беҳбуди шароити манзил заруранд, аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад. Аз шаҳрвандон талаб намудани дигар ҳуҷҷатҳои иловагҷ манъ аст. Руйхати

шаҳрвандони эҳтиёҷманди беҳтар кардани шароити манзил, ки ба ҳисоб гирифта шудаанд, ба маълумоти умум расонида, сари чанд вақт аниқ карда мешаванд.

Шаҳрвандоне, ки ба манзил эҳтиёҷ надошта, вале дар 5 соли охир дар натиҷаи амалҳои зайл шароити манзили худро бад кардаанд;

1) дидаву дониста иваз ё ҷудо кардани бинои истиқоматӣ;

2) дидаву дониста бегона кардани бинои истиқоматии (ё квартираи) барои зиндагӣ муносиб, ки моликияти хусусии шаҳрвандон мебошад, сарфи назар аз он ки он дар ҳамон ҷо ё маҳалли дигар воқеъ аст;

3) вайрон шудан ё корношоям гардидани бинои истиқоматӣ;

4) баромадан ё хориҷ гардидаи аз кооперативи манзилу сохтмон;

5) сокин гардонидани ашхоси дигар (ба ҷайр аз зану шавҳар, фарзандони ноболиғ ва ҷайри қобили меҳнат ва волидони ҷайри қобили меҳнат);

6) тарки манзили истиқоматӣ кардани шаҳрванде, ки ҳангоми зиндагиаш муҳтоҷи беҳтар кардани шароити манзил набуд. Пас аз гузаштани 5 сол аз рӯзи бад шудани шароити манзил ба ҳисоб гирифта мешаванд.

**Моддаи 32. Тибқи навбат ба шаҳрвандон додани хонаҳои истиқоматӣ**

Хонаҳои истиқоматӣ ба шаҳрвандоне, ки дар рӯйхати эҳтиёҷмандони беҳтар кардани шароити манзил мебошанд, тибқи навбати муқаррарнамудаи рӯйхат, аз лаҳзаи додани ариза ва ҳама асноди зарурӣ дода мешаванд.

Баҳисобгирии шаҳрвандони эҳтиёҷманди беҳтар кардани шароити манзил тибқи рӯйхати ягона сурат гирифта, аз он шаҳрвандони дорои ҳуқуқи дар навбати аввал ё ҷайринавбатӣ гирифтани хонаи истиқоматӣ ба рӯйхати алоҳида дохил карда мешаванд.

**Моддаи 34. Дар навбати аввал додани хонаи истиқоматӣ**

Хонаҳои истиқоматӣ дар навбати аввал ба ашхоси зайли эҳтиёҷманди беҳбуди шароити манзил дода мешаванд:

1) ба маъюбони Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва оилаҳои ҷанговарони (партизанҳои) ҳалокгардида, бедаракғоибшуда ва ашхоси ба онҳо баробаркардашуда;

2) ба Қаҳрамонони Тоҷикистон, Кахрамонони Иттифоқи Советӣ, Қаҳрамонони Меҳнати Сотсиалистӣ, модароне, ки ба унвони "Қаҳрамон-модар" сарфароз гаштаанд, инчунин ашхосе, ки бо орденҳои "Ситораи Президенти Тоҷикистон", "Дустӣ", "Спитамен", "Шарафи" Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо ҳамаи се дараҷаи ордени Шараф ва Шарафи меҳнатӣ, "Барои адои хизмати Ватан дар қувваҳои Мусаллаҳи СССР" мукофотонида шудаанд;

3) ба ашхосе, ки дар давраи ҷанги гражданӣ ва Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва дигар амалиётҳои ҳарбӣ баҳри муҳофизати СССР ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳайати қӯшунҳои амалкунанда буданд, партизанҳои ҷанги гражданӣ ва ҷанги Бузурги Ватанӣ, ҷанговарони интернатсионалист, инчунин дигар ашхосе, ки дар амалиётҳои ҳарбӣ ҷиҳати ҳифзи СССР ва Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок доштанд;

4) ба маъюбони гурӯҳҳои 1 ва 2, ба ҷайр аз ашхосе, ки дар натиҷаи содир намудани ҷиноят ва ё амали ҷайриқонуниашон маъюб гаштаанд;

5) ба ашхосе, ки гирифтори шаклҳои гуногуни бемориҳои кӯҳнаи вазнин буда, руйхати чунин бемориҳо тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунҳо тасдиқ шудааст;

6) ба аъзои оилаи ашхосе, ки ҳангоми иҷрои вазифаҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ, вазифаҳои хизмати ҳарбӣ ҳангоми наҷоти ҳаёти инсон, ҳифзи тартиботи қонунӣ ё дар истеҳсолот ҳангоми ҳодисаҳои ногаҳонӣ ҳалок шудаанд;

7) ба шаҳрвандоне, ки аз сабаби офатҳо, таркишҳои объектҳои зарравии (ядрои) таъиноти ҷайринизомию низомӣ вазъи саломатиашон бад гардидааст;

8) ба шаҳрвандоне, ки ҷайриқонунӣ маҳкум шудаанд ва ё бидуни ҳукми суд, дар асосҳои сиёси мавриди таъқибот қарор гирифтаанд ва агар далелҳо аз тарафи суд муайян карда шуда бошанд;

9) ба маъюбони гурӯҳи III нафақахӯрон вобаста ба пиронсолӣ, ашхоси яккаву танҳо, агар даромади ин ашхос аз камтарин маблағ барои гузаронидани зисту зиндагонӣ, ки дар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидааст, камтар бошад;

10) ба кормандони тиб ва омӯзгорон;

11) шахсоне, ки ба касалии ВИЧ дар мавриди гузаронидани амалиёти расмии тиббӣ гирифтор шудаанд;

12) ба кормандону хизматчиёне, ки муддати тулонӣ на кам аз 10 сол дар соҳаи истеҳсолот софдилона меҳнат кардаанд;

13) ба оилаҳои серфарзанд, ки 5 ва бештар аз он фарзанд доранд, ба оилаҳое, ки фарзандони маъюбро тарбия мекунанд;

14) ба оилаҳо ҳангоми таваллуди экизак.

Нисбати шаҳрвандоне, ки дар оилаашон ашхоси дар зербандҳои 1, 3, 4, 5 зикргардида зиндагӣ мекунанд, низ имтиёзоти муқаррарнамудаи моддаи мазкур татбиқ мегардад.

Мутобқи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мумкин аст, ба гурӯҳҳои дигар шаҳрвандон низ ҳуқуқи дар навбати аввал гирифтани манзили истиқоматӣ дода шавад.

Аз ҳисоби биноҳои истиқоматии ба истифода додашаванда, инчунин биноҳои истиқоматии холишуда на камтар аз 50 фоизи майдони истиқоматӣ барои таъмини ашхосе, ки ҳуқуқи дар навбати аввал гирифтани манзилро доранд, равона карда мешавад.

**Моддаи 36. Меъёри майдони истиқоматӣ**

Меъёри майдони истиқоматӣ ба ҳар шахс ба андозаи 12 метри мураббаъ муқаррар мешавад.

Зиёда аз меъёр ба гурӯҳҳои алоҳидаи шаҳрвандон майдони иловагии истиқоматӣ дода мешавад. Тартиб ва шарти додани майдони иловагии истиқоматӣ ва номгӯи гурӯҳҳои шаҳрвандонро, ки барои гирифтани майдони иловагӣ ҳуқуқ доранд, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар мекунанд.

**Моддаи 37. Талабот ба хонаҳои истиқоматӣ**

Биноҳое, ки барои истиқомати шаҳрвандон дода мешаванд, бояд тибқи шароити ҳамон маҳал обод бошанд ва ба талаботи муқарраршудаи санитарию-техникӣ ҷавоб диҳанд.

Хонаҳои истиқоматӣ дар ҳудуди ҳамон маҳалли аҳолинишин дода мешаванд.

Ҳангоми додани хонаи истиқоматӣ дар як утоқ ҷойгир намудани ашхоси гуногунҷинси аз 7 сола калонтар, ба ҷайр аз зану шавҳар манъ аст.

Хонаи истиқоматӣ, бо назардошти вазъи саломатии шаҳрвандон, ҷои кор, инчунин ба эътибор гирифтани дигар ҳолатҳои қобили таваҷҷӯҳ, дода мешавад.

Ба маъюбон, куҳансолон, ашхоси гирифтори бемориҳои дилу рагҳои хунгузар ва дигар бемориҳои вазнин хонаҳои

истиқоматӣ тибқи хоҳишашон дар манзилҳои поён ё дар биноҳои лифтдор дода мешаванд.

Ҳангоми муайян кардани андозаи хонаи истиқоматии додашаванда дар сила мавҷуд будани зане, ки хомиланокии бештар аз 12 ҳафтаина дорад, ба инобат гирифта мешавад.

**Моддаи 49. Имтиёзоти хонапулӣ ва хизматрасонии коммуналӣ**

Имтиёзоти хонапулӣ ва хизматрасонии коммуналиро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар мекунад.

Дар биноҳои фонди манзили ҷамъиятӣ имтиёзоти ҳаққи манзили истиқоматиро ташкилоти молики бинои истиқоматӣ муқаррар мекунад.

Ҷуброни хароҷоти вобаста ба имтиёзи хонапулӣ ва хизматрасонии коммуналӣ аз тарафи ташкилоти имтиёздиҳанда, ба ҷайр ҷуброни хароҷоте, ки дар буҷети ҷумҳуриявӣ пешбинй гардидаст, анҷом дода мешавад.

Ба шаҳрвандоне, ки дар биноҳои марбути колхозҳо зиндагӣ мекунанд, бо қарори маҷлиси умумии аъзоёни колхоз ё маҷлиси вакилони он имтиёз муқаррар карда мешавад.

**Моддаи 83. Шаҳрвандоне, ки бидуни додани хонаи истиқоматии дигар набояд аз хонаи истиқоматии хизматӣ бароварда шаванд**

Ашхоси зайл набояд бидуни додани хонаи дигари истиқоматӣ аз хонаи истиқоматии хизматӣ бароварда шаванд:

1) маъюбони ҷанг ва дигар маъюбон аз ҷумлаи хизматчиёни ҳарбӣ, ки дар натиҷаи ярадоршавӣ, контузия ва ё ҷароҳат ҳангоми ҳифзи давлат (СССР) ё ҳангоми иҷрои дигар вазифаҳои ҳарбӣ ё дар натиҷаи беморие, ки бо иштирок дар ҷанг алоқаманд аст, маъюб шудаанд;

2) иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ, ки дар ҳайати қӯшунҳои амалкунанда буданд, ҷанговарони интернатсионалист;

3) оилаҳои хизматчиёни ҳарбӣ ва партизанҳо, ки ҳангоми муҳофизати СССР ё иҷрои вазифаҳои дигари ҳарбӣ ҳалок шудаанд;

4) оилаҳои хизматчиёни ҳарбӣ;

5) маъюбон, аз ҷумлаи ашхоси ҳайати қаторӣ ва фармондеҳи мақомоти Вазорати корҳои дохила, Вазорати амният, Вазорати дифоъ, ки дар натиҷаи ярадоршавӣ, контузия ё ҷароҳат ҳангоми

иҷрои вазифаи хизматӣ маъюб гардидаанд ва дигар мақомоте, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод кардааст;

6) ашхосе, ки дар корхонаю ташкилот ё муассисаи ба онҳо хонаи истиқоматии хизматӣ муҳайё карда, 10 сол зиёд хизмат кардаанд;

7) ашхосе, ки аз вазифа озод шудаанд ва ба ин муносибат хонаи истиқоматии хизматӣ гирифта, ҳанӯз ҳам муносибати меҳнатиро бо корхонаю ташкилот ё муассиса қатъ накардаанд;

8) ашхосе, ки бо сабаби барҳам хӯрдани корхонаю ташкилот ё муассиса ё бо сабаби кам кардани шумора ё штати кормандон аз кор озод шудаанд;

9) нафақахӯрон аз рӯи пиронсолӣ, нафақахӯрони шахсӣ;

10) аъзои оилаи корманди фавтида, ки барояш хонаи истиқоматии хизматӣ дода шуда буд;

11) маъюбони гурӯҳи I-II, маъюбони гурӯҳи I-II аз ҷумлаи хизматчиёни ҳарбӣ ва ашхоси ба онҳо баробаркардашуда;

12) ашхоси яккаву танҳо, ки ҳамроҳашон кӯдакони ноболиғ зиндагӣ мекунанд, оилаҳои серфарзанд, ки 5 ва бештар фарзанд доранд;

13) Барои шахсоне, ки ба муолиҷаи маҷбурӣ аз майзадагии музмин ва нашъамандӣ фиристода шудаанд, дар сурати баъд аз анҷоми мӯҳлати муолиҷа давом додани корашон ҳуқуқи ба хонаи истиқоматии идора доштаашон ҳифз карда мешавад.

Ба шаҳрвандони зикргардида хонаҳои истиқоматие дода мешавад, ки ба талаботи моддаи 69 Кодекси мазкур мувофиқ бошад.

---

# КОДЕКСИ МЕҲНАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз 27.07.2016, №1329
(иқтибос)

**Моддаи 23. Кафолатҳо ҳангоми қабул ба кор**

1. Ғайриқонунӣ ба кор қабул накардан манъ аст. Беасос рад кардан аз қабул ба кор, ки талаботи қисми 1 моддаи 7 Кодекси мазкурро вайрон мекунад, инчунин ба кор қабул накардани шахсони зерин ғайриқонунӣ ҳисобида мешавад:

- шахсоне, ки аз тарафи корфармо ба кор даъват шудаанд;
- шахсоне, ки корфармо мутобиқи Кодекси мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон уҳдадор аст, бо онҳо шартномаи меҳнатӣ бандад (маъюбон ва шахсони синнашон аз ҳаждаҳ хурд, ки аз ҳисоби квотаи муқарраргардида ба кор фиристода шудаанд, занони ҳомила ва заноне, ки кӯдакони то сесола доранд, бо сабаби ҳомила ва ё кӯдак доштани онҳо).

2. Ҳангоми рад кардан аз қабул ба кор корфармо уҳдадор аст, бо талаби корманд дар муҳлати 3 рӯзи корӣ ба таври хаттӣ, бо имзои шахси мансабдоре, ки ҳуқуқи ба кор қабул карданро дорад, бо нишон додани сабаби асосноки рад кардани қабул ба кор ҷавоб диҳад. Дар хусуси чунин радкунӣ ба суд шикоят кардан мумкин аст.

**Моддаи 28. Санҷиш ҳангоми қабул ба кор**

1. Шартномаи меҳнатӣ метавонад бо санҷиши пешакӣ баста шавад. Санҷиш бо созиши тарафҳо муқаррар гардида, ба ҷайр аз ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, наметавонад аз се моҳ бештар бошад.

2. Дар давраи санҷиш ба корманд меъёрҳои Кодекси мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шартҳои шартномаи меҳнатӣ, созишнома ва шартномаҳои коллективӣ татбиқ мегарданд.

3. Ҳангоми ба кор қабул намудан санҷиш ба шахсони зерин муқаррар карда намешавад:

- шахсоне, ки синнашон ба 18 нарасидааст;
- мутахассисони ҷавон, ки на дертар аз як сол баъд аз хатми муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ, муассисаҳои таълимии таҳсилоти махсус ё муассисаҳои таълимии таҳсилоти

олии касбӣ аз рӯи ихтисос маротибаи аввал тибқи роҳхат ба кор қабул карда мешаванд;

- шахсоне, ки тибқи озмун барои ишғоли вазифаҳои (мансаби) дахлдор ба кор қабул карда мешаванд;

- ҳангоми гузаронидан ба кор ба маҳалли дигар, гузаронидан ба кор ба ташкилоти дигар;

- ба маъюбон дар сурати доштани тавсияҳои меҳнатӣ, ки аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ дода шудаанд.

4. Давраи муваққатан гум кардани қобилияти корӣ ва дигар давраҳое, ки корманд бо сабабҳои узрнок ба кор ҳозир набуд ба ҳисоби муҳлати санҷиш дохил намегардад.

5. Гузаштани санҷиш бояд дар шартномаи меҳнатӣ қайд карда шавад. Дар сурати мавҷуд набудани чунин қайд, корманд бе санҷиши пешакӣ ба кор қабулшуда ҳисоб меёбад.

6. Агар то ба охир расидани муҳлати санҷиш корфармо кормандро ба вазифаи (мансаби) баланд таъйин намояд, корманд аз санҷиш гузашташуда ҳисоб меёбад.

7. Агар баъд аз гузаштани муҳлати санҷиш тарафҳо дар бораи қатъи шартномаи меҳнатӣ изҳор накунанд, амали шартнома идома меёбад ва қатъи минбаъдаи он дар асосҳои умумӣ мувофиқи Кодекси мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳ дода мешавад.

8. Ҳангоми манфӣ будани натиҷаи кори корманд дар давраи санҷиш корфармо ҳуқуқ дорад на барвақтар аз ҳафт рӯзи ба охир расидани давраи санҷиш бо нишон додани сабабҳое, ки барои аз санҷиш нагузаштани корманд асос шудаанд, ўро хаттӣ огоҳ намуда, шартномаи меҳнатиро бо корманд қатъ намояд.

**Моддаи 41. Бекор кардани шартномаи меҳнатӣ бо ташаббуси корманд**

1. Корманд ҳуқуқ дорад ду ҳафта пештар корфарморо ба таври хаттӣ огоҳ намуда, шартномаи меҳнатиро, ки ба муҳлати номуайян баста шудааст, бекор кунад.

2. Баъд аз гузаштани муҳлати огоҳӣ корманд ҳуқуқ дорад корро қатъ намояд, корфармо бошад, уҳдадор аст ба корманд дафтарчаи меҳнатиашро фавран тибқи қисми 5 моддаи 52 Кодекси мазкур супорида, бо ў ҳисобӣ кунад.

3. Бо хоҳиши корманд ва розигии корфармо шартномаи меҳнатӣ то ба итмом расидани муҳлати огоҳӣ метавонад бекор

карда шавад. Дар ҳолате, ки аризаи корманд дар бораи бекор кардани шартномаи меҳнатӣ бо имконнопазирии давом додани кор вобаста аст, корфармо бояд шартномаи меҳнатиро дар муҳлати хоҳишкардаи корманд бекор кунад.

4. Дар давоми муҳлати огоҳӣ корманд ҳуқуқ дорад аризаи худро дар бораи бекор кардани шартномаи меҳнатӣ бозпас гирад, агар ба ҷойи кори ӯ ба таври гузаронидан, корманди дигар даъват нашуда бошад.

5. Шартномаи муҳлатноки меҳнатӣ бо талаби корманд дар ҳолатҳои бемор ӣ ё маъюб шудани ӯ, ки барои аз рӯи шартномаи меҳнатӣ иҷро намудани кор халал мерасонад, аз ҷониби корфармо вайрон кардани муқаррароти Кодекси мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё шартномаи меҳнатӣ, инчунин бо дигар сабабҳои узрнок бекор карда мешавад.

6. Корманд ҳуқуқ дорад дар ҳолатҳое, ки ҳангоми бастани шартнома корфармо дар бораи шароити меҳнат дар ҷойи кор ба ӯ маълумоти нодуруст додааст ё ӯҳдадориашро оид ба таъмини ҳифзи меҳнат ва бехатарии меҳнат дар ҷойи кор вайрон кардааст, шартномаи меҳнатиро бе пешакӣ огоҳ намудани корфармо бекор кунад.

7. Яктарафа бекор кардани шартномаи меҳнатӣ аз тарафи корманд ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи моддаи мазкур манъ аст.

**Моддаи 42. Бекор кардани шартномаи меҳнатӣ бо ташаббуси корфармо**

1. Шартномаи меҳнатӣ бо ташаббуси корфармо метавонад бо асосҳои зерин бекор карда шавад:

- барҳам хӯрдани ташкилот ё қатъ гардидани фаъолияти корфармо - шахси воқеӣ ва ё ихтисор шудани шумора ё воҳиди кории кормандон;

- қатъ намудани шартномаи меҳнатӣ бинобар иваз шудани соҳибмулк, ҳангоми ошкор гардидани номувофиқатии корманд ба вазифаи (мансаби) ишғолкардааш ё кори иҷро мекардааш дар натиҷаи нокифоягии ихтисос ё вазъи саломатиаш, ки барои давом додани ҳамин кор халал мерасонад, агар ин номувофиқатии корманд дар натиҷаи аттестатсия ва ё дар асоси хулосаи тиббӣ тасдиқ шуда бошад;

- бе сабабҳои узрнок ӯҳдадориҳои меҳнатиро, ки шартномаи меҳнатӣ ё қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатӣ ба зиммаи

корманд гузоштааст, мунтазам иҷро накардани ӯ, агар ба корманд пештар чораҳои ҷазои интизомӣ татбиқ шуда бошанд;

- бе сабабҳои узрнок ба кор ҳозир нашудан, аз ҷумла дар давоми рӯзи корӣ зиёда аз 3 соат набудан дар ҷойи кор;

- ҳозир нашудан ба кор дар давоми бештар аз чор моҳи бефосила дар натиҷаи корношоямии муваққатӣ, бе ҳисоб кардани рухсатии давраи ҳомиладорӣ ва таваллуд, агар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳлати аз ин зиёдтари нигоҳ доштани ҷойи корро (вазифаро) ҳангоми бемории муайян муқаррар накарда бошад. Ба кормандоне, ки бо сабаби осеби меҳнатӣ ё бемории касбӣ қобилияти меҳнатиашонро гум кардаанд, то барқарор шудани қобилияти меҳнатӣ ё муқаррар гардидани маъюбӣ ҷойи кор (вазифа) нигоҳ дошта мешавад;

- дар ҳолати мастӣ бар асари истеъмоли машруботи спиртӣ, воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ё моддаҳои дигари мадҳушкунанда ҳозир шудан ба кор;

- ба қувваи қонунӣ даромадани қарори мақомоти дахлдори давлатӣ оид ба дуздии молу мулк ва дигар кирдорҳое, ки давом додани корро истисно менамоянд;

- аз тарафи корманд содир намудани ҳуқуқвайронкуниҳои дорои хусусияти коррупсионӣ, ки дар асоси санади судӣ имконияти минбаъд давом додани корро истисно менамоянд;

- аз тарафи корманд давом додани иштирок дар корпартоӣ баъд аз ба маълумоти ӯ расонидани қарори суд дар хусуси ғайриқонунӣ эътироф намудани корпартоӣ ва ё манъи корпартоӣ;

- қатъ гардидани иҷозати корманд ба сирри давлатӣ дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- аз тарафи роҳбари мақомоти иҷроияи корфармо, муовини ӯ ва ё роҳбари сохтори корфармо вайрон намудани уҳдадориҳои меҳнатӣ, ки боиси расонидани зарари моддӣ ба корфармо гардидааст;

- рад кардани аз муоинаи тиббӣ гузаштан барои муқаррар намудани воқеияти дар ҳолати мастҳӣ бар асари истеъмоли машруботи спиртӣ, воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ё моддаҳои дигари мадҳушкунанда қарор доштан;

- аз тарафи корманд вайрон намудани қоидаҳои ҳифзи меҳнат ё бехатарӣ аз сӯхтор ва ё ҳаракат дар нақлиёт, ки боиси

оқибатҳои вазнин, аз ҷумла ҷароҳат ва садама гардидаанд ё метавонад гарданд;

- аз тарафи корманд фош намудани маълумотҳои дорои сирри давлатӣ ё дигар сирри бо қонун ҳифзшаванда, ки ба ӯ ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои меҳнатӣ маълум шудаанд;

- қатъ кардани шартномаи меҳнатӣ бо шахси дар ду ё якчанд ҷой коркунанда бинобар қабули шахсе, ки дар ду ё якчанд ҷой кор намекунад, инчунин вобаста ба маҳдуд гардонидани кор дар якчанд ҷой, ки бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст;

- вайронкунии дағалонаи якдафъаинаи Кодекси мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби роҳбари ташкилот (воҳидҳои алоҳидаи он) ва муовини ӯ;

- аз ҷониби корманде, ки бо дороиҳои пулию молӣ бевосита кор мекунад, содир намудани кирдори зиддиҳуқуқие, ки барои нисбат ба ӯ гум шудани боварии корфармо асос мегардад;

- аз ҷониби корманде, ки вазифаҳои тарбиявиро иҷро менамояд, содир кардани рафтори бадахлоқона, ки барои давом додани он кор мувофиқ намебошад;

- пешниҳоди маълумоти нодуруст, ҳуҷҷатҳои қалбакӣ ва риоя накардани дигар қоидаҳои муқаррарнамудаи Кодекси мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми қабул ба кор;

- манфӣ будани натиҷаи кор дар давраи мӯҳлати санҷиш ҳангоми ба кор қабул намудан.

2. Санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, оинномаҳо ва низомномаҳо оид ба интизом метавонанд дигар асосҳои иловагии бекор кардани шартномаи меҳнатиро низ бо ташаббуси корфармо пешбинӣ намоянд.

3. Бекор кардани шартномаи меҳнатӣ аз рӯи асосҳое, ки дар сархатҳои якум (ба ғайр аз барҳам хӯрдани ташкилот ё қатъ гардидани фаъолияти корфармо - шахси воқеӣ) ва дуюми қисми 1 моддаи мазкур, сархати дуюми моддаи 48 Кодекси мазкур нишон дода шудаанд, роҳ дода мешавад, агар бо розигии корманд ба кори дигар гузаронидани ӯ имконнопазир бошад.

4. Бекор кардани шартномаи меҳнатӣ бо ташаббуси корфармо дар давраи корношоямии муваққатӣ (ба ғайр аз озодкунӣ мувофиқи сархати панҷуми қисми 1 моддаи мазкур) ва дар давраи дар рухсатӣ ё сафари хизматӣ будани корманд, ба истиснои

ҳолатҳои барҳам хӯрдани ташкилот, қатъ шудани фаъолияти корфармо - шахси воқеӣ, роҳ дода намешавад.

5. Яктарафа бекор кардани шартномаи меҳнатӣ аз тарафи корфармо ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи моддаи мазкур манъ аст.

### Моддаи 43. Ҳуқуқи афзалиятнок барои дар кор мондан ҳангоми бекор шудани шартномаи меҳнатӣ бинобар ихтисори шумора, воҳиди кории кормандон ё тағйири шароити меҳнат

1. Ҳангоми бекор шудани шартномаи меҳнатӣ бинобар тағйир ёфтани технология, ташкили истеҳсолот ва меҳнат, ки кам шудани ҳаҷми кор боиси ихтисор шудани шумора, воҳиди кории кормандон ё тағйири шароити меҳнат гардидааст, ҳуқуқи афзалиятнок барои дар кор мондан ба кормандоне дода мешавад, ки дорои дараҷаи баландтари ихтисос ва ҳосилнокии меҳнат мебошанд.

2. Ҳангоми баробар будани тахассус ва самаранокии меҳнат афзалият ба инҳо дода мешавад:

- ба кормандоне, ки ду ва зиёда аъзои оилаи ғайриқобили меҳнат доранд;

- ба шахсоне, ки дар оилааш дигар корманди музди меҳнати мустақилдошта мавҷуд нест;

- ба кормандоне, ки дар ҳамон ташкилот собиқаи зиёди кори доранд;

- ба кормандоне, ки аз истеҳсолот ҷудо нашуда, ихтисоси худро аз рӯи тахассуси дахлдор дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ, муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ ва муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ баланд мебардоранд ва шахсоне, ки аз истеҳсолот ҷудо нашуда, муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ, муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ ва муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбиро ба итмом расонидаанд, ба шарте, ки баъд аз хатми таҳсил дар давоми ду сол аз рӯи ихтисос кор кунанд;

- ба шахсоне, ки дар ҳамон ташкилот ҷароҳати меҳнатӣ гирифтаанд ё ба бемории касбӣ гирифтор шудаанд;

- ба маъюбон ва иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ, инчунин шахсони ба онҳо баробаркардашуда;

- ба шахсоне, ки ба бемории шуоъӣ гирифтор шудаанд ё онро аз сар гузаронидаанд ва дигар бемориҳое, ки бо баландшавии нури радиатсионӣ вобаста буда, дар натиҷаи оқибатҳои садамаи объектҳои атомӣ ба вуҷуд омадаанд, ба маъюбоне, ки сабаби маъюбии онҳо бо садамаи объектҳои атомӣ алоқаманд аст, иштирокчиёни корҳои барҳамдиҳии оқибатҳои ин садамаҳо ва фалокатҳо, инчунин шахсоне, ки аз минтақаҳои зикршуда кӯчонида шудаанд ва дигар шахсоне, ки ба ин гурӯҳ баробар карда шудаанд;

- ба маъюбони тибқи квота ба кор қабулгардида;

- ба ҷабрдидагони амалҳои террористӣ ва савдои одамон;

- ба ихтироъкорон ва навоварон.

3. Дар шартномаи меҳнатӣ, созишнома ва шартномаҳои коллективӣ мумкин аст дигар ҳолатҳое пешбинӣ карда шаванд, ки ҳангоми мавҷуд будани онҳо барои дар кор монондани кормандон афзалият дода мешавад.

**Моддаи 68. Давомнокии кӯтоҳкардашудаи вақти корӣ**

1. Барои гурӯҳи алоҳидаи кормандон бо назардошти синну сол, вазъи саломатӣ, шароити меҳнат, хусусияти уҳдадории меҳнатии онҳо ва дигар ҳолатҳо бо Кодекси мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин шартҳои шартномаи меҳнатӣ давомнокии кӯтоҳкардашудаи вақти корӣ бе кам кардани музди меҳнат муқаррар карда мешавад.

2. Давомнокии вақти кории кӯтоҳкардашуда ба шахсони зерин муқаррар карда мешавад:

- кормандоне, ки ба синни ҳаждаҳ нарасидаанд;

- занон ва дигар шахсоне, ки уҳдадориҳои оилавӣ доранд;

- кормандони маъюб;

- кормандоне, ки бо корҳои шароити меҳнаташ зарарнок машғуланд ё хусусияти махсуси кор доранд.

**Моддаи 74. Давомнокии вақти корӣ**

1. Дар сурати ҳафтаи панҷрӯзаи корӣ давомнокии кори ҳаррӯза (баст)-ро қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатӣ ё ҷадвали баст, ки онро корфармо баъд аз машварати пешакӣ бо намояндагони кормандон бо назардошти хусусияти кор ва риояи давомнокии ҳафтаи кории муқарраргардида тасдиқ намудааст, муайян менамояд.

2. Давомнокии вақти кории ҳаррӯза (баст) зиёд буда наметавонад:

- барои кормандони аз 15 то 16 сола - 5 соат ва аз 16 то 18 сола - 7 соат;

- барои таълимгирандагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ, муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ, ки дар давоми соли хониш таҳсилу кор мекунанд - аз 14 то 16 сола - 2,5 соат ва аз 16 то 18 сола - 3,5 соат;

- барои шароити муътадили кор - 8 соат; - барои маъюбон - 6 соат;

- ба кормандоне, ки дар ду (якчанд) ҷой кор мекунанд - нисфи давомнокии муътадили вақти корие, ки дар моддаҳои 66 - 73 ва моддаи мазкури Кодекси мазкур муайян шудаанд.

3. Ҳангоми ҳафтаи шашрӯзаи корӣ, агар меъёри якҳафтаина 40 соат бошад, давомнокии кори ҳаррӯза аз 7 соат, агар меъёри якҳафтаина 35 соат бошад, аз 6 соат, агар меъёри ҳафтаина 24 соат бошад, аз 4 соат зиёд буда наметавонад.

**Моддаи 77. Давомнокии вақти кории шабона**

1. Аз соати 22 то соати 6 саҳар вақти шабона ҳисоб мешавад, агар бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигар муқаррар нагардида бошад.

2. Давомнокии вақти кории шабона бо мутаносибан кӯтоҳ кардани давомнокии ҳафтаи корӣ як соат кӯтоҳ карда мешавад, агар на камтар аз нисфи давомнокии кори ҳаррӯзаи (баст) барои корманд муқарраргардида ба вақти шабона рост ояд.

3. Дар истеҳсолоти муттасил амалкунанда ва намудҳои алоҳидаи кор, ки мувофиқи шароити истеҳсолот кӯтоҳ кардани давомнокии кори ҳаррӯза (баст) дар вақти шабона имконнопазир аст, иҷрои кор дар вақти зиёда аз меъёр бо додани вақти иловагии истироҳат мувофиқи тартибе, ки корфармо баъд аз машварати пешак бо намояндагони кормандон муайян намудааст, ҷуброн карда мешавад.

4. Ба кори шабона ҷалб намудани кормандони маъюб, занон, шахсони дорои уҳдадориҳои оилавӣ ва ноболиғон тибқи риояи маҳдудиятҳое, ки Кодекси мазкур муқаррар кардааст, сурат мегирад.

**Моддаи 79. Изофакорӣ**

1. Изофакорӣ дар ҳолатҳои истисноӣ, ки моддаи 80 Кодекси мазкур муқаррар намудааст, бо розигии корманд дар асос ва бо тартибе, ки корфармо бо мувофиқаи намояндагони кормандон муқаррар намудааст, истифода бурда мешавад.

2. Корфармо уҳдадор аст ҳангоми изофакорӣ бехатарии меҳнат ва шароити муътадили истеҳсолӣ ва иҷтимоию маиширо таъмин намояд.

3. Ҷалби кормандон ба изофакорӣ бо риояи маҳдудиятҳое, ки Кодекси мазкур нисбати кормандони маъюб, занон, шахсони дорои уҳдадориҳои оилавӣ ва ноболиғон муқаррар намудааст, сурат мегирад.

4. Ҳангоми 12 соат будани давомнокии баст, инчунин дар корҳое, ки шароиташон махсусан вазнин ва махсусан зарарнок мебошанд, изофакорӣ манъ аст.

5. Изофакорӣ набояд дар давоми ду рӯз пай дар пай беш аз ин бошад:

- ду соат дар корҳое, ки шароити меҳнат вазнин ва ё зарарнок бошад;
- чор соат дар дигар корҳо.

6. Барои ҳар як корманд изофакорӣ дар як сол набояд аз 120 соат зиёд бошад.

**Моддаи 87. Манъи кор дар рӯзҳои истироҳат. Ҳолатҳои истисноии ҷалби корманд ба кор дар рӯзҳои истироҳат**

1. Дар рӯзҳои истироҳат кор кардан манъ аст.

2. Дар рӯзҳои истироҳат ба кор ҷалб намудани кормандон бо мувофиқаи намояндагони кормандон дар асосҳо ва ҳолатҳои истисноии зерин иҷозат дода мешавад:

- барои пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои офатҳои табиии, садамаи истеҳсолӣ ё фавран бартараф намудани оқибатҳои он;
- барои пешгирии ҳодисаҳои нохуш, ҳалокат ва нобудшавии молу мулк;
- барои иҷрои корҳои таъхирнопазири қаблан пешбинигардида, ки аз таъҷилан иҷро намудани онҳо умуман кори муътадили минбаъдаи ташкилот ва ё бахшҳои алоҳидаи он вобаста мебошад;
- дар дигар ҳолатҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии дохили (локалӣ) пешбинӣ намудаанд.

3. Ҷалби кормандон дар рӯзҳои истироҳат бо риояи маҳдудиятҳое, ки Кодекси мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати кормандони маъюб, занон, шахсони дорои уҳдадориҳои оилавӣ ва ноболиғон муқаррар намудааст, сурат мегирад. Моддаи 88. Ҷуброни кори рӯзҳои истироҳат ва вақти дамгирӣ Кор дар рӯзҳои истироҳат ва дар вақти дамгирҳ мувофиқи хоҳиши корманд бо додани рӯзи дигари истироҳат ва ё дар шакли пулӣ ба андозаи муқаррарнамудаи моддаи 154 Кодекси мазкур ҷуброн карда мешавад.

**Моддаи 94. Давомнокии рухсатии асосии ҳарсолаи дарозкардашуда**

1. Ба гурӯҳҳои алоҳидаи кормандон бо назардошти шароит ва хусусияти уҳдадориҳои меҳнатӣ, синну сол, собиқаи корӣ, вазъи саломатӣ ва дигар ҳолатҳо мумкин аст рухсатии асосии дарозкардашуда мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шавад.

2. Рухсатии асосии ҳарсолаи дарозкардашуда муқаррар карда мешавад:

- ба кормандони ташкилотҳои илмӣ - аз 28 то 56 рӯзи тақвимӣ;

- ба кормандони китобхонаҳои ташкилотҳои илмӣ, муассисаҳои таълимӣ ва дигар китобхонаҳо - аз 28 то 56 рӯзи тақвимӣ;

- ба кормандон - омӯзгорони шӯъбаҳои рӯзона ва ғоибонаи муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ, аз ҷумла доир ба тайёрӣ, азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисоси кадрҳои муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ - аз 28 то 56 рӯзи тақвимӣ;

- ба кормандони муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ ва муассисаҳои таълимии томактабӣ - аз 28 то 56 рӯзи тақвимӣ;

- ба кормандони муассисаҳои соҳаи фарҳанг ва ҳифзи иҷтимоӣ аз 28 то 42 рӯзи тақвимӣ;

- ба ҳамшираҳои тиббӣ, ки ба тарбияи кӯдакони то сесола машғуланд, мураббияҳои гурӯҳҳои ширхораи муассисаҳои таълимии томактабӣ ва хонаи кӯдакон - 42 рӯзи тақвимӣ;

- ба кормандони доимии хоҷагии ҷангал - 28 рӯзи тақвимӣ;

- ба варзишгарон - на камтар аз 30 рӯзи тақвимӣ;

- ба рӯзноманигорон - на камтар аз 30 рӯзи тақвимӣ;

- ба кормандони синни то ҳаждаҳ, аз ҷумла онҳое, ки барои гузаронидани таҷрибаи истеҳсолӣ (таълими истеҳсолӣ) қабул шудаанд - 30 рӯзи тақвимӣ;

- ба кормандони маъюби гурӯҳҳои I ва II- 42, гурӯҳи III- 35 рӯзи тақвимӣ;

- ба кормандоне, ки дар соҳаи кишоварзӣ кор мекунанд - на камтар аз 28 рӯзи тақвимӣ;

- ба дигар гурӯҳҳои кормандон тибқи муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3. Номгӯйи ташкилотҳо, касб ва вазифаҳо, ки дар сархатҳои аз якум то панҷуми қисми 2 моддаи мазкур номбар шудаанд, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешаванд.

**Моддаи 104. Шартҳои пешниҳоди рухсатии меҳнатӣ барои соли аввали корӣ**

1. Рухсатии меҳнатӣ (асосӣ ва иловагӣ) барои соли аввали корҳ на барвақттар аз 11 моҳи корӣ аз ҷониби корфармо дода мешавад.

2. То ба итмом расидани 11 моҳи корӣ корфармо уҳдадор аст бо хоҳиши корманд ба ӯ дар ҳолати зерин рухсатии меҳнатӣ пешниҳод намояд:

- ба занон пеш аз рухсатии ҳомиладорӣ ва таваллуд ё баъд аз он;

- ба кормандони синни то ҳаждаҳ;

- ба кормандоне, ки бо тартиби гузариш ба кор қабул карда шудаанд;

- ба кормандоне, ки мувофиқи хулосаи тиббӣ барои табобати санаторӣ-курортӣ роҳхат доранд;

- ба кормандоне, ки дар ду (якчанд) ҷой кор мекунанд, агар рухсатии меҳнатиашон дар ҷойи кори асосӣ дар давраи то 11 моҳи корҳ аз рӯи дар ду (якчанд) ҷой кор кардан мувофиқ ояд;

- ба омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ;

- ба иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва шахсони ба онҳо баробаркардашуда;

- ба занон ва дигар шахсони дорои уҳдадориҳои оилавӣ, ки дар тарбияи худ ду ва ё зиёда кӯдаки синни то чордаҳ ё кӯдаки маъюби синни то ҳаждаҳ доранд;

- ба кормандоне, ки аз истеҳсолот ҷудо нашуда дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ (шуъбаҳои шабона),

муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ, муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ, муассисаҳои таълимии таҳсилоти махсус, муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва аспирантураҳо (шуъбаҳои шабона ва ғоибона) таълим мегиранд;

- дар дигар ҳолатҳои тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, шартномаи меҳнатӣ, созишнома ва шартномаҳои коллективӣ муайяншуда.

3. Ба хизматчиёни ҳарбие, ки ба эҳтиёт ҷавоб шудаанд ва бо тартиби муташаккилона ба кор фиристода шудаанд, рухсатии меҳнатӣ баъд аз гузаштани се моҳ дода мешавад.

4. Ба зани (шавҳари) хизматчии ҳарбӣ бо хоҳиши онҳо рухсатии меҳнатӣ дар як вақт бо рухсатии шавҳари (зани) ӯ дода мешавад.

5. Ба ғайр аз ҳолатҳои дар сархатҳои аз якум то нуҳуми қисми 2, қисмҳои 3 ва 4 моддаи мазкур нишондодашуда рухсатӣ мутаносибан ба рӯзҳои дар давоми сол кор кардашуда, аммо на камтар аз 14 рӯзи тақвимӣ дода мешавад.

**Моддаи 107. Вақт ва навбати додани рухсатии меҳнатӣ**

1. Вақт ва навбати додани рухсатии меҳнатӣ бо тартиби пешбининамудаи шартномаи меҳнатӣ, созишнома ва шартномаҳои коллективӣ, қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатӣ, ҷадвали рухсатиҳо, ки бо намояндагони кормандон мувофиқа карда шудаанд ва ё бо мувофиқаи байни корфармо ва кормандон муайян карда мешаванд.

2. Ҷадвали дода шудани рухсатиҳои меҳнатӣ барои соли тақвимӣ тибқи мухлатҳои муқаррарнамудаи созишнома ва шартномаҳои коллективӣ тартиб дода мешавад, ки он бо корфармо ва иттифоқи касаба ё дигар намояндагони кормандон ба мувофиқа расида, ба маълумоти ҳамаи кормандон пешниҳод карда мешавад.

3. Ҳангоми муайян намудани вақт ва навбати пешниҳоди рухсатӣ, ҳуқуқҳои кормандони зерине, ки барои гирифтани рухсатӣ имтиёз доранд, бояд таъмин карда шаванд:

1) Дар давраи тобистон ва дигар вақти мувофиқ:

- ба кормандони синни то ҳаждаҳ;

- ба омӯзгорони муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ, муаллимони муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ, муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ, муассисаҳои

таълимии таҳсилоти махсус ва ҳайати профессорию омӯзгории муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ;

- ба иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва шахсони ба онҳо баробаркардашуда;

- ба занон ва дигар шахсони дорои уҳдадориҳои оилавӣ, ки ду ва ё зиёда кӯдаки синни то чордаҳ ё кӯдаки маъюби то синни ҳаждаҳ доранд;

- ба кормандоне, ки ба бемории шуоъӣ гирифтор шудаанд ё онро аз сар гузаронидаанд ва дигар бемориҳои бо паҳншавии нури радиатсионӣ вобастабуда;

- ба кормандоне, ки дар бартарафкунии оқибати садамаи Чернобил ва дигар минтақаҳои заҳролудшуда ё рафъи оқибатҳои офатҳои табиӣ иштирок кардаанд;

- дар дигар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, шартномаи меҳнатӣ, созишнома ва шартномаҳои коллективӣ.

2) Дар давраи муайян:

- ба кормандоне, ки аз истеҳсолот ҷудо нашуда, дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ (шуъбаҳои шабона), муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ, муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ, муассисаҳои таълимии таҳсилоти махсус, муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва аспирантураҳо - пеш аз гузаронидан ё дар ҳолати гузаронидани машғулиятҳои муқарраргардида, иҷрои корҳои лабораторӣ ё таълимӣ, супоридани имтиҳонҳо ё санҷишҳо ба омӯзиш машғуланд;

- ба кормандоне, ки дар ду (якчанд) ҷой кор мекунанд - дар як вақт бо рухсатии меҳнатии ҷойи кори асосӣ.

4. Ба корманд бояд 15 рӯз пеш аз саршавии рухсатӣ оид ба вақти пешниҳоди рухсатӣ хабар дода шавад.

5. Ба мардон мувофиқи хоҳишашон ҳангоми рухсатӣ барои давраи ҳомиладорӣ ва таваллуди ҳамсарашон рухсатии ҳарсолаи меҳнатӣ пешниҳод карда мешавад.

**Моддаи 116. Рухсатии бемузди меҳнат**

1. Ба корманд, бинобар вазъи оилавӣ ва дигар сабабҳои узрнок, мутобиқи аризааш рухсатии бемузди меҳнат дода мешавад, ки давомнокии он бо мувофиқаи байни корманд ва корфармо муайян карда мешавад. Узрнок будани сабабҳои дода шудани

чунин рухсатиро корфармо баҳо медиҳад, агар дар созишнома ва шартномаҳои коллективӣ тартиби дигар муқаррар нашуда бошад.

2. Рухсатии бемузди меҳнат мувофиқи аризаи корманд ба таври ҳатмӣ ба инҳо дода мешавад:

- ба иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ, шахсони ба онҳо баробаркардашуда, инчунин ба нафақахӯроне, ки кор мекунанд - ҳар сол то 14 рӯзи тақвимӣ;

- ба падару модарон ва ҳамсарони хизматчиёни ҳарбӣ ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ки дар натиҷаи захм, контузия ё осебе, ки ҳангоми ҳимояи Ватан ва иҷрои вазифаи (мансаби) хизматӣ ба онҳо расидааст, ё дар натиҷаи бемории вобаста бо иштирокашон дар ҷанг ва муқовиматҳои сиёсӣ фавтидаанд - ҳар сол то 14 рӯзи тақвимӣ;

- ба маъюбоне, ки кор мекунанд - то 2 моҳ дар як сол;

- ба кормандон дар мавриди таваллуд шудани кӯдак, маросими бастани ақди никоҳ, вафоти хешовандон - то 7 рӯзи тақвимӣ;

- ба кормандоне, ки шахси бемори аъзои оиларо мувофиқи хулосаи тиббӣ нигоҳубин мекунанд (бе додани варақаи корношоямии меҳнатӣ ё ҳуҷҷати ивазкунандаи он) - то 14 рӯзи тақвимӣ;

- ба кормандоне, ки мувофиқи хулосаи тиббӣ барои табобат роҳхати санаторӣ-курортӣ доранд, ки муҳлати он аз давомнокии рухсатии меҳнатӣ зиёд аст - ба муҳлати вақти нарасида (бо иловаи вақти рафтуомад), агар ҳамаи муҳлати рухсатии меҳнатӣ истифода шуда бошад, бо муҳлати пурраи роҳхат (бо иловаи вақти рафтуомад);

- ба кормандоне, ки барои супоридани имтиҳонҳои дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ иҷозат дода шудаанд 10 рӯзи тақвимӣ, ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва муассисаҳои таълимии таҳсилоти махсус - 15 рӯзи тақвимӣ, ғайр аз вақти рафтуомад ба маҳалли ҷойгиршавии муассисаи таълимӣ;

- ба шахсони ба аспирантура ва докторантура дохилшаванда ва бе ҷудошавӣ аз истеҳсолот таҳсилкунанда - барои вақти рафтуомад ба маҳалли ҷойгиршавии муассисаҳои мазкур дар давраи супоридани имтиҳонҳои дохилшавӣ ва кори рисолавӣ;

- дар дигар ҳолатҳое, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, созишнома ва шартномаҳои коллективӣ пешбинӣ намудаанд.

3. Рухсатиҳои дар сархатҳои якум, дуюм ва сеюми қисми 2 моддаи мазкур пешбинишуда дар вақте дода мешаванд, ки корманд бо корфармо мувофиқа кардааст.

## БОБИ 16. ХУСУСИЯТИ ТАНЗИМИ МЕҲНАТИ ЗАНОН ВА ДИГАР ШАХСОНИ ДОРОИ УҲДАДОРИҲОИ ОИЛАВӢ

### Моддаи 215. Маҳдудияти қатъи шартномаи меҳнатӣ бо занон ва дигар шахсони дорои уҳдадориҳои оилавӣ

1. Бекор кардани шартномаи меҳнатӣ бо ташаббуси корфармо бо зани ҳомила, занон ва дигар шахсони дорои уҳдадориҳои оилавӣ, ки дар тарбияи худ кӯдаки то се сола ё кӯдаки маъюб доранд, роҳ дода намешавад, ба истиснои ҳолати пешбининамудаи сархати якуми қисми 1 моддаи 42 Кодекси мазкур, ки дар ин сурат ба қатъи шартномаи меҳнатӣ баъд аз ҳатман бо кор таъмин кардани онҳо иҷозат дода мешавад. Шахсони зикршударо вориси ташкилоти барҳамхӯрда бо кор таъмин мекунад ва дар сурати набудани ворисон ба онҳо дар интихоби кори мувофиқ ва бо кор таъмин кардан мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи меҳнат ва шуғли аҳолӣ ёрии ҳатмӣ расонда, дар ин давра онҳоро бо кумакпулиҳои муқарраркардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин менамояд. Корфармо ин шахсонро инчунин дар ҳолати қатъи шартномаи меҳнатӣ бинобар гузаштани муҳлати он бояд бо кор таъмин намояд. Дар ин давра, аммо на зиёда аз се моҳи анҷоми муҳлати шартномаи меҳнатӣ, музди меҳнати онҳо нигоҳ дошта мешавад.

2. Агар зан дар рӯзи ба итмом расидани муҳлати шартномаи меҳнатӣ дар хусуси зиёда аз дувоздаҳ ҳафта ҳомиладор буданаш хулосаи тиббӣ пешниҳод намояд, корфармо уҳдадор аст муҳлати шартномаи меҳнатиро то рӯзи ба итмом расидани рухсатӣ барои нигоҳубини кӯдак то ба се солагӣ расидан дароз кунад.

### Моддаи 216. Корҳое, ки дар онҳо истифодаи меҳнати занон манъ аст

1. Дар корҳои вазнин, зеризаминӣҳ ва шароити меҳнаташон зарарнок истифодаи меҳнати занон манъ аст.

2. Рӯйхати корҳоеро, ки дар онҳо истифодаи меҳнати занон манъ карда мешавад ва ҳадди ниҳоии меъёри борҳоеро, ки барои

занон дастӣ бардоштан ва кашондани онҳо иҷозат дода мешавад, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мекунад.

**Моддаи 217. Хусусияти низоми меҳнат ва истироҳат барои занон ва дигар шахсони дорои уҳдадориҳои оилавӣ**

1. Корфармо ҳуқуқ надорад занони ҳомиларо ба кори шабона, кор дар рӯзҳои истироҳат ва иди ғайрикорӣ, изофакорӣ ҷалб намояд, ба сафари хизматӣ фиристонад, инчунин онҳоро аз рухсатии меҳнатии ҳарсолаи пардохтшаванда бозхонд намояд.

2. Корфармо ҳуқуқ надорад шахсони зеринро бе розигии хаттии онҳо ба кори шабона, изофакорӣ ва ба кор бо усули вахтавӣ ҷалб намояд, инчунин ба сафари хизматӣ фиристонад:

- заноне, ки кӯдаки то синни чордаҳ доранд, инчунин дигар шахсоне, ки кӯдаки то синни чордаҳро бе модар тарбия мекунанд;

- кормандоне, ки аъзои бемори оиларо нигоҳубин мекунанд ё кӯдакони маъюбро тарбия менамоянд, агар аъзои бемори оила ва кӯдакони маъюб дар асоси хулосаи тиббӣ ба нигоҳубини доимӣ эҳтиёҷманд бошанд.

**Моддаи 218. Танаффус барои ғизодиҳии кӯдак**

1. Ба ғайр аз танаффус барои истироҳат ва истеъмоли хӯрок, танаффусҳои байнибастӣ ва махсус, ба занон, ки кӯдаки то яксолу шашмоҳа доранд, падар ё дигар намояндаи қонунии кӯдак, ки кӯдаки то яксолу шашмоҳаро бе модар тарбия мекунанд, барои ҷизо додани кӯдак баъди ҳар се соати кор бо давомнокии зерин танаффус дода мешавад:

- барои як кӯдак - ҳар як танаффус на кам аз си дақиқа;

- барои ду ё зиёда кӯдак - ҳар як танаффус на кам аз як соат.

2. Танаффус барои ҷизодиҳии кӯдак (кӯдакон) дар асоси аризаи кормандони дар қисми 1 моддаи мазкур нишон додашуда, ба танаффус барои истироҳат ва истеъмоли хӯрок ҳамроҳ карда мешавад ё ин ки дар шакли ҷамъшуда дар аввал ё дар охири рӯзи (басти) корӣ бо ихтисори дахлдори вақти корӣ дода мешавад.

3. Танаффус барои ғизодиҳии кӯдак (кӯдакон) ба вақти корӣ дохил карда мешавад ва дар ин давра музди миёнаи меҳнати зан ё дигар намояндаи қонунии кӯдак нигоҳ дошта мешавад.

**Моддаи 219. Муқаррар кардани вақти нопурраи корӣ барои занон ва дигар шахсоне, ки уҳдадориҳои оилавӣ доранд**

Корфармо уҳдадор аст, дар асоси аризаи зани ҳомила ва дигар шахсони уҳдадориҳои оилавӣ дошта, ки кӯдаки то чордаҳсола ё кӯдаки маъюбро нигоҳубин мекунанд, инчунин ба корманде, ки нигоҳубини аъзои бемори оиларо мутобиқи хулосаи тиббӣ амалӣ менамояд, речаи вақти рӯзи нопурраи корӣ ё ҳафтаи нопурраи корӣ муқаррар намояд.

**Моддаи 220. Маҳдудияти истифодаи ҷамъи баҳисобгирии вақти корӣ барои занони ҳомила**

Истифодаи ҷамъи ҳисоби вақти корӣ барои занони ҳомила иҷозат дода намешавад, агар давомнокии рӯзи корӣ (басти корӣ) аз ҳашт соат зиёд бошад.

**Моддаи 221. Муваққатан ба кори дигар гузаронидани зани ҳомила ва заноне, ки кӯдаки то як солу шашмоҳа доранд**

1. Корфармо дар асоси хулосаи тиббӣ уҳдадор аст, зани ҳомиларо бо нигоҳ доштани музди миёнаи меҳнат ба дигар кор гузаронида, таъсири омилҳои истеҳсолии зарарнок ва хавфнокро истисно намояд.

2. То додани кори дигар ба зани ҳомила, ки таъсири омилҳои истеҳсолии номусоидро истисно менамояд, ӯ аз кор бо нигоҳ доштани музди миёнаи меҳнат барои ҳамаи рӯзҳои кории гузаронидашуда аз ҳисоби корфармо озод карда мешавад.

3. Занони кӯдаконашон то як солу шашмоҳа дар ҳолатҳое, ки иҷрои кори онҳо барои модарони кӯдакашон ширмак манъ аст ё ба риояи низоми ширмаконӣ имкон намедиҳад, то ба синни як солу шашмоҳа расидани кӯдакашон ба кори дигар гузаронида шуда, моҳонаи миёнаашон аз рӯи кори пештараи онҳо дода мешавад.

**Моддаи 222. Кафолат нисбати занон ва дигар шахсоне, ки уҳдадориҳои оилавӣ доранд, ҳангоми муқаррар намудани навбати пешниҳоди рухсатии меҳнатии ҳарсолаи пардохтшаванда**

1. Пеш аз рухсатӣ барои ҳомила ва таваллуд ё бевосита баъд аз он ё баъд аз тамом шудани рухсатӣ барои нигоҳубини кӯдак бо хоҳиши зан, новобаста аз собиқаи корӣ дар ташкилоти мазкур рухсатии ҳарсолаи меҳнатии пардохтшаванда дода мешавад.

2. Ба заноне, ки ду ё зиёда фарзанди то чордаҳсола ё фарзанди маъюб доранд, инчунин ба модарони яккаву танҳо ва

дигар шахсони дорои уҳдадориҳои оилавӣ, ки фарзанди то чордаҳсола ё фарзанди маъюб доранд, рухсатии ҳарсола бо хоҳиши онҳо дар фасли тобистон ё дигар вақти барояшон мувофиқ дода мешавад.

**Моддаи 223. Рухсатӣ барои ҳомиладорӣ ва таваллуд**

1. Ба занони ҳомила дар асоси варақаи корношоямии бо тартиби муқарраргардида додашуда пеш аз таваллуд ҳафтод рӯзи тақвимӣ ва баъд аз таваллуд низ ҳафтод (дар ҳолати таваллуди мушкилҳаштоду шаш, таваллуди ду ва ё зиёдаи кӯдак - яксаду даҳ) рӯзи тақвимӣ рухсатӣ барои ҳомиладорӣ ва таваллуд дода, кумакпулӣ аз ҳисоби суғуртаи давлатии иҷтимоӣ пардохт карда мешавад.

2. Ба занон рухсатӣ барои ҳомиладорӣ ва таваллуд, новобаста аз рӯзҳои истифодаи воқеӣ то таваллуд ва давомияти кор дар ташкилот дар маҷмӯъ пурра ҳисоб карда, дода мешавад.

**Моддаи 224. Рухсатӣ барои нигоҳубини кӯдак**

1. Баъд аз ба охир расидани рухсатӣ барои ҳомиладорӣ ва таваллуд бо хоҳиши зан барои нигоҳубини кӯдак то ба як солу шашмоҳагӣ расидани у рухсатӣ дода, дар ин давра аз ҳисоби маблағҳои суғуртаи давлатии иҷтимоӣ кумакпулӣ дода мешавад.

2. Барои нигоҳубини кӯдак то ба се солагӣ расидани ӯ рухсатии бемузд бо хоҳиши кормандони зерин дода мешавад:

- бо интихоби падару модар - ба модар ё ки ба падари кӯдак;
- ба падар ё модари танҳое, ки кӯдакро тарбия менамояд;
- бибӣ, бобо, дигар намояндаи қонунии кӯдак, ки кӯдаки бепарастории падару модар мондаро, тарбия мекунанд;
- ба корманд, ки кӯдаки навтаваллудшударо ба парасторӣ (фарзандхондӣ) гирифтааст.

3. Рухсатии бе нигоҳ доштани музди меҳнат барои нигоҳубини кӯдак то расидан ба се солагӣ метавонад пурра ё қисман дар асоси аризаи хаттии корманд, ки дар қисми 2 моддаи мазкур пешбинӣ шудааст, аз рӯи интихоби ӯ истифода карда шавад.

4. Бо хоҳиши зан ё шахсоне, ки дар қисми 1 моддаи мазкур зикр шудаанд, ҳангоми дар рухсатии нигоҳубини кӯдак будан, онҳо метавонанд рӯзи нопурраи корӣ ё дар хона кор карда, аз ҳисоби маблағҳои сучуртаи давлатии иҷтимоӣ кумакпулӣ гиранд.

5. Дар вақти рухсатии бе нигоҳ доштани музди меҳнат барои нигоҳубини кӯдак то расидани ӯ ба се солагӣ ба корманд ҷойи кор (мансаб) нигоҳ дошта мешавад.

6. Вақти рухсатии бе нигоҳ доштани музди меҳнат барои нигоҳубини кӯдак то расидан ба сесолагӣ ба собиқаи меҳнатии умумӣ, бетанаффус ва аз рӯи ихтисос дохил карда мешавад, агар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигарро пешбинӣ накарда бошад.

7. Корманд уҳдадор аст, як моҳ пеш аз оғози кор корфарморо дар бораи хоҳиши ба кор баромадан то тамом шудани рухсатии бемузд барои нигоҳубини кӯдаки то се сола огоҳ намояд.

**Моддаи 225. Кафолатҳо барои занони ҳомила ва фарзанддор ҳангоми ба кор қабул кардани онҳо**

1. Ба кор қабул накардани занон ва кам кардани музди меҳнати онҳо ба сабаби ҳомиладорӣ ё фарзанддорӣ манъ аст. Ҳангоми ба кор қабул накардани зани ҳомила, занон ё дигар шахсони дорои уҳдадориҳои оилавӣ, ки кӯдаки то сесола ё кӯдаки маъюб доранд, корфармо уҳдадор аст, ки сабабҳои ба кор қабул накарданашро хаттӣ хабар диҳад. Шахсони мазкур метавонанд аз саркашии корфармо барои қабул кардан ба кор ба суд муроҷиат намоянд.

2. Корфармо уҳдадор аст, занонеро, ки мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи меҳнат ва шуғли аҳолӣ бо мақсади бо кор таъмин кардани онҳо мефиристад, аз ҳисоби квотаи муқарраршуда ба кор қабул намояд.

**Моддаи 226. Рухсатии кормандоне, ки кӯдакони навзодро фарзандхонд кардаанд ё васии онҳо мебошанд**

Ба кормандоне, ки кӯдакони навзодро тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон фарзандхонд кардаанд ё васии онҳо мебошанд, барои давраи фарзандхондӣ (муқаррар шудани васоят) ва то хатми ҳафтод (ҳангоми фарзандхонд кардани ду кӯдаки навзод - яксаду даҳ) рӯзи тақвимӣ аз рӯзи таваллуди кӯдак барояшон рухсатӣ дода, кумакпулӣ аз ҳисоби суғуртаи давлатии иҷтимоии ин давра пардохта, бо хоҳиши онҳо барои то расидан ба як солу шашмоҳагӣ ва сесолагӣ нигоҳубин кардани кӯдакашон (моддаи 224 Кодекси мазкур) рухсатӣ дода мешавад.

**Моддаи 227. Кафолат ва имтиёзҳо ба шахсоне, ки кудаконро бе модар тарбия мекунанд**

Кафолат ва имтиёзҳои зани кӯдакдор ба падароне, ки кӯдакро бе модар тарбия мекунанд (дар ҳолати фавти модар, аз ҳуқуқи модарӣ маҳрум шудан, дуру дароз дар муассисаи табобатӣ будан ва дар дигар ҳолатҳои кӯдакро парасторӣ карда натавонистани модар), инчунин ба васии (парастори) ноболиғон татбиқ мешаванд.

**Моддаи 244. Маҳдудият дар кори усули вахтавӣ**

Ба корҳои бо усули вахтавӣ иҷрошаванда, кормандоне, ки ба синни 18 нарасидаанд, занони ҳомиладор, маъюбони гурӯҳи I ва II иҷозат дода намешаванд. Дигар кормандон метавонанд ба корҳои хусусияти вахтавидошта ҷалб карда шаванд, агар чунин корҳо ба онҳо дар асоси хулосаи тиббӣ манъ карда нашуда бошанд.

## БОБИ 24. ХУСУСИЯТИ ТАНЗИМИ МЕҲНАТИ МАЪЮБОН

**Моддаи 258. Амалӣ намудани ҳуқуқи маъюбон ба меҳнат**

1. Маъюбон дар сурати доштани тавсияҳои меҳнатӣ, ки аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ дода шудаанд, ҳуқуқи бо корфармо бастани шартномаи меҳнатиро бо шартҳои оддии меҳнат ё дар ташкилотҳои махсусгардонидашуда, ки меҳнати маъюбонро истифода мекунанд, доранд.

2. Даст кашидан аз бастани шартномаи меҳнатӣ, гузаронидани маъюб ба кори дигар, таҷйир додани шароити меҳнат бо сабаби маъюб будан роҳ дода намешавад, ба истиснои ҳолатҳое, ки мутобиқи хулосаи тиббӣ ҳолати саломатии ӯ барои иҷрои уҳдадориҳои меҳнатӣ монеагӣ мекунад ё ки ба саломатии ӯ ва ё бехатарии меҳнатӣ дигар шахсон таҳдид мекунад.

**Моддаи 259. Шароити меҳнати кормандони маъюб**

1. Шароити меъёрбандӣ, пардохт ва ҳифзи меҳнат, реҷаи корӣ, тартиби якҷоя кардани касбҳо (мансабҳо), шароитҳои техникӣ, санитарӣ, гигиенӣ, истеҳсолӣ-маишӣ, инчунин дигар шароитҳо бо мувофиқаи тарафҳои шартномаи меҳнатӣ, созишнома ва шартномаҳои коллективӣҳ наметавонанд ҳолати кормандони маъюбро бад намоянд ё ҳуқуқи онҳоро дар муқоиса бо дигар кормандон маҳдуд кунанд.

2. Истифодаи меҳнати маъюбон дар корҳои вазнин, кор бо шароитҳои зарарнок ва хавфноки меҳнат манъ карда мешавад.

3. Ба маъюбоне, ки кор мекунанд метавонад кафолатҳои иловагӣ, ки Кодекси мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шартномаи меҳнатӣ, созишнома ва шартномаҳои коллективӣ, санадҳои корфармо муқаррар намудаанд, дода шаванд.

4. Хулосаи тиббӣ дар бораи реҷаи нопурраи вақти корӣ, кам кардани ҳаҷми кор ва дигар шароити меҳнати маъюбон барои иҷрои корфармо ҳатмӣ мебошад.

**Моддаи 260. Давомнокии вақти кӯтоҳи кории маъюбон**

1. Ба маъюбони гурӯҳҳои I ва II вақти кори давомнокияш кӯтоҳ на зиёда аз 36 соат дар як ҳафта бе кам кардани музди меҳнат муқаррар карда мешавад.

2. Давомнокии кори ҳаррӯзаи (басти кории) маъюбони гурӯҳҳои I ва II аз 6 соат зиёд буда наметавонад.

**Моддаи 261. Маҳдудияти истифодаи ҷамъи вақти кори баҳисобгирифташуда барои кормандони маъюб**

1. Барои кормандони маъюби гурӯҳҳои I ва II истифодаи ҷамъи вақти кори баҳисобгирифташуда роҳ дода намешавад.

2. Ба кормандони маъюби гурӯҳи III ҷамъи вақти кории баҳисобгирифташуда муқаррар карда намешавад, агар чунин реҷа бо нишондодҳои тиббӣ манъ карда шуда бошад.

**Моддаи 262. Маҳдудияти кори шабона, изофакорӣ, кор дар рӯзҳои истироҳат ва иди ғайрикорӣ, фиристодани кормандони маъюб ба сафари хизматӣ**

Ҷалб намудани маъюбон ба кори шабона, изофакорӣ, дар рӯзҳои истироҳат ва иди ғайрикорӣ, фиристодани кормандони маъюб ба сафари хизматӣ танҳо бо розигии хаттии онҳо иҷозат дода мешавад, агар чунин кор бо нишондодҳои тиббӣ манъ карда нашуда бошад.

**Моддаи 263. Пешниҳоди рухсатии меҳнатии ҳарсолаи пардохтшаванда ба корманди маъюб**

Ба корманди маъюб ҳар сол рухсатии меҳнатии пардохтшаванда тибқи ҷадвали рухсатиҳо, ки корфармо бо розигии онҳо тасдиқ намудааст, бо риояи меъёрҳои моддаи 94 Кодекси мазкур дода мешавад.

**Моддаи 339. Чораҳои иловагии ҳифзи меҳнати маъюбон**

1. Корфармо уҳдадор аст аз ҳисоби квотаи муқарраршуда маъюбонеро, ки мақомоти ваколатдори давлатӣ бо мақсади ба кор таъмин кардани онҳо фиристодааст, ба кор қабул намояд.

2. Иҷрои тавсияҳои мақомоти ваколатдори давлатии ташхиси тиббию иҷтимоӣ оид ба низоми вақти нопурраи корӣ, сабуктар кардани кор ва дигар шароити меҳнати маъюбон барои корфармо ҳатмӣ мебошад.

3. Нисбати маъюбон чораҳои дигари иловагии ҳифзи меҳнат бо Кодекси мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешаванд.

**Моддаи 340. Хизматрасонии санитарию маишӣ ва тиббии корманд**

1. Корфармо вобаста ба намуди фаъолияти ташкилот ва бо назардошти талаботи кормандон уҳдадор аст:

- онҳоро бо оби нӯшокӣ таъмин намояд;
- хӯроки онҳоро ташкил кунад;
- дар ташкилот утоқҳои санитарию маишӣ, ҷойи либоскашӣ, оббозӣ, утоқҳои махсус (ҷойҳои махсус барои рафъи хастагии зиёди ҷисмонӣ ва рӯҳӣ), утоқи гигиенаи шахсӣ барои занон, нуқтаҳои расонидани ёрии аввалияи тиббӣ дар мавриди фалокат ва ё бемор шудани корманд дар ҷойи корро муҷаҳҳаз созад.

2. Корфармо уҳдадор аст, ки мақомот ва муассисаҳои дахлдори тандурустӣ (нуқтаи тиббӣ, қисми тиббию санитарӣ, шифохона) ва ҳифзи иҷтимоии аҳолиро бо тартиби муайяннамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил намояд.

**Моддаи 343. Кафолати ҷуброни зарар бо сабаби бад шудани саломатӣ ё фавти корманд**

1. Агар корфармо бинобар таъсири қувваи рафънопазир ё қасди ҷабрдида аз сарчашмаи хатари зиёд ба корманд расидани зарарро исбот карда натавонад, бояд ин зарарро бо тартиби пешбининамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷуброн намояд.

2. Агар корфармо исбот намояд, ки зарар на бо гуноҳи ӯ расидааст, ҳангоми расидани зарар дар шароити оддӣ (на аз таъсири сарчашмаи хатари зиёд) ӯ аз ҷуброн кардани зарар озод шуда метавонад.

3. Музди аз дастрафта, хароҷоти бад шудани саломатӣ, ҳамчунин зарари маънавӣ бояд ҷуброн карда шаванд.

4. Ҳангоми таъйин ва пардохти маблағ барои ҷуброни зарар музди меҳнат, стипендия, нафақа ва дигар даромади корманд ба ҳисоб гирифта намешаванд.

5. Ташкилот ё ворисӣ ҳуқуқии он уҳдадор аст, ки ба корманде, ки дар натиҷаи ҳодисаи нохуш дар истеҳсолот маъюб шудааст, илова ба маблағи ҷуброни зарари барои чунин ҳолатҳо муқарраршуда ба андозаи на камтар аз музди миёнаи дувоздаҳмоҳаи ҷабрдида кумакпулии яквақта пардохт намояд.

6. Ҳангоми фавти корманд дар натиҷаи ҳодисаи нохуш дар истеҳсолот, ба оилаи ӯ илова ба маблағе, ки барои шахсони дар таъминоти ӯ буда муқаррар шудааст, ба андозаи на камтар аз музди меҳнати шастмоҳаи фавтида кумакпулии яквақта дода мешавад. Тартиби додани чунин кумакпулиро санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар мекунанд.

7. Дар ҳолати фавти ҷабрдида ҳуқуқи гирифтани ҷуброни зарар ба шахсони ғайриқобили меҳнат, ки таҳти саробонии марҳум буданд ё то рӯзи фавти ӯ ба гирифтани маблағ аз ин корманд ҳуқуқ доштанд, ҳамчунин тифли марҳум, ки баъд аз марги ӯ таваллуд шудааст, мегузарад.

8. Нафақае, ки бо сабаби фавти саробони оила таъйин мегардад, ба ҳисоби ҷуброни зарар дохил намешавад.

9. Корфармо зарари маънавиро дар сурати гунаҳкор буданаш ба расидани зарар ба андозаи бо ризоияти ҷабрдида ё шаҳрванд муайянгардидае, ки ба сабаби фавти ҷабрдида ба гирифтани ҷуброни зарар ҳуқуқ дорад, ҷуброн мекунад. Ҳангоми ба миён омадани баҳс андозаи зарари маънавӣ ба тариқи судӣ муайян карда мешавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Эмомалӣ Раҳмон**

ш. Душанбе
23 июли соли 2016, № 1329

# КОДЕКСИ ОИЛАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз 13 ноябри соли 1998
(иқтибос)

**Моддаи 1. Заминаҳои асосии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба оила**

1. Оила, ақди никоҳ, модар, падар ва кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти муҳофизати давлат қарор доранд.

3. Танҳо он никоҳе эътироф карда мешавад, ки дар мақомоти давлатии сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ба ҷо оварда шудааст. Ақди никоҳе, ки бо расму оини динӣ сурат гирифтааст, эътибори қонунӣ надорад.

4. Танзими муносибатҳои оилавӣ дар асоси принсипҳои ихтиёрӣ будани ақди никоҳи марду зан, баробарии ҳуқуқи зану шавҳар дар оила, ҳалли масъалаҳои дохилиоилавӣ дар асоси мувофиқаи тарафҳо, афзалияти тарбияи кӯдакон дар оила, ғамхорӣ нисбати некӯаҳволи ва рушди камоли онҳо, таъмини бештари ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои аъзои ноболиғ ва ғайри қобили меҳнати оила сурат мегирад.

5. Ҳангоми никоҳ ва дар муносибатҳои оилавӣ ҳама гуна шаклҳои маҳдуд кардани ҳуқуқи шаҳрвандон аз рӯи мансубияти иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, забонӣ ё динӣ манъ аст.

6. Ҳукуқи шаҳрвандон дар оила дар асоси қонунгузорӣ дар бораи оила ва дар ҳадде, ки бо мақсади муҳофизати ҳуқуқ, манфиатҳои қонунӣ, ахлоқ, саломатии дигар аъзои оила ва шаҳрвандон лозим мебошад, маҳдуд карда мешавад.

**Моддаи 8. Ҳимояи ҳуқуқи оилавҳӣ**

1. Ҳуқуқҳои оилавӣ аз тарафи суд, мақомоти васояту парастори, сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ва мақомоти дигари давлатӣ ҳимоя карда мешаванд.

2. Ҳимояи ҳуқуқҳои оилавӣ бо тартиби пешбининамудаи моддаҳои дахлдори ҳамин Кодекс сурат мегирад.

**Моддаи 9. Истифодаи мӯҳлати даъво дар муносибатҳои оилавӣ**

Нисбати талаботе, ки аз муносибатҳои оилавӣ бармеоянд, ба истисноии ҳолатҳое, ки мӯҳлати ҳифзи ҳуқуқи поймолшударо ҳамин

Кодекс муқаррар намудааст, мӯҳлати даъво татбиқ намегардад. Зимни истифодаи меъёрҳое, ки мӯҳлати даъворо муқаррар менамоянд, суд меъёрҳои дахлдори дар Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинигардидаро дастури амал қарор медиҳад.

**Моддаи 13. Синни никоҳӣ**

1. Синни никоҳӣ аз ҳаждаҳсолагӣ муқаррар карда мешавад.

2. Дар ҳолатҳои истисноӣ суд ҳуқуқ дорад дар асоси хоҳиши шахсони никоҳшаванда синни никоҳӣ дар ҳамин модда барои марду зан муқарраршударо ба мӯҳлати на бештар аз як сол кам кунад.

3. Ариза тибқи тартиби пешбурди алоҳида, дар суди маҳалли истиқомати шахсе, ки синнаш кам карда мешавад, баррасӣ мегардад.

4. Ҳуқуқи оид ба ҳамин масъала мурочиат намудан ба суд аз синни ҳабдаҳсолагӣ фаро мерасад.

**Моддаи 14. Ҳолатҳое, ки монеаи ақди никоҳ мегарданд**

Ақди никоҳ байни шахсони зерин манъ аст:

- байни шахсоне, ки яке аз онҳо дар никоҳи дигари ба қайдгирифташуда қарор дошта бошад;
- байни хешовандони наздик (падар ё модар бо фарзанд, бобо ё бибӣ бо набераи худ);
- байни бародарону хоҳарони айни ва ӯгай (ки аз як падар ё модаранд);
- байни фарзандони бародарон, хоҳарон, бародару хоҳар;
- байни тағо ва ҷиян, амак ва бародарзода, хола ва хоҳарзода, амма ва ҷиян;
- байни шахсоне, ки аз як зан шир макидаанд;
- байни шахсоне, ки аз муоинаи тиббии ҳатмӣ нагузаштаанд;
- байни фарзандхондагон ва фарзандхондшудагон;
- байни шахсоне, ки суд яке аз онҳоро бо сабаби бемории рӯҳи ё сустақлиаш (ноқисулақлиаш) ғайри қобили амал эътироф кардааст;
- байни шахсоне, ки суд яке аз онҳоро бо сабаби суиистифодаи нӯшокиҳои спиртӣ ё маводи нашъадор дорои қобилияти маҳдуди амал эътироф намудааст.

**Моддаи 15. Муоинаи тиббии ҳатмии шахсони никоҳшаванда**

1. Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд пеш аз бастани ақди никоҳ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои давлатии соҳаи тандурустии маҳалли зист ё истиқомати доимӣ аз муоинаи тиббии ҳатмӣ ба таври ройгон мегузаранд ва онҳо бо натиҷаи муоинаи тиббии ҳатмии ҳамдигар шинос карда мешаванд.

2. Машваратдиҳӣ оид ба тарзи солими ҳаёт, танзими оила ва таъсири бемориҳо ба саломатии насл аз ҷониби муассисаҳои давлатии соҳаи тандурустии маҳалли зист ё истиқомати доимӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад.

**Моддаи 32. Баробарҳуқуқии зану шавҳар дар оила**

1. Зану шавҳар ҳар кадомашон дар интихоби шуғл, касб, намуди фаъолият, иқоматгоҳ ва маҳали будубош озод аст.

2. Масъалаҳои падариву модарӣ, тарбияи фарзанд, маълумотноккунӣ ва масъалаҳои дигари ҳаёти оилавиро зану шавҳар якҷоя, бо назардошти принсипи баробарҳуқуқии зану шавҳар ҳал менамоянд.

3. Зану шавҳар вазифадоранд, ки муносибатҳои худро дар оила дар асоси эҳтирому кӯмаки якдигари ба роҳ монанд, барои таҳкими оила мусоидат намоянд, ба некӯаҳволӣ ва рушду камоли фарзандонашон ғамхорӣ кунанд.

**Моддаи 55. Ҳуқуқи кӯдак барои зиндагӣ ва тарбия дар оила**

1. Кӯдак шахсе эътироф карда мешавад, ки ба синни ҳаждаҳсолагӣ (ба синни балоғат) нарасидааст.

2. Ҳар кӯдак ҳуқуқ дорад, ки дар оила зиндагӣ кунад ва тарбия гирад. Кӯдак ба ғамхории волидон, таъмини манфиатҳояш, рушду такомули ҳамаҷониба, эҳтироми шаъни инсонии худ ҳуқуқ дорад.

Дар сурати набудани волидон, аз ҳуқуқи волидон маҳрум кардани онҳо ва дар ҳолатҳои дигари аз даст додани васояти волидон, ҳуқуқи кӯдак барои тарбия дар оила мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи боби 18 ҳамин Кодекс аз ҷониби мақомоти васояту парастори таъмин карда мешавад.

**Моддаи 56. Ҳуқуқи кӯдак барои муошират бо волидон ва дигар хешу ақрабо**

1. Кӯдак ҳуқуқи муоширатро бо падару модар, бобо, бибӣ (модаркалон), бародарону хоҳарон ва дигар хешу ақрабо дорад. Бекор кардани ақди никоҳ аз ҷониби волидон, беэътибор донистани он ё зиндагии ҷудогонаи падару модар ба ҳуқуқи кӯдак таъсир намерасонад.

Дар сурати ҷудо зиндагӣ кардани волидон кӯдак ҳуқуқ дорад, ки бо ҳар кадоми онҳо муошират кунад. Кӯдак инчунин ҳуқуқ дорад дар сурати дар давлатҳои мухталиф зиндагӣ кардани волидон ва баъди бекор кардани ақди никоҳ низ бо онҳо муошират кунад.

2. Фарзанде, ки дар ҳолати фавқулодда қарор дорад (ҳангоми дастгир кардан, ба ҳабс гирифтан, дар маҳбас нигоҳ доштан, дар муассисаи тибби будан ва ғайра) мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қонун барои муошират бо волидон ва дигар хешу ақрабои худ ҳуқуқ дорад.

**Моддаи 57. Ҳуқуқи кӯдак ба ҳимоя**

1. Кӯдак ба ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии худ ҳуқуқ дорад.

Ҳуқуқу манфиатҳои қонунии кӯдакро волидон (шахсоне, ки онҳоро иваз мекунанд) ва дар ҳолатҳои пешбининамудаи ҳамин Кодекс, мақомоти васояту парасторӣ, прокурор ва суд ҳимоя мекунанд.

2. Кӯдак ҳуқуқ дорад аз сӯиистифодаи волидон (шахсони ивазкунандаи онҳо) ҳифз карда шавад.

Ҳангоми вайрон кардани ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии кӯдак, аз ҷумла иҷро накардан ё ба таври номатлуб иҷро намудани ӯҳдадориҳо аз ҷониби волидон (яке аз онҳо) оид ба тарбияю таълими кӯдак ё суиистифода аз ҳуқуқҳои падару модари кӯдак ҳуқуқ дорад ба мақоми васоят ва парасторӣ ва пас аз расидан ба синни чордаҳсолагӣ ҷиҳати ҳимоя аз ҷониби онҳо ба суд мурочиат кунад.

3. Шахсони мансабдори ташкилотҳо ва дигар шаҳрвандоне, ки аз таҳдид ба ҳаёт ё саломатии кӯдак ё поймол гардидани ҳуқуқу манфиатҳои кӯдак дар оила огоҳҳ пайдо мекунанд, вазифадоранд дар ин хусус ба мақоми васояту парастори маҳали воқеии

истиқомати кӯдак маълумот диҳанд. Ҳангоми гирифтани чунин маълумот мақоми васояту парасторӣ вазифадор аст барои ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии кӯдак чораҳои зарурӣ андешад.

Мақоми васояту парасторӣ ҳуқуқ доранд, дар ҳолатҳои зарури бо ҷалби намояндагони мақомоти милитсия ба оилаҳое, ки дар онҳо зиндаги кардани кӯдакон ба ҳаёту саломатии онҳо хатарнок аст, бемонеа ворид шаванд.

**Моддаи 78. Иштироки мақомоти васояту парасторӣ ҳангоми дар суд баррасӣ намудани баҳсҳои вобаста ба тарбияи кӯдакон**

1. Ҳангоми дар суд баррасӣ намудани баҳсҳои вобаста бо тарбияи кӯдакон сарфи назар аз он ки даъвои ҳимояи онҳоро ки пешниҳод кардааст, мақоми васояту парасторӣ бояд ҷиҳати иштирок дар баррасии парванда ҷалб карда шавад.

2. Мақоми васояту парасторӣ вазифадор аст шароити зиндагии кӯдак ва шахсеро (шахсонеро), ки даъвои тарбия кардани ӯро дорад, санҷиш намуда, ба суд санади санҷиш ва хулосаи ба он асосёфтаро доир ба моҳияти баҳс пешниҳод кунад.

**Моддаи 80. Ӯҳдадориҳои алиментдиҳии волидон барои таъминоти фарзандони ноболиғ**

1. Волидон вазифадоранд, ки фарзандони ноболиқи худро таъмин намоянд. Тартибу шаклҳои таъминоти фарзандонро волидон мустақилона муайян менамоянд.

2. Волидон ҳуқуқ доранд дар мавриди таъминоти фарзандони ноболиғи худ созишнома (созишнома дар хусуси пардохти алимент) мувофиқи боби 16 ҳамин Кодекс) банданд.

3. Агар волидон фарзандони худро таъмин накунанд, маблаҷ барои таъминоти онҳо (алимент) аз волидон тибқи тартиби муқаррарнамудаи судҳ ситонида мешавад.

4. Ҳангоми набудани созишномаи волидон дар мавриди пардохти алимент, ҳангоми таъмин накардани фарзандони ноболиғ ва ҳангоми ба суд пешниҳод накардани даъво мақоми васоят ва парасторӣ ҳақ дорад нисбат ба волидон (яке аз онҳо) дар хусуси ситонидани алимент барои фарзандони ноболиғ даъво пешниҳод кунад.

**Моддаи 81. Андозаи алименте, ки барои кўдакони ноболиғ тибқи тартиби судӣ ситонида мешавад**

1. Ҳангоми мавҷуд набудани созишнома дар хусуси пардохти алимент барои фарзандони ноболиғ суд аз волидони онҳо ҳар моҳ ба андозаи зерин алимент мерўёнанд барои як фарзанд чоряк, барои ду фарзанд сеяк, барои се фарзанд ва зиёда аз он - нисфи музди меҳнат ва даромади дигари волидон.

2. Ҳаҷми ин саҳм бо назардошти вазъи моддӣ ва оилавии тарафҳо ва дигар ҳолатҳои қобили таваҷҷўҳ аз ҷониби суд кам ё зиёд карда шуданаш мумкин аст.

3. Агар кўдакон таҳти таъминоти пурраи давлат ё ташкилоти ҷамъияти қарор гирифта бошанд, суд ҳуқуқ дорад андозаи алиментро кам кунад ё аз пардохти он озод намояд. Маблағҳое, ки аз волидон барои таъминоти кўдакони дар муассисаҳои кўдаконаи давлатӣ ҷойгиркардашуда пардохта мешаванд, дар ҳаҷми муқаррарнамудаи қисми якуми ҳамин модда ба ҳисобномаҳои шахсии тарбиятгирандагон дар бонкҳои амонатӣ гузаронида мешавад.

**Моддаи 82. Навъҳои музди меҳнат ва дигар даромаде, ки аз онҳо барои кўдакони ноболиғ алимент ситонида мешавад**

Навъи музди меҳнат ва (ё) дигар даромаде, ки волидон бо асъори миллӣ ва (ё) асъори хориҷӣ мегиранд ва аз онҳо барои таъминоти кўдакони ноболиғ тибқи моддаи 81 ҳамин Кодекс бояд алимент ситонида шавад, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

**Моддаи 83. Ба маблағи устувор ситонидани алимент барои кўдакони ноболиғ**

1. Ҳангоми набудани созишномаи волидон дар хусуси пардохти алимент ба кўдакони ноболиғ ва дар ҳолате, ки агар падар ё модари алиментдиҳанда музди кор ва ё даромади дигари номунтазам ё тағйирёбанда дошта бошад, ё агар ин падар ё модар музди меҳнату даромади дигарро пурра ё қисман дар шакли асл (натура) ё асъори хориҷӣ гирад, инчунин ҳангоми нагирифтани музди меҳнат ва (ё) даромади дигар, инчунин дар ҳолатҳои дигаре, ки ситонидани алимент вобаста аз ҳиссаи музди меҳнат ва даромади дигари падар ё модар имконнопазир, мушкил ё манфиати яке аз тарафҳоро моҳиятан халалдор созад, суд метавонад андозаи

алименти ҳармоҳа ситонидашавандаро ба маблағи устувор ва ё ҳамзамон дар шакли ҳисса (мутобиқи моддаи 81 ҳамин Кодекс) ва бо маблағи устувор муайян намояд.

2. Андозаи маблағи устувор аз тарафи суд дар асоси имконияти нигоҳ доштани сатҳи ҳадди аксари дараҷаи пештараи таъминоти кӯдак бо назардошти вазъи моддию оилавии тарафҳо ва ҳолатҳои дигари қобили таваҷҷӯҳ муайян карда мешавад.

3. Агар дар назди ҳар кадоме аз волидон фарзандон монда бошанд, андозаи алимент аз ҳар як падар ё модар ба падар ё модаре, ки камтар таъмин мебошад, бо маблағи устувори пули, ки онро суд мутобиқи қисми дуюми ҳамин модда муқаррар намудааст, ҳар моҳ ситонида мешавад.

**Моддаи 84. Ситонидан ва истифодаи алимент барои кӯдаконе, ки бе парастории волидон мондаанд**

1. Барои кӯдаконе, ки бе парастории волидон мондаанд, алимент мутобиқи моддаҳои 81-83 ҳамин Кодекс ситонида шуда, ба васии (парастори) кӯдак пардохта мешавад.

2. Алименте, ки аз волидон барои кӯдакони бе парастории волидон монда ва дар муассисаҳои дахлдори тарбиявӣ, табобатӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва муассисаҳои дигари ба ин монанд қарордошта ситонида мешавад, ба ҳисобномаҳои ин муассисаҳо гузаронида шуда, дар онҳо вобаста ба ҳар кӯдак алоҳида ба ҳисоб гирифта мешавад.

Муассисаҳои мазкур метавонанд ин маблаҷро ба бонкҳо ва муассисаҳои дигари кредитӣ гузаронанд. Панҷоҳ фоизи даромаде, ки аз муомилоти маблағи воридгардидаи алимент ба даст меояд, барои таъминоти кӯдакон дар ин муассисаҳо истифода мешавад. Ҳангоми муассисаи мазкурро тарк кардани кӯдак, маблағи алименти барои ӯ гирифташуда ва панҷоҳ фоизи даромад аз муомилоти он дар шӯъбаи бонки амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба суратҳисоби шахсии кӯдак гузаронида мешавад.

**Моддаи 85. Ҳуқуқи фарзандони болиғи ғайри қобили меҳнат ба алимент**

1. Волидон вазифадоранд, ки фарзандони болиғи ҷайри қобили меҳнати ба кӯмак эҳтиёҷманди худро таъмин намоянд.

2. Дар сурати мавҷуд набудани созишномаи пардохти алимент суд ҳаҷми алиментро, ки барои кӯдакони болиҷи ҷайри

қобили меҳнат ҳар моҳ бо пули устувор ситонида мешаванд, бо назардошти вазъи моддию оилавӣ ва дигар манфиатҳои қобили таваҷҷӯҳи тарафҳо муайян менамояд.

**Моддаи 86. Ҳуқуқи фарзандони болиғи таҳсилкунанда ба алимент**

1. Суд метавонад барои фарзандони ба синни балоғат расида, ки донишҷӯёни таҳсили рӯзонаи муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбӣ мебошанд, мутаносибан то ба синни бистсолагӣ ва бистучорсолагӣ расиданашон аз волидон алимент ситонад.

2. Андозаи алименти ҳар моҳ бо пули устувор ситонидашаванда аз тарафи суд бо назардошти вазъи моддию оилавӣ ва манфиатҳои қобили таваҷҷӯҳи тарафҳо муайян карда мешавад.

**Моддаи 87. Иштироки волидон дар хароҷоти иловагӣ барои фарзандон**

1. Дар сурати мавҷуд набудани созишнома ва дар ҳолатҳои истисноӣ (бемории вазнин, маиб шудани кӯдакони ноболиғ ё болиғи ҷайри қобили меҳнати эҳтиёҷманд, зарурати пардохти маблағ ба бегонагон барои нигоҳубин ва ғайра) ҳар яке аз волидон аз ҷониби суд барои иштирок намудан дар хароҷоти иловагӣ вобаста ба чунин ҳолатҳо ҷалб шуданаш мумкин аст.

Тартиби иштироки ҳар кадоме аз волидонро дар хароҷоти иловагӣ аз тарафи суд, бо назардошти вазъи моддӣ ва оилавии волидону фарзандон ва дигар манфиатҳои қобили таваҷҷӯҳи тарафҳо бо маблағи устуворе, ки бояд ҳар моҳ пардохта мешавад, муайян мегардад.

2. Суд ҳуқуқ дорад волидонро барои иштирок намудан дар хароҷоти иловагии воқеан суратгирифта ва ҳамчунин хароҷоти иловагие, ки бояд дар оянда сурат гирад, вазифадор созад.

**Моддаи 88. Ӯҳдадории фарзандони болиғ барои нигоҳубини волидон**

1. Фарзандони болиғи қобили меҳнат ӯҳдадоранд, ки волидони ҷайри қобили меҳнати ба кӯмак мӯҳтоҷи худро нигоҳубин намоянд ва нисбат ба онҳо ғамхор бошанд.

2. Дар сурати набудани созишномаи пардохти алимент барои волидони ғайри қобили меҳнати мӯҳтоҷ, аз фарзандони болиғи қобили меҳнат барои онҳо ба тартиби судҳ алимент ситонида мешавад.

3. Андозаи алименте, ки ҳар моҳ аз ҳар фарзанд ба тартиби судҳ ситонида мешавад, аз тарафи суд бо назардошти вазъи модди ва оилавии волидону фарзандон ва манфиатҳои қобили таваҷҷӯҳи тарафҳо бо маблағи устувор муайян карда мешавад.

4. Бо талаби ҷавобгар суд ҳангоми муайян намудани андозаи алимент ҳамаи фарзандони болиғи қобили меҳнати падар ё модари мазкурро, сарфи назар аз он, ки талабот нисбати ҳамаи фарзандон ё танҳо ба як нафар ё якчанд нафари онҳо пешниҳод гардидааст, бояд баҳисоб гирад.

5. Фарзандон аз ӯҳдадориҳои таъмини волидони ғайри қобили меҳнати мӯҳтоҷи худ озод буда метавонанд, агар суд муқаррар созад, ки волидон аз иҷрои вазифаҳои падарию модарии худ саркашӣ мекарданд.

Фарзандон аз пардохти алимент ба волидоне, ки аз ҳуқуқи падару модари маҳрум гардидаанд, озод карда мешаванд.

**Моддаи 89. Иштироки фарзандони болиғ дар пардохтани хароҷоти иловагӣ барои волидон**

1. Дар ҳолатҳое, ки фарзандони болиғ нисбати волидони ҷайри қобили меҳнат ғамхорӣ накунанд ва дар ҳолатҳои истисноӣ (бемории вазнин, маибшавии волидон, зарурати пардохти маблағи нигоҳубин барои бегонагон ва ғайра) суд метавонад фарзандони болиғи қобили меҳнатро барои иштирок намудан дар пардохтани хароҷоти иловагие, ки вобаста ба ин ҳолатҳо ба миён омадаанд, ҷалб намояд.

2. Андоза ва тартиби пардохти хароҷоти иловагӣ аз ҷониби ҳар фарзанди болиғи қобили меҳнат аз тарафи суд бо назардошти вазъи моддию оилавии волидон ва фарзандон ва манфиатҳои қобили таваҷҷӯҳи тарафҳо, бо риояи қоидаҳои қисмҳои 4 ва 5 моддаи 88 ҳамин Кодекс муайян карда мешавад.

3. Тартиби пардохти хароҷоти иловагӣ ва андозаи ин хароҷотро бо созишномаи тарафҳо муайян кардан мумкин аст.

## БОБИ 14. ӮҲДАДОРИҲОИ АЛИМЕНТДИҲИИ ЗАНУ ШАВҲАР ВА ЗАНУ ШАВҲАРИ СОБИҚ

**Моддаи 90. Вазифаи зану шавҳар дар бобати таъминоти якдигар**

1. Зану шавҳар вазифадоранд якдигарро аз ҷиҳати моддӣ дастгири намоянд.

2. Дар сурати саркашӣ намудан аз чунин дастгирӣ ва набудани созишнома оид ба пардохти алимент дар байни зану шавҳар инҳо ҳуқуқ доранд аз ҳамсари худ, ки барои ин мақсад маблаҷи зарурӣ дорад, ба тартиби суди пардохти алиментро талаб кунанд:

- зан ё шавҳари ғайри қобили меҳнати эҳтиёҷманд;
- зан дар давраи ҳомиладорӣ ва дар давоми се соли пас аз таваллуди фарзанди умумӣ;
- зан ё шавҳари мӯҳтоҷе, ки фарзанди умумии маъюби то ҳаждаҳсола ё фарзанди умумии маъюби модарзоди гурӯҳи якумро нигоҳубин мекунад.

**Моддаи 91. Ҳуқуқи зан ё шавҳари собиқ барои гирифтани алимент пас аз бекор кардани ақди никоҳ**

1. Шахсони зерин ҳуқуқ доранд ба тартиби судӣ аз зан ё шавҳари собиқи худ, ки маблағи зарурира доранд алимент талаб кунанд:

- зани собиқ дар давраи ҳомиладорӣ ва дар давоми се соли пас аз таваллуди фарзанди умуми;
- зан ё шавҳари собиқи мӯҳтоҷе, ки фарзанди умумии маъюби то ба синни ҳаждаҳсолагӣ расидан ва фарзанди умумии маъюби модарзоди гурӯҳи якумро нигоҳубин мекунад;
- зан ё шавҳари собиқи ғайри қобили меҳнати мӯҳтоҷе, ки қобилияти меҳнатро то бекор кардани никоҳ ё дар давоми як соли пас аз бекор кардани никоҳ аз даст додааст;
- зан ё шавҳари мӯҳтоҷе, ки на дертар аз панҷ соли пас аз лаҳзаи бекор кардани ақди никоҳ ба синни нафақа расидааст, агар зану шавҳар дар муддати панҷ сол дар ақди никоҳ буда бошанд.

2. Андозаи алимент ва тартиби ба ҳамсари собиқ пардохтани онро пас аз лахзаи бекор кардани никоҳ тибқи созишномаи байни зан ва шавҳари собиқ муайян кардан мумкин аст.

**Моддаи 92. Андозаи алименте, ки тибқи тартиби судҳ барои таъминоти зану шавҳар ва зану шавҳари собиқ ситонида мешавад**

Дар сурати мавҷуд набудани созишнома байни зану шавҳар (зану шавҳари собиқ) оиди пардохти алимент андозаи алименте, ки ба тартиби судҳ ҳар моҳ барои таъминоти зан ё шавҳар (зан ё шавҳари собиқ) ситонида мешавад, аз тарафи суд дар шакли маблағи устувор бо назардошти вазъи моддию оилавии зану шавҳар (зану шавҳари собиқ) ва манфиатҳои қобили таваҷҷӯҳи тарафҳо муайян мегардад.

**Моддаи 93. Аз ўҳдадории таъмини ҳамсари худ озод намудани зан (шавҳар) ё маҳдуд кардани мўҳлати ўҳдадорӣ**

Суд метавонад зан ё шавҳарро ҳам дар давраи никоҳ ва ҳам пас аз бекор кардани он дар ҳолатҳои зерин аз ўҳдадории таъмини ҳамсари худ озод кунад ё мўҳлати ин ўҳдадориро ба таври муайян маҳдуд созад:

- агар корношоямии зан ё шавҳари мўҳтоҷ дар натиҷаи суиистеъмоли нўшокиҳои спиртӣ, моводи нашъадор ё қасдан ҷиноят содир намудани ў ба амал омада бошад;
- агар хонадории зану шавҳар камтар аз панҷ сол давом карда бошад;
- агар зан ё шавҳаре, ки пардохти алиментро талаб мекунад, дар оила рафтори ношоиста дошта бошад.

**Моддаи 94. Қатъ гардидани ҳуқуқи таъминоти ҳамдигарии зан ё шавҳар**

Ҳуқуқи зан ё шавҳар барои гирифтани таъминот (алимент) аз ҳамсари худ дар мавридҳои зерин қатъ мегардад:

- агар зан ё шавҳари мўҳтоҷи корношоям вафот кунад;
- агар шартҳое, ки мутобиқи моддаҳои 90 ва 91 ҳамин Кодекс барои гирифтани алимент асос буданд, аз миён бардошта шаванд;
- агар зан ё шавҳари мўҳтоҷи корношоям аз нав хонадор шуда бошад.

## БОБИ 15. ЎҲДАДОРИҲОИ АЛИМЕНТДИҲИИ АЪЗОИ ДИГАРИ ОИЛА

**Моддаи 95. Ӯҳдадории бародарону хоҳарон оид ба таъминоти бародарону хоҳарони ноболиғ ва болиғи корношоями худ**

Бародарону хоҳарони ноболиғи мӯҳтоҷи ёрӣ дар сурати аз волидони худ гирифта натавонистани таъминот ҳуқуқ доранд, ба тартиби судӣ аз бародарону хоҳарони болиғи қобили меҳнати худ, ки маблаҷғи заруриро доранд, алимент гиранд. Чунин ҳуқуқ инчунин ба бародарону хоҳарони корношоями болиғи мӯҳтоҷе дода мешавад, ки агар онҳо аз фарзандони болиғи худ зан ё шавҳар (зан ё шавҳари собиқ) ё волидонашон таъминотпули гирифта натавонанд.

**Моддаи 96. Ӯҳдадории бобою бибӣ (модаркалон) оид ба таъминоти набераҳои худ**

Набераҳои ноболиғи мӯҳтоҷи ёрӣ дар сурати аз волидони худ гирифта натавонистани таъминот ҳуқуқ доранд ба тартиби судӣ аз бобою бибии (модаркалони) худ, ки дорои маблағи зарурӣ мебошанд, алимент гиранд.

Чунин ҳуқуқ инчунин ба наберагони корношоями болиғи мӯҳтоҷе дода мешавад, ки агар онҳо аз ҳамсар (ҳамсари собиқ) ё волидонашон таъминот гирифта натавонанд.

**Моддаи 97. Ӯҳдадориҳои набера оид ба таъминоти бобою бибӣ (модаркалон)**

Бобою бибии (модаркалони) мӯҳтоҷи корношоям дар сурати аз фарзандони болиҷи қобили меҳнат ё ҳамсари (ҳамсари собиқи) худ гирифта натавонистани таъминот ҳуқуқ доранд ба тартиби судҳ аз наберагони болиҷи қобили меҳнати худ, ки дорои маблаҷи зарурҳ мебошанд, алимент талаб кунанд.

**Моддаи 98. Ӯҳдадории писарандар ва духтарандар оид ба таъминоти падарандар ва модарандар**

1. Падарандар ва модарандари корношоями мӯҳтоҷе, ки писарандар ва духтарандари худро тарбия ва нигоҳубин кардаанд, агар онҳо аз фарзандони болиғи қобили меҳнат ё ҳамсари (ҳамсари собиқи) худ таъминот гирифта натавонанд, ҳуқуқ доранд аз писарандар ё духтарандари болиғи қобили меҳнат, ки маблағи зарурӣ доранд, ба тартиби судӣ таъминот талаб намоянд.

2. Суд ҳуқуқ дорад писарандар ва духтарандарро аз вазифаи таъмин кардани падарандар ё модарандар озод кунад, агар

падарандар ё модарандар онҳоро на камтар аз се сол тарбия ва таъмин карда бошанд, инчунин агар онҳо ӯҳдадориҳои худро вобаста ба тарбияи писарандар ва духтарандар номатлуб анҷом дода бошанд.

**Моддаи 99. Андозаи алименте, ки барои аъзои дигари оила ба тартиби судӣ ситонида мешавад**

1. Андоза ва тартиби пардохти алимент барои шахсоне, ки дар моддаҳои 95-98 ҳамин Кодекс зикр шудаанд, тибқи созишномаи тарафҳо муайян карда мешаванд.

2. Дар сурати мавҷуд набудани созишномаи тарафҳо андозаи алимент, ки барои таъмини аъзои оилаи дар ҳамин боб зикргардида ба тартиби суди ситонида мешавад, аз тарафи суд бо назардошти вазъи моддию оилавии пардохткунанда ва гирандаи алимент ва манфиатҳои дигари қобили таваҷҷӯҳи тарафҳо дар шакли маблағи устувори ҳар моҳ пардохтшаванда муқаррар карда мешавад.

3. Агар барои таъмини аъзои оила, ки алимент талаб мекунад, ҳамзамон якчанд нафар ӯҳдадор бошанд, он гоҳ суд бо назардошти вазъи моддию оилавии онҳо андозаи иштироки ҳар яки онҳоро дар иҷрои ӯҳдадории алиментдиҳӣ муайян менамояд. Бо талаби ҷавобгар суд вазифадор аст, ки ҳамаи шахсонеро ки барои пардохтани алимент ӯҳдадоранд, ба ҳисоб гирад, сарфи назар аз он ки даъво нисбати ҳамаи ин шахсон ё фақат як нафар ё якчанд нафари онҳо пешниҳод шудааст.

## БОБИ 16. СОЗИШНОМАИ ПАРДОХТИ АЛИМЕНТ

**Моддаи 100. Бастани созишномаи пардохти алимент**

Созишномаи пардохти алимент (андоза, шарт ва тартиби пардохти алимент) дар байни шахсе, ки алимент месупорад ва шахсе, ки онро мегирад, ва дар сурати ғайриқобили амал будани шахсе, ки вазифадор аст алимент супорад ва (ё) гирандаи алимент - дар байни намояндагони қонунии онҳо, баста мешавад. Шахсони қобилияти амалашон маҳдуд созишномаи пардохти алиментро бо розигии намояндагони қонуниашон имзо мекунанд.

**Моддаи 101. Шакли созишномаи пардохти алимент**

1. Созишномаи пардохти алимент дар шакли хаттӣ баста шуда, аз тарафи идораи нотариалии давлатӣ тасдиқ карда мешавад.

Риоя накардани шакли созишномаи пардохти алимент, ки қонун муқаррар кардааст, боиси оқибатҳое мегардад, ки меъёрҳои қонунгузории гражданӣ пешбинӣ намудааст.

2. Созишномаи пардохти алимент, ки нотариат тасдиқ намудааст, дорои эътибори варақаи иҷро мебошад.

**Моддаи 102. Тартиби бастан, иҷро намудан, тағйир додан, бекор кардан ва беэътибор донистани созишномаи пардохти алимент**

1. Бастан, иҷро намудан, тағйир додан, бекор кардан ва беэътибор донистани созишномаи пардохти алимент аз рӯи меъёрҳои Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад, ки бастан, иҷро намудан, тағйир додан, бекор кардан ва беэътибор донистани аҳдҳои гражданию ҳуқуқӣ тавассути онҳо танзим мегарданд.

2. Созишномаи пардохти алимент ҳар гоҳ бо мувофиқаи тарафҳо тағйир дода ё бекор шуда метавонад. Тағйир додан ё бекор кардани созишномаи пардохти алимент ба ҳамон шакле, ки шартномаи пардохти алимент баста шудааст, бояд сурат гирад.

3. Якҷониба иҷро накардани созишномаи пардохти алимент ё якҷониба тағйир додани шартҳои он мумкин нест.

4. Дар сурати ҷиддӣ тағйир ёфтани вазъи моддӣ ё оилавии тарафҳо ва ҳангоми тағйир додан ё бекор кардани созишномаи пардохти алимент ба мувофиқа нарасидани тарафҳо тарафи манфиатдор ҳуқуқ дорад дар хусуси тағйир додан ё бекор кардани созишномаи пардохти алимент ба суд даъво пешниҳод кунад. Ҳангоми баррасии масъалаи тағйир додан ё бекор кардани созишномаи пардохти алимент суд ҳуқуқ дорад ҳама гуна манфиати қобили таваҷҷӯҳи тарафҳоро ба инобат гирад.

**Моддаи 103. Беэътибор донистани созишномаи пардохти алимент, ки манфиатҳои алиментгирандаро поймол мекунад**

Агар шарти пешбининамудаи созишномаи пардохти алимент оид ба таъминоти кӯдакони ноболиғ ё аъзои болиғи ғайриқобили амали оила манфиати онҳоро поймол кунад, аз ҷумла дар ҳолатҳои риоя накардани талаботи қисми дуюми моддаи 104 ҳамин Кодекс чунин созишномаро мувофиқи талаби намояндаи қонунии кӯдаки ноболиғ ё кӯдаки аъзои болиғи ғайриқобили амали оила, инчунин мақоми васояту парасторӣ ё прокурор ба тартиби судӣ беэътибор донистан мумкин аст.

**Моддаи 104. Андозаи алименте, ки тибқи созишномаи пардохти алимент пардохта мешавад**

1. Андозаи алименте, ки тибқи созишномаи пардохти алимент пардохта мешавад, аз ҷониби тарафҳо дар ин созишнома муайян карда мешавад.

2. Андозаи алименте, ки мувофиқи созишномаи пардохти алимент барои кӯдакони ноболиғ муқаррар карда мешавад, аз андозаи алименте, ки онҳо ҳангоми ба тартиби судӣ ситонидани алимент гирифта метавонистанд (моддаи 81 ҳамин Кодекс) камтар буда наметавонад.

**Моддаи 105. Усул ва тартиби пардохти алимент тибқи созишномаи пардохти алимент**

1. Усул ва тартиби пардохти алимент тибқи созишномаи пардохти алимент, тавассути ҳамин созишнома муайян карда мешавад.

2. Алимент ҳамчун ҳисса аз маош ва (ё) дигар даромади шахсе, ки бояд алимент супорад, бо маблағи устувори пули вақт-вақт ё якдафина, бо усули додани молу мулк ва дигар усулҳо, ки дар бораи он созиш баста шудааст, пардохта шуда метавонад.

Дар созишномаи пардохти алимент якчанд усулҳои пардохти алиментро пешбинӣ намудан мумкин аст.

**Моддаи 106. Индексацияи андозаи алимент, ки тибқи созишномаи пардохти алимент сурат мегирад**

Индексацияи андозаи алимент, ки тибқи созишномаи пардохти алимент пардохта мешавад, мувофиқи ҳамин созишнома сурат мегирад. Агар дар созишномаи пардохти алимент тартиби дигари индексатсияи андозаи алимент пешбинӣ нашуда бошад, индексация мутобиқи моддаи 118 ҳамин Кодекс сурат мегирад.

## БОБИ 17. ТАРТИБИ ПАРДОХТ ВА СИТОНИДАНИ АЛИМЕНТ

**Моддаи 107. Бо ҳалномаи суд ситонидани алимент**

Дар сурати набудани созишномаи пардохти алимент аъзои оилаи дар ҳамин фасли Кодекс зикргардида ҳуқуқ доранд, ки бо талаби ситонидани алимент ба суд муроҷиат намоянд.

**Моддаи 108. Мўҳлати муроҷиат барои гирифтани алимент**

1. Шахсе, ки барои гирифтани алимент ҳуқуқ дорад, сарфи назар аз мўҳлате, ки аз лаҳзаи пайдо кардани ҳуқуқи алиментгирӣ гузаштааст, метавонад дар хусуси ситонидани алимент ба суд бо ариза муроҷиат кунад.

2. Алимент барои давраи баъди муроҷиат намудан ба суд муқаррар карда мешавад. Алимент барои давраи гузашта метавонад дар ҳудуди мўҳлати сесола аз лаҳзаи муроҷиат кардан ба суд ситонида шавад, агар суд муқаррар кунад, ки то муроҷиат кардан ба суд барои гирифтани таъминот саъю кўшиш карда шудааст, вале бинобар сабаби саркашии шахси алиментдиҳанда аз пардохти он, алимент гирифта нашудааст.

**Моддаи 109. Мувақаттан ситонидани алимент**

1. Аз рўи парвандаҳо дар бораи ситонидани алимент суд ҳуқуқ дорад, ки то эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳалномаи суд дар бораи ситонидани алимент ва дар сурати барои кўдакони ноболиғ ситонидани алимент - то қабул гардидани ҳалнома дар бораи ситонидани алимент оиди мувақаттан ситонидани алимент қарор барорад.

2. Андозаи алименти муваққатан ситонидашавандаро суд бо назардошти вазъи модди ё оилавии тарафҳо муайян менамояд. Андозаи алименти муваққатан барои таъминоти кўдакони ноболиғ ситонидашаванда мутобиқи моддаи 81 ҳамин Кодекс муайян карда мешавад.

**Моддаи 110. Ўҳдадории маъмурияти ташкилот дар бораи доштани алимент**

Маъмурияти ташкилоти ҷои кори шахсе, ки ўҳдадор аст алимент диҳад, вазифадор мебошад, ки дар асоси созишномаи аз ҷониби нотариус тасдиқшудаи тарафҳо ё варақаи иҷро ҳар моҳ аз музди меҳнат ва (ё) даромади дигари алиментдиҳанда, ки ўҳдадор аст алимент супорад, ё аз ҳисобномаи шахси алиментдиҳанда на дертар аз се рўзи пас аз санаи ба алиментдиҳанда додани музди меҳнат ва (ё) даромади дигари вай алиментро нигоҳ дошта, ба шахси алиментгиранда супорад.

**Моддаи 111. Нигоҳ доштани алимент дар асоси созишномаи пардохти алимент**

Нигоҳ доштани алимент дар асоси созишномаи аз ҷониби нотариус тасдиқшуда оид ба пардохти алимент дар ҳолатҳое сурат мегирад, ки агар маблағи умумии нигоҳдошташаванда дар асоси созишнома ва варақаҳои иҷро аз панҷоҳ фоизи маош ва (ё) дигар даромади шахси алиментдиҳанда бештар бошад.

**Моддаи 112. Ӯҳдадории додани маълумот дар хусуси тағйири ҷои кори шахси алиментдиҳанда**

1. Маъмурияти ташкилоте, ки бо ҳалномаи суд ё созишномаи аз ҷониби нотариат тасдиқшудаи пардохти алимент алиментро нигоҳ медошт, вазифадор аст, ки дар муддати се рӯз ба иҷрочии суди маҳали иҷрои ҳалнома дар бораи ситонидани алимент ва ба шахси алиментгиранда дар хусуси аз кор озод шудани шахси алиментдиҳанда ва агар маълум бошад, дар хусуси ҷои нави кор ё истиқомати ӯ хабар диҳад.

2. Шахсе, ки барои додани алимент ӯҳдадор аст, бояд дар мӯҳлати муқаррарнамудаи қисми 1 ҳамин модда ба иҷрочии суд ва ба алиментгиранда дар хусуси дигар шудани ҷои кор ё истиқоматаш ва дар сурати додани алимент ба кӯдакони ноболиғ инчунин дар хусуси музди кор ё даромади дигари иловагӣ хабар диҳад.

3. Дар сурати бо сабабҳои беасос хабар надодани маълумоти дар қисмҳои 1 ва 2 ҳамин модда зикргардида, шахсони мансабдор ва шаҳрвандони дигаре, ки дар ин кор гунаҳгоранд, мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қонун ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**Моддаи 113. Ситонидани маблағ аз ҳисоби молу мулки алиментдиҳанда ҳангоми додани алимент**

1. Алимент ба андозаи муқаррарнамудаи созишномаи пардохти алимент ё ҳалномаи суд, инчунин қарзи пардохти алимент аз ҳисоби музди меҳнат ва (ё) даромади дигари алиментдиҳанда ситонида мешавад, вале дар сурати кам будани музди меҳнат ва (ё) даромади дигар, алимент аз ҳисоби маблағи алиментдиҳанда, ки дар ҳисобномаҳояш дар бонкҳо ё муассисаҳои дигари кредитӣ мебошанд, инчунин аз маблағҳои тибқи қарордод дар ташкилотҳои тиҷоратию ғайритиҷоратӣ гузошта шудаанд, ба

ғайр аз қарордодҳое, ки боиси гузаштани ҳуқуқи моликият мегардад, ситонида мешавад.

Дар сурати нокифоя будани ин маблағ алимент аз ҳисоби ҳама гуна молу мулки алиментдиҳанда, ки мувофиқи қонун аз ҳисоби он маблағ ситонидан мумкин аст, ситонида мешавад.

2. Ситонидани алимент аз ҳисоби маблағи дар ҳисобномаҳо будаи алиментдиҳанда ва молу мулки дигари ӯ мувофиқи тартиби пешбининамудаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

**Моддаи 114. Муайян намудани қарзи вобаста ба алимент**

1. Алимент дар асоси созишномаи пардохти алимент ё дар асоси варақаи иҷро барои мӯҳлати гузашта то давраи се сола ситонида мешавад, ки то пешниҳоди варақаи иҷро ё созишномаи аз ҷониби нотариус тасдиқгардидаи тарафҳо барои ситонидани алимент гузаштааст.

2. Дар ҳолатҳое, ки алимент дар асоси варақаи иҷро ё созишномаи аз ҷониби нотариус тасдиқгардидаи тарафҳо оид ба ситонидани алимент бо айби шахсе, ки ӯҳдадор аст алимент супорад, пардохта нашуда бошад, алимент сарфи назар аз мӯҳлати сесолаи дар қисми 2 моддаи 108 ҳамин Кодекс муқарраргардида барои тамоми давра ситонида мешавад.

3. Андозаи қарзро иҷрочии суд дар асоси андозаи алименти бо ҳалномаи суд ё созишномаи пардохти алимент таъиншуда муайян менамояд.

4. Андозаи қарзи алименти мутобиқи моддаи 81 ҳамин Кодекс барои кӯдаки ноболиғ додашаванда бо назардошти музди воқеии меҳнат ва даромади дигари қарздор дар давоми даврае, ки алимент ситонида нашудааст, муайян карда мешавад. Агар қарздор дар ин давра кор накарда бошад ё асноди тасдиққунандаи музди меҳнат ва даромади дигари ӯ пешниҳод нагарданд, қарз дар асоси музди миёнаи меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар лаҳзаи ситонидани қарз муайян карда мешавад.

5. Агар чунин муайянкунии қарз манфиати яке аз тарафҳоро ҷиддӣ поймол кунад, тарафе, ки манфиаташ поймол шудааст, ҳуқуқ дорад ба суд муроҷиат намояд ва суд метавонад бо назардошти вазъи моддӣ ё оилавии тарафҳо ва дигар ҳолатҳои қобили таваҷҷӯҳ қарзро бо маблағи устувори пулӣ муайян кунад.

6. Ҳангоми розӣ набудан бо муайянкунии қарзи алимент аз ҷониби иҷрочии суд ҳар яке аз тарафҳо метавонад тибқи тартиби

пешбининамудаи қонунгузории мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз амали иҷрочии суд шикоят кунад.

**Моддаи 115. Озод кардан аз додани қарзи алимент**

1. Ҳангоми додани алимент барои кӯдакони ноболиғ бо мувофиқаи тарафҳо озод кардан аз пардохти қарз ё кам кардани он мумкин нест.

2. Суд ҳуқуқ дорад бо даъвои алиментдиҳанда ӯро пурра ё қисман аз пардохти қарзи алимент озод намояд, агар муқаррар кунад, ки қарз бо сабаби бемории ин шахс ё бо дигар сабабҳои узрнок пардохта нашудааст ва вазъи моддию оилавии ӯ имконият намедиҳад, ки қарзашро пӯшонад.

**Моддаи 116. Масъулият барои сари вақт напардохтани алимент**

1. Ҳангоми ба миён омадани қарз бо гуноҳи шахсе, ки ӯҳдадор аст тибқи созишномаи пардохти алимент алимент супорад, шахси гунаҳгор мувофиқи тартиби пешбининамудаи ҳамин созишнома ҷавобгар мебошад.

2. Ҳангоми ба миён омадани қарз бо гуноҳи шахсе, ки тибқи ҳалномаи суд бояд алимент супорад, шахси гунаҳгор ба алиментгиранда аз маблағи напардохтаи алимент барои ҳар рӯзи гузаронидашуда дар ҳаҷми 0,1 фоиз ҷаримаи аҳдшиканӣ месупорад.

Алиментгиранда инчунин ҳуқуқ дорад аз гунаҳгоре, ки ба пардохти алимент ӯҳдадор аст, барои сари вақт напардохтани алимент тамоми зарареро, ки вобаста ба сари вақт анҷом надодани ӯҳдадориҳои пардохти алимент дар қисми ҷаримаи аҳдшиканӣ расонида шудааст, ситонад.

**Моддаи 117. Нораво будани ба ҳисоб гирифтан ва пас талаб карда руёнидани алимент**

1. Пардохтҳои алиментӣ аз ҳисоби талаботи дигари мутақобила сурат гирифта наметавонад.

2. Пас талаб карда гирифтани маблағи пардохташудаи алимент, мумкин намебошад ба истиснои ҳолатҳои зерин:

- бекор кардани ҳалномаи суд ба сабаби маълумоти бардурӯғ ё асноди қалбакиро пешниҳод кардани шахси алиментгиранда;

- беэътибор донистани созишномаи пардохти алимент дар сурати бо роҳи фиреб, таҳдид ё зўроварии алиментгиранда ба имзо расонидани он;

- бо ҳукми суд ошкор гардидани далели сохтакории ҳалномаи, созишномаи пардохти алимент ё варақаи иҷро, ки дар асоси онҳо алимент пардохта шудааст.

3. Агар кирдори дар қисми 2 ҳамин модда зикргардида аз ҷониби намояндаи кўдаки ноболиғ ё аъзоиболиғи ҷайри қобили амали алиментгиранда содир шуда бошад, алимент пас талаб карда гирифта намешавад ва маблағи пардохтшудаи алимент тибқи даъвои шахси барои пардохти алимент ўҳдадоршуда аз намояндаи гунаҳгор ситонида мешавад.

**Моддаи 118. Индексацияи пардохтҳои алимент**

1. Маблағи алименти бо ҳалномаи суд дар шакли пули устувор ситонидашаванда аз ҷониби маъмурияти ташкилоти маҳали нигоҳ доштани алимент мутаносибан бо зиёдшавии андозаи ҳадди ақалли музди меҳнати тибқи қонун муқарраргардида индексация карда мешавад.

2. Ба мақсади индексатсияи пардохти алимент суд метавонад андозаи алиментро бо маблағи устувори пулӣ, ки ба андозаи муайяни ҳадди ақали музди меҳнат мувофиқ аст, муқаррар намояд.

**Моддаи 119. Пардохти алимент дар сурати барои сукунати доимӣ ба давлати дигар рафтани алиментдиҳанда**

1. Шахсоне, ки барои сукунати доимӣ ба давлате меравaнд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо он шартномаи байналмилалии пешбиникунандаи эътирофи мутақобила ва иҷрои ҳалномаҳои судро дар хусуси ситонидани алимент ба имзо нарасонидааст, вазифадоранд бо аъзои оилаашон дар бораи пардохти алимент созишномаи хаттӣ ба имзо расонанд ва он бояд аз ҷониби нотариус тасдиқ арда шавад.

2. Дар сурати ҳосил нашудани мувофиқа, шахси манфиатдор ҳуқуқ дорад ба суд муроҷиат карда, дар шакли маблағи устувор муайян намудани алимент ва пардохти яквақтаи алимент ё ба ҳисоби маблағи алимент додани молу мулки мушаххас ё бо тариқи дигар додани алиментро талаб намояд.

**Моддаи 120. Тағйир додани андозаи алименти муқаррарнамудаи суд ва озод кардан аз додани алимент**

1. Агар ҳангоми набудани созишномаи тарафҳо оид ба пардохти алимент баъди тибқи тартиби суди муқаррар намудани андозаи алимент вазъи моддӣ ва оилавии алиментдиҳанда ё алиментгиранда тағйир ёфта бошад, суд ҳуқуқ дорад бо талаби ҳар яки онҳо андозаи муқарраргардидаи алиментро кам кунад ё алиментдиҳандаро аз додани он озод намояд. Ҳангоми тағйир додани андозаи алимент ё озод кардан аз додани он суд метавонад инчунин ҳар гуна манфиати дигари қобили таваҷҷӯҳи тарафҳоро ба инобат гирад.

2. Агар муқаррар гардад, ки шахси ба балоғатрасидаи қобили амал нисбати шахси барои додани алимент ӯҳдадоршуда қасдан ҷиноят содир кардааст ё ҳангоми рафтори ношоистаи аъзои болиғи қобили амал дар оила суд метавонад ситонидани алиментро барои шахси болиғи қобили амал рад намояд.

**Моддаи 121. Қатъ гардидани ӯҳдадориҳои алимент**

1. Ӯҳдадориҳои алименти, ки тибқи созишномаи пардохти алимент муқаррар карда шудаанд, бо фавти яке аз тарафҳо, гузашти мӯҳлати амали ҳамин созишнома ё тибқи дигар асосҳои пешбининамудаи ҳамин созишнома қатъ мегарданд.

2. Пардохти алименти тибқи тартиби судӣ ситонидашаванда дар ҳолатҳои зерин қатъ мегардад:

- дар сурати ба балоғат расидани кӯдак ё дар ҳолати то ба балоғат расиданашон қобили амал ҳисоб шудани кӯдакони ноболиғ;

- баъди фарзандхонди шудани кӯдаке, ки барои таъминоти ӯ алимент ситонида мешуд;

- пас аз таҳсилро дар муассисаҳои таълимии маълумоти миёна ё олӣ хатм кардани кӯдакони ба балоғатрасида ё ба синну соли дар моддаи 86 ҳамин Кодекс муқарраргардида расидани онҳо;

- ҳангоми аз ҷониби суд эътироф гардидани барқарор шудани қобилияти меҳнатӣ ё қатъи мӯҳтоҷии алиментгиранда;

- дар сурати аз нав никоҳ кардани зан ё шавҳари собиқи мӯҳтоҷи корношоями алиментгиранда (моддаи 94 ҳамин Кодекс);

- вафот кардани шахси алиментгиранда ё шахсе, ки ба додани алимент ӯҳдадор аст.

## БОБИ 18. ОШКОР ВА ҶОБАҶОКУНИИ КӮДАКОНЕ, КИ БЕ ПАРАСТОРИИ ВОЛИДОН МОНДААНД

**Моддаи 122. Ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдаконе, ки бе парастории волидон мондаанд**

1. Ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдакон дар ҳолатҳои фавти волидон, аз ҳуқуқи падару модари маҳрум кардани онҳо, маҳдуд кардани ҳуқуқи падару модари, ҷайри қобили амал эътироф шудани онҳо, беморӣ ва муддати тӯлонӣ ғайриҳозир будани волидон, саркашии волидон аз тарбияи фарзандон ё аз ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои онҳо, аз ҷумла ҳангоми аз ҷониби волидон рад кардани гирифтани кӯдакони худ аз муассисаҳои тарбиявӣ, муассисаҳои табобатӣ ва муассисаҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва дигар муассисаҳои ба ин монанд, инчунин ҳолатҳои дигари набудани парастории волидон, ба зимаи мақомоти васояту парасторӣ гузошта мешавад.

Мақомоти васояту парасторӣ кӯдаконеро, ки бе парастории волидон мондаанд, ошкор намуда, баҳисобгирии онҳо ва бо назардошти ҳолатҳои мушаххаси маҳрум шудан аз парастории волидон усули ҷобаҷосозии кӯдакони бе парастории волидон мондаро (моддаи 124 ҳамин Кодекс) интихоб менамоянд ва ҳамчунин назорати минбаъдаи шароити таъминот, тарбия ва таълими онҳоро амалӣ менамоянд.

Ба ғайр аз мақомоти васояту парасторӣ ба дигар шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ барои ошкор намудан ва ҷобаҷокунии кӯдакони бе парастории волидон монда, иҷозат дода намешавад.

2. Мақомоти васояту парасторӣ мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мебошанд. Масъалаҳои ташкил ва фаъолияти мақомоти ҳокимияти иҷроияи маҳаллӣ барои амалӣ намудани васояту парастории кӯдакони бе парастории волидон монда аз ҷониби мақомоти зикргардида, тибқи тартиби муқаррарнамудаи Кодекси мазкур ва Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

**Моддаи 123. Ошкоркунӣ ва баҳисобгирии кӯдаконе, ки бе парастории волидон мондаанд**

1. Шахсони мансабдори муассисаҳо (муассисаҳои таълимии томактабӣ, муассисаҳои маълумоти умумӣ, муассисаҳои табобатӣ ва дигар муассисаҳо) ва дигар шаҳрвандоне, ки оид ба кӯдакони дар қисми 1 моддаи 122 ҳамин Кодекс зикргардида маълумот

доранд, ӯҳдадоранд ба мақомоти васояту парастории маҳали воқеии зисти кӯдакон хабар диҳанд.

Мақоми васояту парасторӣ дар мӯҳлати се рӯз аз лаҳзаи гирифтани чунин хабар ӯҳдадор аст шароити зисти кӯдакро санҷида, дар сурати муқаррар намудани далели аз парастории волидон ё хешу ақрабо маҳрум будани ӯ, то ҳал гардидани масъалаи ҷобаҷокунии кӯдак ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои ӯро таъмин намояд.

2. Роҳбарони муассисаҳои тарбиявӣ, муассисаҳои табобатӣ, муассисаҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва дигар муассисаҳои ба ин монанд, ки дар онҳо кӯдакони бе парастории волидон монда ҷойгир карда шудаанд, вазифадоранд дар мӯҳлати ҳафт рӯз аз рӯзи барояшон аён гардидани он, ки кӯдак метавонад барои тарбия ба оила супурда шавад, дар ин бора ба мақоми васояту парастории маҳали ҷойгиршавии муассисаи мазкур хабар диҳанд.

3. Барои иҷро накардани ӯҳдадориҳои пешбининамудаи қисми 2 ҳамин модда, барои дидаю дониста пешниҳод намудани маълумоти бардурӯғ, инчунин барои дигар кирдоре, ки ҷиҳати пинҳон кардани кӯдак аз супоридан ба тарбияи оила нигаронида шудааст, роҳбарони муассисаҳои дар қисми 2 ҳамин модда зикргардида ва мақомоти васояту парасторӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонун ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

4. Тартиби ошкоркунӣ ва баҳисобгирии кӯдаконе, ки бе парастории падару модар мондаанд, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

**Моддаи 124. Ҷобаҷокунии кӯдаконе, ки бе парастории волидон мондаанд**

1. Кӯдаконе, ки бе парастории волидон мондаанд, бояд барои тарбия ба оила (барои фарзандхондӣ), таҳти васоят (парасторӣ) супурда шаванд ва дар сурати мавҷуд набудани чунин имконият дар муассисаҳои кӯдакони ятим ё ҳар навъи муассисаҳо барои кӯдакони бе парастории волидон монда (муассисаҳои тарбиявӣ, муассисаҳои табобатӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва дигар муассисаҳои ба ин монанд) ҷойгир карда шаванд.

Ҳангоми ҷобаҷо намудани кӯдак бояд баромади этникии кӯдак, мансубияти мазҳабӣ ва фарҳангӣ, забони модарӣ, имконияти таъмини идомати тарбия ва таълим ба назар гирифта шавад.

2. То лаҳзаи дар оила ё дар муассисаҳои дар қисми 1 ҳамин модда зикргардида ҷобаҷокунии кӯдаконе, ки бе парастории волидон мондаанд, иҷрои вазифаи васӣ (парастор) муваққатан ба зиммаи мақоми васояту парасторӣ гузошта мешавад.

**Моддаи 125. Кӯдаконе, ки онҳоро ба фарзандхондӣ қабул кардан мумкин аст**

1. Фарзандхондӣ шакли афзалиятноки ҷобаҷокунии кӯдакони бепарастории падару модармонда мебошад.

2. Фарзандхондӣ нисбати кӯдакони ноболиғ танҳо ба манфиати онҳо бо риояи талаботи моддаи 124 Кодекси мазкур, ҳамчунин бо дарназардошти имконияти инкишофи пурраи ҷисмонӣ, рӯҳӣ, маънавӣ ва ахлоқии кӯдак иҷозат дода мешавад.

3. Фарзандхондии бародарону хоҳарон аз ҷониби шахсони гуногун, ба истиснои ҳолатҳое, ки фарзандхондӣ ба манфиати кӯдак мебошад, иҷозат дода намешавад.

**Моддаи 126. Тартиби ба фарзандхондӣ қабул кардан**

1. Фарзандхондӣ дар асоси аризаи шахсоне (шахсе), ки кӯдакро ба фарзандӣ қабул кардан мехоҳанд, аз тарафи суд расмӣ карда мешавад. Парвандаҳои фарзандхондиро суд ба тартиби мурофиаи махсус баррасӣ менамояд.

Парвандаҳои фарзандхондӣ дар суд бо иштироки мақомоти васояту парасторӣ ва прокурор баррасӣ мегардад.

2. Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон бо интихоби худ ба суди маҳали истиқомати кӯдаки ба фарзандхондӣ қабулшаванда ё ба суди маҳали истиқомати худ барои ба фарзандхондӣ гирифтани кӯдак ариза медиҳанд.

3. То аризаи фарзандхондиро баррасӣ намудани суд мақомоти васояту парасторӣ вазифадоранд шароити зиндагии шахсеро, ки хоҳиши ба фарзандхондӣ қабул кардани кӯдакро дорад, санҷида, муайян кунанд, ки фарзандхондӣ ба манфиати кӯдак аст ё не, оё барои фарзанд хондан монеае ҳаст, инчунин муносибати кӯдак ба фарзандхондӣ ва фикри ӯро барои ба фарзандхондӣ қабул шуданаш муайян намуда, хулосаҳояшонро дар хусуси имконияти фарзандхонди ба суд пешниҳод намоянд.

Мақомоти васоят ва парасторӣ вазифадоранд ба шахсоне (шахсе), ки кӯдакро ба фарзандхондӣ қабул мекунанд, дар бораи саломатии кӯдак маълумот диханд.

4. Тартиби пешниҳоди хулосаи мақомоти васояту парасторӣ ва номгӯи маълумоти онро Низомнома дар бораи мақомоти васояту парасторӣ муайян мекунад.

5. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои фарзандхонда ва фарзандхондишуда аз лаҳзаи эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳалномаи суд дар бораи фарзандхондӣ оғоз меёбад.

Фарзандхонд шудани кӯдак бояд мувофиқи тартибе, ки барои сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ муқаррар гардидааст, дар мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ба қайди давлатӣ гирифта шавад.

Суд вазифадор аст, ки дар давоми се рӯзи баъди эътибори қонуни пайдо кардани ҳалнома дар бораи фарзандхондӣ ба мақоми сабти асноди ҳолати шаҳрвандии маҳалли қабули ҳалнома иқтибоси ин ҳалномаро фиристад.

**Моддаи 126(1). Манъ будани фаъолияти миёнаравӣ дар фарзандхондии кӯдак**

1. Фаъолияти миёнаравӣ оид ба фарзанхондии кӯдак, яъне тамоми фаъолияти шахсони дигар бо мақсади интихоб кардан ва додани кӯдак барои фарзандхондӣ аз ном ва ба манфиати шахсоне, ки хоҳиши ба фарзандхондӣ гирифтани кӯдакро доранд, манъ мебошад.

2. Фаъолияти мақомоти васояту парасторӣ оид ба иҷрои ӯҳдадориҳои ба зиммаашон гузошташуда, барои ошкоркунӣ ва ҷобаҷокунии кӯдакони бе парастории падару модармонда фаъолияти миёнаравӣ ба ҳисоб намеравад ва мақсади ба даст даровардани фоидаро надорад.

3. Ҷавобгарӣ барои фаъолияти миёнаравӣ тибқи конунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.

**Моддаи 127. Шахсоне, ки ҳуқуқи ба фарзандхондӣ қабул карданро доранд**

1. Ба фарзандхондӣ қабул кардан танҳо аз тарафи шаҳрвандони ба балоғатрасидаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба истиснои шахсони зерин сурат мегирад:

- шахсоне, ки ҷои муайяни истиқомат надоранд;

- шахсоне, ки ҳангоми фарзандхондӣ барои содир кардани ҷинояти қасдона доғи судӣ доранд;

- шахсоне, ки суд барои содир намудани ҷиноят нисбати онҳо чораи маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ таъин кардааст;

- шахсоне, ки суд онҳоро ғайриқобили амал ё қобилияти амалашон маҳдуд эътироф намудааст;

- зану шавҳаре, ки суд яке аз онҳоро ғайриқобили амал ё қобилияти амалаш маҳдуд эътироф намудааст;

- шахсоне, ки суд онҳоро аз ҳуқуқи волидон маҳрум сохтааст ё ҳуқуқи волидонро маҳдуд кардааст;

- шахсоне, ки ба сабаби иҷрои ғайриқаноатбахши ӯҳдадориҳои бо қонун ба зиммаашон гузошташуда аз вазифаи васи ё парасторӣ дур карда шудаанд;

- шахсоне, ки қаблан фарзандхонд доштанду вале фарзандхондӣ бо гуноҳи онҳо аз ҷониби суд бекор карда шудааст;

- шахсоне, ки аз сабаби бемори наметавонанд ҳуқуқи волидонро амалӣ намоянд. Номгӯи бемориҳое, ки дар сурати мубтало будан ба онҳо шахс наметавонад кӯдакро ба фарзандхондӣ қабул кунад, таҳти васоят (парасторӣ) гирад, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.

2. Муқаррароти сархати якуми қисми 1 ҳамин модда нисбат ба падарандар ва модарандар татбиқ намегардад.

3. Шахсоне, ки байни худ никоҳ надоранд, наметавонанд ҳамон як кӯдакро муштаракан ба фарзандхондӣ қабул кунанд.

**Моддаи 128. Фарқияти синну соли шахси ба фарзандхондӣ қабулкунанда ва фарзандхондшаванда**

1. Фарқияти синну соли шахси ба фарзандхондӣ қабулкунанда, ки оиладор нест ва фарзандхондшаванда бояд аз ҳабдаҳ сол кам набошад.

2. Дар сурати ба фарзандхондӣ қабул кардани кӯдак аз ҷониби падарандар (модарандар) фарқияти синну соли дар қисми 1 ҳамин модда муқарраргардида зарур нест.

**Моддаи 129. Розигии волидон барои фарзандхондии кӯдак**

1. Барои фарзандхондии кӯдак розигии волидони кӯдак зарур аст. Дар сурати фарзандхондии кӯдаки волидони ноболиғи ба

синни ҳабдаҳсолагӣ нарасида инчунин розигии волидон, васиён ва парасторони онҳо ва дар сурати набудани волидон ё васиён (парасторон) розигии мақоми васояту парасторӣ зарур аст.

Розигии волидон барои фарзандхондии кӯдаконашон бояд дар аризаи тасдиқнамудаи нотариат ё маъмурияти муассисае, ки кӯдаки бе парастории волидон монда дар он қарор дорад, мақоми васояту парастории маҳалли фарзандхондӣ сурат мегирад ё маҳалли истиқомати волидон ифода ёбад ё бевосита дар суд ҳангоми фарзандхондӣ баён карда шавад.

2. Волидон ҳуқуқ доранд розигии додаи худро дар бораи ба фарзандхонди додани кӯдакашон то баровардани ҳалномаи суд оид ба фарзандхонӣ бозпас талаб кунанд.

3. Волидон метавонанд барои фарзандхондии кӯдак ба шахси мушаххас ё бе зикр кардани шахси мушаххас розигӣ диҳанд. Мақомоти васояту парасторӣ дар мавриди мутобиқати фарзандхондӣ ба манфиати кӯдак хулосаи худро ба суд пешниҳод менамоянд. Дар сурати аз ҷониби падарандарӣ (модарандарӣ) кӯдак ба фарзандхондӣ қабул кардани ӯ чунин хулоса талаб карда намешавад.

**Моддаи 130. Фарзандхондии кӯдак бе розигии волидон**

Дар ҳолатҳои зерин розигии волидон барои фарзандхондии кӯдак талаб карда намешавад, агар:

- онҳо маълум набошанд ё суд онҳоро бедарак ҷоибшуда эътироф намояд;
- суд онҳоро ғайри қобили амал эътироф карда бошад;
- суд онҳоро аз ҳуқуқи волидон маҳрум сохта бошад (бо риояи талаботи қисми 6 моддаи 71 ҳамин Кодекс);
- бо сабабҳое, ки суд беасос эътироф намудааст, онҳо зиёда аз шаш моҳ бо кӯдак якҷоя зиндагӣ накарда, аз тарбия ва таъминоти ӯ саркашӣ карда бошанд.

**Моддаи 131. Розигии васиён (парасторон), роҳбарони муассисаҳое, ки кӯдакони бепарастормонда дар онҷо қарор доранд, барои фарзандхондӣ**

1. Барои фарзандхондии кӯдаконе, ки таҳти васоят (парастори) қарор доранд, розигии хаттии васии (парастори) онҳо зарур аст.

Барои фарзандхондии кӯдаконе, ки бе парастории волидон монда, дар муассисаҳои дахлдори тарбиявию тиббӣ, муассисаҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва муассисаҳои дигари ба ин монанд қарор доранд, розигии хаттии роҳбари ин муассиса зарур аст.

2. Суд ҳуқуқ дорад ба манфиати кӯдак бе розигии шахсони дар қисми 1 ҳамин модда тазаккурёфта дар хусуси фарзандхонди ҳалнома қабул намояд.

**Моддаи 132. Фикри кӯдаки фарзандхондишуда оид ба фарзандхондшавӣ**

1. Барои фарзандхондӣ намудани кӯдаке, ки ба синни даҳсолагӣ расидааст, фаҳмидани фикри ӯ лозим аст.

2. Агар кӯдак то додани ариза дар бораи фарзандхонд шуданаш дар оилаи шахси ӯро ба фарзандхондӣ гиранда зиндагӣ карда, ӯро падар ё модари худ шуморад, фарзандхонди метавонад ба таври истисно, бе назардошти фикри фарзандхондшаванда сурат гирад.

**Моддаи 133. Розигии ҳамсари шахсе, ки кӯдакро ба фарзандхондӣ мегирад**

1. Ҳангоми кӯдакро ба фарзандхондӣ қабул кардани яке аз ҳамсарон, агар кӯдакро зану шавҳар якҷоя ба фарзандхондӣ қабул накунанд, розигии ҳамсари дигар зарур аст.

2. Агар зану шавҳар муносибатҳои оилавиро қатъ намуда, зиёда аз як сол ҳамроҳ зиндагӣ накунанд ва ҷои истиқомати ҳамсари дигар маълум набошад, розигии ӯ барои фарзандхондӣ зарур нест.

**Моддаи 134. Ном, номи падар ва насаби кӯдаки фарзандхондшуда**

1. Ном, номи падар ва насаби кӯдаки фарзандхондшуда нигоҳ дошта мешавад.

2. Бо хоҳиши шахси фарзандхонда ба фарзандхондшуда фамилияи фарзандхонда, инчунин номе, ки фарзандхонда додааст, гузошта мешавад. Ба кӯдаки фарзандхондшуда номи марди фарзандхондкарда, ҳамчун насаб гузошта мешавад, агар шахси фарзандхондкарда ҷинси зан бошад ба кӯдаки фарзандхондшуда номи касе, ки зан ӯро ба сифати падари кӯдаки фарзандхондшуда

зикр намудааст, гузошта мешавад. Агар насаби зану шавҳари фарзандхондкарда гуногун бошад, бо мувофиқаи фарзандхондкардагон ба кӯдаки ба фарзандхонди гирифтаашон насаби яке аз онҳо ё ба тартиби пешбининамудаи моддаи 58 ҳамин Кодекс насаб дода мешавад.

3. Ҳангоми кӯдакро ба фарзандхондӣ қабул кардани зан (мард), ки дар ақди никоҳ нест, бо хоҳиши ӯ насаб ва номи падар (модар), инчунин номи падари (модари) кудаки фарзандхондшуда дар китоби сабти таваллуд бо нишондоди ин шахс (фарзандхонда) навишта мешавад.

4. Тағйир додани насаб, ном ва номи падари кӯдаки фарзандхондшудаи ба синни даҳсолагӣ расида, ба истиснои ҳолатҳои дар қисми 2 моддаи 132 ҳамин Кодекс пешбинигардида, танҳо бо розигии ӯ мумкин аст.

5. Дар бораи тағйир додани насаб, ном ва номи падари фарзандхондшаванда дар ҳалномаи суд оид ба фарзандхонди зикр карда мешавад.

**Моддаи 135. Тағйир додани сана ва маҳалли таваллуди кӯдаки фарзандхондшаванда**

1. Барои таъмини сирри фарзандхондӣ бо хоҳиши фарзандхондкунандагон сана ва маҳалли таваллуди кӯдаки фарзандхондшаванда метавонанд тағйир дода шаванд. Тағйир додани санаи таваллуди кӯдак танҳо дар сурати фарзандхонд кардани кӯдаки навзод (то яксола) ва ба муддати на зиёда аз се моҳ иҷозат дода мешавад.

2. Оид ба тағйир додани сана ва маҳалли таваллуди кӯдаки фарзандхондшуда дар ҳалномаи суд дар бораи фарзандхондии кӯдак зикр карда мешавад.

**Моддаи 136. Сабти номи шахсони фарзандхондкарда ҳамчун волидони кӯдаки фарзандхондшуда**

1. Бо хоҳиши шахсони фарзандхондкарда суд метавонад оиди дар дафтари сабти таваллуд ҳамчун волидони кӯдаки фарзандхондшуда сабт намудани номи онҳо ҳалнома қабул намояд.

2. Барои чунин сабт нисбати кӯдаки фарзандхондшудаи ба синни даҳсолагӣ расида, ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи қисми 2 моддаи 32 ҳамин Кодекс, розигии кӯдак зарур аст.

3. Дар хусуси зарурати чунин сабт дар ҳалномаи суд дар бораи фарзандхондӣ нишон дода мешавад.

**Моддаи 137. Оқибатҳои ҳуқуқии фарзандхондии кӯдак**

1. Кӯдакони фарзандхондшуда ва авлоди онҳо нисбат ба фарзандхондагон ва хешовандонашон, фарзандхондагон ва хешовандони онҳо, нисбати фарзандхондшудагон ва авлоди онҳо дар ҳуқуқу ӯҳдадориҳои молу мулкӣ ва ғайримолумулкии шахсӣ аз рӯи аслу насаб ба хешовандон баробар карда мешаванд.

2. Кӯдакони фарзандхондшуда нисбати волидони худ ва хешовандони онҳо ҳуқуқи ғайримолумулкии ва молу мулкии шахсиро аз даст дода, аз ӯҳдадориҳо нисбати онҳо озод мешаванд.

3. Ҳангоми ба фарзандхонди қабул кардани кӯдак аз тарафи як шахс, агар фарзандхондкунанда мард бошад, ҳуқуқҳои ғаримолумулкӣ ва амволии шахси ва ӯҳдадориҳо бо хоҳиши модар ва агар фарзандхондкунанда зан бошад бо хоҳиши падар нигоҳ дошта шуда метавонад.

4. Агар яке аз волидон вафот карда бошад, он гоҳ бо хоҳиши волидони вафоткарда (бобою бибии кӯдак) ҳуқуқу ӯҳдадори нисбат ба хешовандони волиди вафоткарда метавонанд нигоҳ дошта шаванд, агар инро манфиати кӯдак талаб кунад. Ҳуқуқи волидони падар ё модари фавтида барои муошират бо кӯдаки фарзандхондшуда мутобиқи моддаи 67 ҳамин Кодекс амалӣ мегардад.

5. Дар хусуси нигоҳ доштани муносибатҳои кӯдаки фарзандхондшуда бо яке аз волидон ё бо хешовандони падар ё модари вафоткарда дар ҳалномаи суд оид ба фарзандхондӣ зикр карда мешавад.

6. Оқибати ҳуқуқии ба фарзандхондӣ гирифтани кӯдак, ки дар қисмҳои 1 ва 2 ҳамин модда пешбинӣ шудааст, сарфи назар аз сабти фарзандхондкардагон ба сифати волидон дар санади сабти таваллуди кӯдак фаро мерасад.

**Моддаи 138. Нигоҳ доштани ҳуқуқи кӯдаки фарзандхондашуда ба нафақа ва ёрдампули**

Кӯдаке, ки дар вақти ба фарзандхондӣ гирифта шуданаш бинобар вафоти волидонаш ба нафақаю ёрдампулӣ ҳуқуқ дорад, ин ҳуқуқро дар сурати ба фарзандхондӣ қабул шуданаш низ нигоҳ медорад.

**Моддаи 139. Сирри фарзандхондии кӯдак**

1. Сирри фарзандхондии кӯдакро қонун муҳофизат мекунад. Судяҳое, ки дар бораи фарзандхондӣ ҳалнома қабул кардаанд ё шахсони мансабдоре, ки сабти давлатии онро анҷом додаанд, инчунин шахсоне, ки ба ҳар тариқи дигар аз фарзандхондӣ огоҳанд, бояд сирри фарзандхондиро нигоҳ доранд.

2. Шахсони дар қисми 1 ҳамин модда зикргардида, ки сирри фарзандхондии кӯдакро бар хилофи иродаи фарзандхондагон фош кардаанд, ба тартиби муқаррарнамудаи қонун ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**Моддаи 140. Бекор кардани фарзандхондии кӯдак**

1. Фарзандхондии кӯдак ба тартиби судӣ бекор карда мешавад.

2. Парванда оид ба бекор кардани фарзандхондии кӯдак бо иштироки мақоми васояту парасторӣ, инчунин прокурор баррасӣ мешавад.

3. Фарзандхондӣ аз рӯзи эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳалномаи суд дар бораи бекор кардани фарзандхондии кӯдак қатъ мегардад.

Суд вазифадор аст дар давоми се рӯзи пас аз эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳалномаи суд дар мавриди бекор кардани фарзандхондии кӯдак иқтибоси ин ҳалномаи судро ба мақоми сабти асноди ҳолати шаҳрвандии маҳалли бақайдгирии давлатии фарзандхонди фиристад.

**Моддаи 141. Асосҳо барои бекор кардани фарзандхондии кӯдак**

1. Фарзандхондии кӯдак дар мавридҳое бекор карда шуда метавонад, ки агар фарзандхондкардагон аз иҷрои вазифаҳои ба зиммаашон гузошташудаи падару модари саркашӣ кунанд, аз ҳуқуқи падару модарии худ сӯиистифода намоянд, бо кӯдакони фарзандхондкардаашон муносибати бераҳмона дошта, майзада ё нашъаманди ашаддӣ бошанд.

2. Суд ҳуқуқ дорад бо назардошти манфиат ва фикри кӯдак фарзандхондиро бо сабабҳои дигар низ бекор кунад.

**Моддаи 142. Шахсоне, ки ҳуқуқи талаби бекор кардани фарзандхондии кӯдакро доранд**

Ҳуқуқи талаби бекор намудани фарзандхондкунии кӯдакро падару модари ҳақиқии кӯдаки фарзандхондшуда, фарзандхондкардагони (яке аз онҳо) кӯдакони фарзандхондшуда, ки ба синни чордаҳсолагӣ расидаанд, мақоми васояту парасторӣ, инчунин прокурор доро мебошанд.

**Моддаи 143. Оқибати бекор кардани фарзандхондии кӯдак**

1. Дар сурати фарзандхондиро бекор кардани суд ҳуқуқу ӯҳдадориҳои байни фарзандхондшуда ва фарзандхондаю хешовандонаш қатъ гардида, ҳуқуқу ӯҳдадориҳои байни кӯдак ва волидону хешовандонаш барқарор карда мешаванд, агар инро манфиати кӯдак тақозо кунад.

2. Дар сурати бекор кардани фарзандхондӣ, кӯдак бо ҳалномаи суд ба волидонаш супурда мешавад. Дар сурати набудани волидон, инчунин агар ба волидон супурдани кӯдак хилофи манфиати ӯ бошад, кӯдак ба таълиму тарбия фаро гирифтан ба мақомоти васояту парасторӣ дода мешавад.

3. Суд ҳамчунин масъалаи нигоҳ доштан ё надоштани ном, номи падар ва насаби кӯдакро, ки бо сабаби фарзандхонди ба ӯ дода шудаанд, ҳал менамояд. Дигар кардани ном, насаб ё номи падари кӯдаки ба синни даҳсолагӣ расида танҳо бо розигии ӯ мумкин аст.

4. Суд бо назардошти манфиати кӯдак, ҳуқуқ дорад фарзандхондкардагони собиқро ӯҳдадор созад, ки ба андозаи муқаррарнамудаи моддаҳои 81 ва 83 ҳамин Кодекс барои таъминоти кӯдак маблағ пардозанд.

**Моддаи 144. Номумкинии бекор кардани фарзандхондӣ баъди ба ба балоғат расидани кӯдаки фарзандхондшуда**

Бекор кардани фарзандхондии кӯдак мумкин нест, агар кӯдаки фарзандхондшуда то лаҳзаи пешниҳоди талаби бекор кардани фарзандхондӣ ба балоғат расида бошад, ба истисноি ҳолатҳое, ки ба ин гуна бекоркунӣ розигии байни шахси фарзандхондкарда ва кӯдаки фарзандхондшуда, инчунин волидони ӯ, агар онҳо дар қайди

ҳаёт буда, аз ҳуқуқи падару модари маҳрум нашуда бошанд ва суд онҳоро ғайри қобили амал эътироф накарда бошад.

**Моддаи 145. Беэътибор донистани фарзандхондии кӯдак**

Фарзандхондии кӯдак дар ҳолатҳое метавонад беэътибор дониста шавад, ки агар:

- ҳалномаи фарзандхондӣ ба ҳуҷҷатҳои қалбакӣ асос ёфта бошад;
- фарзандхондӣ қалбакӣ бошад;
- шахси ба балоғатрасида ба фарзандхондӣ қабул шуда бошад;
- фарзандхондкарда шахсе бошад, ки суд ӯро ғайриқобили амал ё қобили амалаш маҳдуд эътироф карда бошад;
- шахси фарзандхондкарда бо ҳалномаи суд аз ҳуқуқи падару модари маҳрумшуда бошад;
- шахсоне, ки барои номатлуб иҷро кардани ӯҳдадориҳои қонунан ба зиммаашон гузоштташуда аз ӯҳдадориҳои васҳ ё парасторӣ бартараф карда шуда бошанд;
- фарзандхонди бинобар гуноҳи содиркардаи собиқ фарзандхондагон аз ҷониби суд бекор карда шуда бошад;
- шахсоне, ки бинобар вазъи саломатӣ наметавонанд ҳуқуқи падару модариро амалӣ намоянд. Номгӯи бемориҳое, ки ҳангоми ба онҳо мубтало будани шахс наметавонад кӯдакро ба фарзандхонди қабул кунад, тахти васоят (парастори) қарор диҳад, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

**Моддаи 146. Оқибати беэътибор донистани фарзандхондии кӯдак**

1. Фарзандхондии кӯдак аз лаҳзаи қабул гардидани ҳалномаи суд дар бораи фарзандхонди беэътибор дониста мешавад. Дар ин маврид тамоми ҳуқуқу ӯҳдадориҳои фарзандхондаю хешовандони ӯ ва фарзандхонд, ки аз фарзандхондӣ бармеоянд, аз байн мераванд.

2. Суд вазифадор аст, ки дар муддати се рӯз дар хусуси эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳалнома дар бораи беэътибор донистани фарзандхондӣ ба мақоми сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ, ки фарзандхондӣ дар он ба қайд гирифта шудааст, хабар диҳад.

## БОБИ 20. ВАСОЯТ ВА ПАРАСТОРИИ НОБОЛИҒОН

**Моддаи 147. Ноболиғоне, ки таҳти васояту парасторӣ гирифта мешаванд**

1. Васояту парастори барои кӯдакони ноболиғе, ки бе парастории волидон мондаанд (моддаи 122 ҳамин Кодекс), бо мақсади таъминот, таълиму тарбия, маълумотноккунӣ, инчунин барои ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои онҳо муқаррар карда мешавад.

2. Васоят барои ноболиғони то синии чордаҳсола муқаррар карда мешавад.

3. Парасторӣ барои ноболиғони аз чордаҳсола то ҳаждаҳсола муқаррар карда мешавад.

4. Муқаррар ва қатъ намудани васоят ё парастории кӯдакони ноболиғ тавассути Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

**Моддаи 148. Васиён ва парасторони ноболиғон**

1. Танҳо шахсони болиғи қобили амал васҳ ва парастор таъин шуда метавонанд.

2. Шахсони зерин васҳ ва парастор таъин шуда наметавонанд:

- шахсоне, ки аз ҳуқуқи падару модари маҳрум шудаанд:

- шахсоне, ки қаблан кӯдакро ба фарзандхонда қабулкарда, агар фарзандхондкунӣ бо сабаби номатлуб иҷро кардани ӯҳдадориҳояшон бекор карда шуда бошад;

- шахсоне, ки бо сабаби номатлуб иҷро кардани ӯҳдадориҳояшон аз вазифаи васҳ ё парасторӣ озод карда шудаанд;

- шахсони мубталои майзадагӣ ва нашъамандӣ, инчунин шахсоне, ки вобаста ба вазъи саломатӣ (қисми 1 моддаи 127 ҳамин Кодекс) наметавонанд ӯҳдадориҳояшонро оид ба тарбияи кӯдак анҷом диҳанд.

3. Мақомоти васояту парастириро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад.

**Моддаи 149. Низомнома дар бораи мақомоти васояту парасторӣ**

Низомнома дар бораи мақомоти васояту парасторӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

**Моддаи 150. Маҳалли муқаррар намудани васояту парасторӣ**

Васояту парасторӣ аз тарафи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҷамоатҳои шаҳрак ва ҷамоатҳои деҳот маҳали истиқомати шахсе, ки бояд таҳти васоят ва парастори гирифта шавад ё маҳалли истиқомати васи ё парастор муқаррар мешавад.

**Моддаи 151. Интихоби васҳ ва парастор**

1. Ҳангоми ба кӯдак таъин намудани васҳ ё парастор бояд сифатҳои шахсии васҳ (парастор), ба иҷрои ӯҳдадориҳои васҳ (парастори) қодир будани ӯ, муносибатҳои байни ӯ ва шахси мӯҳтоҷи васоят ё парасторӣ, муносибати аъзои оилаи васҳ (парастор) нисбат ба кӯдак, инчунин дар сурати имкон хоҳиши худи кӯдак ба инобат гирифта мешавад.

2. Таъин намудани парастор ба шахси болиғи қобили амал, ки бинобар аҳволи саломатиаш барои татбиқи мустақилонаи ҳуқуқ ва иҷрои ӯҳдадориҳояш имконият надорад, танҳо бо розигии шахси таҳти парастори гирифташаванда сурат гирифта метавонад.

**Моддаи 152. Васоят (парасторӣ) нисбат ба кӯдаконе, ки дар муассисаҳои тарбиявӣ, муолиҷавӣ ва муассисаҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ қарор доранд**

1. Ба кӯдаконе, ки дар муассисаҳои тарбиявӣ, таълимӣ ва муассисаҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва дигар муассисаҳои ба ин монанд таҳти васояти пурраи давлат қарор доранд, васҳ (парастор) таъин карда намешавад. Иҷрои чунин ӯҳдадориҳо ба зиммаи маъмурияти ин муассисаҳо гузошта мешавад.

Аз ҷониби васи (парастор) дар чунин муассиса муваққатан қарор додани кӯдак ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои васиро (парасторро) нисбат ба ин кӯдак қатъ намесозад.

2. Мақомоти васояту парасторӣ шароити таъминот, тарбия ва таълими кӯдакони дар ин муассисаҳо қарордоштаро, ки дар қисми 1 ҳамин модда зикр гардидаанд, назорат мекунанд.

3. Ҳимояи ҳуқуқи дастпарварони (хатмкунандагони) муассисаҳои дар қисми 1 ҳамин модда зикргардида ба зиммаи мақомоти васояту парасторӣ гузошта мешавад.

**Моддаи 152(1). Васоят (парасторӣ) нисбат ба кӯдаконе, ки падару модари онҳо муддати тӯлонӣ ҷоибанд**

1. Васоят (парасторӣ) нисбат ба кӯдаконе, ки падару модари онҳо муддати тӯлонӣ (зиёда аз 3 моҳ) ҷоибанд ё дар таълиму тарбияи хешу ақрабояшон қарор доранд, ки ин хешу ақрабо дорои ҳуҷҷати дахлдор нестанд, аз ҷониби мақомоти васояту парасторӣ таъин карда мешавад.

2. Мақомоти васояту парасторӣ шароити таъминот ва таълиму тарбияи кӯдакони дар қисми 1 ҳамин модда зикргардидаро назорат мекунанд.

3. Ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии кӯдакони дар қисми 1 ҳамин модда зикргардида ба зиммаи мақомоти васояту парасторӣ гузошта мешавад.

**Моддаи 153. Ҳуқуқи кӯдакони таҳти васоят (парасторӣ) қарордошта**

1. Кӯдакони таҳти васоят (парасторҳӣ) қарордошта чунин ҳуқуқҳо доранд:

- ба тарбия дар оилаи васӣ (парастор), ғамхорӣ аз ҷониби васи (парастор), зиндагии дар як ҷо бо ӯ, ба ҷайр аз ҳолатҳое, ки қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст;
- ба таъмини шароити зист, тарбия ва таълим, рушду такомули ҳамаҷониба ва эҳтироми шаъну эътибори инсонии онҳо;
- ба алимент, нафақа, ёрдампулӣ ва дигар пардохтҳои иҷтимоии ба онҳо тааллуқдошта;
- ба нигоҳ доштани ҳуқуқи моликият ба манзили истиқоматӣ ё ҳуқуқи истифодаи манзили истиқоматӣ ва дар сурати мавҷуд набудани манзили истиқоматӣ ҳуқуқ доранд тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба манзил хонаи истиқоматӣ гиранд;
- ба ҳимоя аз суиистифодаи васӣ (парастор) мутобиқи моддаи 57 ҳамин Кодекс.

2. Кӯдаконе, ки таҳти васоят (парасторӣ) қарор доранд, дорои ҳуқуқҳои пешбининамудаи моддаи 56 ҳамин Кодекс мебошанд.

**Моддаи 154. Ҳуқуқи кӯдакони бе парастории волидон монда, ки дар муассисаҳои тарбиявӣ, табобатӣ ва муассисаҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ қарор доранд**

1. Кӯдакони бе парастории волидон монда, ки дар муассисаҳои тарбиявӣ, табобатӣ ва муассисаҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва дигар муассисаҳои ба ин монанд қарор доранд, чунин ҳуқуқҳо доранд:

ба таъминот, тарбия, таълим, рушду такомули ҳамаҷониба, эҳтироми шаъну эътибори инсонӣ, таъмини манфиатҳояшон;

ба алимент, нафақа, ёрдампулӣ ва дигар пардохтҳои иҷтимоии ба онҳо тааллуқдошта;

ба нигоҳ доштани ҳуқуқи моликият ба манзили истиқоматӣ ё ҳуқуқи истифодаи манзили истиқоматӣ ва ҳангоми мавҷуд набудани манзили истиқомати ҳуқуқ доранд тибқи қонунгузории манзил хонаи истиқоматӣ гиранд;

пас аз хатми муассисаҳои зикргардида ба имтиёз барои ба кор даромадан мувофиқи қонунгузории меҳнат.

2. Кӯдакони бе парастории волидон монда, ки дар муассисаҳои дар қисми 1 ҳамин модда зикргардида қарор доранд, инчунин дорои ҳуқуқҳои пешбининамудаи моддаҳои 55, 56 ҳамин Кодекс мебошанд.

**Моддаи 155. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои васӣ ва парастори кӯдаки ноболиғ**

1. Васӣ ва парастори кӯдаки ноболиғ ҳуқуқ доранд ва ӯҳдадор ҳастанд, ки шахси ба парасторӣ гирифтаашонро тарбия кунанд, дар бораи саломатӣ, такомули ҷисмонӣ, рӯҳӣ, маънавӣ ва ахлоқӣ, таҳсил ва касбомӯзии ӯ ғамхори зоҳир намоянд.

Васиёну парасторон метавонанд бо назардошти фикру хоҳиши кӯдакон ва тавсияи мақомоти васояту парасторӣ, инчунин ҳангоми риояи талаботи пешбининамудаи қисми якуми моддаи 65 ҳамин Кодекс тарбияи кӯдаконро, ки таҳти васояти (парастори) онҳо қарор доранд, мустақилона муайян намоянд.

Васӣ ва парастор бо назардошти фикру хоҳиши кӯдаки таҳти васояташон қарордошта ҳуқуқ доранд муассисаи таълимӣ ва шакли таълимро барои гирифтани маълумоти асосии умуми мустақилона интихоб намоянд.

2. Васӣ ва парастор ҳуқуқ доранд ба воситаи суд аз ҳар гуна шахсоне, ки бе асоси қонунӣ кӯдакро дар назди худ нигоҳ медоранд, аз ҷумла аз хешовандони наздики кӯдак баргардонидани кӯдаки дар таҳти васояташон (парасториашон) бударо талаб намоянд.

3. Васӣ ва парастор ҳуқуқ надоранд, ки барои муоширати кӯдаки таҳти васояташон (парасториашон) қарордошта бо волидону хешовандони дигараш, ба истиснои ҳолатҳое, ки ин муошират ба манфиати кӯдак нест, монеъ шаванд.

4. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои васӣ ва парасторро Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад.

5. Ӯҳдадории васоят (парастори) нисбат ба кӯдаки таҳти васоят (парастори) қарордошта аз ҷониби васи (парастор) бемузд анҷом дода мешавад.

6. Ба васи (парастор) барои таъминоти кӯдаки таҳти парастори қарордошта ҳар моҳ тибқи андоза ва тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағ дода мешавад.

**Моддаи 156. Аз вазифа бартараф сохтани васӣ ва парастор дар сурати номатлуб иҷро кардани вазифаашон**

1. Агар васӣ ё парастор вазифаи ба зиммааш гузошташударо номатлуб иҷро кунад, мақоми васояту парасторӣ васӣ ё парасторро аз иҷрои ин вазифа озод менамояд.

2. Дар сурати васоятро (парасториро) ба мақсадҳои ғаразнок истифода кардани васӣ (парастор), инчунин дар ҳолати бе назорат ва кӯмаки зарурӣ гузоштани шахсони таҳти парасторӣ қарордошта мақомоти васояту парасторӣ вазифадоранд, ки барои ҳалли масъалаи ба ҷавобгарии муқаррарнамудаи қонун кашидани ин шахс маводи заруриро ба прокурор пешниҳод намоянд.

**Моддаи 157. Аз парастории шахси болиғ озод кардани парастор бо талаби шахси таҳти парасторӣ қарордошта**

Парастори шахси болиғи қобили амал, ки ба парастори мӯҳтоҷ аст бо сабаби вазъи саломатӣ ва синну сол бояд бо талаби шахси таҳти парасторӣ қарордошта аз вазифа озод карда шавад. Мақомоти васояту парасторӣ дар ин ҳолат метавонанд бо

мувофиқаи шахси тахти парастори қарордошта шахси дигарро ба сифати парастор таъин намоянд.

**Моддаи 158. Шикоят намудан оид ба қарорҳои мақомоти васояту парасторӣ**

Нисбати қарорҳои мақомоти васояту парасторӣ дар хусуси таъин ва озод намудани васиён ва парасторон, инчунин доир ба тамоми масъалаҳои васояту парасторӣ шахсони манфиатдор метавонанд аз рӯи тобеият ба мақомоти болоӣ ё ба суд шикоят кунанд.

---

# КОДЕКСИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

(Иқтибос)

**Моддаи 48. Ҷазоҳои асосӣ ва иловагӣ**

1) Корҳои ҳатмӣ, корҳои ислоҳӣ, маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ, маҳдуд кардани озодӣ, нигоҳ доштан дар қисми ҳарбии интизомӣ, маҳрум сохтан аз озодӣ, якумра аз озодӣ маҳрум сохтан, ҷазои қатл танҳо ҳамчун ба сифати ҷазои асосӣ татбиқ мешаванд.

2) Ҷарима, маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ва ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ҳам ба сифати ҷазоҳои асосӣ ва ҳам иловагӣ татбиқ мешаванд.

3) Маҳрум кардан аз рутбаи махсус, ҳарбӣ, рутбаи дараҷавӣ ва мукофотҳои давлатӣ, инчунин мусодираи молу мулк танҳо ба сифати ҷазои иловагӣ истифода мешаванд.

4) Барои як ҷиноят танҳо як ҷазои асосӣ таъин намудан мумкин аст. Дар ҳолатҳо ва мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс бо ҷазои асосӣ таъин кардани як ё якчанд ҷазои иловагӣ мумкин аст.

5) Ҷаримаро ҳамчун ҷазои иловагӣ танҳо дар ҳолатҳое, ки бевосита дар Қисми махсуси ҳамин Кодекс пешбинӣ шудаанд, таъин намудан мумкин аст.

**Моддаи 48[1]. Корҳои ҳатмӣ**

1) Корҳои ҳатмӣ аз ҷониби маҳкумшуда берун аз вақти корҳои асосӣ ё аз таълим ба таври бемузд иҷро намудани корҳои фоиданоки ҷамъиятӣ мебошад, ки намудҳои онҳоро мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ муайян менамояд.

2) Корҳои ҳатмӣ ба мӯҳлати аз шаст то дусаду чил соат муқаррар карда мешавад ва на зиёда аз чор соат дар як рӯз адо карда мешаванд.

3) таъини корҳои ҳатмӣ барои шахсони зерин манъ аст:

а) хизматчиёни ҳарб;

б) шахсоне, ки ба синну соли нафақа расидаанд;

в) занони ҳомила;

г) шахсоне, ки бо сабаби нигоҳубини кӯдак дар рухсатӣ мебошанд;

д) маъюбони гурӯҳҳои 1 ва 11;

4) Дар давраи адои ҷазо дар намуди корҳои ҳатмӣ ба миён омадани яке аз ҳолатҳои дар қисми сеюми ҳамин модда пешбинишуда суд бо пешниҳодӣ мақоме, ки ба зиммаи он иҷрои ҳукм вогузор шудааст, шахсро аз адои минбаъдаи ҷазо озод мекунад.

5) Дар ҳолати ашаддӣ саркашӣ кардани маҳкумшуда аз адои корҳои ҳатмӣ, суд онро ба ҷазои корҳои ислоҳӣ ё маҳдуд кардани озодӣ дар доираи ин намудҳои ҷазо, ки бо ҳамн Кодекс пешбинӣ шудааст, иваз менамояд.

**Моддаи 49. Ҷарима**

1) Ҷарима ситонидани маблағе мебошад, ки дар доираи пешбининамудаи ҳамин Кодекс таъин шудааст.

2) Ҷарима ба маблағи аз сад то бисту як ҳазору нуҳсад андозаи муқарраршудаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо, ки дар вақти содир шудани ҷиноят амал мекард таъин карда мешавад.

Андозаи ҷарима аз рӯи маҷмӯи ҷиноятҳо ё маҷмӯи ҳукумҳо барои содир намудани ҷиноятҳои дар қисмҳои 6 ва (ё) 7 моддаи 49 ҳамин Кодекс пешбинигардида аз панҷ ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо, ки дар вақти содир кардани ҷиноят амал мекард, зиёд буда наметавонад.

3) Суд андозаи ҷаримаро бо дарназардошти вазнинии ҷинояти содиргардида ва вазъи молу мулкии маҳкумшуда дар доираи пешбинӣ намудаи ҳамин Кодекс муайян менамояд.

4) Ҷаримаро ба сифати намуди ҷазои иловагӣ танҳо дар ҳолатҳои пешбининамудаи моддаҳои дахлдори Қмсми махсуси ҳамин Кодекс таъин кардан мумкин аст.

5) Дар ҳолати ашаддӣ саркашӣ намудан аз пардохти ҷарима суд онро ба ҷазоҳои корҳои ислоҳӣ ё маҳдуд кардани озодӣ мутобиқан ба андозаи ҷаримаи таъингардида, дар доираи ин намудҳои ҷазо, ки бо ҳамин Кодекс пешбинҷ шудааст, иваз менамояд.

6) Дар ҳолати аз тарафи шахс содир намудани ҷиноятҳои дар моддаҳои 245 (ба истиснои банди «а» қисми 4), 246 (ба истиснои банди «а» қисми 3), 247 (ба истиснои банди «в» қисми 3 ва банди «а» қисми 4), 251, 253, 255 (ба истиснои бандҳои «а» ва «б» қисми 2), 256 (ба истиснои ҳолатҳое, ки боиси марг ё расонидани зарари вазнин ба саломатии инсон гардида бошад), 257 (ба истиснои банди «г» қисми 2 ва банди «б» қисми 3), 258, 259, 259[1], 260, 263, 264,

265, 266, 268, 270, 271, 273 (ба истиснои бандҳои «а» ва «б» қисми 3), 274, 276, 277, 278, 285, 286, 287, 289 қисми 1, 291, 292, 293, 295, 340[1] ва 388 қисмҳои 1 ва 2 Кодекси мазкур пешбинишуда, агар гунаҳгор то баровардани ҳукми суд зарари моддиро пурра талофӣ намояд, нисбати ӯ ҷазои ҷарима ва ё дигар ҷазои бо маҳрум сохтан аз озодӣ алоқаманд набудаи дар санксияҳои моддаҳои номбаршуда пешбинигардида таъин карда мешавад.

7) Дар ҳолати аз тарафи шахс содир намудани ҷиноятҳои дар моддаҳои 314 (ба истиснои ҳолатҳое, ки боиси марг ё расонидани зарари вазнин ба саломатии инсон гардида бошанд), 315, 316 (ба истиснои бандҳои «а» ва «б» қисми 3 ва ҳолатҳое, ки боиси марг ё расонидани зарари вазнин ба саломатии инсон гардида бошанд), 318, 322 (ба истиснои ҳолатҳое, ки боиси марг ё расонидани зарари вазнин ба саломатии инсон гардида бошанд), 323, 340 қисмҳои 1 ва 2 ва 391 қисми 1 ҳамин Кодекс пешбинигардида, агар онҳо дар алоқамандӣ бо ҷиноятҳои пешбининамудаи қисми 6 моддаи мазкур содир шуда бошанд, ҷазо ба тартиби муайяннамудаи қисми 6 ҳамин мода таъин карда мешавад.

8) Дар мавриди пас аз баровардани ҳукми суд пурра талофӣ намудани зарари моддӣ аз тарафи маҳкумшуда барои содир намудани ҷиноятҳои пешбининамудаи қисмҳои 6 ва (ё) 7 моддаи мазкур ҷазои таъингардидаи маҳрум сохтан аз озодӣ аз ҷониби суде ,ки ҳукм бароварда аст ё суди маҳаллииҷрои ҷазо ё суди болоӣ ба ҷазои ҷарима иваз карда мешавад.

9) Дар ҳолати ашаддӣ саркашӣ намудан ва ё имконнопазирии пардохти ҷарима, к ибо тартиби пешбининамудаи қисмҳои 6, 7 ва (ё) 8 моддаи мазкур ба сифати ҷазои асосӣ таъин ё иваз карда шудааст, суд ҷазои ҷаримаро (ё қисми напардохтаи онро) ба ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ иваз менамояд. Ҳангоми иваз намудани ҷазои ҷарима ба ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ё ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ба ҷазои ҷарима, мӯҳлат ва андозаи ин намуди ҷазоҳо набояд аз ҳадди поёнӣ ва болоии муқаррарнамудаи моддаҳои дахлдори қисми махсуси ҳамин Кодекс бо назардошти қисми адокардаи ҷазо кам ва ё зиёд бошанд.

10) Дар ҳолати иваз намудани ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ба ҷазои ҷарима ва ё ҷазои ҷарима ба ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ як шабонарӯзи маҳрум сохтан аз озодч ба 50 фоизи як нишондиҳанда барои ҳисобҳо, ба истиснои ҷиноятҳои дар қисми 11 ҳамин модда пешбинишуда баробар аст.

11) Дар ҳолати ашаддӣ саркашӣ намудан ва ё имконнопазирии пардохти ҷарима, ки барои содир намудани ҷиноятҳои дар моддаҳои 319-321 ҳамин Кодекс пешбинигардида таъин карда шудааст, суд ҷазои ҷаримаро (ё қисми напардохтаи онро) ба ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ иваз менамояд. Ин масъала аз ҷониби суде, ки ҳукм баровардааст, ё суди маҳалли иҷрои ҷазо ва ё суди болоӣ ҳал карда мешавад.

12) Ҳангоми иваз намудани ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ба ҷазои ҷарима ё ҷазои ҷарима ба ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ барои содир намудани ҷиноятҳои дар қисми 11 ҳамин модда пешбинигардида як шабонарӯзи маҳрум сохтан аз озодӣ ба панҷ нишондиҳанда барои ҳисобҳо баробар аст.

**Моддаи 52. Корҳои ислоҳӣ**

1) Корҳои ислоҳӣ дар ҷои кори маҳкумшуда ё дар ҷойҳои дигаре, ки мақоми иҷрокунандаи ҳукм муайян менамояд, вале дар ноҳияи истиқомати маҳкумшуда ба мӯҳлати аз ду моҳ то ду сол таъин гардида, аз даҳ то сӣ фоизи музди меҳнат ба фоидаи давлат нигоҳ дошта мешавад.

2) Дар мавриди аз тарафи шахси маҳкумшуда ҳангоми адо намудани ҷазои корҳои ислоҳӣ ба вуҷуд омадани ҳолатҳои дар қисми чоруми ҳамин модда пешбинишуда, суд бо пешниҳоди мақоме, ки ба зиммаи он иҷрои ҳукм вогузор шудааст, шахсро аз адои минбаъдаи ҷазо озод менамояд ё ин, ки қисми адо накардаи ҷазоро ба ҷазои сабуктар иваз менамояд.

3) Дар сурати аз адои мӯҳлати ҷазо ашадӣ саркашӣ намудани шахси ба корҳои ислоҳӣ маҳкумшуда, суд метавонад ба ҳисоби як рӯзи маҳдуд кардани озодӣ ба ҷои як рӯзи корҳои ислоҳӣ, як рӯзи маҳрум сохтан аз озодӣ ба ҷои се рӯзи корҳои ислоҳӣ ҷазои нотамомро бо маҳдуд кардани озодӣ, ҳабс ё маҳрум сохтан аз озодӣ иваз намояд.

4) Таъини корҳои ислоҳӣ барои шахсони зерин манъ аст:

а) хизматчиёни ҳарбӣ;

б) шахсони ба синни шонздаҳсолагӣ нарасида;

в) шахсоне, ки ба синну соли нафақа расидааст;

г) занони ҳомиладор;

д) шахсоне, ки бо сабаби нигоҳубини кӯдак дар рухсатӣ мебошанд;

е) маъюбони гурӯҳҳои I ва II.

**Моддаи 54. Маҳдуд кардани озодӣ**

1) Маҳдуд кардани озодҷ, яъне нигоҳ доштани маҳкумшуда дар муассисаҳои махсус бидуни ҷудо кардан аз ҷамъият дар шароити татбиқи назорат аз болои он ба мӯҳлати аз як то панҷ сол мебошад.

2) Дар ҳолати иваз кардани корҳои ислоҳӣ бо маҳдуд кардани озодӣ, он метавонад ба мӯҳлати камтар аз як сол таъин гардад.

3) Дар ҳолати аз адои ҷазо ашадӣ саркашӣ намудани шахси ба маҳдуд кардани озодӣ маҳкумшуда, он ба мӯҳлате, ки дар ҳукми суд барои маҳдуд кардани озодӣ таъин шудааст, бо маҳрум сохтан аз озодҷ иваз карда мешавад. Дар айни замон вақти адои маҳдуд кардани озодӣ ба мӯҳлати маҳрум сохтан аз озодҷ дохил мегардад аз ҳисоби як рӯзи маҳрум сохтан аз озодӣ баробари як рӯзи маҳдуд кардани озодӣ.

4) Таъини маҳдуд кардани озодӣ барои шахсони зерин манъ аст:

а) хизматчиёни хрбӣ;

б) шахсоне, ки ба синну соли нафақа расидаанд;

в) занони ҳомиладор;

г) шахсоне, ки бо сабаби нигоҳубини кӯдак дар рухсатӣ мебошанд;

д) маъюбони гурӯҳҳои I ва II.

**Моддаи 143. Вайрон кардани баробарҳуқуқии шаҳрвандон**

1) Қасдан бевосита ё бавосита вайрон намудан ё маҳдуд кардани ҳуқуқ ва озодиҳо ё ин ки бевосита ё бавосита муқаррар намудани бартарии шаҳрвандон вобаста ба ҷинс, нажод, миллат, забон, баромади иҷтимоӣ, мавқеъи шахсҷ, молу мулкҷ ё мансабҷ, маҳалли истиқомат, муносибат бо дин, ақида, марбут будан ба ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодяҳои ҷамъиятӣ, ки ба ҳуқуқ ва мафиатҳои қонунии шаҳрванд зарар расонидааст,

бо ҷарима ба андозаи аз дусад то панҷсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати то ду сол ҷазо дода мешавад.

2) Ҳамин кирдор, ки аз ҷониби шахс:

а) бо истифодаи зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он;

б) бо истифодаи мақоми хизматиаш содир шудааст,-

бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз ду то панҷ сол бо маҳрум сохтан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул

шудан бо фаъолияти муайян ба мӯҳлати то се сол ё бидуни он ҷазо дода мешавад.

**Моддаи 153. Вайрон кардани қонунҳои меҳнат**

Дидаю дониста ғайриқонунӣ аз кор озод кардани шахс, иҷро накардани қарори суд дар хусуси ба ҷои кори пештара барқарор кардан, меҳнат, ҳамчунин дигар ҳаракатҳои қасдан ва моҳиятан вайронкунии қонунҳои меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон,

- бо ҷарима ба андозаи аз як ҳазор то ду ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё махрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати то се сол ҷазо дода мешавад.

**Моддаи 153[1]. Напардохтани музди меҳнат, нафақа, стипендия, ёрдампулӣ ё дигар пардохтҳо**

Аз ҷониби корфармо, роҳбари корхона, муассиса ё ташкилот новобаста аз шакли моликияташон зиёда аз ду моҳ напардохтани музди меҳнат, нафақа, стипендия, ёрдампулӣ ё дигар пардохтҳои бо қонун муқаррааргардида, агар ин кирдор бо ғараз ё дигар манфиатҳои шахсӣ содир шуда бошад,

- бо ҷарима ба андозаи аз дусад то панҷсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба мӯҳлати то панҷ сол ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати то ду сол ҷазо дода мешавад.

**Моддаи 154. Вайрон кардани қоидаҳои муҳофизати меҳнат**

1) Вайрон кардани қоидаҳои техникаи бехатарӣ ё дигар қоидаҳои ҳифзи меҳнат аз ҷониби шахсе, ки ба риоя кардани он масъул мебошад, агар он аз беэҳтиётӣ боиси расонидани зарари вазнин ё миёна ба саломатӣ ё бемории касбӣ гашта бошад,-

бо ҷарима ба андозаи аз дусад то панҷсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё бо корҳои ислоҳӣ ба мӯҳлати ду сол ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба ҳамин мӯҳлат ҷазо дода мешавад.

2) Ҳамин кирдор, ки аз беэҳтиётӣ боиси марги инсон гардидааст ё ба саломатии чанд нафар зарари вазнин ворид намудааст,-

бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати то панҷ сол бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо

фаъолияти муайян ба мӯҳлати то се сол ё бидуни он ҷазо дода мешавад.

3) Кирдорҳои пешбининамудаи қисми якуми ҳамин модда, ки аз беэҳтиётӣ боиси марги ду ё зиёда шахсон гардидаанд,-

бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз се то ҳашт сол бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба мӯҳлати то панҷ сол ё бидуни он ҷазо дода мешавад.

**Моддаи 163. Вайрон кардани қонунҳо оид ба муроҷиати шаҳрвандон**

1) Радди ғайриқонунии баррасии муроҷиати шаҳрвандон, бидуни сабабҳои узрнок вайрон намудани мӯҳлати барррасии арзу шикояти онҳо, қабули қарори беасос ва хилофи қонун, инчунин вайрон кардани қонунҳо оид ба муроҷиати шаҳрвандон, ки ба ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунан ҳифзшудаи шаҳрвандон, ҷамъият ё давлат зарари ҷиддӣ ворид намудааст, -

бо ҷарима ба андозаи аз панҷсад то ҳаштсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё бо корҳои ислоҳӣ ба мӯҳлати то ду сол ё бо маҳрум кардани аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба муҳлати то се сол ҷазо дода мешавад.

2) Таъқиби шаҳрванд аз ҷониби шахси мансабдор вобаста ба муроҷиати ӯ ба мақоми давлатӣ, корхона, ташкилоту муассиса ё иттиҳоди ҷамъиятӣ ё барои танқиди дар муроҷиаташ инъикосёфта, инчунин барои дар шакли дигар бо танқид баромад карданаш, -

бо ҷарима ба андозаи аз як ҳазору панҷсад то ду хазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё бо маҳдуд кардани озодӣ ба мӯҳлати то панҷ сол бо маҳрум кардан аз ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан ба фаъолияти муайян ба мӯҳлати аз се то панҷ сол ҷазо дода мешавад.

**Моддаи 268. Ғайриқонунӣ истифода бурдани маблағ**

1) Кирдори бадқасдонаи роҳбари муассисаи кредитҷ ё корхона, сарфи назар аз шакли моликият, ки бо мақсади ғараз ё манфиатдории шахсӣ маблағи пулии дар суратҳисоби худ бударо ба суратҳисоби ташкилоти дигар ғайриқонунӣ гузаронидааст, ҳамчунин тартиботи муқарраршударо вайрон карда, маблағи пулиро ба тарзи дигар истифода бурдааст ё дигар маблағи буҷетиро ғайримақсад истифода

бурдааст, агар ин кирдор ба манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, корхона ё давлат ба миқдори калон зарар расонида бошад,

-бо ҷарима ба андозаи аз дусаду панҷоҳ то сесаду шасту панҷ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳдуд кардани озодӣ ба мӯҳлати то ду сол ё бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба ҳамин мӯҳлат ҷазо дода мешавад.

2). Ҳамин кирдор, агар:

а) такроран;

б) ба миқдори махсусан калон зарар расонида бошад, -

бо ҷарима ба андозаи аз сесаду шасту панҷ то нӯҳсаду дувоздаҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз ду то панҷ сол ҷазо дода мешавад.

Эзоҳ: 1) Дар таҳти мафҳуми зарар ба миқдори калон чунин зарарест, ки он аз андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҳадди ақал панҷсад маротиба ва зарар ба миқдори махсусан калон аз ду ҳазор маротиба зиёд мебошад.

3) Ҳангоми муайян намудани андозаи (миқдори) зарари расонидашуда ғайр аз зиёни бевосита ҳамчунин фоидаи аз даст рафтаро ба ҳисоб гирифтан зарур аст.

**Моддаи 315. Беамалӣ дар иҷрои вазифа**

Аз тарафи хизматчии давлатӣ, ки шахси мансабдор намебошад бо мақсади ғаразнок ё дигар манфиати шахсӣ ё гурӯҳӣ иҷро накардани вазифаҳои хеш, агар ин кирдор ба таври ҷиддӣ ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, ташкилотҳо, ҷамъият ё давлатро поймол карда бошад,-

бо ҷарима ба андозаи аз дусаду панҷоҳ то сесаду шасту панҷ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё корҳои ислоҳӣ ба мӯҳлати то ду сол ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати то ду сол бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба мӯҳлати то се сол ҷазо дода мешавад.

**Моддаи 316. Баромадан аз ҳадди ваколатҳои мансабӣ**

1) Аз ҷониби шахси мансабдор анҷом додани ҳаракате, ки аз ҳадди ваколатҳои ӯ баръало берун мебароянд ва боиси ба таври ҷиддӣ поймол гардидани ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрванд ё ташкилот ё манфиатҳои қонунан ҳифзшудаи ҷамъият ё давлат гаштааст,-

бо ҷарима ба андозаи аз дусаду панҷоҳ то ҳафтсаду сӣ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба мӯҳлати то панҷ сол ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати то чор сол ҷазо дода мешавад.

2) Ҳамин ҳаракатро агар шахсе содир карда бошад, ки вазифаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё сардори мақоми худидораи маҳаллиро ишғол мекунад,

– бо ҷарима ба андозаи аз ҳафтсаду сӣ то як ҳазору дусаду ҳафтоду ҳафт нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз чор то ҳафт сол бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба мӯҳлати то се сол ҷазо дода мешавад.

3) Ҳаракатҳои пешбининамудаи қисмҳои якум ё дуюми ҳамин модда агар:

а) бо зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он;

б) бо истифодаи силоҳ ё воситаҳои махсус;

в) бо расонидани оқибатҳои вазнин содир шуда бошад,

– бо ҷарима ба андозаи аз нӯҳсаду дувоздаҳ то як ҳазору ҳаштсаду бисту панҷ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз панҷ то даҳ сол бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба мӯҳлати то панҷ сол ҷазо дода мешавад.

**Моддаи 319. Гирифтани пора**

1) Аз ҷониби шахси мансабдор шахсан ё ба воситаи миёнарав гирифтани пора дар намуди пул, коғазҳои қиматнок дигар, молу мулк ё фоидаи дорои характери молу мулкӣ дошта, барои иҷро кардан ё накардани амали муайян ба манфиати порадиҳанда ё намояндагони ӯ, агар чунин ҳаракат (беҳаракатӣ) ба доираи ваколати хизматии шахси мансабдор, шахси мансабдори давлати хориҷӣ ё шахси ё шахси ташкилоти байналмилалӣ дохил бошанд ё онҳо вобаста ба қудрати мавқеи мансабиашон ба чунин ҳаракат (беҳаракатӣ) мусоидат карда метавонанд, ҳамчунин барои пуштибонии умумӣ ё саҳлангорӣ дар хизмат

– бо ҷарима ба андозаи аз се ҳазору шашсаду панҷоҳ то нуҳ ҳазору яксаду бисту панҷ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати то панҷ сол бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи

ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба мўҳлати то се сол ҷазо дода мешавад

2) Аз ҷониби шахси мансабдор шахси мансабдори давлати хориҷҷ ё шахси ташкилоти байналмилалӣ гирифтани пора барои ҳаракати (беҳаракатии) ғайриқонунӣ,

– бо ҷарима ба андозаи аз панҷ ҳазору чорсаду ҳафтоду панҷ то дувоздаҳ ҳазору ҳафтсаду ҳафтоду панҷ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум сохтан аз озодҷ ба мўҳлати аз се то ҳафт сол бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан ба фаъолияти муайян ба мўҳлати то панҷ сол ҷазо дода мешавад

3) Кирдорҳои пешбининамудаи қисмҳои якум ё дуюми ҳамин модда агар аз ҷониби шахсе содир шуда бошад, ки вазифаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё сардори мақоми худидораи маҳаллиро ишғол мекунад,-

– бо ҷарима ба андозаи аз нуҳ ҳазору яксаду бисту панҷ то ҳаждаҳ ҳазору дусаду панҷоҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба мўҳлати аз панҷ то даҳ сол бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба мўҳлати аз се то панҷ сол бо мусодираи молу мулк ё бидуни он ҷазо дода мешавад.

4) Кирдорҳои пешбининамудаи қисмҳои якум, дуюм ё сеюми ҳамин модда, агар:

а) такроран;

б) аз ҷониби гурўҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ ё гурўҳи муташаккил;

в) бо тамаъҷўии пора;

г) ба миқдори калон,

– бо ҷарима ба андозаи аз дувоздаҳ ҳазору ҳафтсаду ҳафтоду панҷ то бисту як ҳазору нуҳсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба мўҳлати аз ҳафт то дувоздаҳ сол бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба мўҳлати панҷ сол ҷазо дода мешавад.

Эзоҳ: 1) Дар моддаи 319 Кодекси мазкур зери мафҳуми миқдори калон, миқдори пул, арзиши қоғазҳои қиматнок, дигар молу мулк ё фоидаи дорои хусусияти молу мулкӣ доштае фаҳмида мешавад, ки арзиши онҳо аз як ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҳадди ақал зиёд бошад.

2) Таҳти мафҳуми такроран (такрорӣ) дар моддаҳои 319, 320, 324 ва 325-и ҳамин Кодекс ҷиноятe дар назар дошта шудааст, ки агар қаблан як ё якчанд ҷиноятҳои пешбинӣ намудаи ҳамин моддаҳоро содир шуда бошад.

3) Таҳти мафҳуми шахси мансабдори давлати хориҷӣ дар моддаҳои 319-321 Кодекси мазкур шахси дар мақомоти қонунгузор, иҷроия, маъмурӣ ё судии давлати хориҷӣ ягон мансабро ишғолнамуда (интихобгардида ё таъингардида) ва дигар шахсе, ки барои ин мақомоти давлати хориҷӣ ягон функсияи давлатиро иҷро менамояд, фаҳмида мешавад.

4) Таҳти мафҳуми шахси мансабдори ташкилоти байналмилалӣ хизматчии ташкилоти байналмилалӣ ё дигар шахсе, ки ваколатдор аст аз номи ин ташкилот фаъолият намояд, фаҳмида мешавад.

**Моддаи 321. Иғвои порадиҳӣ**

Кӯшиши ба шахси мансабдор, шахси мансабдори давлати хориҷӣ ё шахси ташкилоти байналмилалӣ додани пул, коғазҳои қиматнок, дигар молу мулк ё хизматрасонии дорои хусусияти молу мулкӣ бе розигии онҳо бо мақсади сохтани далелҳои сунъӣ оид ба гирифтани пора

– бо ҷарима ба андозаи аз нуҳ ҳазору яксаду бисту панҷ то ҳаждаҳ ҳазору дусаду панҷоҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз панҷ то даҳ сол ҷазо дода мешавад.

**Моддаи 322. Хунукназарӣ**

1) Хунукназарӣ, яъне иҷро накардан ё ба таври дахлдор иҷро накардани вазифаҳои худ аз ҷониби шахси мансабдор дар натиҷаи муносибати беинсофона ё бепарвоёна ба хизмат, агар ин боиси ба таври ҷиддӣ поймол кардани ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрванд ё ташкилот ё манфиатҳои қонунан ҳифзшудаи ҷамъият ё давлат гашта бошад,

– бо ҷарима ба андозаи аз сад то дусаду панҷоҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё корҳои ҳатмӣ ба мӯҳлати аз яксаду бист то яксаду ҳаштод соат ё корҳои ислоҳӣ ба мӯҳлати то ду сол ҷазо дода мешавад.

2) Ҳамин кирдор, ки аз беэҳтиётӣ боиси марги инсон ё дигар оқибатҳои вазнин гаштааст,

– бо ҷарима ба андозаи аз дусаду панҷоҳ то нуҳсаду дувоздаҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати то панҷ сол бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба мӯҳлати то панҷ сол ё бидуни он ҷазо дода мешавад.

**Моддаи 323. Сохтакории хизматӣ**

Сохтакории хизматӣ, яъне аз ҷониби шахси мансабдор, ҳамчунин хизматчии давлатӣ ё хизматчии мақомоти худидоракунии маҳҳалӣ, ки шахси мансабдор намебошад, ба асноди расмӣ дидаю дониста дохил намудани таҳсилотҳои бардурӯғ, ҳамчунин ба асноди зикршуда ворид намудани ислоҳоте, ки мазмуни аслии онро таҳриф мекунад ё дидаю дониста додани ҳуҷҷатҳои бардуруғ ё қалбакӣ, агар ин кирдор бо мақсади ғаразнок ё дигар манфиатдории шахсӣ содир шуда бошад, -

бо ҷарима ба андозаи аз дусаду панҷоҳ то сесаду шасту панҷ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё корҳои ислоҳӣ ба мӯҳлати аз як то ду сол ё маҳрум сохтан аз озодҷ ба мӯҳлати то ду сол бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба мӯҳлати то се сол ё бидуни он ҷазо дода мешавад.

**Моддаи 328. Истифодаи зӯроварӣ ба муқобили намояндаи ҳокимият**

1) Истифодаи зӯроварие, ки барои ҳаёт ё саломатӣ хавфнок нест ё таҳдиди истифодаи зӯроварӣ, ҳамчунин таҳдиди несту нобуд кардани молу мулк нисбат ба намояндаи ҳокимият ё наздиконаш вобаста ба иҷрои вазифаашон

– бо ҷарима ба андозаи то панҷсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё корҳои ислоҳӣ ба мӯҳлати то ду сол ё маҳрум сохтан аз озодҷ ба мӯҳлати то ду сол ҷазо дода мешавад.

2) Истифодаи зӯроварӣ нисбат ба шахсони дар қисми якуми ҳамин модда зикргардида, ки ба ҳаёт ва саломатӣ хавфнок аст,

– бо маҳдуд кардани озодӣ ба мӯҳлати аз ду то панҷ сол ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз ду то панҷ сол ҷазо дода мешавад.

Эзоҳ: Дар моддаи мазкур ва дигар моддаҳои ҳамин Кодекс таҳти мафҳуми намояндаи ҳокимият шахсе дар назар дошта

шудааст, ки дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ хизмат карда ва мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи қонун нисбат ба шахсони таҳти тобеъияти хизматиаш қарорнадошта ваколати амрдиҳиро дорад.

**Моддаи 330. Таҳқири намояндаи ҳокимият**

1) Таҳқири оммавии намояндаи ҳокимият ҳангоми иҷрои вазифаҳои хизматӣ ё вобаста ба иҷрои онҳо,

– бо корҳои ҳатмӣ бо мӯҳлати аз яксаду ҳаштод то дусаду чил соат ё бо ҷарима ба андозаи аз панҷсад то як ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҳадди ақал ё корҳои ислоҳӣ ба мӯҳлати аз ду моҳ то як сол ҷазо дода мешавад.

2) Таҳқири намояндаи ҳокимият дар баромадҳои оммавӣ, асарҳои ба таври оммавӣ намоишдодашуда дар воситаҳои ахбори омма ё дар шабакаи интернет,

– бо ҷарима ба андозаи аз як ҳазор то як ҳазору панҷсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҳадди ақал ё ҳабс ба мӯҳлати аз ду то шаш моҳ ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати то ду сол ҷазо дода мешавад.

**Моддаи 339. Тасарруф ё вайрон кардани ҳуҷҷат, штамп, мӯҳр**

1) Тусарруфи шиноснома (паспорт) ё дигар ҳуҷҷати муҳими шахсии шаҳрванд,

– бо корҳои ҳатмӣ ба мӯҳлати аз ҳаштод то яксаду бист соат ё бо ҷарима ба андозаи то дусад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё корҳои ислоҳӣ ба мӯҳлати то як сол ҷазо дода мешавад.

2) Бо мақсади ғаразнок ё манфиати дигари шахсӣ тасарруф, нобуд, вайрон ё пинҳон кардани ҳуҷҷатҳои расмӣ, штамп ё мӯҳр,

– бо ҷарима ба андозаи аз дусад то панҷсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё корҳои ислоҳӣ ба мӯҳлати то ду сол ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати то як сол ҷазо дода мешавад.

3) Кирдорҳои дар қисми якум ё дуюми ҳамин модда пешбинигардида, ки бо мақсади хариду фурӯши одамон содир шуда бошад,

– бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз ду то панҷ сол ҷазо дода мешавад.

**Моддаи 340. Сохтакорӣ, тайёр кардан ё ба соҳибияти каси дигар додани ҳуҷҷат, мукофоти давлатӣ, штамп, мӯҳр ва бланкаҳои қалбакӣ**

1) Сохтакории шиноснома (паспорт) шаҳодатнома ё дигар ҳуҷҷатҳои расмии ҳуқуқдиҳанда ё аз ӯҳдадорӣ озодкунанда бо мақсади истифода аз ҷониби худи сохтакор ё шахси дигар ё ба соҳибияти каси дигар додани чунин ҳуҷҷат, ба ҳамин мақсад тайёр кардан ё ба соҳибияти каси дигар додани мукофоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҶШС Тоҷикистон, ИҶШС, штампу мӯҳр ё бланкаҳои қалбакӣ, инчунин истифодаи ҳуҷҷатҳои баръало қалбакӣ,

– бо ҷарима ба андозаи аз дусаду панҷоҳ то сесаду шасту панҷ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё корҳои ислоҳӣ ба мӯҳлати то ду сол ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба ҳамин мӯҳлат ҷазо дода мешавад.

2) Ҳамин кирдор, агар:

а) такроран;

б) бо маслиҳати пешакӣ аз ҷониби гурӯҳи шахсон;

в) бо истифодаи техникаи компьютерӣ содир шуда бошад,

– бо ҷарима ба андозаи аз сесаду шасту панҷ то нӯҳсаду дувоздаҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз ду то панҷ сол ҷазо дода мешавад.

3) Кирдорҳои дар қисми якум ва дуюми ҳамин модда пешбинигардида, ки бо мақсади хариду фурӯши одамон содир шуда бошад,

– бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз панҷ то ҳашт сол ҷазо дода мешавад.

**Моддаи 340[1]. Сохтакорона тайёр кардан, ба муомилот баровардани маркаҳои боҷи аксизӣ, маркаҳои махсус ё аломатҳои мутобиқат ва ё истифодаи онҳо**

1. Сохтакорона тайёр кардан бо мақсади муомилот ё ба муомилот баровардани маркаҳои аксизӣ, маркаҳои махсус ё аломатҳои мутобиқати муҳофизатшаванда ва ё истифодаи онҳо,-

бо ҷарима ба андозаи аз дусаду панҷоҳ то сесаду шасту панҷ нишондиҳанда барои ҳисобҳо бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба мӯҳлати то панҷ сол ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати то ду сол ҷазо дода мешавад.

2. Ҳамин кирдор, агар бо маслиҳати пешакӣ аз ҷониби гурӯҳи шахсон ва ё гурӯҳи муташаккил содир шуда бошад,-

бо ҷарима ба андозаи аз сесаду шасту панҷ то нӯҳсаду дувоздаҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба мӯҳлати то панҷ сол ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз ду то панҷ сол ҷазо дода мешавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Эмомалӣ Раҳмон**

ш. Душанбе,
15 июли соли 2004, № 45

# КОДЕКСИ ҲУҚУҚВАЙРОНКУНИИ МАЪМУРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз 31 декабри соли 2008
(иқтибос)

## БОБИ 8. ҲУҚУҚВАЙРОНКУНИИ МАЪМУРӢ ДАР СОҲАИ ҲИФЗИ МЕҲНАТ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛӢ

**Моддаи 133. Риоя накардани қоидаҳои ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ**

Барои риоя накардани қоидаҳои ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ ҳангоми набудани аломати ҷиноят,

ба шахсони мансабдор ба андозаи аз бист то си нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.

**Моддаи 134. Саривақт напардохтани музди меҳнат, нафақа, идрорпулӣ, кӯмакпулӣ, ҷубронпулӣ ва дигар пардохтҳои иҷтимоӣ**

1. Барои саривақт напардохтани музди меҳнат, нафақа, идрорпулӣ, кӯмакпулӣ, ҷубронпулӣ ва дигар пардохтҳои иҷтимоӣ ҳангоми набудани аломати ҷиноят,

ба шахсони масъул ба андозаи аз бист то сӣ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.

2. Барои баъди таъйини ҷазои маъмурӣ дар давоми як сол такроран содир намудани кирдоре, ки дар қисми якуми ҳамин модда пешбинӣ шудааст,

ба шахсони масъул ба андозаи аз панҷоҳ то сад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.

**Моддаи 135. Аз тарафи корфармо риоя накардани қонунгузорӣ оид ба ҳифзи меҳнат**

Барои аз тарафи корфармо риоя накардани қонунгузорӣ оид ба ҳифзи меҳнат, яъне иҷро накардан ё ба таври номатлуб иҷро кардани ӯҳдадорӣ, ки ба ташкил намудани шароити мусоиду бехатари кор, ҷорӣ намудани воситаҳо ва технологияи таъминкунандаи меъёрҳои санитарию гигиенӣ ва талаботи стандартҳо оид ба ҳифзи меҳнат вобаста аст, ҳангоми набудани аломати ҷиноят,

ба андозаи аз бист то сӣ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.

**Моддаи 136. Напардохтани маблағи суҷғурта ё ёрдампулӣ ба шахсони дар истеҳсолот ҷабрдида**

Барои аз тарафи корфармо напардохтани маблағи муқарраршудаи суҷурта ё ёрдампулӣ ба шахсони дар истеҳсолот ҷабрдида,

ба андозаи аз бист то сӣ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад

**Моддаи 137. Гум кардан, саривақт ба қайд нагирифтан ё аз нав ба қайд нагирифтани шаҳодатномаи шахси гуреза**

1. Барои гум кардани шаҳодатномаи шахси гуреза,

ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз як то се ва ба шахсони мансабдор аз бист то сӣ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.

2. Барои саривақт ба қайд нагирифтан ва ё аз нав ба қайд нагирифтани шаҳодатномаи шахси гуреза,

ба шахсони мансабдор ба андозаи аз даҳ то бист нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.

**Моддаи 138. Ғайриқонунӣ ба кор ҷалб намудан, ба кор таъмин кардани шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа ва ё шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Барои ғайриқонунӣ ба кор ҷалб намудан ё ба кор таъмин кардани шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа,

ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз сӣ то панҷоҳ, ба шахсони мансабдор аз ҳафтод то сад ва ба шахсони ҳуқуқӣ аз сад то дусад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.

2. Барои ғайриқонунӣ ба кор ҷалб намудан ё ба кор гирифтани шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон,

ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз сӣ то панҷоҳ, ба шахсони мансабдор аз ҳафтод то сад ва ба шахсони ҳуқуқҳ аз дусаду панҷоҳ то сесад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.

3. Барои бе иҷозати махсус дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фаъолияти меҳнатӣ машғул шудани шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд,

ба андозаи аз бист то сӣ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.

**Моддаи 139. Иҷро накардани амрномаи мақомоти давлатӣ оид ба назорати риояи қонунгузорӣ дар бораи меҳнат**

Барои аз тарафи корфармо дар мӯҳлати муқарраршуда иҷро накардани амрнома ва дастури мақомоти давлатӣ оид ба назорати риояи қонунгузорӣ дар бораи меҳнат, ки мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст,

ба шахсони мансабдор ба андозаи аз бист то сӣ ва ба шахсони ҳуқуқӣ аз ҳафтод то сад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.

**Моддаи 140. Дидаю дониста додани маълумоти нодуруст ҳангоми таъйин намудани кӯмакпулии иҷтимоии давлатӣ**

1. Барои аз тарафи шахси ваколатдор ба шаҳрвандон дидаю дониста додани маълумоти бардурӯғе, ки боиси нодуруст таъйин намудани кӯмакпулии иҷтимоии давлатӣ гардидааст, ҳангоми набудани аломати ҷиноят,

ба андозаи аз си то чил нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.

2. Барои аз тарафи шаҳрванд дидаю дониста пешниҳод намудани маълумоти бардурӯғ дар мавриди муроҷиат барои таъйини кӯмакпулии иҷтимоии давлатӣ, ҳангоми набудани аломати ҷиноят,

ба андозаи аз даҳ то бист нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.

# КОДЕКСИ ГРАЖДАНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

(ҚИСМИ ЯКУМ)

30 июни соли 1999, № 802
(иқтибос)

**Моддаи 32. Васоят ва парасторӣ**

1. Васояту парасторӣ барои ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандони ҷайри қобили амал ва қобилияти пурраи амал надошта муқаррар мегардад. Васояту парастории ноболиғон ҳамчунин бо мақсади тарбияи онҳо муқаррар карда мешавад. Ҳуқуқу ӯҳдадориҳои марбутаи васиёну парасторонро Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

2. Васиёну парасторон бидуни ваколати махсус ҳуқуқу манфиатҳои шахси таҳти васоят ё парасториашонро дар муносибат бо ҳама гуна ашхос, аз ҷумла дар судҳо, ҳифз мекунанд.

3. Васояту парастории ноболиғон дар сурати волидайн, падару модархонд надоштани онҳо, аз ҳуқуқи волидайн маҳрум гардонида шудани волидайнашон, инчунин дар ҳолатҳое, ки чунин шаҳрвандон бо сабабҳои дигар бидуни парастории волидайн мондаанд, аз ҷумла дар сурати аз тарбия ё ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳояшон саркашӣ намудани волидайн муқаррар карда мешавад.

**Моддаи 33. Васоят**

1. Васоят барои хурдсолон, инчунин шаҳрвандоне муқаррар карда мешавад, ки суд онҳоро дар натиҷаи бемории рӯҳӣ ё камақлиашон ғайри қобили амал эътироф намудааст.

2. Васиён мутобиқи қонун намояндагони шахси таҳти васояташон буда, аз номи онҳо ва ба манфиаташон тамоми аҳди заруриро анҷом медиҳанд.

**Моддаи 34. Парасторӣ**

1. Парасторӣ барои ноболиғони аз чордаҳ то ҳаждаҳсола, инчунин шаҳрвандоне муқаррар карда мешавад, ки суд қобилияти амали онҳоро бо сабаби сӯиистеъмолии машрубот, воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо ё моддаҳои дигари мадҳушкунанда маҳдуд сохтааст.

2. Парасторон барои анҷоми он аҳдҳое розигӣ медиҳанд, ки шаҳрвандони таҳти парасторӣ қарордошта барои мустақилона анҷом додани онҳо ҳуқуқ надоранд.

Парасторон ба шахси таҳти парасторӣ барои татбиқи ҳуқуқ ва иҷрои ӯҳдадориҳояшон мусоидат менамоянд, инчунин онҳоро аз сӯиистифодаи шахси сеюм (ҷайр) ҳифз менамоянд.

**Моддаи 35. Мақомоти васояту парасторӣ**

1. Мақомоти васояту парасторӣ мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот мебошанд.

2. Суд вазифадор аст, ки дар давоми се рӯзи баъди эътибори қонунӣ пайдо кардани қарор дар бораи ҷайри қобили амал эътироф намудани шаҳрванд ё дар бораи маҳдуд сохтани қобилияти амали ӯ барои таҳти васоят ё парасторӣ қарор додани чунин шаҳрванд дар ин хусус ба мақоми васояту парастории маҳалли зисти ӯ хабар диҳад.

3. Мақоми васояту парастории маҳалли зисти шахси таҳти васояту парасторӣ қарордошта ба фаъолияти васиёну парасторони онҳо назорат мекунад.

**Моддаи 36. Васиён ва парасторон**

1. Васӣ ё парастор аз ҷониби мақоми васояту парастории маҳалли зисти шахси ба васоят ё парасторӣ эҳтиёҷдошта дар давоми як моҳи пас аз лаҳзае, ки мақомоти мазкур дар хусуси зарурати таҳти васоят ё парасторӣ қарор додани шаҳрванд огоҳӣ ёфтанд, муқаррар карда мешавад. Дар сурати ҷой доштани ҳолатҳои ҷолиби диққат васӣ ё парасторро мақоми васояту парастории маҳалли зисти васӣ (парастор) таъин карда метавонад. Агар барои шахси мӯҳтоҷи васоят ё парасторӣ дар давоми як моҳ васӣ ё парастор таъин карда нашавад, иҷрои вазифаҳои васӣ ё парастор муваққатан ба зиммаи мақоми васояту парасторӣ гузошта мешавад.

Шахси манфиатдор метавонанд нисбати таъини васӣ ё парастор ба суд шикоят намоянд.

2. Танҳо шаҳрвандони ба балоғат расидаи қобили амал васӣ ё парастор таъин шуда метавонанд. Шаҳрвандонеро, ки аз ҳуқуқи падарию модарӣ маҳрум карда шудаанд, инчунин шаҳрвандонеро, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон васоят ё парастор

шуданашон манъ карда шудааст, васоят ва парастор таъин кардан мумкин нест.

3. Шахсро танҳо бо розигии худаш васҳ ё парастор таъин кардан мумкин аст. Зимнан бояд одобу ахлоқ ва сифатҳои дигари шахсӣ, қобилияти иҷро кардани вазифаи васҳ ё парастор, муносибати байни ӯ ва шахси мӯҳтоҷи васоят ё парасторӣ ва агар имкон бошад, хоҳиши шахси таҳти васоят ё парасторӣ қарордошта бояд ба назар гирифта шавад.

4. Васиён ва парасторони шаҳрвандони мӯҳтоҷи васоят ё парасторие, ки дар муассисаҳои дахлдори тарбиявӣ, табобатӣ, муассисаҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ё муассисаҳои дигари шабеҳ қарор доранд ё ҷойгир карда шудаанд, ин муассисаҳо ба ҳисоб меравand.

**Моддаи 37. Вазифаи худро иҷро кардани васиён ва парасторон**

1. Вазифаи васояту парасторӣ, ҷайр аз ҳолатҳои пешбининамудаи қонун ба таври ройгон иҷро карда мешавад.

2. Васиёну парасторони шаҳрвандони ноболиғ бояд бо шахси таҳти васояташон (парасториашон) қарордошта якҷоя зиндагӣ кунанд. Ҷудо зиндагӣ кардани парастор бо шахси таҳти парастории ба синни шонздаҳ расида ба шарте бо иҷозати мақоми васояту парасторӣ иҷозат дода мешавад, ки ин ба тарбия ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои шахси таҳти парасторӣ таъсири манфӣ нарасонад.

Васиёну парасторон вазифадоранд, ки дар хусуси тағйир ёфтани маҳалли зисташон мақомоти васояту парасториро огоҳ созанд.

3. Васиёну парасторон вазифадоранд, ки шахси таҳти васояташон (парасториашон) қарордоштаро тарбия кунанд, дар бораи саломатӣ, такомули ҷисмонӣ, рӯҳӣ, маънавӣ ва ахлоқӣ, таҳсил ва касбомӯзии ӯ ҷамхорӣ зоҳир намоянд.

4. Вазифаҳои дар қисми 3 ҳамин модда номбаршуда ба зиммаи парасторони шаҳрвандони болиғе, ки суд қобилияти амалашонро маҳдуд сохтааст, гузошта намешаванд.

5. Агар асосҳое, ки мутобиқи онҳо шаҳрванд дар натиҷаи сӯиистеъмолии машрубот, воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо ё моддаҳои дигари мадҳушкунанда ҷайри қобили амал ё дорои қобилияти маҳдуди амал эътироф

гардида буд аз миён бардошта шаванд, васӣ ё парастор вазифадор аст, ки дар хусуси қобили амал донистани шахси таҳти васоят (парасторӣ) ва бекор кардани васоят ё парастории ӯ ба суд дархост пешниҳод намояд.

**Моддаи 38. Ихтиёрдории амволи шахси таҳти васоят (парасторӣ)**

1. Даромади шаҳрванди таҳти васоят (парасторӣ), аз ҷумла даромади аз ҳисоби идораи амволи шахси таҳти васоят (парасторӣ) ба ӯ тааллуқдоштаро, ба истисноии молу мулк, ки шахси таҳти васоят (парасторӣ) мустақилона ихтиёрдорӣ карда метавонад, васӣ ё парастор бо розигии пешакии мақоми васояту парасторӣ танҳо ба манфиати шахси таҳти васоят (парасторӣ) сарф менамояд.

Бидуни розигии пешакии мақоми васояту парасторб васӣ ё парастор ҳуқуқ дорад аз ҳисоби маблаҷе, ки бояд ба шахси таҳти васоят (парасторҳ) ҳамчун даромад пардохта шавад, маблағи заруриро ҷиҳати таъминоти шахси таҳти васоят (парасторӣ) харҷ намояд.

2. Васӣ бидуни ризоияти пешакии мақоми васояту парасторӣ барои анҷом додан ва парастор барои додани розигӣ ҷиҳати анҷоми аҳди фурӯш, аз ҷумла иваз ё ҳадя кардани амволи шахси таҳти васоят, киро (иҷора), ба истифодаи ройгон додан ё ба гарав мондани он аҳде, ки боиси аз даст додани ҳуқуқи шахси таҳти васоят, тақсими амволи ӯ ё аз он ҷудо кардани ҳисса мегардад, инчунин ҳар гуна аҳди дигаре, ки боиси кам шудани амволи шахси таҳти васоят мегардад, ҳуқуқ надорад.

Тартиби идораи амволи шахси таҳти васоят (парасторӣ) тибқи қонун муайян карда мешавад.

3. Васӣ, парастор, ҳамсарон ва хешовандони наздики онҳо барои бастани аҳдҳо бо шахси таҳти васояташон (парасториаш), ба истисноии ҳамчун ҳадя ё истифодаи ройгон ба шахси таҳти васоят (парасторӣ) додани амвол, инчунин барои намояндагӣ кардани шахси таҳти васоят (парасторӣ) ҳангоми бастани аҳд ё пешбурди парвандаҳои судӣ байни шахси таҳти васояту (парасторию) ҳамсари васӣ ё парастор ва хешовандони наздики онҳо ҳуқуқ надоранд.

**Моддаи 39. Идоракунии ваколатии амволи шахси таҳти васоят (парасторӣ)**

1. Дар сурати ҷой доштани зарурати идоракунии доимии амволи ғайриманқул ва манқули қиматноки шахси таҳти васоят (парасторӣ) мақоми васояту парасторӣ бо мудир, ки ҳамин мақом муайян кардааст, дар хусуси идоракунии ваколатии чунин молу мулк шартнома мебандад. Дар ин ҳолат васӣ ё парастор ваколати худро нисбати амволи шахси таҳти васояташ (парасториаш), ки ба идораи ваколатӣ дода нашудааст, нигоҳ медорад.

Ҳангоми ваколатҳои идораи амволи шахси таҳти васоят (парасторӣ)-ро иҷро кардани мудир амали қоидаҳои пешбининамудаи қисмҳои 2 ва 3 моддаи 38 ҳамин Кодекс ба мудир дахл дорад.

2. Ихтиёрдории ваколатии амволи шахси таҳти васоят (парасторбӣ) аз рӯи асосҳое, ки қонун барои қатъи шартномаи идораи ваколатии молу мулк пешбинӣ намудааст, инчунин дар сурати қатъи васояту парасторӣ қатъ мегардад.

**Моддаи 40. Аз иҷрои вазифа озод ва дур кардани васиёну парасторон**

1. Мақоми васояту парасторӣ дар ҳолати баргардонидани кӯдак ба волидайнаш ё ба фарзандӣ қабул гардиданаш васӣ ё парасторро аз иҷрои вазифаҳояш озод мекунад.

Ҳангоми ба муассисаи дахлдори тарбиявӣ, табобатӣ, муассисаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ё муассисаҳои дигари шабеҳ ҷойгир кардани шахси таҳти васоят (парасторӣ), муассисаи васояту парасторӣ, ба шарте ки ин хилофи манфиатҳои шахси таҳти васоят (парасторӣ) набошад, васӣ ё парастори қаблан таъиншударо аз иҷрои вазифаҳояш озод мекунад.

2. Дар сурати ҷой доштани сабабҳои узрнок (беморӣ, тағйир ёфтани вазъи молу мулкҳ, набудани ҳамфикрӣ бо шахси таҳти васоят (парасторӣ) ва ғайра) васӣ ё парастор мумкин аст бо хоҳиши худ аз иҷрои вазифаҳояш озод карда шавад.

3. Дар сурати вазифаҳояшро ғайриқаноатбахш иҷро кардани васӣ ё парастор, аз ҷумла дар ҳолати васоят ё парасториро ба мақсадҳои ғаразнок истифода кардани ӯ ё шахси таҳти васоятро (парасториро) бе назорат, бе кӯмаки лозима гузоштанаш, инчунин дигар ҳолатҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, мақоми васояту парасторӣ метавонад васӣ ё парасторро аз иҷрои ин вазифаҳо дур карда, ҷиҳати ба ҷавобгарии муқаррарнамудаи қонун ҷалб кардани шаҳрванди гунаҳкор тадбирҳои зарурӣ андешад.

**Моддаи 41. Қатъ гардидани васояту парасторӣ**

1. Васояту парасторӣ нисбати шаҳрвандони болиғ дар ҳолатҳои аз ҷониби суд қабул гардидани қарор дар бораи қобили амал эътироф намудани шахси таҳти васоят (парасторӣ) ё бекор кардани маҳдудиятҳои қобилияти амали ў дар асоси аризаи васҳ, парастор ё мақоми васояту парасторӣ қатъ мегардад.

2. Дар сурати ба синни чордаҳ расидани шахси таҳти васоят қарордошта васояти ў қатъ мегардад ва шаҳрванде, ки вазифаи васиро иҷро мекард, бидуни қарори иловагӣ дар ин хусус парастори ноболиғ мегардад.

3. Парастории ноболиғ дар сурати ба синни ҳаждаҳ расидани шахси таҳти парасторӣ, инчунин дар сурати издивоҷ карданаш ва дар ҳолатҳои дигари то ба балоғат расидан дорои қобилияти пурраи амал гардидани ў (қисми 2 моддаи 22 ва моддаи 28) қатъ мегардад.

**Моддаи 42. Ҳимоя (патронажи) - и шаҳрвандони қобили амал**

1. Бо хоҳиши шаҳрванди болиғи қобили амале, ки бо сабаби вазъи саломатиаш ҳуқуқи худро мустақилона татбиқу ҳимоя ва вазифаҳояшро иҷро карда наметавонад, мумкин аст барои ў парасторӣ дар шакли ҳомӣ (патронаж) муқаррар карда шавад. Муқаррар намудани ҳомӣ (патронаж) боиси маҳдудшавии ҳуқуқи шахси таҳти парасторҳ намегардад.

2. Парастори (ёвари) шаҳрванди болиғи қобили амалро мақоми васояту парасторӣ танҳо бо ризоияти чунин шаҳрванд таъин карда метавонад.

3. Парастор (ёвар) амволи шахси болиғи қобили амали таҳти парасториаш тааллуқдоштаро дар асоси шартномаи супориш ё идораи ваколатӣ, ки бо шахси таҳти парасторӣ баста шудааст, ихтиёрдорӣ мекунад. Аҳдҳои маишӣ ва аҳдҳои дигареро, ки ба таъмин ва қонеъ гардонидани талаботи шахси таҳти парасторӣ равона гардидаанд, парастор (ёвари)-и ў бо ризоияти шахси таҳти парасторӣ анҷом медиҳад.

4. Ҳимоя (патронаж)-и мутобиқи қисми 1 ҳамин модда муқарраргардидаи шаҳрванди болиғи қобили амал бо талаби шаҳрванди таҳти ҳимоя қарордошта қатъ мегардад.

Парастор (ёвар)-и шаҳрванди таҳти ҳимоя қарордошта дар ҳолатҳои пешбининамудаи моддаи 40 ҳамин Кодекс аз иҷрои вазифаҳои ба зиммааш гузошташуда озод карда мешавад.

5. Танҳо шаҳрвандони болиғи қобили амал, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон васҳ ё парастор шудани онҳоро манъ накардааст, парастори (ёвари) шаҳрванди болиғи қобили амал таъин шуда метавонанд.

# КОДЕКСИ ШАҲРСОЗИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз 28.12.2012, №933
(иқтибос)

## БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ АСОСӢ

**Моддаи 4. Принсипҳои асосии фаъолияти шаҳрсозӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Фаъолияти шаҳрсозӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба принсипҳои зерин асос меёбад:

- масъулияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ҷиҳати таъмини шароити мусоиди зиндагии аҳолии ҳудуди дахлдор, барои таъмини маҳалҳои аҳолинишин бо объектҳои инфрасохторҳои муҳандисӣ, наклиётӣ ва иҷтимоии таъиноти истироҳатӣ ва солимгардонии на камтар аз сатҳи меъёру қоидаҳои муқарраршудаи шаҳрсозӣ оид ба хизматрасонии аҳолӣ барои ҳамин намуди маҳалли аҳолинишин, инчунин объектҳои ҳудудҳои ободонӣ;
- эҳтироми ҳуқуқ ва манфиатҳои шаҳрвандон ва дигар субъектҳои фаъолияти шаҳрсозӣ;
- таъмин намудани шароит барои маъюбон ҷиҳати дастрасии бемонеа ба объектҳои таъиноти иҷтимоӣ ва таъиноти дигар;
- таъмини шароит барои иштироки шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои онҳо дар фаъолияти шаҳрсозӣ бо роҳи баррасӣ ва қабули қарорҳо дар соҳаи мазкур;
- амалӣ намудани фаъолияти шаҳрсозӣ бо риояи талаботи ҳифзи муҳити зист, амнияти санитарию эпидемиологӣ ва экологӣ бо назардошти омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва омилҳои дигар;
- ҷавобгарӣ барои риоя накардани қонунгузорӣ дар бораи фаъолияти шаҳрсозӣ;
- дар ҳаҷми пурра ҷуброн намудани зараре, ки ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар натиҷаи риоя накардани талаботи қонунгузорӣ дар бораи фаъолияти шаҳрсозӣ расонида шудааст;
- идора намудани хатарҳо ҳангоми амалӣ намудани фаъолияти шаҳрсозӣ, аз ҷумла бо назардошти дараҷаи хавфнокии объект барои ҳаёт ва саломатии инсон;

- ҳангоми дар мӯҳлатҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи муроҷиатҳои шаҳрвандон вобаста ба амалӣ намудани фаъолияти шаҳрсозӣ пешниҳод нагардидани ҷавоби мусбӣ ва ё манфӣ аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ, ҳамчун ҷавоби мусбӣ қабул намудани ин амал.

**Моддаи 64. Экспертизаи давлатии ҳуҷҷатҳои лоиҳавии шаҳрсозӣ**

6. Ба ваколати истисноии экспертизаи давлатӣ экспертизаи асосноккунии сармоягузориҳо, асосноккунии техникию иқтисодӣ ва ҳисобӣ кардани ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ барои сохтмони объектҳои (маҷмааҳое) дахл доранд, ки:

- мутобиқат ба талаботи меъёрҳои давлатӣ оид ба бехатарии санитарӣ, экологӣ, сӯхторнишонӣ, таркиш, ҳифзи меҳнат, устувории конструксияҳо, пойдории фаъолият дар ҳолати хатарнокии потенсиалӣ ва объектҳои аз ҷиҳати техникӣ мураккаб, таъмин намудани дастрасии объектҳои инфрасохтори иҷтимоӣ, нақлиёт ва истироҳатиро ба маъюбон, новобаста ба сарчашмаҳои маблағгузории сохтмон талаб мекунанд.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Эмомалӣ Раҳмон**

ш. Душанбе,
28 декабри соли 2012, № 933

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР БОРАИ АДВОКАТУРА ВА ФАЪОЛИЯТИ АДВОКАТӢ

(иқтибос)

**Моддаи 32. Расонидани ёрии ҳуқуқии ройгон**

1. Узви Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шахсони зерин ёрии ҳуқуқии ройгон мерасонад:

- ба даъвогарон дар судҳои марҳилаи якум ҳангоми баррасии парвандаҳо оид ба ситонидани алимент ва барқарор кардан ба кор;
- ба иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва шахсони ба онҳо баробаркардашуда, инчунин шахсоне, ки бар асари фалокати Нерӯгоҳи барқи атомии Чернобил зарар дидаанд, маъюбон ва шахсоне, ки саробони худро дар давраи муқовимати сиёсӣ ва ҳарбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз даст додаанд ва гурезаҳо;
- ба шаҳрвандон аз рӯи шикоят оид ба роҳ додани ғалат дар рӯйхати интихобкунандагон;
- ба вакилони мақомоти намояндагии ҳокимияти давлатӣ ҳангоми додани маслиҳат оид ба масъалаҳои қонунгузорӣ, ки бо иҷрои ваколатҳои вакилии онҳо алоқаманданд;
- ба ноболиғон, агар васӣ ё парастор надошта бошанд;
- ба даъватшавандаҳо ба хизмати ҳарбӣ ва хизматчиёни ҳарбии мӯҳлатнок;
- ба шаҳрвандони камбизоате, ки даромади умумиашон барои ҳар як аъзои оила дар як моҳ камтар аз як нишондиҳанда барои ҳисобҳо мебошад;
- дар ҳолатҳои дигаре, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ кардааст.

2. Номгӯи ҳуҷҷатҳоеро, ки барои гирифтани ёрии ҳуқуқии ройгон зарур аст, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Эмомалӣ Раҳмон**

ш. Душанбе,
18 марти соли 2015, № 1182

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
# ДАР БОРАИ МИЛИТСИЯ

(иқтибос)

**Моддаи 15. Истифодаи силоҳи оташфишон**

Истифодаи силоҳи оташфишон чун чораи ниҳои ин паррондани тир барои безарар гардонидани шахсе мёбошад, ки ҳаракати хавфноки он пешгирӣ карда мешавад.

Пеш аз истифодаи силоҳи оташфишон, ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи Қонуни мазкур дар бораи нияти истифодаи он бояд қаблан огоҳӣ дода шавад...

Истифодаи силоҳи оташфишон нисбати занҳо, шахсони аломатҳои маъюбиашон аён ва ноболиғон манъ аст, ғайр аз ҳолатҳое, ки аз ҷониби онҳо содир намудани ҳуҷум, нишон додани муқобилати мусаллаҳона, содир намудани ҳуҷуми гурӯҳӣ ва ё мусаллаҳонае, ки ба ҳаёти одамон таҳдид мекунад, инчунин ҳангоми ҷамъ шудани одамон, ки аз ин амал метавонад шахсони бегуноҳ зарар бинанд.

**Моддаи 31. Ҳифзи иҷтимоии корманди милитсия, ки бо сабаби ба нафақа баромадан аз кор сабукдӯш шудааст**

Корманди милитсия, ки бинобар расидан ба синну соли муқарраргардида, ба сабаби беморӣ ё ки пурра гардидани собиқаи хизматӣ ба нафақа меравад, ба имтиёзҳои барои кормандони милитсия пешбининамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъминоти нафақаи хизматчиёни ҳарбӣ» аз ҷумла ба таъминоти тиббӣ дар муассисаҳои табобатие, ки дар он ҷо ба қайд гирифта шудааст, ҳуқуқ дорад.

Андозаи нафақаи корманди милитсия, ки бинобар расидан ба синни муқарраршуда, бо сабаби беморӣ ё фаророрасии мӯҳлати собиқаи хизмат аз кор озод карда шудааст, бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъминоти нафақаи хизматчиёни харбӣ» ҳисоб карда мешавад.

Барои шахсоне, ки аз хизмати милитсия озод шудаанд, дар сурати таҳдид ба ҳаёт, ба саломатӣ ва амволи онҳо бинобар фаъолияти пештараашон муқаррароти қисмҳои сеюм, чорум ва панҷуми моддаи 26 Қонуни мазкур эътибор пайдо менамояд.

Ҳангоми ба хизмати мақомоти корҳои дохилӣ қабул шудани мутахассисони моҳир, ки дар мақомоти корҳои дохилӣ аз рӯи ихтисоси асосӣ корро давом додаанд, собиқаи меҳнатиашон барои таъмини нафақа ва илова намудани маоши изофагӣ ба собиқаи хизматӣ аз ҳисоби ду соли собиқаи умумии меҳнатӣ бар як соли хизмат ба мӯҳлати хизмат ҳисоб карда мешавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Эмомалӣ Раҳмон**

ш. Душанбе,
аз 17 майи соли 2004, № 41

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
# ДАР БОРАИ МУСОИДАТ БА ШУҒЛИ АҲОЛӢ

(иқтибос)

Қонуни мазкур муносибатҳои ҷамъиятиро оид ба шуғли аҳолӣ танзим намуда, асосҳои ҳуқуқӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва ташкилии сиёсати давлатӣ дар ин самт, аз ҷумла кафолатҳои давлатро дар амалӣ гардонидани ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба меҳнат ва ҳифзи иҷтимоӣ аз бекорӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ муқаррар менамояд.

## БОБИ I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

**Моддаи 1. Мафҳумҳои асосӣ**

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода бурда мешаванд:

**Бекорӣ** - падидаи иҷтимоию иқтисодиест, ки ба Қисми муайяни Қувваи корӣ мавҷуд набудани талабот дар бозори меҳнат вобастагӣ дорад.

**Шаҳрвандони бекор** - шаҳрвандони синну соли Қобили меҳнате, ки дар давраи баррасишаванда кор, музди меҳнат ва шуғли даромаднок надоранд, бо роҳи муроҷиат ба хадамоти давлатӣ ё хадамоти дигари шуғли аҳолӣ тавассути истифода ва ҷойгир намудани эълонҳо дар матбуот, муроҷиати бевосита ба корфармоён, истифодаи усулҳои дигар, аз ҷумла ташкили кори инфиродӣ ба ҷустуҷӯи кор машғул буданд, метавонанд ва тайёр ҳастанд ба кор шурӯъ намоянд (Конун аз 30.07.2007 № 325).

**Чораҳои фаъоли мусоидат ба шуғли аҳолӣ** - чораҳое, ки барои аз нав оғоз гардидани шуғли шаҳрвандони бекор мусоидат намуда, ба васеъшавии имконияти бо кор таъмин кардани онҳо равона гардидаанд. Ба қатори чунин чораҳо ёрӣ расонидан дар ҷустуҷӯи кор, тайёрӣ ва бозомӯзонии касбии аҳолии бекор, мусоидат ба фаъолияти инфиродии меҳнатӣ, корхонаҳои соҳибкории хурд ва миёна, дигар намуди чораҳо ҷиҳати мусоидат ба шуғли аҳолӣ дохил мешаванд (Қонун аз 31.12.2008с. №472).

**Дастгирии иҷтимоии шаҳрвандони бекор** - хизматрасонӣ ҷиҳати мусоидат ба шуғли аҳолӣ; пардохти кӯмакпулӣ барои бекорӣ ва стипендия ҳангоми тарбия ва бозомӯзии касбии

шаҳрвандони бекор; расонидани ёрии моддӣ ба аъзои оилаи синнашон то 15 - солаи шахси бекор, ки дар таъминоти ӯ мебошанд; расонидани кӯмаки молиявӣ ба шаҳрвандони бекор, ки хоҳиши бо фаъолияти соҳибкорӣ машғул шуданро доранд (Қонун аз 28.12.2005 № 137, аз 31.12.2008с. №472).

**Кӯмакпулӣ барои бекорӣ** - ёрии моддии муваққатии аз тарафи давлат кафолатдодашудае, ки ба шаҳрвандони бекори расман ба қайдгирифташудаи барои гирифтани он ҳуқуқдошта пардохта мешавад.

**Шуғл** - ҳама гуна фаъолияти шаҳрвандони қобили меҳнат, ки ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолиф набуда, ба қонеъ гардонидани талаботи шахсӣ ва ҷамъиятиашон алоқаманд мебошад ва ба онҳо даромад (музд) меоварад.

**Шуғли (кори) муваққатӣ** - кори музднoки муваққатие, ки дар асоси шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ дар давраи маҳдуди вақт иҷро карда мешавад.

**Кори мувофиқ** - коре, ки онро шаҳрванд иҷро карда метавонад, ба ҷинс, маълумот, ихтисос, тайёрии касбӣ, собиқаи меҳнатӣ ва таҷрибаи корӣ шароитҳои ҷои кори охирин (ба истисноии корҳои ҷамъиятии музднок), вазъи саломатии ӯ мувофиқ буда, аз маҳали зисташ начандон дур ҷойгир (на зиёда аз як соат дар роҳ) бошад ва музди меҳнаташро дар сатҳи на пасттар аз ҳадди ақали музди меҳнатӣ расман муқараршуда кафолат диҳад.

**Бозори меҳнат** - соҳаи ташаккули талабот ва пешниҳод ба қувваи корӣ.

**Корҳои ҷамъиятӣ** - намудҳои фаъолияти меҳнатии дастраси умум, ки чун қоида, тарбияи пешакии касбии кормандонро, ки самти иҷтимоии фоиданок дошта, ҳамчун дастгирии иловагии иҷтимоӣ ва шуғли муваққатии шахсони корҷӯянда ташкил карда мешаванд, талаб намекунанд. Ба корҳои ҷамъиятҷ фаъолияте, ки бо зарурияти таъҷилан бартараф намудани оқибати садамаҳо, офатҳои табиғ, фалокатҳо, дигар ҳолатҳои фавқулодда вобаста аст ва омодагии махсуси кормандон, инчунин амалҳои маҳоратнок ва масъулиятноки онҳоро дар муддати кӯтоҳтарин талаб мекунад, дахл надорад.

**Миёнаравии меҳнатӣ** - мусоидат намудан ба аҳолӣ ҳангоми бо кор таъмин кардан аз ҷониби мақомоти хадамоти давлатии шуғли аҳолӣ ва дигар ташкилотҳо (Қонун аз 30.07.2007 № 325).

**Хадамоти давлатии шуғли аҳолӣ** - мақомоти давлатии идора ва танзими шуғли аҳолии қобили меҳнат буда, сиёсати мусоидат ба шуғли аҳолӣ ва ба шаҳрвандон таъмин намудани кафолатҳои дахлдорро дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамояд.

**Хадамоти шуғл** - ин мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ва ё ташкилотҳо мебошанд (Қонун аз 30.07.2007 № 325).

**Вакансия** - ҷои кории холӣ дар ташкилотҳо.

**Аҳолии аз ҷиҳати иқтисодҷ фаъол (қувваи корӣ)** - қисми аҳолие, ки пешниҳоди қувваи кориро барои истеҳсоли молҳо ва хизматрасонӣ таъмин менамояд. Шумораи аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол, бекорон ва шахсони машғули кор бударо дарбар мегирад.

**Аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ ғайрифаъол** - қисми аҳолии синну соли қобили меҳнат, ки ба ҳайати аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол (қувваи корӣ) дохил намешавад.

**Моддаи 9. Кафолатҳои иловагии шуғл барои гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ**

Давлат ба шаҳрвандоне, ки ба ҳифзи иҷтимоӣ мӯҳтоҷанд, дар ҷустуҷӯи кор душворӣ мекашанд ва дар бозори меҳнат ба рақобати баробар қодир нестанд, бо роҳи таҳия ва амалӣ намудани барномаҳои мақсадноки мусоидат ба шуғл, ташкил намудани ҷойҳои иловагии корӣ дар ташкилоту муассисаҳо, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқиашон ва тараққӣ додани корхонаҳои махсусгардонидашуда (аз он ҷумла ташкилотҳо барои ҷалби меҳнати маъюбон), муқаррар намудани квотаҳо барои ба кор қабул намудани маъюбон ва гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ, расонидани хизмати самтгирии касбӣ, инчунин бо роҳи ташкил намудани омӯзиш аз рӯи барномаҳои махсус ва дигар чораҳо кафолатҳои иловагиро таъмин менамояд.

Квота барои ба кор қабул намудани маъюбон мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон" муқаррар карда мешавад.

Тартиби ворид намудани квота барои ба кор қабул кардани гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолиро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои шаҳрвандони дар корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳое, ки бинобар сабаби гузаронидани тадбирҳои беҳтар намудани вазъи экологии дар натиҷаи офатҳои табиӣ ва муфлисшавӣ баамаломада бояд барҳам

дода (ё аз нав ташкил карда) шаванд, машғули коранд, кафолатҳои иловагӣ муқаррар менамояд.

**Моддаи 19. Мусоидати корфармоён ба таъмини шуғли аҳолӣ**

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи меҳнат, дар барномаҳои давлатӣ, минтақавӣ ва соҳавии мусоидат ба шуғли аҳолӣ, шартномаҳои коллективӣ ва созишномаҳои ҳифзи меҳнаткашон дар мавриди боздоштани истеҳсолот ё аз кор хориҷ намудани командон пешбинӣ шудаанд;

- риояи квотаҳои муайяншуда барои бо кор таъмин намудани маъюбон ва гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ;

- бо кор таъмин намудани шаҳрвандони ба ҳифзи иҷтимоӣ мӯҳтоҷбуда ё захира намудани намудҳои алоҳидаи ҷойҳои корӣ барои бо кор таъмин намудани чунин шаҳрвандон, ки аз тарафи мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо ва мақомоти худидораи маҳаллӣ муайян карда мешаванд.

Корфармоён вазифадоранд саривақт, на камтар аз ду моҳ пеш ва дар ҳаҷми пурра ба мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ва мақомоти иттифоқи касаба ё дигар мақомоти намояндагии кормандон дар бораи аз кор озодкунии оммавии меҳнаткашон, аз ҷумла бо сабаби барҳам додани ташкилот, ихтисор намудани шумора ё штат, шумора ва гурӯҳҳои кормандоне, ки ин ихтисоршавӣ ба онҳо дахл дорад, бо нишон додани касб, ихтисос, дараҷаи ихтисос ва андозаи музди меҳнати корманди аз кор хориҷшаванда, инчунин оид ба мӯҳлате, ки аз кор озодкунии онҳо пешбинӣ шудааст, маълумоти хаттӣ пешниҳод намоянд. Барои пинҳон намудан ва пешниҳод накардани чунин маълумот тибқи тартиби муқаррааргардида корфармоён ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида мешаванд.

Корфармоён бояд ба мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ маълумоти зеринро пешниҳод намоянд:

- маълумот дар бораи нисбат ба ташкилоти мазкур истифода бурдани тартиби муфлисшавӣ, инчунин маълумоти барои иҷрои фаъолият оид ба офиятбахшии касбӣ ва мусоидат ба шуғли маъюбон зарурбуда;

Дар мавриди иҷро накардани квота барои ба кор қабул намудан корфармоён мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгар мебошанд.

Ҷойҳои корӣ барои маъюбон танҳо бо мувофиқаи мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ барҳам дода мешаванд.

**Моддаи 21. Тайёрии касбӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзонии шаҳрвандони бекор**

Ҳуқуқи бо тартиби афзалиятнок аз тайёрии касбӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзӣ гузаштанро маъюбони бекор, шаҳрвандони бекор баъди гузаштани зиёда аз шаш моҳи бекорӣ, шаҳрвандони аз хизмати ҳарбӣ озодшуда, ҳамсарони хизматчиёни ҳарбии аз хизмати ҳарбӣ озодшуда, хатмкунандагони муассисаҳои таълими умумӣ, инчунин шаҳрвандоне, ки бори аввал кор меҷӯянд (пештар кор накардаанд) ва ихтисос надоранд, доро мебошанд.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Эмомалӣ Раҳмон**

ш. Душанбе,
1 августи соли 2003, № 44

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
# ДАР БОРАИ МАОРИФ

(Иқтибос)

**Моддаи 1. Мафҳумҳои асосӣ**

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

– **адабиёти таълимӣ** – асарҳои хаттӣ ва чопӣ, ки ҳамчун воситаи таълимӣ барои ҳамаи зинаҳои таҳсилот, такмили ихтисос, бозомӯзӣ ва таҳсилоти иловагӣ интишор меёбанд;

– **аккредитатсияи давлатии муассисаи таълимӣ** – муайян кардани мақоми муассисаи таълимӣ барои пешбурди фаъолияти таълимӣ мутобиқи стандартҳои давлатии таҳсилот;

– **аспирант** – шахси дорои таҳсилоти олии касбӣ, ки бо мақсади таҳияи рисола ва дарёфти дараҷаи илмии номзади илм дар аспирантура таҳсил менамояд;

– **аттестатсияи хатм** – тартиби муқаррар намудани мутобиқати мазмун, сатҳ ва сифати тайёрии хатмкунандагони муассисаҳои таълимӣ ба талаботи стандартҳои давлатии таҳсилот;

– **аттестатсияи давлатии муассисаи таълимӣ** – муайян кардани мутобиқати заминаи моддию техникӣ ва кадрии муассисаи таълимӣ ба талаботи стандартҳои давлатии таҳсилот ва мутобиқати фаъолияти муассисаи таълимӣ тибқи меъёрҳои муқарраршуда;

– **баҳогузории маҷмӯӣ ба фаъолият** – иҷозатномадиҳии такрорӣ, аттестатсия ва аккредитатсияи давлатии навбатии муассисаи таълимӣ дар шакли муттаҳидшудаи ин амалиёт дар як мӯҳлат;

– **бакалавр** – шахси дорои дараҷаи аввали таҳсилоти олии касбие, ки доир ба назария ва амалияи самти ихтисосаш дониш, маҳорат ва малакаи касбиро соҳиб шудааст;

– **барномаи таълимӣ** – ҳуҷҷате, ки дар он мазмуни фанни таълимӣ, мақсаду вазифаҳо, тарзи ташкили раванди таълим, талабот ба сатҳи донишу маҳорат ва малакаи таълимгиранда ифода ёфтаанд;

– **интернатура** – ихтисосгирии баъдидипломӣ барои шахсони дорои таҳсилоти олии касбии тиббӣ ва фармасевтӣ;

– **донишҷӯ** – шахсе, ки дар зинаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва олии касбӣ (бакалавриат, магистратура ва мутахассис) таҳсил менамояд;

– **зинаҳои таҳсилот** – марҳилаҳои таълиму тарбия, ки давраҳои таҳсилоти умумӣ (ибтидоӣ, умумии асосӣ ва миёнаи умумӣ), ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ, олии касбӣ ва касбии баъд аз муассисаи олии таълимиро дар бар мегиранд;

– ***китоби дарсӣ*** – воситаи таълимие, ки тибқи барномаи таълимӣ асосҳои соҳаи муайяни илмро пайдарҳам ифода менамояд;

– **маблағгузории сарикасӣ** – маблағгузорие, ки дар асоси меъёрҳои ҳадди ақалли маблағгузорӣ тартиб дода шуда, вобаста ба намуд ва шакл, зинаи таҳсилот, маҳалли ҷойгиршавии муассисаи таълимӣ ба сари ҳар як таълимгиранда ва муассисаи таълимӣ муайян ва тақсим карда мешавад;

– **магистратура** – дараҷаи дуюми таҳсилоти олии касбие, ки ба хатмкунандагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ пас аз супоридани имтиҳонҳои давлатӣ ё ҳимояи рисолаи магистрӣ дипломи намунаи давлатиро медиҳад;

– **мазмуни таълим** – сохтор, мундариҷа ва ҳаҷми барномаи таълимие, ки азхудкунии он имкони гирифтани дараҷаи таҳсилот ва ихтисоси муайянро медиҳад;

– **мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф** – мақоми иҷроияи марказии ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки сиёсати давлатиро дар соҳаи маориф амалӣ мекунад ва раванди таълиму тарбияро дар муассисаҳои таълимӣ, новобаста ба шакли ташкилию ҳуқуқӣ, назорат ва роҳбарӣ менамояд;

– **мақомоти дахлдори давлатӣ** – мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти дигари давлатие, ки ваколатҳои муайянеро дар соҳаи маориф бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамоянд;

– **мактаби (синфи) камнуфус** – муассисаи таълимие (синфе), ки дар маҳалҳои камаҳолӣ барои бо таҳсил фаро гирифтани шумораи ками хонандагон таъсис дода мешавад;

– **маориф** - раванди таълиму тарбия ба манфиати шахс, ҷамъият ва давлат, ки соҳиби дараҷаи муайяни таҳсилот гардидани таълимгирандагонро таъмин мекунад;

– **машғулияти инфиродӣ** – шакли таълим бо истифодаи тарзҳои гуногуни таълими инфиродӣ, ки ба хонанда ё донишҷӯ дониши иловагӣ медиҳад;

– **муассисаи таълимӣ** – ташкилоти таълимии давлатӣ ва ғайридавлатӣ, новобаста ба шакли ташкилию ҳуқуқӣ, ки раванди

муттасили таълиму тарбияро ба роҳ монда, як ё якчанд барномаҳои таълимиро амалҷӣ мегардонад;

– **муассисаи таълимии махсус** – ташкилоте, ки дорои шароити муайяни таълиму тарбия ва муҳити махсуси педагогӣ буда, офияти тиббию иҷтимоӣ, таҳсилу касбомӯзии кӯдаконеро, ки ба табобати тӯлонӣ эҳтиёҷ доранд, гирифтори иллати ҷисмонӣ ё равонӣ мебошанд ва ё рафтори онҳо барои ҷамъият хавфнок аст, таъмин менамояд;

– **муассисаи томактабӣ** – ташкилоте, ки барои кӯдакони синни томактабӣ пешбинӣ шуда, онҳоро бо таълиму тарбияи аввалия фаро мегирад;

– **мутахассис** – шахсе, ки соҳиби таҳсилоти олии касбӣ буда, доир ба назария ва амалияи самти ихтисосаш дониш, маҳорат ва малакаи касбиро соҳиб шудааст ва барои иҷро намудани кори илмӣ имконият дорад;

– **натиҷаи таълим** – маҷмӯи дониш, маҳорат, малака, ақида, ҷаҳонбинӣ ва арзишҳои маънавие, ки таълимгирандагон дар давоми таҳсил дар муассисаи таълимӣ соҳиб мегарданд;

– **нақшаи таълимӣ** – ҳуҷҷате, ки омӯзиши фанҳои таълимӣ ва тақсимоти солонаи онҳоро барои тамоми давраи таҳсил дар муассисаҳои таълимӣ муайян менамояд;

– **низоми маориф** – мақомоти идоракунии маориф, муассисаҳои таълимӣ, субъектҳои раванди таълиму тарбия, муассисаю дигар ташкилотҳои соҳаи маориф, иттиҳодияҳои муассисаҳои таълимӣ, воҳидҳои сохторӣ ва дигар сохторҳое, ки дар асоси стандартҳои давлатии таҳсилот маҷмӯи барномаҳои таълимӣ ва сиёсати давлатиро дар соҳаи маориф амалӣ менамоянд;

– **нострификатсия** – муайян кардани баробарарзишии ҳуҷҷатҳои таҳсилотии шахсоне, ки муассисаҳои таълимии давлатҳои хориҷӣ ва ё ташкилотҳои байналмилалиро хатм кардаанд;

– **омӯзгор** – шахси дорои таҳсилоти касбӣ, ки ба таълиму тарбия машғул мебошад;

– **фаъолияти инфиродии омӯзгорӣ** – фаъолияти омӯзгорие, ки дар муассисаи таълимӣ берун аз вақти кор ва ё берун аз муассисаи таълимӣ дар асоси шартнома амалӣ карда мешавад;

– **ординатура (резидентура)** – таҳсилоти олии касбии баъдидипломии тиббие, ки аз рӯи ихтисосҳои муайяни тиббӣ зери роҳбарии табиби дараҷаи илмидошта ё табибони пуртаҷриба анҷом дода мешавад;

– **сифати таълим** – тарзи ташкили дуруст ва самараноки раванди таълим, ки дар натиҷаи он шахс соҳиби таҳсилот мегардад;

– **сифати таҳсилот** – маҷмӯи нишондиҳандаҳои стандартҳои давлатии таҳсилот ва талаботи давлатӣ;

– **стандартҳои давлатии таҳсилот** – маҷмӯи меъёрҳое, ки мазмуни таҳсилот, моҳияту мӯҳлати таълим, ҳаҷми сарбории таълимӣ, сатҳи азхудкунии донишро аз тарафи таълимгирандагон ифода намуда, талаботи асосӣ ба таъмини раванди таълим, мазмуну мундариҷаи барномаҳои таълимӣ ва баҳогузории сатҳи донишро дар муассисаҳои таълимӣ бо назардошти дастовардҳои миллӣ ва умумибашарӣ муайян мекунанд;

– **тарбия** – раванди мақсадноки ба воя расонидани кӯдак аз ҷониби падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда), муассисаи таълимӣ, ҷамъият ва ба зиндагии мустақилона омода намудани ӯ;

– **таълим** – фаъолияти муштараки падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда), омӯзгор ва муассисаи таълимӣ барои инкишофи кӯдак, такмили истеъдод, маҳорат, малака ва қобилияти фикрию ҷисмонии ӯ;

– **тарбиягиранда** – кӯдаке, ки дар муассисаҳои томактабӣ бо тарбия ва таълим фаро гирифта шудааст;

– **таълимгиранда** – тарбиягиранда, хонанда, донишҷӯ, аспирант, шунавандаи муассисаи таълимӣ;

– **таҳсилот** – раванди муттасили таълиму тарбия, ки ба инкишофи маънавӣ, зеҳнӣ, фарҳангӣ, ҷисмонӣ ва салоҳияти касбии шахс равона карда шудааст;

– **таҳсилоти калонсолон** – маҷмӯи равандҳои таҳсилот, ки бо кӯмаки он калонсолон қобилият ва дониши худро инкишоф дода, дараҷаи тахассуси касбӣ ва техникиашонро баланд мебардоранд ё самти навро интихоб менамоянд;

– **таҳсилоти муттасил** – дар тӯли ҳаёт гирифтани таҳсилот ва мукаммал гардонидани донишу ҷаҳонбинӣ;

– **таҳсилоти фосилавӣ** – тарзи амалигардонии раванди таълим бо истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ, ки таълимро дар масофа бе иштироки бевоситаи шахсии омӯзгор ва таълимгирандагон имконпазир мегардонад;

– **таҳсилоти фарогир** – барои кӯдакон, новобаста ба ҷинс, нажод, забон, миллат, эътиқоди динӣ, иллати ҷисмонӣ ё равонӣ, қобилият, вазъи фарҳангӣ ва иҷтимоӣ муҳайё кардани шароити мусоид ҷиҳати гирифтани таҳсилот;

– **таҷҳизоти таълимӣ** – таҷҳизоте, ки дар раванди таълим барои ташаккули дониш, маҳорат, малака, инкишофи ҷисмонӣ ва зеҳнии таълимгирандагон истифода мешавад;

– **раванди таълим** – низоми фаъолияти таълимию тарбиявӣ барои расидан ба мақсадҳои таълим;

– **экстернат** – омӯзиши мустақилонаи фанҳои таълимӣ мутобиқи барномаи асосии таълимӣ бо аттестатсияи минбаъдаи хатм дар муассисаҳои таълимӣ.

**Моддаи 6. Кафолати давлатии ҳуқуқи шаҳрвандон ба таҳсил**

1. Давлат ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, новобаста ба миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ ва молумулкӣ ҳуқуқ ба таҳсилро кафолат медиҳад.

2. Давлат ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон таълими ҳатмии умумии асосии ройгонро дар муассисаҳои таълимии давлатӣ, инчунин дар доираи фармоишҳои давлатӣ дар асоси озмун ройгон гирифтани таҳсилотро дар зинаҳои минбаъдаи таҳсилот кафолат медиҳад.

3. Ҳуқуқи шаҳрванд ба таҳсил аз рӯи синну сол, вазъи саломатӣ, мавҷудияти доғи судӣ ва дигар нишонаҳо метавонад танҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳдуд карда шавад.

4. Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд барои интихоби муассисаи таълимӣ ва шакли таҳсилот: рӯзона, шабона, ғоибона, оилавӣ, фарогир, фосилавӣ ва экстернат ҳуқуқ доранд.

5. Давлат дар муассисаҳои таълимии давлатии таҳсилоти ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ, олии касбӣ ва касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ як маротиба гирифтани таълими ройгонро кафолат медиҳад.

6. Давлат таълимгирандагони болаёқатро дастгирӣ намуда, ба таҳсилоти онҳо кӯмак мерасонад, аз рӯи натиҷаи таълим барояшон стипендияҳои махсуси давлатӣ муқаррар менамояд ва ҳангоми зарурат онҳоро барои таҳсил ба хориҷа мефиристад.

7. Давлат таъминот ва хароҷоти таълиму тарбияи кӯдакони ятиму бепарастор, кӯдакони дорои имконияти маҳдуд, маъюбон ва дигар шахсонеро, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд, дар муассисаҳои таълимии давлатӣ аз ҳисоби маблағи

буҷетӣ кафолат дода, пас аз хатми муассисаҳои таълимӣ онҳоро бо ҷои кор таъмин менамояд.

8. Давлат барои шаҳрвандоне, ки муддати тӯлонӣ бо сабаби беморӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ рафта наметавонанд, дар хона ё дар муассисаҳои тандурустӣ таълими ройгонро ташкил мекунад.

9. Хатмкунандагони муассисаҳои таълимӣ барои идомаи таҳсил дар зинаҳои минбаъдаи таҳсилот ҳуқуқи баробар доранд.

10. Шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд барои таълиму тарбияи томактабӣ, таҳсилоти ибтидоӣ, умумии асосӣ ва миёнаи умумӣ бо шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи баробар доранд.

**Моддаи 20. Таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ**

1. Таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ ба шаҳрвандон имконият медиҳад, ки дараҷаи таҳсилоти худро дар заминаи таҳсилоти олии касбӣ инкишоф диҳанд.

2. Муассисаи таълимии таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ бо мақсади тайёр кардани мутахассисони илмӣ ва илмию омӯзгорӣ барои муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва муассисаҳои илмӣ ташкил карда мешавад. Муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва муассисаҳои илмии алоҳидае, ки дорои заминаи илмӣ ва моддию техникӣ мебошанд ва аз аккредитатсияи давлатӣ гузаштаанд, метавонанд зинаҳои таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ - магистратура, интернатура, ординатура (резидентура), аспирантура, докторантура (доктори илм, доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисос) таъсис диҳанд ва вазифаи ходими илмиро ҷорӣ намоянд.

3. Фаъолияти илмӣ дар муассисаи таълимии таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

**Моддаи 22. Таҳсилоти махсус**

1. Таҳсилоти махсус ҳамчун қисми таркибии соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсил ва офияти тиббию иҷтимоии кӯдаконеро таъмин менамояд, ки ба табобати тӯлонӣ эҳтиёҷ доранд, гирифтори иллати ҷисмонӣ ё равонӣ мебошанд ва ё рафтори онҳо барои ҷамъият хавфнок аст.

2. Барои кӯдаконе, ки ба табобати тӯлонӣ эҳтиёҷ доранд, муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумии солимгардонии санаторӣ, мактаб-интернатҳои санаторӣ, хонаҳои санатории кӯдакона ташкил карда мешаванд.

3. Барои кӯдаконе, ки гирифтори иллати ҷисмонӣ ё равонӣ мебошанд ва дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ имкони таҳсил карданро надоранд, муассисаҳои махсуси таҳсилоти умумӣ, мактаб- интернатҳо ва синфҳои махсус таъсис дода мешаванд. Муассисаҳои таълимии мазкур таълиму тарбия, табобат ва офияти тиббию иҷтимоии ин гуна кӯдаконро таъмин намуда, онҳоро ба меҳнати муфиди ҷамъиятӣ омода месозанд.

4. Кӯдаконе, ки гирифтори иллати ҷисмонӣ ё равонӣ мебошанд, бо ризоияти падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда) метавонанд якҷоя бо кӯдакони солим дар муассисаҳои таълимӣ таҳсил намоянд ё барои онҳо машғулиятҳои инфиродӣ ташкил карда мешаванд.

5. Кӯдакони гирифтори иллати ҷисмонӣ ё равонӣ дар комиссияҳои тиббию омӯзгорӣ, ки бо қарори мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ таъсис дода мешаванд, дар ҳузури падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда) аз ташхис мегузаранд.

6. Барои кӯдакони аз 10-сола боло, ки ахлоқу рафтори онҳо барои ҷамъият хавфнок буда, ба шароити алоҳидаи таълиму тарбия эҳтиёҷ доранд ва муносибати махсуси омӯзгориро талаб мекунанд, муассисаҳои таълимии мухталифи махсус, ки офияти тиббию иҷтимоии онҳоро таъмин мекунанд, таъсис дода мешаванд. Ба муассисаҳои таълимии мазкур кӯдакон бо қарори суд фиристода мешаванд.

7. Таҳсилоти махсус дар асоси нақша ва барномаи махсус бо истифода аз технологияҳои муосири таълим вобаста ба муайян намудани дараҷаи тамоюли иллати ҷисмонӣ ё равонии кӯдакон ҷараён мегирад.

8. Мӯҳлати таҳсилоти махсуси умумии ҳатмиро мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф вобаста ба намуд ва дараҷаи тамоюли иллати ҷисмонӣ ё равонии кӯдакон муайян мекунад.

9. Таҳсилоти касбии хатмкунандагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти махсус дар асоси феҳристи самт ва ихтисосҳои таҳсилоти касбӣ, ки ба ҳамин гурӯҳи хатмкунандагон мувофиқ мебошад, дар муассисаҳои таълимии махсус ё дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти касбӣ ташкил карда мешавад.

10. Таълиму тарбияи кӯдакон дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти махсуси давлатӣ ройгон аст.

**Моддаи 44. Ҳуқуқҳо ва ҳифзи иҷтимоии субъектҳои раванди таълиму тарбия**

1. Ҳуқуқҳо ва ҳифзи иҷтимоии субъектҳои раванди таълиму тарбия мутобиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешаванд.

2. Хонандагон ва донишҷӯёни муассисаҳои таълимие, ки аз аккредитатсияи давлатӣ гузаштаанд, баъди анҷоми таҳсил ҳуқуқи гирифтани таҳсилотро дар зинаи минбаъдаи таҳсилот доранд.

3. Хонандагон ва донишҷӯёне, ки дар муассисаҳои таълимии ғайридавлатии аз аккредитатсияи давлатӣ нагузашта таҳсил мекунанд, ҳуқуқ доранд имтиҳонҳои хатмро бо иҷозати мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф ва мақомоти маҳаллии идоракунии маориф дар муассисаҳои таълимии давлатие, ки аз аккредитатсияи давлатӣ гузаштаанд, супоранд.

4. Хонандагон ва донишҷӯёни муассисаҳои таълимии таҳсилоти касбии давлатӣ ва ғайридавлатӣ ҳуқуқ доранд ба муассисаҳои дигари таълимии таҳсилоти касбии давлатӣ ва ғайридавлатӣ, ки иҷрои барномаҳои таълимии ба ҳамон сатҳ ва ихтисос мувофиқро таъмин мекунанд, ба таври истисно гузаранд. Тартиби ба таври истисно аз як муассисаи таълимии таҳсилоти касбӣ ба муассисаи дигари таълимии таҳсилоти касбӣ гузаштани хонандагон ва донишҷӯён, аз ҷумла ройгон ё пулакӣ будани таълимро, мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф муайян мекунад.

5. Таълимгирандагони муассисаҳои таълимӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ доранд худро аз амали ғайриқонунии маъмурият, омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маориф, ки ҳуқуқ, шаъну шараф ва ё қадру эътиборашонро паст мезананд, ҳифз намоянд.

6. Таълимгирандагони муассисаҳои таълимии давлатиро муассис (муассисон) бо стипендия, ёрдампулӣ, хобгоҳ (барои сокинони деҳот ва шаҳрҳои дигар), ёрии тиббию солимгардонӣ ва дигар ёрии моддие, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудаанд, таъмин менамояд.

7. Харочоти таҳсили аспирантон, докторантон ва дигар унвонҷӯёни дараҷаҳои илмӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохт карда мешавад.

8. Хонандагон ва донишҷӯён ҳангоми таълим ва таҷрибаомӯзии касбӣ бо тартиби муқарраршуда бо ҷойи кор, шароити бехатари меҳнат ва дар асоси шартнома бо музди меҳнат таъмин мегарданд.

9. Барои шахсони дар муассисаҳои тарбиявӣ ва ислоҳӣ қарордошта, роҳбарияти чунин муассисаҳо якҷоя бо мақомоти идоракунии маориф барои гирифтани таҳсилоти умумии асосӣ ва таҳсилоти ибтидоии касбӣ, тайёрии касбӣ ва ҳамчунин худомӯзии онҳо шароит муҳайё менамоянд.

10. Хонандагон ва донишҷӯён аз оилаҳои камбизоат, ки дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ ва олии касбии давлатӣ дар асоси шартнома таҳсил менамоянд ва имтиҳонҳои ҷориро бо баҳои «4» (хуб) ва «5» (аъло) месупоранд, бо тартиби муқарраргардида ба гурӯҳҳои таҳсили ройгон гузаронида мешаванд. Тартиби ба таври истисно ба гурӯҳҳои таҳсили ройгон гузаронидани чунин хонандагон ва донишҷӯёнро мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф муайян мекунад.

11. Муассиси (муассисони) муассисаҳои таълимии ғайридавлатӣ, ки аз аккредитатсияи давлатӣ гузаштаанд, таълимгирандагон ва дигар унвонҷуёни дараҷаҳои илмии муассисаҳои мазкурро бо имтиёзҳое, ки барои таълимгирандагон ва дигар унвонҷуёни дараҷаҳои илмии муассисаҳои таълимии давлатӣ пешбинӣ шудаанд, таъмин менамояд.

12. Шахсоне, ки аз истеҳсолот ҷудо нашуда дар муассисаҳои таълимии давлатӣ ва ғайридавлатӣ таҳсил мекунанд, дар мавриди мавҷуд будани даъватномаи муассисаи таълимӣ ба рухсатии иловагӣ аз ҷойи кор ва дигар имтиёзҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст, ҳуқуқ доранд.

13. Муассиси (муассисони) муассисаҳои таълимӣ метавонад дар доираи имкониятҳои худ барои таълимгирандагон дигар намуди имтиёзҳоро муқаррар намояд.

**Моддаи 45. Стипендия ва дигар пардохтҳои пулӣ**

1. Стипендия маблағе мебошад, ки барои хонандагон, донишҷӯён, интернҳо, ординаторҳо ва аспирантони гурӯҳҳои таҳсили рӯзона пардохт карда мешавад.

7. Барои донишҷӯёни ятиму бепарастор, маъюбони гурӯҳҳои I ва II стипендияи давлатии академӣ, новобаста ба натиҷаи таҳсил пардохт карда мешавад.

**Моддаи 53. Имтиёзҳои омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маориф**

1. Омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маориф дорои чунин имтиёзҳо мебошанд:

– мӯҳлати даъвати омӯзгорон ба хизмати ҳарбӣ ба таъхир гузошта шавад;

– ба рухсатии эҷодӣ бо нигоҳ доштани музди меҳнат бароянд;

– ҳангоми беморӣ бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо доруворӣ ва табобати ройгон таъмин гарданд;

– аз хизматрасонии коммуналӣ ройгон ё имтиёзнок истифода баранд, ки тартиби онро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд;

– барои дастовардҳо дар фаъолияти омӯзгорӣ ва тарбияи насли наврас бо мукофотҳои соҳавӣ, давлатӣ ва унвонҳои фахрӣ сарфароз гардонида шаванд;

– барои меҳнати шоиста ва дастовардҳои педагогию илмӣ ба ҳавасмандии моддӣ ва маънавӣ сарфароз гардонида шаванд;

– омӯзгороне, ки бори аввал аз фонди давлатӣ бо манзили истиқоматӣ таъмин карда мешаванд ё ба беҳтар намудани шароити манзилиашон эҳтиёҷ доранд, бо тартиби муқаррарнамудаи Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон дар навбати аввал бо хонаи истиқоматӣ ё қитъаи замин барои сохтмони манзили истиқоматӣ таъмин карда мешаванд;

– ба омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ, ки бори аввал хонаи истиқоматӣ месозанд, тибқи қонунгузорӣ аз ҳисоби маблағи ғайрибуҷетӣ ё ташкилотҳои қарздиҳанда қарзҳои бефоиз ё имтиёзноки барои омӯзгор қобили қабул муқаррар карда мешаванд;

– барои омӯзгороне, ки дар хонаҳои истиқоматии фонди манзили давлатию ҷамъиятӣ зиндагӣ мекунанд, дар сурати доштани собиқаи кории омӯзгории на камтар аз 15 сол манзили истиқоматиашон ройгон хусусӣ карда мешавад;

– бо пешниҳоди хулосаи тиббӣ роҳхатҳои ройгону имтиёзноки муассисаҳои табобатию истироҳатӣ, инчунин сайёҳию

туристиро бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода кунанд;

– омӯзгорони ҷавон дорои имтиёзҳои иловагӣ мебошанд, ки онҳоро тибқи қонунгузорӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд;

– бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳуқуқи истифодаи рухсатии дарозкардашудаи пардохтшаванда истифода намоянд;

– омӯзгороне, ки собиқаи кории бефосилаи на камтар аз 25 сол доранд, бо хоҳиши худашон метавонанд ба нафақа бароянд ва дар асоси шартнома дар муассисаи таълимӣ ё дигар соҳа кор кунанд;

– омӯзгороне, ки бемории музмин доранд, баъди на камтар аз ҳар 10 соли кори муттасили омӯзгорӣ ба рухсатии дарозмуддати то яксолаи пардохтшаванда ҳуқуқ доранд. Номгӯи беморӣ, тартиб ва шарти пардохти музди рухсатии дарозмуддат аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешаванд;

– барои омӯзгорони ҷавоне, ки дар деҳот фаъолият менамоянд, барои 3 сол иловапулӣ ба маош муқаррар карда мешавад, ки андоза ва тартиби пардохти онро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд;

– барои омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маориф, ки дар муассисаҳои таълимии низомаш махсус фаъолият менамоянд, иловапулӣ ба маош муқаррар карда мешавад, ки андоза ва тартиби пардохти онро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

2. Омӯзгорон ва дигар кормандони муассисаҳои таълимии ғайридавлатӣ аз имтиёзҳое, ки барои омӯзгорон ва дигар кормандони муассисаҳои таълимии давлатӣ пешбинӣ шудаанд, ҳуқуқи баробар истифода бурданро доранд.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Эмомалӣ Раҳмон**

ш. Душанбе,
22 июли соли 2013, № 1004

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
# ДАР БОРАИ ТАҲСИЛОТИ ИБТИДОИИ КАСБӢ

(иқтибос)

**Моддаи 19. Категорияи шахсоне, ки бо ҳифзи махсуси иҷтимоӣ таъмин карда мешаванд**

Ба шахсоне, ки мутобиқи Қонуни мазкур бо ҳифзи махсуси иҷтимоӣ таъмин карда мешавад, инҳо дохил мешаванд:

- маъюбон, ятимон ва ноболиғоне, ки бе сарпарастии падару модар мондаанд;
- хонандагони литсейҳои махсуси касбӣ;
- хонандагони муассисаҳои таълимии касбии соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ;
- муҳоҷирони иҷборӣ, ки дар муассисаҳои таълимии маълумоти ибтидоии касбии ҷумҳурӣ таҳсил менамоянд.

**Моддаи 20. Таъмини таҳсили маъюбон**

Давлат ба маъюбони модарзод, шахсоне, ки дар натиҷаи ярадоршавӣ ва ҷароҳатҳо маъюб гардидаанд, мутобиқи хоҳиши онҳо ва тавсияномаҳои меҳнатии комиссияи экспертии тиббию меҳнатӣ (КЭТМ) ҳуқуқҳои имтиёзнокро барои дохил шудан ба муассисаҳои таълимии давлатии маълумоти ибтидоии касбӣ барои омӯхтани касбҳо кафолат медиҳад.

**Моддаи 21. Таъмини ҳуқуқи ятимон, ноболиғони бе сарпарастии падару модар монда ва муҳоҷирони иҷборӣ, ки дар муассисаҳои таълимии маълумоти ибтидоии касбӣ таҳсил менамоянд**

Давлат ба ятимон, ноболиғони бе сарпарастии падару модар монда ва муҳоҷирони иҷборӣ барои дохил шудан ба муассисаҳои давлатии таълимии маълумоти ибтидоии касбӣ ҳуқуқҳои имтиёзнок медиҳад.

Дар давраи таҳсил дар муассисаҳои давлатии таълимии маълумоти ибтидоии касбӣ давлат хароҷоти иловагиро барои таълим ва таъмини онҳо ба зимма мегирад.

**Моддаи 22. Таъмини ҳуқуқи хонандагони литсейҳои махсуси касбӣ**

Барои шахсоне, ки ба шароити махсуси таълимӣ эҳтиёҷ доранд, литсейҳои махсуси касбӣ таъсис дода мешаванд.

Давлат мутобиқи ихтисоси литсейҳои махсуси касбӣ ба хонандагони литсейҳои махсуси касбӣ ҳуқуқи идома додани маълумоти умумӣ ё таълими касбиро кафолат медиҳад.

Шахсоне, ки дар муассисаҳои махсуси ибтидоии касбӣ ба гирифтани маълумоти касбӣ фурсат наёфтаанд, барои давом додани таҳсил дар курси дахлдори муассисаҳои давлатии таълимии маълумоти ибтидоии касбӣ ҳуқуқ доранд.

**Моддаи 23. Таълими наврасони маъюби дорои нуқсонҳои инкишофи ҷисмонӣ ва кӯдакони маъюб**

Барои таълим, тарбия ва табобати наврасони маъюби дорои нуқсонҳои инкишофи ҷисмонӣ ва кӯдакони маъюб литсейҳои махсуси касбӣ таъсис дода мешаванд.

Хонандагони муассисахои махсуси давлатии таълимӣ дар таъминоти пурраи давлат мебошанд.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Эмомалӣ Раҳмон**

ш. Душанбе,
аз 22 апрели соли 2003, № 21

# КОДЕКСИ АНДОЗИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

(Иқтибос)

**Моддаи 102. Тарҳкуниҳои шахсӣ аз даромадҳои шахсони воқеӣ**

1. Аз даромади шахси воқеӣ – корманди кироя дар шакли музди меҳнат барои ҳар моҳи тақвимӣ дар ҳаҷми як нишондиҳанда барои ҳисобҳо тарҳи шахсӣ амалӣ карда мешавад.

2. Аз даромад дар шакли музди меҳнати гурӯҳҳои зерини шахсони воқеӣ – кормандони кироя барои ҳар моҳи тақвимӣ дар ҳаҷми 10 нишондиҳанда барои ҳисобҳо тарҳи шахсӣ амалӣ карда мешавад:

-қаҳрамонҳои Иттиҳоди Шӯравӣ, қаҳрамонҳои меҳнати сотсиалистӣ, қаҳрамонҳои Тоҷикистон, иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва шахсонӣ ба онҳо барқарор шуда баробаркардашуда, иштирокчиёни дигар амалиётҳои ҳарбӣ барои муҳофизати Иттифоқи Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ, аз ҷумлаи хизматчиёни ҳарбие, ки дар қисмҳои ҳарбӣ, ситодҳо ва муассисаҳои ба ҳайати артиши амалкунанда шомилбуда хизмат кардаанд, собиқ партизанҳо, ҷанговарони интернатсионалист, маъюбони гурӯҳҳои I ва II;

-шаҳрвандони беморшуда ва мубталои бемории шуоъ, ки дар натиҷаи оқибатҳои садамаҳо дар объектҳои атомӣ рух додааст, шахсони дар рафъи оқибатҳои чунин садамаҳо дар доираи минтақаи ҷудокунӣ иштирокдошта, шахсоне, ки дар давраи бартараф намудани оқибатҳои садамаҳо дар корҳои баистифодабарӣ ё дигар корҳо дар объектҳои атомӣ иштирок намудаанд.

3. Аз даромади шахси воқеӣ – корманди кироя яке аз маблағҳои нисбатан калонтари тарҳи шахсӣ дар асоси ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда мутобиқи қисмҳои 1 ва 2 ҳамин модда иҷозат дода мешавад.

4. Дар ҳолате, ки агар шахси воқеӣ камтар аз шонздаҳ рӯзи тақвимӣ дар давоми моҳ корманди кироя бошад, пас ҳангоми муайян намудани даромади андозбандишавандаи корманд тарҳи шахсӣ мутобиқи қисмҳои 1 ва 2 ҳамин модда анҷом дода намешавад.

5. Тарҳи шахсӣ аз даромади андозбандишаванда мутобиқи қисмҳои 1 ва 2 ҳамин модда тибқи даромадҳои гирифташуда танҳо

дар як ҷойи кори (асосии) корманд роҳ дода мешавад. Дар ҳолате, ки шахси воқеӣ корманди кироя ва соҳибкори инфиродӣ намебошад, тарҳи шахсӣ, ки қисмҳои 1 ва 2 ҳамин модда муқаррар намудааст, танҳо дар як маҳалли пардохти даромад, ки дар асоси аризаи пешниҳодшудаи ӯ муайян карда мешавад, роҳ дода мешавад.

6. Ҳангоми ҳисоб кардани даромади андозбандишавандаи шахси воқеӣ аз даромади ӯ маблағи андози иҷтимоии барои суғурташудагон, ки бо меъёри 1 фоиз нигоҳ дошта шудааст, тарҳ карда мешавад.

7. Шахсе, ки даромади шахси воқеиро пардохт менамояд, барои дуруст амалӣ намудани тарҳи шахсӣ ҷавобгар мебошад. Дар ҳолати вайрон намудани талаботи муқаррарнамудаи ҳамин модда, маблағи андози бинобар нодуруст тарҳ кардан ба буҷет вориднашударо ҳамин шахс ҷуброн менамояд.

**Моддаи 110. Имтиёзҳо**

1. Аз андоз аз фоида озоданд:

3) Корхонаҳо, ба истиснои корхонаҳое, ки ба фаъолияти савдо, миёнаравӣ, таъминотӣ – фурӯш ва захиракунӣ машғуланд, ки дар онҳо дар як вақт дар соли ҳисоботии андоз:

а) на камтар аз 50 фоизи шумораи кормандонро маъюбон ташкил медиҳанд;

б) на камтар аз 50 фоизи маблағҳои музди меҳнат ва дигар таъминоти моддӣ, аз ҷумла натуралӣ, барои эҳтиёҷоти маъюбон сарф карда шудааст.

## ФАСЛИ IX.
## АНДОЗ АЗ АРЗИШИ ИЛОВАШУДА

**Моддаи 169. Озод кардан аз андоз**

2. Таҳвили молҳо (ба ғайр аз содироти молҳо), иҷрои корҳо ва хизматрасониҳои зерин, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода шудаанд, аз андоз аз арзиши иловашуда озод мебошанд:

9) Таҳвили маҳсулоти махсуси истифодаи инфиродӣ барои маъюбон мувофиқи номгӯе, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

4. Намудҳои зерини воридот аз андоз аз арзиши иловашуда озод карда мешаванд:

-воридоти маҳсулоти махсуси истифодаи фардӣ барои маъюбон мувофиқи номгӯе, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

## БОБИ 40. АНДОЗ АЗ ВОСИТАҲОИ НАҚЛИЁТ

**Моддаи 267. Озодкунӣ**

Аз андозбандӣ озод карда мешаванд:

-як автомобили (мотоколяскаи) ба маъюб тааллуқдоштаи бо даст идорашаванда;

-як автомобил, новобаста ба иқтидори муҳаррик, ки моликияти Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ, Қаҳрамони Тоҷикистон, иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945, шахсони ба онҳо баробаркардашуда, иштирокчиёни дигар амалиётҳои ҳарбӣ оид ба муҳофизати Иттифоқи Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ, аз ҷумлаи хизматчиёни ҳарбие, ки дар қисмҳои ҳарбӣ, ситодҳо ва муассисаҳои ба ҳайати артиши амалкунанда шомилбуда хизмат кардаанд, ҷанговарони интернатсионалист, иштирокчиёни барҳамдиҳии оқибатҳои фалокати Нерӯгоҳи барқи атомии Чернобил мебошад ва дар фаъолияти соҳибкорӣ истифода намешавад.

## БОБИ 41. АНДОЗҲО АЗ МОЛУ МУЛКИ ҒАЙРИМАНҚУЛ

**Моддаи 274. Имтиёзҳо оид ба андози замин**

1. Аз андози замин инҳо озод мебошанд:

-заминҳое, ки муассисаҳои давлатӣ барои татбиқи мақсад, вазифа ва амалҳои дар ҳуҷҷатҳои таъсисии чунин муассисаҳо дарҷгардида, истифода мебаранд, ба истисноии заминҳое, ки барои фаъолияти соҳибкорӣ дода (истифода) шудаанд;

-як қитъаи замини наздиҳавлигӣ ва қитъаи замине, ки барои сохтмони манзил ба ҷанговарони интернатсионалист, иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва шахсони ба онҳо баробаркардашуда ҷудо гардидаанд;

- қитъаҳои замини наздиҳавлигие, ки ба муҳоҷирони аз дигар ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои зисти доимӣ ба ноҳияҳои муайянкардаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон омада ҷудо карда шудаанд, дар давоми 3 сол баъд аз ҷудо намудани чунин заминҳо;

-қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ ва заминҳое, ки барои сохтмони манзил ба муаллимони дар муассисаҳои таҳсилоти ҳамагонӣ ва духтурони дар муассисаҳои тиббии деҳот коркунанда ҷудо кардашудаанд, дар давраи кори онҳо дар чунин муассисаҳо;

-қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ ва заминҳое, ки барои сохтмони манзил дар ҳолати мавҷуд набудани аъзои оилаи қобили меҳнат ба ҳамаи гурӯҳи маъюбони бекор ҷудо карда шудаанд;

2. Барои истифодаи имтиёзҳои андозии дар ҳамин модда пешбинишуда андозсупоранда ба мақоми андозимаҳалли ҷойгиршавии қитъаи замин ҳуҷҷатҳои дахлдори муайянкунандаи ҳуқуқро пешниҳод менамояд.

## §3. Муқаррароти вобаста ба андоз аз объектҳои ғайриманқул

**Моддаи 278. Имтиёзҳо**

Бо андоз аз объекти ғайриманқул инҳо андозбандӣ намегарданд:

- муассисаҳои давлатие, ки аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ маблағгузорӣ мешаванд, нисбат ба объектҳои ғайриманқули давлатие, ки бевосита аз ҷониби чунин муассисаҳо барои татбиқи вазифаҳои оинномавии худ истифода бурда мешаванд;

- шахсони ҳуқуқӣ, ки 50 фоизи кормандонашонро маъюбон ташкил медиҳанд, нисбат ба объектҳои ғайриманқуле, ки бевосита аз ҷониби чунин шахсон барои иҷро намудани вазифаҳои оинномавии худ истифода бурда мешаванд;

- объектҳои ғайриманқул дар шакли як хонаи истиқоматӣ ва дигар биноҳои дар як қитъаи замини наздиҳавлигӣ ва ё як қитъаи замин барои сохтмони манзил ҷойдошта ва ё як ҳуҷрае, ки дар онҳо Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ, Қаҳрамони меҳнати сотсиалистӣ, Қаҳрамони Тоҷикистон, иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945, шахсони ба онҳо баробаркардашуда, иштирокчиёни дигар амалиётҳои ҳарбӣ оид ба муҳофизати Иттифоқи Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ, аз ҷумлаи хизматчиёни ҳарбие, ки дар қисмҳои ҳарбӣ, ситодҳо ва муассисаҳои ба ҳайати артиши амалкунанда шомилбуда хизмат кардаанд, собиқ партизанҳо ва ҷанговарони интернатсионалист, иштирокчиёни рафъи оқибатҳои фалокати Нерӯгоҳи барқи атомии Чернобил, маъюбони гурӯҳҳои I ва II ба қайд гирифта шудаанд;

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Эмомалӣ Раҳмон**

ш. Душанбе,
17 сентябри соли 2012, № 901

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР БОРАИ ЗАБОНИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

(Иқтибос)

**Моддаи 3. Забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон забони тоҷикӣ аст.
2. Ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифадор аст забони давлатиро донад.
3. Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода, ҳимоя ва рушди забони давлатиро таъмин менамояд.
4. Мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, инчунин шахсони ҳуқуқӣ, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ, вазифадоранд барои омӯхтани забони давлатӣ ва такмили забондонии кормандон шароит фароҳам оранд.
5. Забони давлатӣ дар ҳама соҳаҳои ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, илмӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода мешавад.
6. Ҳангоми истифодаи забони давлатӣ риояи муқаррароти қоидаҳои имлои забони адабӣ ҳатмӣ мебошад.

**Моддаи 16. Забони коргузории ташкилотҳо**

Коргузории ташкилотҳое, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият мекунанд, ба забони давлатӣ сурат мегирад. Забонҳои дигар тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода мешаванд.

**Моддаи 17. Забони мукотиба**

1. Ташкилотҳое, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият мекунанд, дар мукотиба бо мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, инчунин бо шаҳрвандон забони давлатиро истифода менамоянд.
2. Мукотиба бо ташкилотҳои хориҷӣ ба забони давлатӣ ва забоне, ки муқаррар шудааст, сурат мегирад.

**Моддаи 18. Номгузории ташкилотҳо**

1. Номгузории мақомоти ҳокимияти давлатӣ, вазорату идораҳо, инчунин дигар ташкилотҳо, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ, ба забони давлатӣ сурат мегирад.

2. Ҳамаи лавҳаю овезаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба забони давлатӣ навишта мешаванд.

3. Номи ташкилотҳои хориҷӣ ва муштарак ба забонҳои дигар низ баргардонида мешавад.

**Моддаи 20. Забони матни мӯҳру тамғаҳо, бланкҳо, нархномаҳо ва дигар маводи иттилоотӣ**

1. Матни мӯҳру тамғаҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ ба забони давлатӣ навишта мешавад.

2. Матни мӯҳру тамғаҳои ташкилотҳо, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ва соҳибкорони инфиродӣ ба забони давлатӣ навишта мешавад.

3. Бланкҳо, нархномаҳо ва дигар маводи иттилоотӣ ба забони давлатӣ навишта мешаванд ва дар муносибат бо ташкилотҳои хориҷӣ мумкин аст ба дигар забонҳо низ баргардонида шаванд.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Эмомалӣ Раҳмон**

ш. Душанбе,
5 октябри соли 2009, №553

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР БОРАИ МУҚОВИМАТ БА САВДОИ ОДАМОН ВА РАСОНИДАНИ КӮМАК БА ҚУРБОНИЁНИ САВДОИ ОДАМОН

(Иқтибос)

**Моддаи 5. Системаи муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон**

1. Системаи муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон фаъолияти мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ташкилотҳои давлатӣ, инчунин ташкилотҳои ғайридавлатӣ, байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, дигар ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, воситаҳои ахбори омма ва шаҳрвандон оид ба огоҳонидан, ошкор намудан ва пешгирӣ кардани ҷиноятҳо дар самти савдои одамон, бартарафсозии оқибатҳои иҷтимоии онҳо, оид ба расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамонро дар бар мегирад.

2. Давлат самаранокии муқовимат ба савдои одамонро бо роҳи татбиқи чораҳои маҷмӯӣ оид ба такмили кори мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ки дар самти муқовимат ба савдои одамон ваколатдор мебошанд, баланд бардоштани салоҳиятнокӣ ва ихтисоснокии кормандони онҳо, таъмини огоҳонидан, ошкор намудан, пешгирӣ кардан ва тафтиши ҳамаи ҳолатҳои савдои одамон, муқаррар ва бартараф намудани сабаб ва шароитҳои ба онҳо мусоидаткунанда, ошкоркунии шахсони дар содиркунии ҷиноятҳои зикргардида гунаҳгор, ногузирии ба ҷавобгарии муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон кашидани онҳо ва расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамонро кафолат медиҳад.

**Моддаи 7. Субъектҳои давлатие, ки бевосита муқовимат ба савдои одамонро амалҷ менамоянд**

1. Субъектҳои давлатие, ки бевосита муқовимат ба савдои одамонро амалӣ менамоянд, инҳо мебошанд:

- Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва прокурорҳои тобеи он;
- Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

2. Субъектҳои давлатие, ки бевосита муқовимат ба савдои одамонро амалӣ менамоянд, дар доираи ваколатҳои худ дар таҳия ва татбиқи сиёсати давлатӣ дар самти муқовимат ба савдои одамон, таҳия ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар самти мазкур, таҳия ва амалӣ намудани барномаҳои мақсадноки давлатӣ дар самти муқовимат ба савдои одамон иштирок менамоянд.

3. Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва прокурорҳои тобеи он:

- назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бораи муқовимат ба савдои одамон амалҷ намуда, дар доираи ваколатҳои худ оид ба пешгирии савдои одамон тадбирҳо меандешанд;

- фаъолияти мақомоти давлатии амаликунандаи муқовимат ба савдои одамонро ҳамоҳанг месозанд;

- ҳангоми ошкор намудани ҳолатҳои вайронкунии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муқовимат ба савдои одамон ҷиҳати бартарафсозии чунин ҳолатҳо тадбирҳо меандешанд;

- ҳангоми аз мақомоти давлатии амаликунандаи муқовимат ба савдои одамон, ташкилотҳо ва шаҳрвандон гирифтани маълумот дар бораи мавҷудияти ҳолатҳои ба савдои одамон вобаста, оид ба бартараф намудани чунин ҳуқуқвайронкуниҳо амр мебароранд, ки иҷрои он аз ҷониби мақомоти дахлдори давлатӣ, ташкилотҳо, шахсони мансабдор ва шаҳрвандон ҳатмӣ мебошад ё бо тартиби муқарраркардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба суд аризаро дар бораи дахл доштани ташкилотҳо ба савдои одамон, манъ кардани фаъолияти онҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барҳам додани чунин ташкилотҳо, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудаанд ё дар бораи қатъи фаъолияти намояндагии чунин ташкилотҳои хориҷӣ ё байналмилалие, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеъ гардидаанд, пешниҳод менамоянд. Аз лаҳзаи пешниҳоди ариза ба суд фаъолияти ташкилоти ба савдои одамон дахлдор боздошташуда ҳисобида мешавад;

- таъқиби ҷиноятии шахсонеро, ки савдои одамон ё ҷиноятҳои ба он алоқамандро содир намудаанд, амалӣ мекунанд;

- дигар ваколатҳоро мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамоянд.

4. Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи салоҳияти худ:

- дар асоси иттилооти аз субъектҳои давлатии амаликунандаи муқовимат ба савдои одамон пешниҳодгардида, махзани ягонаи маълумот дар бораи савдои одамонро таъсис медиҳад;

- воҳидҳои махсусгардонидашуда оид ба муқовимат ба савдои одамон (минбаъд- воҳидҳои махсусгардонидашуда)-ро таъсис медиҳад;

- огоҳонидан, ошкор кардан ва пешгирӣ намудани савдои одамон ва ҷиноятҳои ба он алоқамандро амалӣ менамояд;

- бо мақсади ошкор кардан ва бартарафсозии сабаб ва шароитҳои ба савдои одамон мусоидаткунанда чораҳои пешгирикунанда меандешад;

- дар асоси ариза ҳимояи қурбониёни савдои одамонро дар давраи мурофиаи ҷиноятӣ таъмин менамояд ва ба онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дигар кӯмакро мерасонад;

- барои ҳифзи ҳаёт, саломатӣ ва молу мулки шаҳрвандоне, ки ба онҳо вобаста ба расонидани ёрӣ ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар пешгирӣ ва ошкор намудани ҷиноятҳо дар самти савдои одамон хатар таҳдид мекунад, тадбирҳо меандешад;

- фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, фаъолият оид ба таъқиби ҷиноятӣ, ҳамкории байналмилалӣ, айнияткунонии қурбониёни савдои одамон, таҳлили иттилоот, инчунин таъсиси марказҳо оид ба огоҳонидан ва пешгирӣ намудани савдои одамонро амалӣ менамояд;

- дигар ваколатҳоро тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамояд.

5. Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи салоҳияти худ:

- огоҳонидан, ошкор кардан ва пешгирӣ намудани савдои одамон ва ҷиноятҳои ба он алоқамандро амалӣ менамояд, чораҳои пешгирикунандаро оид ба ошкор ва бартарафсозии сабаб ва шароитҳои ба савдои одамон ва содир намудани ҷиноятҳои ба он алоқаманд мусоидаткунанда меандешад;

- муқовимат ба савдои одамонро ба воситаи ошкор намудани алоқаҳои ташкилотҳои байналмилалии террористӣ ва гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятӣ бо савдогарони одамон, огоҳонидан, ошкор

кардан ва пешгирӣ намудани кӯшишҳои савдогарони одамон ҷиҳати гузаштан аз Сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин ҷойивазкунии ғайриқонунии курбониёни савдои одамонро тавассути Сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамояд;

- таъқиби ҷиноятии шахсонеро, ки савдои одамон ва дигар ҷиноятҳои ба он алоқамандро содир намудаанд, амалӣ менамояд;

- дигар ваколатҳоро тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамояд.

6. Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлили маҷмӯъ ва арзёбии ҳолати мубориза бо ҷиноятҳои вобаста ба муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ, прекурсорҳои онҳо ва алоқамандии чунин ҷиноятҳоро бо савдои одамон ва ҷиноятҳои ба он алоқаманд мегузаронад. Дар ҳолати ошкор кардани ҷиноятҳои ба савдои одамон алоқаманд, муайян кардани фаъолияти гурӯҳҳои ҷиноятcorrectors нашъаҷаллобӣ, ки ба савдои одамон алоқаманданд ва дорои хусусияти байниминтақавӣ ва байналмилалӣ мебошанд, инчунин шахсоне, ки ба чунин ҷиноятҳо дахл доранд ва қурбонии имконпазири савдои одамон эътироф шудаанд, дар якҷоягӣ бо дигар субъектҳои муқовимат, ки дар қисми 1 моддаи мазкур пешбинӣ шудаанд, барои гузаронидани фаъолияти минбаъдаи ошкор кардан, пешгирӣ намудан, қатъ кардан ва кушодани ҷиноятҳои ба савдои одамон алоқаманд, ҳамкорӣ менамояд.

7. Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолиятро оид ба ошкор кардан ва пешгирӣ намудани кӯшишҳои аз ҷониби савдогарони одамон гузаштани сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин пешгирии рафтуомади ғайриқонунии қурбониёни савдои одамонро тавассути сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом медиҳад.

8. Субъектҳои давлатии бевосита амаликунандаи муқовимат ба савдои одамон дар доираи салоҳияти худ дар самти расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон ваколатҳои зеринро амалӣ менамоянд:

- пешгирии виктимизатсияи қурбониёни савдои одамон;

- амалӣ намудани чорабиниҳое, ки барои ошкор намудан ва айнияткунонии қурбониёни савдои одамон равона шудаанд;

- амалӣ гардонидани ҳамкорӣ бо дигар субъектҳои системаи давлатӣ ва ғайридавлатии муқовимат ба савдои одамон оид ба масъалаҳои расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон.

**Моддаи 8. Субъектҳои дигари давлатии амаликунандаи муқовимат ба савдои одамон**

1. Субъектҳои дигари давлатии амаликунандаи муқовимат ба савдои одамон инҳо мебошанд:

- Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Кумитаи оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот;
- ташкилотҳои давлатӣ.

2. Субъектҳои дар қисми 1 моддаи мазкур пешбинишуда дар таҳия ва татбиқи сиёсати давлатӣ дар самти муқовимат ба савдои одамон, ошкор намудани ҳолатҳои савдои одамон ва ҷиноятҳои ба он алоқаманд иштирок намуда, оид ба бартарафсозии сабаб ва шароитҳои мусоидаткунандаи савдои одамон ва ҷиноятҳои ба он алоқаманд, ҳимоя ва расонидани кӯмаки иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ, тиббӣ ва равонӣ чораҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ, иттилоотӣ, таълимӣ, ислоҳнамоӣ, тавонбахшӣ ва дигар чораҳоро, ки барои мутобиқгардонӣ ва тавонбахшии иҷтимоии қурбониёни савдои одамон, инчунин пешгирии виктимизатсияи онҳо равона шудаанд, меандешанд ва дар доираи салоҳияти худ ба субъектҳои давлатии бевосита амаликунандаи муқовимат ба савдои одамон мусоидат менамоянд.

3. Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон:

- кори мақомоти давлатиро оид ба ташвиқу тарғиб ҷиҳати баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқӣ дар самти муқовимат ба савдои одамон ташкил ва ҳамоҳанг месозад, ҳолати ташвиқу

тарғиби ҳуқуқӣ ва донишҳои ҳуқуқии аҳолиро дар ин самт таҳлил менамояд;

- риояи қонуниятро ҳангоми бақайдгирии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ки фаъолияташон ба муқовимат ба савдои одамон ва ҷиноятҳои ба он алоқаманд равона шудааст, таъмин менамояд ва фаъолияти чунин иттиҳодияҳои ҷамъиятиро месанҷад;

-барномаҳои давлатиро оид ба расонидани кӯмаки махсусгардонидашуда ба шахсоне, ки аз иллати шаҳвонӣ азият мекашанд, аз ҷумла барои содир намудани ҷиноятҳо дар самти савдои одамон маҳкум шудаанд, таҳия карда, татбиқи онро ташкил менамояд.

4. Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон:

- барномаҳои таълимиро оид ба масъалаҳои ошкор кардани савдои одамон ва тарзҳои муқовимат ба он, ки барои табақаҳои гуногуни аҳолӣ ва омӯзиш дар муассисаҳои таълимӣ таъин гардидаанд, таҳия ва тасдиқ менамояд;

-воситаҳои барномавӣ ва техникии маҳдудияти дастрасии кӯдаконро ба маълумоти паҳнгардидаи Интернет, ки ба саломатӣ, инкишофи маънавӣ ва рӯҳии онҳо метавонанд зарар расонанд, таҳия менамояд;

- барномаҳои таълимии ба гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ нигаронидашуда, барои пешгирии виктимизатсияи аҳолӣ ва қурбониёни имконпазири савдои одамон равонагардида, аз ҷумла барои таълим дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, таҳсилоти ибтидоӣ, миёна, олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ таъингардидаро таҳия, тасдиқ ва татбиқи онҳоро таъмин мекунад.

5. Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон:

- барномаҳои ба қурбониёни савдои одамон расонидани кӯмаки тиббӣ ва равонӣ, инчунин бо доруворӣ таъмин кардани муассисаҳои махсусро таҳия карда, иҷрои онҳоро таъмин менамояд;

- тавассути шӯъбаҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ба қурбониёни савдои одамон додани иттилоот ва машваратро таъмин менамояд, ба онҳо имкониятҳоеро, ки дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои шахсони аз ҷиҳати иҷтимоӣ ҳифзшаванда пешбинӣ шудааст, пешниҳод мекунад;

- барномаҳои давлатиро оид ба расонидани кӯмаки махсусгардонидашуда ба шахсоне, ки аз иллати шаҳвонӣ азият мекашанд, аз ҷумла ба шахсоне, ки барои содир намудани ҷиноятҳо дар самти савдои одамон маҳкум шудаанд, таҳия карда, татбиқи онҳоро ташкил менамояд.

6. Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон:

- маълумотро дар бораи кӯдакон – шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҷониби шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба таври доимӣ берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқомат мекунанд, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд ба фарзандхондӣ қабул шудаанд, ҷамъ оварда, шароитҳои зисти онҳоро меомӯзад ва ҳар нимсола дар ин бора ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон иттилоъ медиҳад;

- дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои ба тавонбахшии қурбониёни савдои одамон кӯмакрасон фаъолиятро оид ба ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки қурбонии савдои одамон гаштаанд ва берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доранд, амалӣ менамояд ва барои ба Тоҷикистон баргардонидани онҳо мусоидат мекунад;

- ба мақомоти давлатии кишварҳои истиқомати шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи муқовимат ба савдои одамон маълумот пешниҳод менамояд, доир ба чораҳои муқовимат ба савдои одамон, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешаванд, аз ҷумла дар бораи ҳуқуқҳои қурбониёни савдои одамон иттилоот паҳн менамояд;

- барасмиятдарорӣ ва додани ҳуҷҷатҳои бозгаштро ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қурбониёни савдои одамон - шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шахсони бешаҳрванди ба таври доимӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқоматдошта, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, ки ба онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми гуреза ё паноҳгоҳи сиёсӣ дода шудааст, фавран таъмин менамояд.

7. Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон:

- фаъолиятро оид ба иттилоотонии аҳолӣ дар бораи вазъи бозори меҳнат, тайёрии касбӣ, ҳавасмандгардонӣ оид ба бокортаъминкунӣ ба воситаи хизматрасонии иттилоотию машваратӣ дар бораи касб, хизматрасонӣ оид ба интихоби касб ва

таълим, инчунин машварат ва кӯмак оид ба оғози фаъолияти соҳибкориро амалӣ менамояд;

- тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон назорат ва санҷиши фаъолияти шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ, ташкил ва ба роҳ мондани чунин фаъолиятро бо мақсади пешгирии муҳоҷирати ғайриқонунии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба давлатҳои хориҷӣ дар якҷоягӣ бо мақомоти дахлдори давлатӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, инчунин ташкил ва гузаронидани чораҳои иттилоотию пешгирикунандаро, ки ба муқовимат ба савдои одамон мусоидат мекунанд, амалӣ менамояд;

- дар доираи ваколатҳои худ ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии қурбониёни савдои одамон, аз ҷумла шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки қурбонии савдои одамон гаштаанд ва берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доранд, таъмин менамояд.

8. Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо дигар субъектҳои дахлдори амаликунандаи муқовимат ба савдои одамон барномаҳои иҷтимоию иқтисодиро, ки барои бартараф намудани сабаб ва шароитҳои хусусияти иқтисодидоштаи ба муҳоҷирати ғайриқонунӣ, аз ҷумла савдои одамон мусоидаткунанда равона шудаанд, таҳия ва амалӣ менамояд.

9. Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон:

- дар якҷоягӣ бо дигар субъектҳои дахлдори амаликунандаи муқовимат ба савдои одамон иҷрои барномаҳои давлатиро вобаста ба муқовимат ба савдои одамон ва ҷалб нагаштани занон ба сифати қурбонии имконпазири савдои одамон амалҷ менамояд;

- чораҳои вобаста ба огоҳонидан, маълумотдиҳӣ, маърифатнокӣ, машваратдиҳӣ, бозравонӣ ва дастгирии иҷтимоии қурбониёнро дар самти савдои одамон дар байни занон амалӣ мегардонад.

10. Кумита оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон:

- дар мувофиқа бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барномаҳои таълимии диниро дар самти муқовимат ба савдои одамон таҳия менамояд;

- чораҳои вобаста ба огоҳонидан, маълумотдиҳӣ, маърифатнокӣ ва машваратдиҳиро дар самти савдои одамон дар байни аҳолӣ амалӣ мегардонад.

11. Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон:

- назоратбарии фаъолияти танзимгарони туризм ва агентиҳои туристӣ, инчунин тиҷорати моделӣ, шуғл, фароғат ва вақтхушӣ, агентиҳои хизматрасониҳо вобаста ба никоҳ ва дигар хизматрасонӣ, аз ҷумла дар хориҷа, инчунин нисбат ба дигар намудҳои фаъолиятро, ки метавонанд барои ҷалби қурбониёни имконпазири савдои одамон истифода шаванд, амалӣ менамояд;

- чораҳои вобаста ба огоҳонидан, маълумотдиҳӣ, маърифатнокӣ, машваратдиҳӣ, бозравонӣ ва дастгирии иҷтимоии қурбониёнро дар самти савдои одамон дар байни ҷавонон амалӣ мегардонад.

12. Мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар доираи ваколатҳои худ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар доираи ваколатҳои алоҳидаи давлатии аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ ба онҳо вогузоршаванда дар амалигардонии муқовимат ба савдои одамон иштирок менамоянд.

13. Ташкилотҳои давлатӣ дар доираи ваколатҳои худ амалисозии дар фаъолият оид ба муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кӯмак ба қурбонии савдои одамон иштирок мекунанд.

14. Ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва шаҳрвандон ҳуқуқ доранд дар расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон бо тартиби пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок намоянд.

**Моддаи 11. Ҳамкории мақомоти давлатӣ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ ва ғайридавлатӣ дар самти муқовимат ба савдои одамон**

1. Мақомоти давлатӣ дар доираи ваколатҳои худ ҳамкориро бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ ва ташкилотҳои ғайридавлатӣ, воситаҳои ахбори омма ва шаҳрвандон бо мақсади баланд бардоштани самаранокии огоҳонидан, ошкор намудан ва пешгирии савдои одамон, пешниҳоди ҳимоя ва кӯмак ба қурбониёни он, ҳамоҳангсозии корҳои профлактикӣ дар самти мазкур, инчунин пурзӯр намудани назоратбарии ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандиро аз рафт ва натиҷаҳои ин фаъолият таъмин менамоянд.

2. Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ ва ғайридавлатӣ, ки дар самти муқовимат ба савдои одамон фаъолият менамоянд, бо қурбониёни имконпазири савдои одамон корҳои маърифатӣ мегузаронанд, онҳоро дар бораи хатарҳое, ки дар ҳолатҳои номусоиди ҳаётӣ дучор шуда метавонанд, хабардор менамоянд, дар ташкили муассисаҳои махсуси ғайридавлатӣ ва амалӣ намудани чорабиниҳо оид ба мутобиқгардонӣ ва тавонбахшии иҷтимоии онҳо иштирок менамоянд.

3. Мақомоти давлатӣ дар доираи ваколатҳои худ воситаҳои ахбори омма, шабакаҳои иттилоотию коммуникатсионии дастрасии кушода ва алоқаро дар фаъолияти онҳо оид ба пешгирии савдои одамон, аз ҷумла тавассути тадбирҳои зерин амалишавандаро дастгирӣ мекунанд:

- ташкили мониторинги иттилооте, ки бо иштироки онҳо пахш мешавад, ташкили «хатҳои оҷилӣ»;

- ҷорӣ намудани системаи таснифи мазмуни маҳсулоти иттилоотии аз ҷониби онҳо паҳншаванда;

- насби филтрҳои мазмунӣ ва мониторинги захираҳои иттилоотии аз ҷониби онҳо дастгиришаванда;

- истифодаи воситаҳои техникӣ ва барномавии муҳосира кардани иттилооте, ки паҳн намудани он дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ карда шудааст.

4. Давлат аз тарафи операторони алоқаи мобилӣ ва алоқаҳои интернетӣ бастани созишномаҳои дохилидавлатӣ ва байнидавлатиро оид ба таъмини истифодаи бехатари хизматрасонии мобилӣ ва дигар намудҳои алоқаи телекоммуникатсионҷ аз тарафи кӯдакон, аз ҷумла анҷом додани чораҳои зеринро ҳавасманд мегардонад:

- назоратбарии дастрасии кӯдакон ба алоқаҳои мобилӣ ва электронӣ дар реҷаи «танҳо барои калонсолон»;

- гузаронидани маъракаҳои маърифатӣ барои омӯзгорон, падару модарон ва кӯдакон дар бораи тадбирҳои бехатарӣ ҳангоми истифодабарии алоқаи мобилӣ ва дигар намудҳои алоқаи электронӣ;

- ихтиёран гузаронидани таснифи синнусолии мазмуни маҳсулоти иттилоотӣ мутобиқи стандартҳои миллии бехатарии иттилоотии кӯдакон;

- тавассути шабакаҳои алоқаҳои мобилӣ ва интернетӣ иштирок дар огоҳонидан ва пешгирии паҳн кардани хабарҳое, ки мазмуни ғайриқонунӣ доранд;

- ба истифодабарандагони алоқаҳои мобилӣ ва алоқаи электронӣ пешниҳод кардани хизматрасонии таъминоти барномавии назоратбарии падару модар ва омӯзгорон, муҳосира ва ҷудо (селексия) намудани дастрасии кӯдакон ба захираҳои иттилоотие, ки барои саломатӣ ва инкишофи ахлоқию рӯҳии кӯдакон хатар доранд.

5. Ба иттиҳодияи ҷамъиятӣ ё ташкилоти ғайридавлатӣ бо тартиби пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ дастгирии молиявӣ пешниҳод карда мешавад, дар ҳолате, ки агар мутобиқи озмуни кушодаи гузаронидашуда барномаҳои чорабиниҳои пешниҳодкардаи онҳо оид ба пешгирии савдои одамон ё таъсиси муассисаи махсуси ғайридавлатӣ ба нақшаҳои (барномаҳои) идоравӣ ё маҳаллӣ дохил карда шуда, нақшаи миллии муқовимат ба савдои одамонро инкишоф диҳанд ва мушаххас намоянд.

**Моддаи 12. Механизми бозравонии қурбониёни савдои одамон**

1. Ҳамкорӣ байни субъектҳои низоми давлатии муқовимат ба савдои одамон бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва байналмилалӣ дар доираи механизми бозравонии қурбониёни савдои одамон тибқи созишнома оид ба ҳамкорӣ амалӣ карда мешавад.

2. Тартиби амалӣ намудани маҷмӯи тадбирҳоро дар доираи механизми бозравонии қурбониёни савдои одамон Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

**Моддаи 19 Ҳуқуқҳои шахси аз савдои одамон зарардида то лаҳзаи қурбонии савдои одамон эътироф гардидани ӯ**

1. Шахси аз савдои одамон зарардида то лаҳзаи қурбонии савдои одамон эътироф шуданаш, ҳуқуқ дорад ба муассисаи махсуси давлатӣ ё ғайридавлатӣ ҷиҳати ба ӯ ройгон расонидани маҷмӯи ҳадди ақалли хизматрасонии иҷтимоӣ, аз ҷумла додани сарпаноҳ ва ҷои шабгузаронӣ, маводи хӯрока, ёрии таъҷилии тиббӣ, равонӣ, ҳуқуқӣ ва моддӣ, инчунин хизматрасонии

санитарию беҳдоштӣ дар ҳаҷми муайяннамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиат намояд.

2. Мақоми ваколатдори давлатӣ дар давоми 24 соат аз лаҳзаи аз ҷониби шахси аз савдои одамон зарардида бо тартиби муқаррарнамудаи моддаи 21 Қонуни мазкур пешниҳод намудани ариза дар хусуси қурбонии савдои одамон эътироф гардиданаш, ҷиҳати ба таври ройгон ба ӯ пешниҳод намудани маҷмӯи ҳадди ақалли хизматрасонии иҷтимоӣ дар ҳаҷми пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳо меандешад.

3. Паҳн намудани маълумоте, ки сирри шахсӣ ва оилавии шахсони аз савдои одамон зарардидаро ташкил медиҳанд, инчунин дигар маълумоте, ки ифшои он ба ҳаёт ё саломатии ин шахсон, инчунин барои амнияти наздикони онҳо хатар ба вуҷуд меорад, манъ аст.

**Моддаи 20. Мақоми ҳуқуқии қурбонии савдои одамон**

1. Қурбониёни савдои одамон шахсони зерин эътироф карда мешаванд:

- шахсоне, ки аз тарафи савдогарони одамон ё шарикони онҳо бо мақсади содир намудани савдои одамон ё ҷиноятҳои ба он алоқаманд ё дар ҷараёни содиркунии ин ҷиноятҳо мавриди маҷбуркунӣ, сӯиистифодаи боварии онҳо ва ё сӯиистифодаи гунаҳгор аз вазъи хизматиаш қарор гирифтаанд;

- шахсоне, ки бо мақсади истифодаи минбаъдаи онҳо дар самти савдои одамон оид ба ниятҳои ҳақиқии савдогарони одамон мавриди фиреб қарор гирифтаанд, аз ҷумла шахсоне, ки аз ҷониби савдогарони одамон ҷиҳати бастани шартномаи (қарордоди) қалбакии меҳнатӣ ё дигар шартномаҳо (қарордодҳо), ки ба истисмори одам, истифодаи меҳнати ғуломона ё маҷбурӣ вобаста намебошад, моил карда шудаанд;

- шахсоне, ки бо сабаби дар вазъяти ноилоҷӣ ё ҳолати оҷизӣ қарор доштанашон, новобаста ба дарки ниятҳои ҳақиқии савдогарони одамон, пешакӣ барои истисмор розигии худро додаанд.

2. Қурбонии савдои одамон эътироф намудани шахс аз ҳолатҳои зерин вобаста намебошад:

- мавҷуд будан ё набудани шаҳрвандӣ;

- рафтори ба ҷабрдидагӣ моил (виктимӣ) ё зиддиҷамъиятии ин шахс дар давраи то ҷалб гардидани ӯ ба савдои одамон, инчунин нияти дар оянда тағйир додани рафторашро доштан ё надоштани ӯ;

- мавҷуд будани розигии шахси мазкур ба ҷалбкунӣ, интиқол, супоридан, фурӯш, истисмори ӯ ё дигар ҳаракатҳое, ки ба савдои одамон алоқамананд, ки аз ҷониби савдогарони одамон бо истифодаи маҷбуркунӣ, рабудан, фиреб, сӯиистифодаи боварии ӯ ё сӯиистифодаи гунаҳгор аз вазъи хизматиаш нисбат ба қурбонии имконпазир, ҳамчунин бо истифодаи вазъияти ноилоҷӣ ё ҳолати оҷизии ӯ ба даст оварда шудааст;

- мавҷуд будани мақоми мурофиавии ҷабрдида оид ба парвандаи ҷиноятӣ, ки марбут ба ҳолати содир шудани ҷиноят (ҷиноятҳо) дар самти савдои одамон оғоз карда шудааст;

- омода будани шахс барои ҳамкорӣ кардан бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ҳангоми тафтиш ва муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ вобаста ба ҷинояте, ки нисбат ба ӯ содир шудааст.

3. Бо тартиби пешбининамудаи моддаи 21 Қонуни мазкур ба шахс додани мақоми қурбонии савдои одамон ба ӯ аз лаҳзаи айнияткунонии вай ба сифати қурбонии савдои одамон то мутобиқгардонӣ ва тавонбахшии пурраи иҷтимоӣ ҳуқуқ медиҳад, ки аз хизматрасонии маъмулии иҷтимоӣ дар ҳаҷми муқарраркардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки чораҳои ҳифзи иҷтимоӣ, расонидани кӯмаки равонӣ, ҳуқуқӣ, иттилоотӣ, иҷтимоӣ, тиббӣ ва дигар намуди кӯмак, инчунин баргардонидани қурбониро ба оила, таъмин намудан бо ҷои кор ва таъминоти иҷтимоии ӯро дар бар мегирад, истифода барад.

4. Қурбонии савдои одамон барои кирдорҳои зиддиҳуқуқӣ, ки ҳангоми қурбонии савдои одамон буданаш содир кардааст, ба ҷавобгарии маъмурӣ ва ҷиноятӣ кашида намешавад.

5. Додани мақоми қурбонии савдои одамон ба шахсе, ки барои кирдорҳои зиддиҳуқуқии марбут ба ҷалби ӯ ба сифати қурбонии савдои одамон ба ҷавобгарии маъмурӣ ё ҷиноятӣ кашида шудааст, барои аз ҷавобгарӣ озод намудани ӯ асос мегардад.

**Моддаи 21. Тартиби додани мақоми ҳуқуқии қурбонии савдои одамон**

1. Ба шахс додани мақоми ҳуқуқии қурбонии савдои одамон аз ҷониби Комиссияи байниидоравӣ ва ё комиссияҳои ҳудудии ҷои будубошти қурбонии савдои одамон амалӣ карда мешавад.

2. Қарор дар бораи қурбонии савдои одамон эътироф намудани шахс аз тарафи Комиссияи байниидоравӣ ё комиссияҳои ҳудудӣ қабул карда мешавад.

3. Ариза дар бораи қурбонии савдои одамон эътироф намудан аз ҷониби худи шахси зарардида ё намояндаи қонунии ӯ бо розигии ин шахс ба субъекти амаликунандаи муқовимат ба савдои одамон ё ба муассисаи махсуси давлатӣ ва ғайридавлатии дахлдор дода мешавад.

4. Субъекти амаликунандаи муқовимат ба савдои одамон ва муассисаи махсуси давлатӣ ё ғайридавлатии дахлдор дар давоми 24 соат аризаи шахси аз савдои одамон зарардидаро ба Комиссияи байниидоравӣ ё комиссияи ҳудудии дахлдор барои ҳалли масъалаи ба ӯ додани мақоми ҳуқуқии қурбонии савдои одамон ирсол менамояд.

5. Мақоми ҳуқуқии қурбонии савдои одамон ба шахси аз савдои одамон зарардида аз ҷониби Комиссияи байниидоравӣ ё комиссияи дахлдори ҳудудӣ баъди муайян ва аниқ намудани ҳолатҳои зарурӣ, вале на дертар аз 15 рӯз пас аз муроҷиати шахси мазкур дар хусуси ба вай додани ин мақом дода мешавад.

6. Ба қурбонии савдои одамон барои қабули қарор дар хусуси ҳамкорӣ бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ вобаста ба ҷинояти нисбати ӯ дар самти савдои одамон содиршуда на камтар аз 30 рӯз мӯҳлат дода мешавад, ки он аз рӯзи муроҷиат ба субъекти амаликунандаи муқовимат ба савдои одамон ё муассисаи махсуси давлатӣ ва ғайридавлатии дахлдор ҳисоб карда мешавад.

**Моддаи 22. Махфиёна будани маълумот дар бораи қурбониёни савдои одамон**

1. Иттилоот дар бораи қурбониёни савдои одамон ё ҳолатҳои ҷиноятҳои нисбат ба онҳо содиршуда, ки ифшои он ба ҳаёт ё саломатии қурбонии савдои одамон ё наздикони ӯ хатарро ба вуҷуд меорад, инчунин маълумот дар бораи чораҳои амниятии нисбат ба онҳо татбиқшаванда набояд паҳн шаванд. Ғайриқонунӣ паҳн намудани чунин маълумот боиси ҷавобгарии пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мегардад.

2. Воситаҳои ахбори омма ҳуқуқ надоранд дар хабарҳо ва маводи паҳншаванда маълумотеро, ки бевосита ё бавосита ба шахсияти қурбонии савдои одамон дахл дорад, бе розигии ӯ, нисбат ба кӯдак бошад, бе розигии худи кӯдак-қурбонии савдои одамон, намояндаи қонунии вай ва мақомоти васоят ва парасторӣ ифшо намоянд.

**Моддаи 26. Фонди давлатии расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон**

1. Бо мақсади маблағгузории самараноки чорабиниҳо оид ба ҳифз, мутобиқгардонӣ ва тавонбахшии иҷтимоии қурбониёни савдои одамон Фонди давлатии расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон (минбаъд - Фонд) таъсис дода мешавад.

2. Тартиби таъсис ва ташкили фаъолияти Фонд бо Низомнома, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мегардад, муқаррар карда мешавад.

3. Назорати давлатии фаъолияти Фонд бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Комиссияи байниидоравии муқовимат ба савдои одамон амалӣ карда мешавад.

4. Мақсади фаъолияти Фонд иштирок дар маблағгузории фаъолияти муассисаҳои махсуси давлатӣ ва ғайридавлатӣ, додани кӯмакпулиҳои иҷтимоӣ ба қурбониёни савдои одамон, ки бо тартиби муқарраршуда аз рӯи парвандаҳои ҷиноятӣ оид ба ҷиноятҳои ба савдои одамон алоқаманд ҷабрдида эътироф шудаанд, инчунин маблағгузориҳо ҷиҳати ҳифз, мутобиқгардонӣ ва тавонбахшии иҷтимоии онҳо ба шумор меравад.

5. Сарчашмаҳои даромади Фонд инҳоянд:

- маблағҳои буҷети давлатӣ;

- воситаҳое, ки аз ташкилотҳои байналмилалӣ ворид шудаанд;

- хайрияҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ;

- дигар манбаъҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст.

**Моддаи 28. Мутобиқгардонӣ ва тавонбахшии иҷтимоии шахсони аз савдои одамон зарардида**

1. Шахсе, ки бо тартиби муқарраргардида қурбонии савдои одамон эътироф карда шудааст, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи таъмин будан бо ҷои зисти муваққатии бехатар дар муассисаи махсуси давлатӣ ё ғайридавлатӣ, инчунин ҳуқуқи ройгон гирифтани кӯмакҳои зеринро дорад:

- кӯмаки ҳуқуқӣ ва кӯмак дар барқарор намудан ва барасмиятдарории ҳуҷҷатҳо, аз ҷумла аризаҳо ва иттилоот вобаста ба ҷинояти дар самти савдои одамон содиршуда;

- иттилоот дар бораи мавҷуд будани расмиёти судӣ ва маъмурӣ, ки барои ҳимоя ва расонидани кӯмак ба шахсони аз савдои одамон зарардида равона шудаанд;

- кӯмаки иҷтимоӣ ва моддӣ, дар давраи ҷобаҷокунӣ, таъмин намудан бо хӯрока, маҷмӯи рахти хоб ва воситаҳои санитарию беҳдоштӣ, дар ҳолатҳои зарурӣ бошад, бо либос, пойафзол ва дигар ашёи таъминоти молӣ аз рӯи меъёрҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- кӯмаки тиббӣ дар шакли муоинаи тиббӣ, табобат (аз рӯи нишондодҳо) ва расонидани кӯмаки махсуси тиббӣ вобаста ба ҷароҳат ва бемориҳое, ки дар натиҷаи содир намудани ҷиноят дар самти савдои одамон гирифтаанд;

- кӯмаки зарурии равонӣ, аз ҷумла дар самти интихоби касб;

- кӯмак дар таъмини кор, гирифтани таҳсилот ва тайёрии касбӣ;

- кӯмак дар баргардонидан ба оила ва ҷамъият, аз ҷумла кӯмак дар ташкили ҷустуҷӯи хешовандон, нисбат ба кӯдакони қурбониёни савдои одамон бошад, ҷустуҷӯи дигар намояндагони қонунии онҳо.

2. Ҳангоми амалӣ намудани мутобиқгардонӣ ва тавонбахшии иҷтимоии қурбониёни савдои одамон ба ҳеҷ гуна шакл маҳдуд намудани ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, роҳ дода намешавад.

3. Чораҳои мутобиқгардонӣ ва тавонбахшии иҷтимоии қурбониёни савдои одамон бо риояи пурра махфиёна будан ва розигии ихтиёрии қурбонии савдои одамон амалӣ гардонида мешаванд.

4. Иттилоот дар бораи чораҳои мутобиқгардонӣ ва тавонбахшии иҷтимоии нисбат ба қурбониёни савдои одамон татбиқшаванда фавран ба вай дар шакли дастрас аз ҷониби кормандони мақомоти дахлдор ё муассисаҳое, ки барои гузаронидани чораҳои зикргардида ваколатдор карда шудаанд, пешниҳод карда мешавад.

5. Мутобиқгардонӣ ва тавонбахшии иҷтимоии қурбониёни савдои одамон, хусусан кӯдакон бо назардошти синну сол, ҷинс ва талаботи махсуси онҳо, нисбат ба қурбониёни болиғи савдои одамон бошад, бо назардошти омодагии онҳо ба ҳамкорӣ бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аз рӯи парвандаҳо оид ба ҷиноятҳои нисбат ба онҳо содиршуда амалӣ карда мешаванд.

6. Дар сурати аз ҷониби қурбонии савдои одамон изҳори омодагӣ намудан ба ҳамкорӣ бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аз рӯи парвандаҳо оид ба ҷиноятҳо нисбат ба онҳо мӯҳлати амалӣ намудани

чораҳои мутобиқгардонӣ ва тавонбахшии иҷтимоӣ мумкин аст дар тамоми давраи мурофиаи судии ҷиноятӣ дароз карда шавад.

**Моддаи 29. Тартиби тавонбахшии иҷтимоии қурбониёни савдои одамон ва ба онҳо расонидани кӯмак**

1. Бо мақсади таъмини амнияти қурбонии савдои одамон, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии вай аз ҷониби давлат ба шахси мазкур новобаста аз омодагии ӯ ба ҳамкорӣ бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва суд дар таъқиби ҷиноятии савдогарони одамон маҷмӯи хизматрасонӣ оид ба мутобиқгардонӣ ва тавонбахшии иҷтимоӣ, аз ҷумла муваққатан, ба мӯҳлати то ду моҳ дар муассисаҳои махсуси давлатӣ ё ғайридавлатӣ истиқомат кардан кафолат дода мешавад.

2. Ҷой кардани шахсе, ки бо тартиби муқарраркардаи Қонуни мазкур қурбонии савдои одамон эътироф карда шудааст, дар ҷойҳои дастгиркунӣ, ҳабси пешакӣ, муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, инчунин дигар ҷойҳои ҷудо нигоҳдорӣ роҳ дода намешавад.

3. Мақомоти маориф ва илм бо розигии қурбониёни савдои одамон иштироки онҳоро дар барномаҳои таҳсилоти умумӣ ва касбӣ ва дигар барномаҳои таълимӣ, ки барои мутобиқгардонӣ ва тавонбахшии иҷтимоӣ ва огоҳонидани ревиктимизатсияи қурбониёни савдои одамон таҳия гардидаанд, якҷоя бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, ки барои амалигардонии ваколатҳои назоратбарӣ дар самти тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, меҳнат ва шуғл ваколатдор карда шудаанд, таъмин менамоянд.

4. Мутобиқгардонӣ ва тавонбахшии иҷтимоии қурбониёни савдои одамон аз ҳисоби буҷетҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ, Фонд, инчунин аз дигар манбаъҳои маблағгузорӣ амалӣ карда мешавад.

5. Субъектҳои амаликунандаи муқовимат ба савдои одамон чораҳоро барои огоҳонидани ревиктимизатсияи қурбониёни савдои одамон, аз ҷумла бо роҳи амалигардонии назоратбарии иҷтимоии рафт ва натиҷаҳои мутобиқгардонӣ ва тавонбахшии иҷтимоии қурбониёни савдои одамон, ки муассисаҳои махсусро тарк кардаанд ва дар ҳолати зарурӣ чораҳои иловагиро барои расонидани кӯмак ба онҳо меандешанд.

**Моддаи 30. Муассисаҳои махсуси давлатӣ ва ғайридавлатӣ оид ба расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон**

1. Бо мақсади расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон бо назардошти талаботи мавҷуда муассисаҳои махсуси давлатӣ ва ғайридавлатӣ таъсис дода мешаванд.

2. Тартиби таъсисёбӣ, маблағгузорӣ ва ташкили фаъолияти муассисаҳои махсуси давлатӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.

3. Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ ва дигар ташкилотҳо, инчунин шахсони воқеӣ ҳуқуқ доранд мутобиқи тартиби пешбиникардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон - муассисаҳои махсуси ғайридавлатиро, ки аз ҳисоби маблағҳои хусусӣ ё ҷалбшудаи онҳо маблағгузорӣ мешаванд, таъсис диҳанд.

4. Назоратбарии фаъолияти муассисаҳои махсуси давлатӣ ва ғайридавлатиро бо тартиби пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи салоҳияти худ Комиссияи байниидоравӣ ва комиссияҳои ҳудудӣ, инчунин мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, амалӣ менамоянд.

5. Муассисаҳои махсуси давлатӣ ва ғайридавлатӣ вазифаҳои зеринро оид ба расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон амалӣ менамоянд:

- муносибати инсондӯстона, ки шаъну шарафи инсониро паст намезанад;
- пешниҳоди паноҳгоҳи ройгон барои истиқомати муваққатӣ;
- таъмин намудан бо хӯрока, рахти хоб ва воситаҳои санитарию беҳдоштии ройгон ва дар ҳолатҳои зарурӣ, бо либос;
- бо тарҷумон ройгон таъмин намудани қурбониёни савдои одамон бо мақсади мутобиқгардонӣ ва тавонбахшии иҷтимоии онҳо (барои шахсоне, ки забони давлатиро намедонанд ё ба таври кофӣ намедонанд);
- ба қурбонии савдои одамон дар шакли соддаю фаҳмо расонидани иттилоот оид ба мақсадҳои будубоши ӯ дар муассисаи махсус, ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои ӯ, қоидаҳои асосӣ, ки тартиботи дохилӣ дар муассисаи мазкур ба танзим медароранд;
- дар шакли соддаю фаҳмо пешниҳод намудани иттилоот оид ба тарзҳои ҳифзи ҳуқуқҳо ва манфиатҳои қонунии шахсони аз савдои одамон зарардида, ки бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд;
- пешниҳод намудани кӯмаки ройгони тахассусии равонӣ;
- гузаронидани муоинаи аввалияи тиббӣ, ташкили расонидани кӯмаки таъҷилии тиббӣ ва кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ дар

марказҳои саломатӣ, дармонгоҳҳо ва беморхонаҳо, аз ҷумла ба занҳо дар давраи ҳомиладорӣ, дар давраи таваллуд ва пас аз таваллуд;

- расонидани кӯмаки ройгони ҳуқуқӣ дар ҳаҷме, ки барои таъмини ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии қурбониёни савдои одамон заруранд;

- мусоидат намудан барои ба оила ва ҷамъият баргардонидан, аз ҷумла расонидани кӯмак дар ташкил намудани ҷустуҷӯи хешовандонашон;

- пешгирӣ намудани ревиктимизатсияи қурбониёни савдои одамон.

6. Муассисаҳои махсуси давлатӣ ва ғайридавлатӣ барномаҳои кӯтоҳмӯҳлат ва дарозмӯҳлати мутобиқгардонӣ ва тавонбахшии иҷтимоӣ ва пешгирии ревиктимизатсияи қурбониёни савдои одамонро, ки дар муассисаҳои мазкур нигоҳ дошта мешаванд, таҳия ва дар амал татбиқ менамоянд.

**Моддаи 32. Хусусиятҳои мақоми ҳуқуқии кӯдакон - қурбониёни савдои одамон**

1. Ба кӯдакон - қурбониёни савдои одамон ҳуқуқу озодиҳои кафолатдодаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон, ки ҳуқуқи кӯдак ва кафолати амалӣ намудани онро танзим менамоянд, таъмин карда мешавад.

2. Давлат ҳифз ва расонидани кӯмакро ба кӯдак-қурбонии савдои одамон аз лаҳзаи нисбати ӯ содир шудани ҷиноят дар самти савдои одамон, аз ҷумла баъд аз айнияткунонии ӯ ба сифати қурбонии савдои одамон то мутобиқгардонӣ ва тавонбахшии пурраи иҷтимоии кӯдак, новобаста аз хоҳиши ӯ барои ҳамкорӣ бо мақомоти давлатӣ оид ба масъалаҳои ошкор намудан ва кушодани ҷинояти нисбат ба вай содиршуда ва таъқиби ҷиноятии савдогарони одамон таъмин менамояд.

3. Баъди ба кӯдак додани мақоми ҳуқуқии қурбонии савдои одамон ӯ фавран ба мақомот ва муассисаҳое, ки мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳифз ва расонидани кӯмак ба кӯдакони аз савдои одамон зарардида ваколатдор карда шудаанд, фиристода мешавад. Дар ҳолате, ки агар синни қурбонии савдои одамон маълум набошад, вале асосҳои воқеие барои тахмин намудан мавҷуд бошанд, ки вай ба синни ҳаждаҳ нарасидааст, то қатъиян муқаррар намудани синни воқеии шахси мазкур нисбат ба

ӯ кафолатҳои махсуси ҳуқуқӣ, ки бо Қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои расонидани кӯмак ба кӯдакон-қурбониёни савдои одамон пешбинӣ шудаанд, паҳн мегарданд.

4. Ба кӯдаконе, ки аз савдои одамон зарар дидаанд, мақоми ҳуқуқии қурбонии савдои одамон дар асоси муроҷиати худи кӯдак, муроҷиати намояндаи қонунии ӯ ё намояндаи мақомоти васоят ё парасторӣ ва ё намояндаи муассисаи махсуси дахлдор новобаста аз розигии кӯдак, нисбат ба кӯдакони ба синни понздаҳ расида бошад, дар асоси муроҷиати худи кӯдак ё шахсони дар ҳамин қисм пешбинигардида дар асоси розигии ихтиёрии огоҳонаи кӯдак дода мешавад.

5. Чораҳои мутобиқгардонӣ ва тавонбахшии иҷтимоии кӯдакон-қурбониёни савдои одамон новобаста аз хоҳиши онҳо, нисбат ба кӯдакони ба синни понздаҳ расида бошад, бо розигии онҳо ва (ё) розигии намояндагони қонунии онҳо ва ё мақомоти васоят ва парасторӣ амалӣ карда мешаванд.

6. Дар ҳолатҳое, ки кӯдак – қурбонии савдои одамон падару модар ё дигар намояндагони қонунӣ надошта бошад, мақомоти васоят ва парасторӣ фавран мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ӯ васӣ таъин мекунад, ки вай қабули ҳамаи қарорҳоро ба манфиати кӯдак таъмин карда, аз номи кӯдак ариза пешниҳод менамояд ва якҷоя бо ӯ дар тамоми рафти мурофиаи ҷиноятӣ ва то қабули қарор ба манфиати кӯдак иштирок мекунад.

7. Ба кӯдак-қурбонии савдои одамон барои то 6 моҳ ё дар тамоми давраи муҳокимаи судии парвандае, ки оид ба он вай ба сифати ҷабрдида баромад мекунад, ҳангоми зарурат бошад, баъди анҷоми он то мутобиқгардонӣ ва тавонбахшии пурраи иҷтимоӣ ҳуқуқи истиқомат кардан дар муассисаи махсуси давлатӣ ё ғайридавлатӣ, дигар муассисаи махсуси хизматрасонии иҷтимоӣ, ки ба кӯдакони дар вазъияти хатарноки иҷтимоӣ ё дигар вазъияти душвори ҳаётӣ қарордошта кӯмаки иҷтимоӣ мерасонад, дода мешавад. Кӯдакон – қурбониёни савдои одамон дар муассисаҳои зикршудаи махсус дар шароити барои онҳо махсус, ки ба талаботи иҷтимоию синни онҳо мувофиқ аст, ҷой дода шуда, дар манзилҳои аз қурбониёни калонсоли савдои одамон ҷудо нигоҳ дошта мешаванд.

8. Кӯдакон-қурбониёни савдои одамон, ки дар муассисаҳои махсуси дар қисми 7 ҳамин модда пешбинишуда нигоҳ дошта

мешаванд, ҳуқуқ доранд ба тариқи иловагӣ аз хизматрасонии зерин ройгон истифода баранд:

- хабардор намудани падару модар (дигар намояндагони қонунӣ) дар хусуси ҷойгир намудани онҳо дар муассисаҳои махсуси дахлдор;

- нигоҳ доштани робита бо оила тавассути мукотибот, сӯҳбатҳои телефонӣ ва мулоқотҳо, ки агар ин ба амнияти онҳо зарар нарасонад;

- гирифтани кӯмак дар ташкили ҷустуҷӯи падару модар ё дигар намояндагони қонунӣ;

- гирифтани хӯрока, либос, пойафзол ва дигар ашёе, ки аз рӯи меъёрҳои муқарраргардида барои нигоҳдошти саломатӣ ва таъмини фаъолияти ҳаётии кӯдакон зарур мебошанд;

- гирифтани таҳсилоти умумӣ ва ибтидоии касбӣ;

- гирифтани маҷмӯи хизматрасонии иловагӣ, ки инкишофи ҷисмонӣ ва рӯҳии кӯдакро бо назардошти хусусиятҳои физиологӣ ва рӯҳию синнусолӣ таъмин менамоянд.

9. Ҳуқуқҳои иловагӣ барои кӯдакон-қурбониёни савдои одамон, ки бо қисми 8 ҳамин модда пешбинӣ шудаанд, ҳамчунин ба шахсони синнашон муқарраркарданашуда, то айнияткунонии онҳо ба сифати шахсони болиғ, ҳангоми мавҷуд будани асосҳои кофӣ дар хусуси он, ки ин шахсон ба синни ҳаждаҳ нарасидаанд, паҳн мегардад.

10. Муассисаҳои махсуси давлатӣ ва ғайридавлатӣ, ки дар қисми 7 ҳамин модда пешбинӣ гардидаанд, дар амалияи худ барномаҳои махсуси айнияткунонӣ, мутобиқгардонӣ ва тавонбахшии иҷтимоии кӯдакон - қурбониёни савдои одамонро, ки дар муассисаҳои зикргардида нигоҳ дошта мешаванд, таҳия ва амалӣ намуда, амнияти онҳоро таъмин мекунанд, махфиёна будани иттилоотро дар хусуси шахсияти кӯдак ва мақоми ӯ ҳамчун қурбонии савдои одамон қатъиян риоя менамоянд.

11. Ба кӯдакон - қурбониёни савдои одамон, аз ҷумла ба онҳое, ки дар муассисаҳои махсуси давлатӣ ва ғайридавлатӣ нигоҳ дошта мешаванд, дар муассисаҳои давлатии таҳсилоти умумӣ ва ибтидоии касбӣ ё дар муассисаҳои махсусгардонидашудаи тарбиявӣ бо тартиби муқарраркардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи маориф ҳуқуқ ба таҳсил таъмин карда мешавад.

12. Дар ҳолатҳое, ки кӯдакон-қурбониёни савдои одамон бе парастории падару модар мондаанд ё маҳалли будубоши падару модари худро намедонанд, мақомоти давлатӣ, ки барои расонидани

кӯмак ба қурбониёни савдои одамон ваколатдор карда шудаанд, ӯҳдадоранд фавран ҷустуҷӯи оилаи кӯдакро оғоз намуда, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ба расмият даровардани васоят ё парасторӣ ба ӯ чораҳо андешанд.

**Моддаи 37. Сиёсати таълимии давлат дар самти пешгирии савдои одамон**

1. Сиёсати таълимӣ дар самти пешгирии савдои одамон бо роҳҳои зерин амалӣ мегардад:

- бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъи додани иҷозат ба фаъолияти омӯзгорӣ дар муассисаҳои таълимӣ ба шахсоне, ки чунин фаъолият ба онҳо бо ҳукми суд ё хулосаи тиббӣ манъ шудааст, инчунин шахсоне, ки барои ҷиноятҳо дар самти савдои одамон доғи судӣ доранд;
- бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷорӣ намудани экспертизаи ҳатмии барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ ва таълимию методӣ, ки барои истифодабарӣ дар раванди таълим дар муассисаҳои таълимӣ таъин шудаанд, аз ҷумла дар онҳо мавҷуд будани ташвиқи ошкоро ё пинҳонии кирдорҳои ба савдои одамон алоқаманд ва ё рекламаи хизматрасониҳо дар самти мазкур;
- таҳия ва ҷорӣ намудани барномаҳои таълимие, ки проблемаҳои савдои одамон ва тарзҳои муқовимат ба онро ошкор намуда, ба гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ (аз ҷумла қурбониёни имконпазири савдои кӯдакон, падару модари кӯдакон, мураббиён ва омӯзгорони онҳо, ҷавонон, кормандони воситаҳои ахбори омма, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ) нигаронида шудаанд, инчунин барномаҳое, ки барои таълим дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ, таҳсилоти ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ, олии касбӣ пешбинӣ шудаанд;
- ба барномаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ, ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ, олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ дохил кардани курсҳои махсус оид ба пешгирии савдои одамон;
- таҳия ва ҷорӣ намудани барномаҳои махсус оид ба пешгирии савдои одамон дар муассисаҳои тарбиявии махсусгардонидашуда барои кӯдакон, дигар мақомот ва муассисаҳо, ки пешгирии оворагардӣ ва ҳуқуқвайронкунии кӯдаконро амалӣ менамоянд;

- ташкили тайёркунӣ ва такмили ихтисоси кормандони мақомоти давлатӣ, аз ҷумла мақомоти ҳифзи ҳуқуқ оид ба пешгирӣ ва мубориза бо савдои одамон;

- амалӣ намудани назоратбарӣ аз рӯи фаъолияти муассисаҳои таълимӣ оид ба ташкил кардани коромӯзӣ, таълим, азнавтайёркунӣ, таҷрибаомӯзӣ, гузаронидани озмунҳо, олимпиадаҳои хонандагон, донишҷӯён ва аспирантҳо дар хориҷа.

2. Ҳангоми ташаккули сиёсати таълимӣ вазъ, ҷараён ва пешгӯии инкишофи ҷинояткорӣ дар самти савдои одамон, роҳҳои муосири муқовимат ба он, аз ҷумла механизмҳои пешгирикунанда ва ҳифзи ҳуқуқ, инчунин воситаҳои барномавӣ ва иттилоотии муосир ба инобат гирифта мешаванд.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Эмомалӣ Раҳмон**

ш. Душанбе,
26 июли соли 2014, №1096

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
# ДАР БОРАИ СУҒУРТАИ ДАВЛАТИИ ИҶТИМОӢ

Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ташкилии суғуртаи давлатии иҷтимоиро муайян мекунад ва амали он нисбати суғуртаҳои ихтиёрии иҷтимоӣ татбиқ намешавад.

## ФАСЛИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

**Моддаи 1. Суғуртаи давлатии иҷтимоӣ**

Суғуртаи давлатии иҷтимоӣ низоми навъҳои аз ҷониби давлат кафолатдодашудаи таъмини ашхоси суғурташуда ҳангоми маҳрум гардидан аз музди меҳнат ё даромад дар натиҷаи бемории, осеби меҳнатӣ ё бемории касбӣ, маъюбӣ, ҳомиладорӣ ва таваллуд, пирӣ, бекорӣ, аз даст додани саробон, фавтидан ва дигар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби саҳмҳои ҳатмии суғуртаи корфармоён ва шаҳрвандон иборат мебошад.

Суғуртаи давлатии иҷтимоӣ ҳатмӣ мебошад.

**Моддаи 2. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ**

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, иборат мебошад.

**Моддаи 3. Мафҳумҳои дар Қонун истифодашаванда**

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои зерин истифода бурда мешаванд:

**Суғуртакунанда** - шаҳрвандон, ашхоси ҳуқуқӣ (корхона, муассиса, ташкилот ва дигар субъекти хоҷагидорӣ, сарфи назар аз шакли моликият ва навъи фаъолият) ва ашхоси воқеӣ, ки шаҳрвандонро тибқи шартнома (қарордод) ба кироякорӣ ҷалб мекунанд, аз ҷумла ашхоси ҳуқуқӣ ва воқеии хориҷӣ, инчунин ташкилотҳои байналхалқӣ, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти худро анҷом медиҳанд, ба ҳисоб мераванд, ки

ӯҳдадоранд мутобиқи қонунҳои ҷорӣ ба суғуртаи давлатии иҷтимоӣ саҳм ворид кунанд;

**Муассисаи суғурта - шахси ҳуқуқӣ**, ки фаъолияти суғуртаро мутобиқи қонунҳои ҷорӣ дар соҳаи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ анҷом медиҳад.

**Шахси суғурташуда - шахси воқеӣ**, ки ба манфиати ӯ суғуртаи давлатии иҷтимоӣ анҷом дода мешавад;

**Ҳодисаи суғурта** - ҳодисаи рӯҳдода, ки бо фаро расидани он ӯҳдадории суғуртакунанда оид ба пардохти суғурта ба шахси суғурташуда ё талофии хароҷоти масрафнамудаи ӯ ба миён меояд;

**Пардохти суғурта** - маблағи пулӣ, ки ҳангоми ба миён омадани ҳодисаи суғурта ба шахси суғурташуда тибқи ҳаҷм ва шартҳои муқаррарнамудаи қонунҳо оид ба суғуртаи давлатии иҷтимоӣ анҷом дода мешавад;

**Саҳами суғурта** - пардохти ҳатмӣ барои суғуртаи давлатии иҷтимоӣ, ки суғуртакунанда вазифадор аст ба муассисаи суғурта гузаронад;

**Тарифҳои саҳмияҳои суғурта** - андозаи саҳмияи суғурта бо фоизи ба музди меҳнати (даромад) бо ҳама асосҳо ҳисобкардашуда ё ҳаҷми мушаххас барои категорияҳои алоҳидаи суғуртакунандагон;

**Баҳисобгирии инфиродӣ** - ташкил ва пешбурди баҳисобгирии маълумот оид ба ҳар як шахси суғурташуда бо мақсади суғуртаи давлатии иҷтимоӣ;

**Собиқаи суғурта** - давомнокии маҷмӯи давраҳои пардохти саҳмияҳои суғурта барои шахси суғурташуда;

**Суратҳисоби захиравии инфиродӣ** - қисми махсуси ҳисобномаи захиравии инфиродие мебошад, ки дар он маблағи захираҳои ҳатмии нафақавӣ, даромадҳо аз сармоягузорӣ ва индексатсияи онҳо, инчунин пардохтҳо аз ҳисоби захираҳои нафақавӣ дарҷ гардидаанд.

### Моддаи 4. Принсипҳои суғуртаи давлатии иҷтимоӣ

Принсипҳои асосии суғуртаи давлатии иҷтимоӣ иборатанд аз:

- хусусияти умумӣ ва ҳатмӣ доштани суғуртаи давлатии иҷтимоӣ ва таъмини ҳифзи иҷтимоии ашхоси суғурташуда;

- кафолати давлатии нигоҳ доштани сатҳи бадастомадаи ҳифзи иҷтимоии ашхоси суғурташуда;

- табақабандии сатҳи ҳифзи ичтимоии ашхоси суғурташуда бо назардошти саҳми меҳнатии онҳо, сабабҳои ҳодисаҳои суғурта ва дигар омилҳо;

- масъулияти суғуртакунанда ва муассисаи суғурта ҷиҳати таъмини ҳуқуқҳои ашхоси суғурташуда;

- масъулияти ашхоси суғурташуда, ки иштироки бевоситаашонро барои ба расмият даровардан ва маблағгузории суғуртакунии иҷтимоии худ пешбинӣ менамоянд;

- баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқии субъектҳои суғуртаи давлатии иҷтимоӣ;

- иштироки намояндагони ҳамаи субъектҳои суғуртаи давлатии иҷтимоӣ дар идораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ (намояндагони давлат, суғуртакунанда, иттиҳодияҳои корфармоён ва кормандон дар симои шахси намоянда);

- дастрасӣ **ба** таъмин ва татбиқи ҳуқуқи ашхоси суғурташуда ва ташкили назорати низоми суғуртаи давлатии иҷтимоӣ;

- махсус будани маблағҳои молиявии суғуртаи давлатии иҷтимоӣ ва анҷом додани пардохтҳо ба ашхоси суғурташуда вобаста ба иҷрои ӯҳдадориҳо оид ба суғуртаи иҷтимоӣ;

- масъулияти давлат барои истифода, ҷойгиронӣ ва ҳифзи воситаҳои суғуртаи давлатии иҷтимоӣ.

**Моддаи 5. Ашхосе, ки бо суғуртаи давлатии иҷтимоӣ фаро гирифта мешаванд**

Суғуртаи давлатии иҷтимоӣ бидуни истисно, тамоми ашхоси воқеиро, ки тибқи шартномаи (қарордод) меҳнатӣ кор мекунанд, (минбаъд-кормандон) ки дар корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳои ҳамаи намуди моликият ва фаъолияти хоҷагидорӣ, шаҳрвандони алоҳида, инчунин ашхосе, ки аъзои ё иштирокчии корхонаҳо мебошанд, дар бар мегирад.

Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки фаъолияти худро тибқи шартномаи дорои хусусияти гражданию ҳуқуқӣ анҷом медиҳанд, аз ҷумла дар намояндагиҳои давлатҳои хориҷӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ ва дипломатӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, ки фаъолияти меҳнатӣ, хоҷагидорӣ ва соҳибкориро (бе ташкили шахси ҳуқуқӣ) дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал

мебароранд, мутобиқи Қонуни мазкур бояд таҳти суғуртаи ҳатмии давлатии иҷтимоӣ қарор гиранд. Тартиби суғуртаи ҳатмии давлатии иҷтимоиро нисбати шахсони зикргардида Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад.

**Моддаи 6. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои суғуртакунанда**

Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад:

шахсан аз тариқи намояндаи худ дар идораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ иштирок намояд;

аз муассисаи суғуртакунанда бидуни мамоният оид ба истифодаи маблағҳои суғуртаи давлатии иҷтимоӣ маълумот ба даст орад;

ба ҳифзи судии ҳуқуқу манфиатҳои худ.

Суғуртакунанда вазифадор аст:

мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи Қонун нафақа, ёрдампулӣ ва дигар пардохтҳои дорои хусусияти мақсаднокро оид ба суғуртаи давлатии иҷтимоӣ ба ашхоси суғурташуда пардозад;

дар мӯҳлатҳои муайяншуда аз ҷониби тамоми ашхоси суғурташуда саҳмияҳои суғуртаро пардозад;

ҷиҳати рафъи омилҳои номатлубе, ки ба тандурустии кормандон таъсир мерасонад, барои беҳбуди шароити фаъолияти иқтисодӣ ва рафъи ҳодисаҳои травматизми истеҳсолӣ ва бемориҳои касбӣ тадбирҳои зарурӣ андешад;

ба муассисаи суғурта оид ба маблағҳои суғуртаи давлатии иҷтимоӣ, таъмини ҳуқуқи ашхоси суғурташуда ва иҷрои ӯҳдадориҳои суғуртакунанда аснод ва маълумотҳоро пешниҳод кунад;

қарорҳои мақомоти суғуртаи иҷтимоиро оид ба масъалаҳое, ки таҳти салоҳияти онҳо қарор доранд, иҷро кунад;

баҳисобгирии суғуртаи давлатии иҷтимоиро анҷом дода ба муассисаи суғурта оид ба хароҷот ҳисобот диҳад.

**Моддаи 7. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои муассисаи суғурта**

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон суғуртаи давлатии иҷтимоӣ аз тарафи мақомоти ваколатдоре, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд (минбаъд – мақомоти ваколатдор), амалӣ карда мешавад.

Муассисаи суғурта ҳуқуқ дорад:

дар вазорату идораҳо, корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо сарфи назар аз шакли моликияташон тафтиши асноди пулӣ, китобҳои муҳосибавӣ (бухгалтерӣ), журналӣ, сабт, ҳисобот, нақша, смета, декларатсияҳо ва дигар асноди вобаста ба ҳисоб ва пардохти ҳиссаҳои суғурта, таъмин ва пардохти нафақа ва кӯмакпулиҳоро анҷом дода оид ба масъалаҳое, ки дар натиҷаи тафтиш ба миён меоянд, тавзеҳот, маълумотнома ва маълумотҳои зарурӣ ба даст орад;

баҳисобгирии инфиродии саҳмияҳои пардохташудаи суғуртаро дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун анҷом диҳад;

аз шахсони воқеӣ ва шахсони мансабдори шахси ҳуқуқӣ рафъи вайронкунии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз рӯи пардохти саҳмҳои суғурта ва хароҷоти ин маблағҳо ҷиҳати пардохти нафақа, кӯмакпулӣ ва ташкили солимгардонӣ талаб намояд;

бо тартиби муқарраршуда бақияпулиҳоро аз рӯи саҳми ҳисобкардашудаи муҷозотҳои молиявӣ, пеня ва гирифтани ҷарима аз шахсони мансабдоре, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро оид ба суғуртаи иҷтимоӣ вайрон кардаанд, тибқи қодекси Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ рӯёнад;

фонди захиравӣ ва фонди рушд созмон диҳад;

маблағи муваққатан озодро ба қоғазҳои қиматнок ва депозитҳои бонкҳо гузорад;

захираҳои нафақавии шахсони суғурташударо дар асоси шартномаҳои бо ширкатҳои идоракунанда басташуда тибқи шартҳои диверсификатсия нигоҳ дорад;

даъво пешниҳод намояд ва ё дигар амалҳои ҳуқуқии барои ҳимояи манфиатҳои мақомоти ваколатдор заруриро пешбинӣ намояд;

дар ҳамкории байналмилалӣ мутобиқи тартиби муқарраргардида ширкат варзад, таҷрибаи давлатҳои хориҷиро дар соҳаи таъмини нафақа васуғуртаи иҷтимоии аҳолӣ омӯзад ва истифода намояд;

коршиносон, мутахассисон ва машваратчиён, аз ҷумла хориҷиёнро ба кор ҷалб намояд;

дар таъсис додани муассисаҳои махсуси молиявие, ки ба аҳолӣ хизмати иҷтимоии суғуртавӣ мерасонанд, иштирок кунад;

тибқи бо тартиби муқарраргардидаи қонунгузорӣ ба судҳо дар бораи ҷуброни зиёни (дар шакли пулӣ ва ғайрипулӣ) буҷети мақомоти ваколатдор ба тарзи маҷбуран ситонидани маблағи

пардохтнашудаи саҳмҳои суғурта ва муҷозотҳои молиявӣ даъвои амволӣ пешниҳод кунад;

аз мақомоти дахлдори ҳокимияти давлатӣ ва муассисаҳо (васоят ва парасторӣ, сабти асноди ҳолатҳои шаҳрвандӣ, ҳифзи иҷтимоӣ) ҳуҷҷат ва маълумоти дахлдорро (маълумотнома, нусха ва дигар маълумот) талаб намояд, ки дар асоси онҳо таъин ё пардохти ин ё он намуди нафақа ё кӯмакпулӣ тибқи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ анҷом дода шудааст (анҷом дода мешавад).

Муассисаи суғурта вазифадор аст:

Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки ҳуқуқи ашхоси суғурташударо дар қисми таъминот бо нафақа, кумакпулӣ ва ҷубронпулӣ оид ба суғуртаи давлатии иҷтимоӣ ҳифз менамояд, иҷро кунад;

Тадбирҳои таъминкунандаи пойдории молиявии низоми суғуртаи давлатии иҷтимоиро амалӣ намояд;

назорати баҳисобгирии дуруст, пардохти саривақтӣ ва гузаронидани саҳмияҳои суғуртаро оид ба суғуртаи давлатии иҷтимоӣ анҷом диҳад;

саҳеҳии ҳисоб ва сари вақт баҳисобгирӣ ва пардохти нафақа ва кӯмакпулиҳоро ба ашхоси суғурташуда таъмин намояд;

ба мақомоти болоӣ ҷиҳати тасдиқи ҳисобу китоб ва воридоти пардохтҳои оид ба суғуртаи давлатии иҷтимоӣ сари вақт ҳисобот пешниҳод кунад.

**Моддаи 8. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои ашхоси суғурташуда**

Ашхоси суғурташуда ҳуқуқ доранд:

аз суғуртакунанда бидуни мамоният оид ба ташаккули маблағҳои суғуртаи давлатии иҷтимоӣ маълумот ба даст оварда, хароҷоти онро назорат кунанд;

аз суғуртакунанда пардохти нафақа ва кӯмакпулиҳоро тибқи ҳаҷм ва мӯҳлатҳои муайяншуда талаб намоянд;

сари вақт ва дар ҳаҷми муайяншуда оид ба суғуртаи давлатии иҷтимоӣ кӯмакпулиҳо гиранд;

ҳуқуқи худро шахсан ё аз тариқи намояндагии худ, аз ҷумла тибқи тартиби судӣ ҳимоя кунанд;

шахси бовариноки худро ҷиҳати иштирок дар тафтиши ҳодисаҳои суғурта сафарбар намоянд;

дар ҳолатҳои пешбининамудаи Қонуни мазкур ба сифати суғуртакунанда баромад кунад.

Ашхоси суғурташуда ӯҳдадоранд:

Саҳмияҳои суғуртаи муқаррарнамудаи қонунҳоро ба суғуртаи давлатии иҷтимоӣ пардозанд;

сари вақт ба суғуртакунанда асноди саҳеҳро, ки барои таъин намудани пардохтҳои нафақа, кӯмакпулӣ ва ҷубронпулиҳо заруранд, пешниҳод намоянд;

шартҳои муайяншударо барои пардохти нафақа ва кӯмакпулиҳо риоя кунанд.

## ФАСЛИ 2. НАВЪ ВА АНДОЗАИ ТАЪМИНОТ МУТОБИҚИ СУҒУРТАИ ДАВЛАТИИ ИҶТИМОӢ

### Моддаи 9. Навъҳои таъминот оид ба суғуртаи давлатии иҷтимоӣ

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон навъҳои зайли таъминот оид ба суғуртаи давлатии иҷтимоӣ муқаррар карда мешаванд:

таъминоти нафақа;

кӯмакпулӣ барои корношоямии муваққатӣ;

кӯмакпулии ҳомиладорӣ ва таваллуд;

кӯмакпулиҳои оилавӣ;

кӯмакпулӣ ба сабаби бекорӣ;

кӯмакпулӣ барои дафн ба аъзои оилаи камбизоат;

хароҷоти маблағҳо барои тандурустии кормандон ва аъзои оилаи онҳо, инчунин барои татбиқи дигар тадбирҳо, ки ба вазифа ва функсияҳои оид ба ҳифзи меҳнат ва тандурустии кормандон ва аъзои оилаи онҳо мувофиқ аст;

иловапулиҳо ба нафақа аз ҳисоби маблағи андӯхти нафақаи ҳисобномаҳои андӯхти инфиродӣ;

дигар навъи пардохтҳо, ки мутобиқи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин гардидаанд, инчунин таъминотҳои таъминкунандаи иҷрои вазифаҳои муассисаи суғуртакунанда.

### Моддаи 10. Тартиби пардохтҳо аз маблағи ҳисобномаҳои андӯхти инфиродии шаҳрвандон

Муассисаи суғурта пардохтҳоро аз маблағи андӯхти нафақа ба шахсони суғурташудае, ки ба синни муқарраргардидаи нафақа расидаанд ва тавассути корфармо ё мустақилона бо тартиби муқаррарнамудаи қонун саҳмҳои нафақа (суғурта)-ро ба ҳисобномаҳои андӯхти инфиродӣ саривақт пардохт кардаанд, таъин ва таъмин менамояд.

Пардохт дар шаклҳои зайл анҷом дода мешавад:

- муқаррар намудани иловапулии мунтазам (ҳармоҳа) ба нафақаи меҳнатӣ;
- пардохти яквақтаи маблағи андӯхтшуда;
- гузаронидани маблағи андӯхтшуда ба фонди ғайридавлатии нафақаи интихобкардаи нафақахӯр.

Аз маблағи андӯхти нафақа, ки дар ҳисобномаи инфиродии шахси суғурташуда мавҷуд аст, ҳангоми расидан ба синни нафақа иловапулӣ ба нафақа таъин карда мешавад.

Тартиби пардохт ва андозаи иловапулии нафақаро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад.

Пардохти яквақтаи маблағи андӯхти инфиродӣ аз ҷониби муассисаи суғурта ҳангоме амалӣ карда мешавад, ки маблағи умумии андӯхташуда аз меъёре, ки барои таъини иловапулии ҳармоҳаи нафақа баробар ба ҳаҷми 36 - каратаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо, ки аз лаҳзаи бавуҷудоии ҳуқуқ ба иловапулӣ (аз лаҳзаи муроҷиат ба таъини иловапулӣ) муқаррар гардидааст, камтар бошад.

Пардохти яквақта аз ҷониби муассисаи суғурта ҳангоми расидан ба синни муқаррааргардидаи нафақа ва пайдо гардидани ҳуқуқ ба гирифтани иловапулӣ дода мешавад. Пардохт бо роҳи гузаронидани маблағ ба ҳисобномае (пасандозе), ки шахси суғурташуда пешниҳод менамояд, анҷом дода мешавад.

Дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағе, ки дар ҳисобномае захиравии инфироии шахси суғурташуда мавҷуд аст, дар асоси аризаи хаттии ӯ метавонад ба фонди ғайридавлатии нафақа, ки реквизитҳои онҳоро аризадиҳанди зикр менамояд, гузаронида шавад.

Фонди ғайридавлатии нафақаро (ба истиснои фондҳои ғайридавлатии нафақае, ки ба шахсони барои зисти доимӣ ба хориҷа сафаркунанда хизмат мерасонанд ва ва ҳуқуқ доранд фонди ғайридавлатии нафақаро вобаста ба маҳалли (кишвари) нави зист зикр намоянд), шахси суғурташуда аз ҳисоби фондҳое метавонад интихоб намояд, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият менамоянд.

Тартиб ва шарти гузаронидани маблағи андӯхти нафақаро ба фондҳои ғайридавлатии нафақа Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

Дар сурати пардохти маблағи андӯхти нафақавӣ мутобиқи қисмҳои панҷум, шашум ва ҳафтуми моддаи мазкур шахси

суғурташуда ҳуқуқи худро барои муқаррар намудани иловапулӣ ба нафақаи меҳнаӣ аз маблаҒе, ки дар ҳисобномаҳои андӯхти инфиродӣ мавҷуданд, аз даст медиҳад.

***(Моддаи 10[1]. хориҷ карда шуд мувофиқи Қонуни ҶТ аз 16.04.2012с., №824)***

**Моддаи 10[2]. Рақами инфиродии суғуртаи иҷтимоӣ**

Дар низоми суғуртаи иҷтимоӣ барои ҳар як шахси суғурташуда рақами инфиродии суғурта гузоштамешавад, ки он ҳамзамон рақами ҳисобномаи андӯхти инфиродӣ мебошад.

Зикри рақамҳои инфиродии суғуртаи иҷтимоӣ дар муносибатҳои байниҳамдигарии суғуртакунанда, муассисаи суғурта ва шахси суғурташуда ҳатмӣ мебошад.

**Моддаи 11. Таъминоти нафақа**

Тартиби муқаррар намудан, таъин, ҳисобу китоб ва пардохти ҳамаи намудҳои нафақа бо қонун «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

**Моддаи 12. Кӯмакпулҷ ҳангоми корношоямии муваққатӣ**

Ҳангоми беморӣ (ҷароҳат бардоштан), ки бо гум кардани қобилияти корӣ вобаста аст, дар вақти зарурати нигоҳубини узви бемори оила, карантин, протезгузорӣ кӯмакпулӣ барои корношоямии муваққатӣ пардохта мешавад.

Кӯмакпулӣ барои кроношоямии муввақатӣ ба андозаи зайл пардохт карда мешавад:

100 фоиз музди меҳнат:

- ба кормандон ҳангоми бардоштани осеби меҳнатӣ ё бемориҳои касбӣ
- ба иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ, ки кор мекунанд ва шахсони ба онҳо баробаркардашуда;
-ба кормандоне, ки аз минтақаи олудаи радиоактивӣ дар натиҷаи садамаи Чернобил ва минтақаҳои ба онҳо баробаркардашудаи офатҳои табиӣ ҳангоми гирифтор шудан ба бемориҳои узвҳои ҳосилкунандаи хун (лейкози шадид), ғадуди сипаршакл (аденома, саратон), варамҳои хатарнок кӯчонида шудаанд.

70 фоизи музи меҳнат:

- ба кормандоне, ки собиқаи меҳнатии бефосилаи ҳаштсола ва беш аз он доранд;

- ба кормандоне, ки таҳти сарпарастии худ се ва ё бештар фарзандони то 16-сола (ё хонандагони то 20-сола) доранд;

- ба кормандони ятим, ки ба сини 23 нарасидаанд.

60 фоизи музди меҳнат:

- ба кормандоне, ки собиқаи меҳнатии бефосилаи то ҳаштсола доранд.

Агар корманд дар давраи кор, дар роҳ ҳангоми ба кор омадан, ҳамчунин ҳангоми аз кор ба хона рафтан, аз ҷумла рӯзи аз кор озод карда шуданаш муваққатан корношоям гардида бошад, ба гирифтани кӯмакпулӣ ҳақ дорад.

Кӯмакпулӣ барои корношоямии муваққатӣ то барқарор гардидани қобилияти меҳнатӣ, вале ба муддати на зиёдтар аз чор моҳи бемории пай дар пай ва ҳангоми мубталои касалии сил будан ба муддати на бештар аз дувоздаҳ моҳ дода мешавад ва баъди ин кормандро барои муқаррар кардани маъюбӣ ба Хадамоти давлатии ташхиси тиббию иҷтимоӣ мефиристанд.

Кӯмакпулӣ барои корношоямии муваққатӣ аз рӯи ҳисоби якмоҳа назар ба андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо, кам буда наметавонад.

Барои таъини кӯмакпулӣ барои корношоями муваққатӣ варақаи корношоямӣ (варақаи беморӣ), ки тибқи тартиби муқарраршуда дода шудааст, асос буда метавонад. Дар сурати гум кардани варақаи корношоямӣ кӯмакпулӣ тибқи нусхаи он (дубликат) пардохта мешавад.

Муайян кардани ҳаҷми собиқаи бефосилаи корӣ мутобиқи қоидаҳои ҳисобу китоби собиқаи бефосилаи кории кормандон ҳангоми таъини кӯмакпулиҳо оид ба суғуртаи давлатии иҷтимоӣ, ки онро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мекунад, аз рӯзи фаромасии корношоямӣ ҳисоб карда мешавад.

Тартиби таъин ва пардохти кӯмакпулиҳо оид ба корношоямии муваққатӣ дар корхонаҳо тибқи асноди меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

Шахсони суғурташуда аз ҷумлаи соҳибкорони инфиродӣ тибқи тартиби умумӣ ба кӯмакпулӣ барои корношоямии муваққатӣ ҳуқуқ доранд. Кӯмакпулӣ ба шахсони мазкур ҳангоми пешниҳоди эъломияи суғуртаи иҷтимоӣ ба тариқи баҳисобгирии маблағи

кўмакпулии ба онҳо таалуқдошта ба ҳисоби саҳмҳои пардохтшвандаи суғурта пардохта мешавад.

**Моддаи 13. Кӯмакпулии ҳомиладорӣ ва таваллуд**

Кӯмакпулии ҳомиладорӣ ва таваллуд ба андозаи пурраи музди меҳнат барои тамоми давраи рухсатие, ки ба зан ба сабаби ҳомиладорӣ ва таваллуд дода мешавад, сарфи назар аз он ки чанд рӯзи рухсатӣ ба давраи пеш аз таваллуд ва чанд рӯзи он ба давраи пас аз таваллуд рост омадааст, пардохта мешавад.

**Моддаи 14. Кӯмакпулии оилавӣ**

Ҳангоми таваллуди кӯдак дар оила кӯмакпулии оилавии зайл пардохта мешавад:

кӯмакпулии яквақта бинобар таваллуди кӯдак;

кӯмакпулии ҳармоҳа барои нигоҳубини кӯдак.

Кӯмакпулии яквақта бинобар таваллуди кӯдак ба андозаи зерин таъин карда мешавад:

ҳангоми таваллуди кӯдаки якум — ба андозаи се нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

ҳангоми таваллуди кӯдаки дуюм — ба андозаи ду нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

ҳангоми таваллуди кӯдаки сеюм ва зиёда — ба андозаи як нишондиҳанда барои ҳисобҳо.

Кӯмакпулӣ дар ҷои кори (таҳсилӣ) яке аз волидайн, агар падару модар кор ё таҳсил накунанд — аз ҷониби шӯъбаҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолии маҳалли истиқомат пардохта мешавад.

Кӯмакпулии яквақта ҳангоми таваллуди кӯдак аз рӯзи таваллуди кӯдак таъин ва пардохта мешавад, агар муроҷиат барои гирифтани он на дертар аз шаш моҳи пас аз рӯзи таваллуди кӯдак сурат гирифта бошад.

Дар сурати додани рухсатӣ ба зан барои нигоҳубини кӯдак то ба синни якунимсолагӣ расидани он барои ин мӯҳлат дар ҷои кор аз ҳисоби маблағҳои суғуртаи иҷтимоӣ ба андозаи 100 фоизи нишондиҳанда барои ҳисобҳо ба ӯ кӯмакпулии ҳармоҳа барои нигоҳубини кӯдак пардохта мешавад.

**Моддаи 14[1]. Тартиб ва шартҳои пардохти кӯмакпулиҳо ҳангоми корношоямии муваққатӣ, ҳомиладорию таваллуд ва кӯмакпулиҳои оилавӣ**

Тартиб ва шартҳои пардохти кӯмакпулиҳо ҳангоми корношоямии муваққатӣ, ҳомиладорию таваллуд ва кӯмакпулиҳои оилавро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикстон муайян мекунад.

**Моддаи 15. Кӯмакпулӣ ба сабаби бекорӣ**

Кӯмакпулӣ ба сабаби бекорӣ мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин ва пардохта мешавад.

**Моддаи 16. Кӯмакпулӣ барои дафн ба аъзои оилаи камбизоат**

Кӯмакпулӣ барои дафн (кӯмакпулии маросимӣ) ба аъзои оилаи камбизоат дар ҳолати фавти корманди суғурташуда, ё худ дар ҳолати фавти аъзои оила, ки дар таъминоти ӯ мебошанд, дода мешавад. Андозаи кӯмакпулӣ барои дафн баробари бист нишондиҳанда барои ҳисобҳо аст.

Тартиб ва шартҳои пардохти кӯмакпулиро барои дафн ба аъзои оилаи камбизоат Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад.

**Моддаи 16[1]. Таъин ва пардохти кӯмакпулиҳои иҷтимоӣ ба гурӯҳҳои алоҳидаи шахсони суғурташуда**

Шахсони суғурташуда аз ҷумлаи соҳибкорони инфиродӣ ба кӯмакпулие, ки мутобиқи моддаҳои 12, 13,14,15 ва 16 Қонуни мазкур дар асосйои умумӣ таъин карда мешавад, ҳуқуқ доранд. Кӯмакпулии таъингардидаро мақоми ваколатдор тибқи тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мепардозад.

Шахсоне, ки фаъолияти меҳнатиро берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ё дар намояндагиҳои давлатҳои хориҷӣ, ташкилотҳои байналмилалии воқеъ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом медиҳанд, ба гирифтани кӯмакпулӣ ҳуқуқ доранд, ба шарте, ки саҳмҳои суғуртаро корфармоён (суғуртакунандагони онҳо) мутобиқи Қонуни мазкур ва ё созишномаҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи байнидавлатии басташуда дар бораи тартиби суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи шаҳрвандони кишварҳое, ки ин созишномаҳоро имзо кардаанд, пардохта бошанд ва ё дар сурати аз тарафи ҳамин шахсон тибқи тартиб ва андозаи муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағи андози иҷтимоӣ мустақилона пардохт шуда бошад.

**Моддаи 17. Маблағгузории пардохтҳои дорои хусусиятҳои мақсаднок оид ба суғуртаи давлатии иҷтимоӣ**

Аз ҳисоби маблағҳои суғуртаи давлатии иҷтимоӣ пардохтҳои вобаста ба тандурустии ашхоси суғурташуда ва аъзои оилаи онҳо, ки таҳти сарпарастиашон қарор доранд (муолиҷаи санаторию курортӣ, ташкили фароғати кормандон ва аъзои оилаи онҳо, таъмини хӯроки парҳезӣ ва дигар тадбирҳои тундурустию пешгирикунанда), анҷом дода мешавад. Хароҷоти ин маблағҳо бевосита дар корхонаҳо аз ҷониби мақоми дахлдори намояндагӣ ба андоза ва тартиби муайяннамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

Маблағҳои мақомоти ваколатдор, инчунин ба маблағгузории тадбирҳои зайл равона карда мешаванд:

барои ҳимояи ҳуқуқии аҳолӣ, таъминоти саҳми санаторию профилакторияҳо, лагерҳои тандурустӣ, қисман таъмин намудани штатҳои мактабҳои варзиши атфол ва ҷавонон, татбиқи дигар тадбирҳое, ки ба вазифаҳои тандурустии кормандон ва аъзои оилаи онҳо марбутанд;

маблағгузории хароҷот оид ба омодагии касбӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзии бекорон, аз ҷумла пардохти стипендия, пардохти корҳои ҷамъиятӣ, таъсиси ҷойҳои корӣ барои шаҳрвандони бекоре, ки ба ҳифзи иҷтимоӣ эҳтиёҷ доранд;

таъмини худмашғулияти аҳолии бекор ва таъсиси ҷойҳои иловагии корӣ, барои фаъолияти илмию тадқиқотӣ оид ба масъалаҳои шуғл ва заминаҳои моддию техникии он, маблағгузории тадбирҳои ҳамкории бозори меҳнат, барои таъминоти хадамоти давлатии шуғл ва рушди байналхалқӣ оид ба масъалаҳои шуғл ва бекорӣ;

татбиқи барномаҳои ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ оид ба дастгирии иҷтимоии нафақахӯрон, маъюбон, атфол ва дигар гурӯҳҳои аҳолӣ;

таъмини нигаҳдошти мақомоти идораи хадамоти мақомоти ваколатдор, тарбия ва бозомӯзии кадрҳо, рушди заминаи моддию техникии низоми фонд;

пардохти ҷубронпулӣ ба ивази роҳхатҳои истифоданашудаи муолиҷаи санаторию курортӣ ба маъюбони Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва ашхоси ба онҳо баробаркардашуда;

пардохти қисми захиравии нафақаи меҳнатӣ.

## ФАСЛИ 3. ШАРТҲОИ УМУМИИ ТАЪИН ВА ПАРДОХТИ МАБЛАҒҲОИ СУҒУРТА ВА ПАРДОХТҲОИ МАҚСАДНОК

### Моддаи 18. Таъин, маблағҳои суғурта, ҳаҷм ва мӯҳлати пардохти он

Таъин ва пардохти ҷамъи маблағҳои суғурта оид ба ҳар як навъи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ дар ҳаҷм ва мӯҳлатҳои пешбининамудаи қонун анҷом дода мешавад.

Ба ашхоси суғурташуда, ки таҳти муносибатҳои меҳнатӣ қарор доранд, кӯмакпулиҳо ва пардохтҳои мақсаднок оид ба суғуртаи давлатии иҷтимоӣ дар ҷои кор ё маҳалли истиқомати суғуртакунанда таъин ва пардохта мешаванд. Дар сурати барҳам хӯрдани корхона ё иваз шудани суғуртакунанда, кӯмакпулиҳо аз ҷониби вориси ҳуқуқӣ таъин ва пардохта мешаванд ва ҳангоми мавҷуд набудани вориси ҳуқуқӣ — аз ҷониби мақоми ваколатдори суғуртакунандаи иҷтимоӣ (муассисаи суғурта), ки суғуртакунандаро ба қайд гирифтааст, анҷом дода мешавад.

Ба ашхоси бақайдгирифташудаи бекор (нафақахурон ва бекорон) пардохтҳо аз ҷониби мақоми ваколатдори маҳалли зист пардохта мешавад.

Кӯмакпулиҳо ҳангоме таъин ва пардохта мешаванд, ки агар дар мавриди пардохти он на дертар аз 6 моҳ, то рӯзи ҳатми ҳолати суғурта мурочиат карда бошанд.

Кӯмакпулие, ки то рӯзи фавти шахси суғурташуда талаб карда нашудааст, ба аъзои оилаи ӯ ё ашхоси таҳти сарпарастии шахси фавтида қарордошта, пардохта мешавад.

Кӯмакпулиҳои пурра гирифтанашудаи боқимонда ба амволи меросӣ дохил карда намешаванд.

Мутобиқи ҳамин Қонун пардохтҳо ба ашхоси суғурташудаи ноҳияҳо ва маҳалҳо, ки тибқи тартиби муқарраршуда барояшон коэффитсиентҳои ноҳиявӣ ба музди меҳнат истифода мегарданд, зиндагӣ ва меҳнат мекунанд, бо дарназардошти ин коэффисиентҳо пардохта мешаванд.

### Моддаи 19. Нигоҳ доштани маблағи кӯмакпулиҳои изофатан пардохташуда

Маблағҳои изофагии ба гиранда пардохташудаи суғуртапулӣ, агар додани изофапулҷ бо гуноҳи ӯ сурат гирифта

бошад, тибқи тартиби муайяннамудаи қонун нигоҳ дошта мешаванд.

**Моддаи 20. Ҳалли баҳсҳо оид ба масъалаҳои таъминот бо кӯмакпулӣ**

Баҳсҳо байни ашхоси суғурташуда ва суғуртакунандагон дар мавриди масъалаҳои таъминот бо кӯмакпулӣ оид ба суғуртаи давлатии иҷтимоӣ бо тартиби судӣ мавриди баррасӣ қарор мегирад.

**Моддаи 21. Мақомоти идораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ**

Идоракунии низоми суғуртаи давлатии иҷтимоӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба воситаи мақомоти ваколатдор, бо иштироки намояндагони кормандон ва ассотсиатсияи корфармоён, ки таҳияи сиёсати мувофиқашудаи давлатиро дар соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ, инчунин аудити молиявӣ ва ҳуқуқии иштирокчиёни суғуртаи иҷтимоиро амалӣ менамоянд, анҷом дода мешавад.

Идораи оперативии маблағ ва амволи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ аз ҷониби мақомоти ваколатдор анҷом дода мешавад.

Мақомоти ваколатдор фаъолияти худро мувофиқи Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин Низомномае, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад, амалӣ менамояд.

Бо мақсади назорат аз болои дурустии пардохти кӯмакпулӣ ҷиҳати суғуртаи давлатии иҷтимоӣ аз тарафи суғуртакунанда дар корхонаҳо, ташкилотҳо ва муассисаҳо аз ҳисоби намояндагони бакортаъминкунанда, кумитаи иттифоқи касаба ва ё дигар мақоми намояндагии кормандон комиссия таъсис меёбад ва ё вакили масъули суғуртаи иҷтимоӣ интихоб мешавад. Хароҷоти маблағи суғурта барои табобати санаторию курортӣ, истироҳати кормандон аз аъзои оилаи онҳо, хурокхӯрии парҳезӣ ва дигар тадбирҳои солимгардонию профилактики бевосита дар корхонаҳо аз тарафи кумитаи иттифоқи касаба ё дигар мақоми намояндагии кормандон анҷом мегардад.

## ФАСЛИ 4. МАБЛАҒГУЗОРИИ СУҒУРТАИ ДАВЛАТИИ ИҶТИМОӢ

**Моддаи 22. Маблағҳо барои таъмини пардохтҳо оид ба суғуртаи давлатии иҷтимоӣ**

Маблағгузории пардохти нафақа, кӯмакпулиҳо ва дигар пардохтҳои дорои хусусиятҳои мақсаднок оид ба суғуртаи давлатии иҷтимоӣ аз ҷониби муассисаи суғурта анҷом дода мешавад.

Маблағҳои мақомоти ваколатдор аз ҳисоби зайл ташаккул меёбанд;

Саҳмҳои суғуртаи ҳатмии корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳои ҳамагуна шакли моликият, дигар ташкилотҳо, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доранд, сарфи назар аз тобеияти онҳо, саҳмҳои шаҳрвандон, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ машғуланд (шахсони ҳуқуқӣ намебошанд) ва дигар шаҳрвандон, ки мутобиқи ҳамин Қонун бояд ба суғуртаи давлатии иҷтимоӣ фаро гирифта шавад;

Маблағҳое, ки вобаста ба таъин намудани нафақаи пеш аз мӯҳлат ва ба мақсадҳои таъминоти имтиёзноки нафақа мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» ситонида мешавад;

Маблағҳои саҳмҳои ҳатмии суғурта, ки бидуни тартиби баҳс аз шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ ситонида мешаванд;

Саҳмҳои ихтиёрӣ ва пардохтҳои хайрияи шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ;

дивидент ва даромадҳои бадастовардашуда аз фаъолияте, ки қонунгузорӣ манъ нанамудааст;

даромадҳое, ки ҳангоми расонидани ёрии молиявӣ аз ҳисоби маблағҳои муваққатан озод ва оид ба депозитҳои мақомоти ваколатдор ба даст оварда мешавад;

маблағҳои буҷети ҷумҳуриявии барои пардохти нафақа ва кӯмакпулиҳо ба хизматчиёни ҳарбӣ ва аъзои оилаи онҳо пешбинишуда, нафақа барои хизматҳои махсус дар назди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва талофии хароҷоти баланд бардоштани ҳаҷми нафақа ва кӯмакпулиҳо вобаста ба тағйирёфтани индекси рӯзгузаронӣ ва афзоиши музди меҳнат;

маблағи буҷети маҳалли, ки барои пардохти нафақа барои хизматҳои шоёни дорои аҳамияти маҳаллӣ, инчунин нафақаҳои иҷтимоӣ пешбинӣ шудаанд;

маблағе, ки ба қисми махсуси ҳисобномаи захиравии инфиродӣ, ҷиҳати пардохтҳои минбаъда ба нафақахӯрон ҳангоми

пешбурди баҳисобгирии инфиродӣ дар низоми суғуртаи давлатии иҷтимоӣ ворид карда шудаанд;

дигар воридоте, ки ба қонунҳо ва дигар асноди меъёрию ҳуқуқӣ мухолиф намебошанд.

Маблағҳои пулии мақомоти ваколатдор мусодира ва андозбандӣ намегарданд аз онҳо боҷу хироҷи комиссионӣ ситонида намешавад.

Маблағи дар буҷети мақомоти ваколатдор ҷамъгардида ба ду гурӯҳ тақсим мешавад:

- саҳмҳои суғуртавӣ, маблағи муҷозоти молиявии воридшуда, субвенсияи буҷетҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ, даромад ва фоизҳо аз ҷойгиркунии маблағи муваққатан озод ба таркиби буҷети давлатӣ дохилгардида дар буҷети тасдиқгардидаи соли навбатӣ тақсим ва харҷ карда мешаванд;

- маблағе, ки ҳамчун саҳмҳои нафақавӣ аз ҳисоби музди меҳнат ва даромади шаҳрвандон ворид мегардад ва ба қисми захиравии суратҳисоби инфиродии шахси суғурташуда дохил мегардад, инчунин фоизҳо ва даромадҳо аз ҷойгиркунии муваққатии онҳо дар Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли навбатии молиявӣ пешбинӣ намешаванд ва дар шакли захираи нафақавии давлатӣ нигоҳ дошта мешавндю

Дар буҷети мақомоти ваколатдор барои соли навбатии молиявӣ маблағи дар ҳамин сол ворид ва харҷшаванда, инчунин маблағе, ки барои пардохти иловапулиҳо ба нафақа аз андӯхти (аз захираи нафақавии давлатӣ) нафақа дар ҳамин сол равона мегарданд, пешбинӣ мешаванд.

**Моддаи 23. Сохтор ва ҳаҷми тарифҳои саҳмияҳои суғурта**

Суғуртакунандагон ӯҳдадоранд андози иҷтимоиро тибқи тартиб ва ҳаҷми муқаррарнамудаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоб ва пардохт намоянд.

Ба таркиби андози иҷтимоӣ дохил мешаванд:

- саҳмҳо барои суғуртаи иҷтимоӣ;
- саҳмҳои нафақавӣ;
- саҳмҳои суғурта барои бекорӣ.

Саҳмҳои суғуртае, ки шахсони суғурташуда пардохтаанд, дар ҳисобномаҳои андӯхти инфиродҷ бо тартиби муқаррарнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Маблағи адози иҷтимоӣ ва саҳмҳои нафақа аз ҳисоби маблағи андозбандишаванда бароварда мешавад.

**Моддаи 23[1]. Тартиби нигоҳдорӣ, баҳисобгирӣ ва истифодаи воситаҳои пулӣ, ки ба ҳисобномаи захиравии инфиродӣ ворид шудаанд**

Ҳангоми ҷорӣ намудани баҳисобгирии захиравии инфиродӣ дар низоми давлатии суғуртаи иҷтимоӣ ба ҳар як шахси суғурташуда ҳисобномаи захиравии инфиродӣ кушода мешавад, ки дар намуди электронӣ маълумот оиди ҳуқуқҳои нафақавӣ аз ҳисоби захираҳои ҳатмии нафақавӣ қайд карда мешаванд.

Суратҳисоби захиравии инфиродӣ қисми махсуси ҳисобнома мебошад, ки саҳмҳои суғуртавии воридгардида, маблағҳои ҳисобкардашудаи даромадҳо аз истифодаи захираҳои шахси суғурташуда, индексатсияи ин маблағҳо ва пардохтҳои анҷомдодашударо дар бар мегирад.

Бо мақсади аз беқурбшавӣ нигоҳ доштан ва таъмини индексатсияи минбаъдаи маблағҳое, ки дар суратҳисоби захиравии инфиродӣ ҷамъ омадаанд, мақомоти ваколатдор ҳуқуқ дорад, тибқи қонунҳои амалкунанда онҳоро ба ҳисоби депозитӣ дар бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар коғазҳои қимматнок (саҳмҳо, векселҳо ва ғайра) гузорад.

Бо мақсади таъмини даромад маблағи андӯхти нафақавиро муассисаи суғурта метавонад ба активҳои нафақаи фондҳои ғайридавлатии нафақа тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир намояд.

Муассисаи суғурта ӯҳдадор аст даромаднокиро аз ҷойгиронии маблағи андӯхти нафақавӣ на камтар аз нишондиҳандаи ставкаи азнавмаблағгузории Бонки миллии Тоҷикистон таъмин намояд.

Тартиби таъин ва пардохти қисми кафолатии нафақаи меҳнатиро аз ҳисоби захираҳои ҳатмии нафақавӣ қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

**Моддаи 24. Ӯҳдадориҳои пардохткунандагони саҳмияҳои суғурта**

Пардохткунандагони саҳмияҳои суғурта ба мақомоти ваколатдор - суғуртакунандагон ва ашхоси суғурташуда мебошанд.

Пардохти саҳмияҳои суғурта аз ҷониби суғуртакунанда, аз лаҳзаи аз тарафи муассисаи суғурта ба қайд гирифтани он, анҷом дода мешавад.

Саҳмияҳои суғурта, сарфи назар аз андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ, супурда мешаванд.

Мақомоти ваколатдор ҳангоми нигаҳдошт ва истифодаи маълумотҳои зикршуда махфияти онҳоро таъмин менамояд. Ба дигар ашхос додани онҳо танҳо дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун иҷозат дода мешавад.

**Моддаи 25. Ҳисоби саҳмҳои суғурта**

Ҳисоби саҳмҳои суғуртаро адозсупоранда мутобиқи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамзамон ба ҳисобии музди меҳнат (пардохти музди меҳнат) ба кормандон ё муайян намудани даромади суғурташавандаи соҳибкорон ё шахсоне, ки бо фаъолияти меҳнатии инфиродӣ машғуланд, анҷом медиҳанд.

Суғуртакунанда ӯҳдадор аст ҳисоб ва пардохти ҳармоҳаи саҳмҳои суғуртаро таъмин намояд.

Ҳангоми риоя накардани мӯҳлатҳои ҳисоби андози суғурта муассисаи суғуртаи ҳуқуқ дорад нисбати суғуртакунанда тибқи тартиби муқаррарнамудаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон муҷозоти молиявӣ истифода намояд.

**Моддаи 26. Тартиб ва мӯҳлати пардохти саҳмияҳои суғурта**

Суғуртакунандагон ҳар моҳ, дар мӯҳлатҳои аз бонк гирифтани маблағҳо барои пардохти музди меҳнати моҳи гузашта, ки ба он саҳмҳои суғурта ба ҳисоб гирифта шудааст, маблағҳои суғуртаро мегузаронанд.

Суғуртакунандагоне, ки дар муассисаҳои бонкӣ ҳисобномаҳо надоранд, инчунин онҳое, ки пардохти музди меҳнатро аз ҳисоби маблағ, фурӯши маҳсулот, иҷрои кор ва хизматрасонӣ анҷом медиҳанд саҳмияҳои суғуртаро то таърихи 10 моҳе, ки пас аз моҳи ҳисоб кардан саҳмияи суғурта фаро мерасад, мепардозанд.

Пардохткунандагони саҳмияҳои суғурта, ки ба онҳо вобаста ба шароити меҳнат мутобиқи қонунгузории ҷорӣ барои меҳнат оид ба натиҷаҳои наҳоии кор подошпулӣ муайян карда шудааст, вобаста ба маблағи ба ҳисоби музди меҳнат ё дар шакли ставкаҳои устувор, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд,

саҳмияҳоро пардохта минбаъд оид ба натиҷаҳои сол, дар мӯҳлатҳои барои мақсадҳои зикр шуда аз муассисаҳои бонкӣ гирифтани маблағ ҳисобро баробар мекунанд.

Пардохткунандагони саҳмияҳои суғурта, ки фаъолияти меҳнатиро тибқи шартҳои дигар анҷом медиҳанд, саҳмияҳои суғуртаро аз он даромад ва дар он мӯҳлатҳое мепардозанд, ки Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян кардааст.

**Моддаи 27. Муносибатҳои байниҳамдигарии мақомоти суғуртаи иҷтимоӣ ва пардохткунандагони саҳмияҳои суғурта бо бонкҳо ва дигар ташкилотҳои кредитӣ**

Бонкҳо ва дигар ташкилотҳои кредитӣ ҳисобномаҳои (ҷорӣ) пардохткунандагони саҳмияҳои суғуртаро ҳангоми пешниҳод намудани асноде, ки ба сифати пардохткунандаи саҳмияи суғурта ба қайд гирифта шудааст, тасдиқ мекунад ва оид ба дигар ҳисобномаҳо, аз ҷумла буҷетӣ, асъорӣ, қарзӣ, депозитӣ, аккредитивӣ ва дигарҳо бошад —ҳангоми пешниҳод намудани аснод дар бораи огоҳонии мақомоти мақомоти ваколатдор дар бораи нияти пардохткунандаи саҳмҳои суғурта дар мавриди дар бонк кушодани ҳисобномаи дахлдор, мекушоянд.

Пардохткунандагони саҳмияҳои суғурта ҳамзамон бо талаб карда гирифтани маблағҳо барои пардохти музди меҳнат барои моҳи гузашта ба бонк супоришномаҳои пулиро оид ба саҳмияҳои суғуртаи ба мақомоти ваколатдор гузаронидашуда, ки бидуни он маблағҳо барои пардохти музди меҳнат дода намешаванд, пешниҳод мекунанд. Супоришномаҳои пардохти зикршуда, инчунин супоришномаҳои пардохти пеня, ҷарима ва дигар пардохтхо дар навбати аввал иҷро карда мешаванд.

Дар ҳолатҳое, ки муассисаҳои бонкӣ бо мақсади истифодаи маблағҳои саҳмияҳои суғуртаи воридшуда дар гардиши бонк ва аз он ба даст овардани фоида мӯҳлати баҳисобгирии маблағҳоро мегузаронанд, аз ҷониби онҳо барои ҳар як рӯзи гузаронидани мӯҳлат дар ҳаҷми дукарата дар муқоиса бо ставкаи фоизии ҷории азнавмаблағгузории (рефинансирования) бонки миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон фоизҳо пардохта мешаванд.

Маблағҳое, ки ба буҷети мақомоти ваколатдор дар натиҷаи иҷрои муҷозотҳои молиявӣ (пения, ҷарима) ворид гардидаанд, барои мақсадҳои суғуртаи иҷтимоӣ масраф карда мешаванд.

Амалиётҳо оид ба маблағҳои мақомоти ваколатдор аз ҷониби ташкилотҳои бонкӣ ё дигар ташкилотҳои кредитӣ бидуни талаби подоши комиссионӣ барои ин амалиёт анҷом дода мешавад.

**Моддаи 28. Назорати пардохти саҳмияҳои суғурта ва хароҷоти маблағҳои суғуртаи иҷтимоӣ**

Назорати пардохти саҳмияҳои суғурта ва хароҷоти маблағҳои суғуртаи иҷтимоӣ бо қарори мақоми идораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ аз ҷониби намояндаи мақомоти суғуртаи иҷтимоӣ ё ташкилоти мустақили аудиторӣ анҷом дода мешавад.

Суғуртакунандагон, бонкҳо, дигар мақомоте, ки оид ба маблағҳои суғуртаи давлатии иҷтимоӣ амалиётро анҷом медиҳанд, вазифадоранд ба мақомоти назораткунандаи суғуртаи иҷтимоӣ аснод ва маълумотҳои зарурии марбут ба соҳаи фаъолияташонро пешниҳод намоянд.

Назорати ҷамъиятӣ ҷиҳати таъмини ҳуқуқи ашхоси суғурташуда, хароҷоти маблағҳои суғуртаи давлатии иҷтимоӣ дар корхонаҳо, ташкилоту муассисаҳо аз ҷониби мақомоти намояндагии кормандон анҷом дода мешавад.

**Моддаи 29. Масъулият барои ҳисоби нодуруст, сари вақт напардохтан ва нагузаронидани саҳмияҳои суғурта**

Барои ҳисоби нодуруст, сари вақт напардохтан ва нагузарондани саҳмияҳои суғурта ба Фонди суғуртаи давлатии иҷтимоӣ, сари вақт ҳамчун пардохткунандаи саҳмияҳо ба қайд нагирифтани суғуртакунандагон мутобиқи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кодекси Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд ва инчунин ҳангоми иҷрои амле, ки аз он ба буҷети Фонд зиёни моддӣ расидааст, суғуртакунанда ӯҳдадор аст зиёнро дар ҳаҷми пурра ҷуброн намояд. Ҷуброни зиён метавонад тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ё бо қарори суд ситонида шавад.

**Моддаи 30. Мӯҳлатҳои дида баромадани мурочиатҳо дар бораи вайрон шудани қонунгузорӣ дар хусуси суғуртаи давлатии иҷтимоӣ**

Муроҷиати суғуртакунандагон ва суғурташудагон аз рӯи масъалаҳои вайрон шудани қонунгузорӣ оиди суғуртаи давлатии

иҷтимоӣ аз тарафи суғуртакунанда дар мӯҳлати 30 рӯз баррасӣ карда мешавад. Аз натиҷаи он суғуртакунанда ба аризадиҳанда баъди қабули қарор дар муддати 10 рӯз ба таври хаттӣ хабар медиҳад.

Дар ҳолати розӣ нашудан бо қарори қабулшуда, баҳс дар тартиби судӣ ҳал карда мешавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Э. РАҲМОНОВ**

ш. Душанбе,
13 декабри соли 1997, №517

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
# ДАР БОРАИ ХИЗМАТИ ДАВЛАТӢ

(Иқтибос)

**Моддаи 1. Мафҳумҳои асосӣ**

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

- дастгоҳи давлатӣ - низоми мақомоти давлатӣ, ки фаъолияти он барои амалӣ намудани вазифа, функсия ва сиёсати давлат равона шудааст;

- мақоми давлатӣ - ҷузъи таркибии дастгоҳи давлатӣ, ки тибқи салоҳият ва сохтори муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ваколати давлатию ҳокимиятиро дар шакли ташкилию ҳуқуқии ба худ хос амалӣ менамояд;

- мансаби давлатӣ - воҳиди сохтории мақоми давлатӣ, ки дар доираи салоҳияти муқарраркардаи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон барои амалӣ намудани ҳокимияти давлатӣ, таъмини иҷрои ваколатҳои шахсони мансабдори давлатии ҳокимияти давлатӣ ва салоҳияти мақомоти давлатӣ таъсис дода шудааст;

- мансабҳои давлатии ҳокимияти давлатӣ - мансабҳое, ки Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои амалӣ намудани ҳокимияти давлатӣ муқаррар намудаанд;

- мансабҳои давлатии хизмати давлатӣ (мансабҳои сиёсӣ ва маъмурии хизмати давлатӣ) - мансабҳое, ки бо тартиби қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъмини иҷрои ваколатҳои шахсони мансабдори давлатии ҳокимияти давлатӣ ва амалҳ намудани салоҳияти мақомоти давлатӣ муқаррар карда шудаанд;

- хизмати давлатӣ - фаъолияти касбии хизматчиёни давлатӣ, ки барои таъмини иҷрои ваколатҳои шахсони мансабдори давлатии ҳокимияти давлатӣ ва амалӣ намудани салоҳияти мақомоти давлатӣ муқаррар карда шудааст *(Қонуни ҶТ аз 26.07.2014 № 1128)*;

- хизматчии давлатӣ - шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки мансаби давлатии хизмати давлатии музднокро дар асоси касбӣ бо мақсади таъмини иҷрои ваколатҳои шахсони мансабдори давлатии

ҳокимияти давлатӣ ва амалӣ намудани салоҳияти мақомоти давлатӣ ишғол намудааст;

- хизматчии давлатии сиёсӣ - хизматчии давлатӣ, ки фаъолияти ӯ ба сиёсати умумидавлатӣ вобаста аст ва барои дар амал татбиқ намудани сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъул мебошад;

- хизматчии давлатии маъмурӣ - хизматчии давлатӣ, ки ӯҳдадориҳои мансабии ӯ ба таъмини иҷрои ваколатҳои шахсони мансабдори давлатии ҳокимияти давлатӣ, мансабҳои сиёсии хизмати давлатӣ ва амалӣ намудани салоҳияти мақомоти давлатӣ равона карда шудааст;

- шахси мансабдори давлатӣ - шахсе, ки ба таври доимӣ, муваққатӣ ё бо ваколати махсус мансабҳои давлатии ҳокимияти давлатӣ ва мансабҳои давлатии хизмати давлатиро барои амалӣ намудани ҳокимияти давлатӣ ва салоҳияти мақомоти давлатӣ ишғол менамояд;

- феҳристи мансабҳои давлатӣ - номгӯи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар басти корӣи мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ барои ба амал баровардани ҳокимияти давлатӣ, таъмини иҷрои ваколатҳои шахсони мансабдори давлатии ҳокимияти давлатӣ ва салоҳияти мақомоти давлатӣ пешбинӣ гардидааст;

- феҳристи хизматчиёни давлатӣ - маҳзани ягонаи маълумот ва иттилоот оид ба теъдоди умумӣ ва ҳайати сифатии хизматчиёни давлатии дастгоҳи давлатӣ, ки дар асоси шарҳи ҳол ва фаъолияти касбии хизматчиёни давлатии алоҳида тартиб дода шуда, тибқи конунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маълумоти дорои сирри давлатӣ мансубанд *(Қонуни ҶТ аз 26.07.2014 № 1128)*;

- талаботи тахассусӣ - талаботе, ки бо мақсади муайян кардани тайёрии касбӣ ва мувофиқат ба мансаби мушаххаси давлатии хизмати давлатӣ ба шаҳрвандон ҳангоми қабул шудан ба хизмати давлатӣ ва хизматчиёни давлатӣ барои ишғоли мансаби баландтари давлатии хизматӣ пешниҳод карда мешавад;

- категорияи мансабҳои маъмурии хизмати давлатӣ-мансабҳои маъмурии хизмати давлатӣ, ки вобаста ба ҳаҷм, хусусият ва доираи ӯҳдадориҳои мансабии хизматчии давлатии маъмурӣ тасниф мешаванд;

- ӯҳдадориҳои мансабӣ - ӯҳдадориҳои пешбининамудаи мансаби муайяни давлатӣ, ки ҷавобгӯи мақсад ва вазифаҳои

мақомоти давлатӣ буда, хизматчии давлатҳ дар доираи меъёрҳои муқарраркардаи қонун ва санадҳои меъёрии ҳуқуқҳ иҷро мекунад (*қонуни ҶТ аз 1.03.2010 № 603*);

- одоби хизматчии давлатӣ - маҷмӯи меъёрҳо, принсипҳо ва қоидаҳои рафтори хизматӣ ва ғайрихизматии хизматчии давлатӣ, ки хислатҳои ахлоқии фаъолияти касбӣ ва рафтори ӯро дар кор ва ҷомеа таҷассум намуда, арзишҳои эътирофшудаи ахлоқи инсонӣ, талаботи маънавии ҷамъиятро нисбат ба хизматчии давлатӣ дар бар мегирад *(Қонуни ҶТ аз 26.07.2014 № 1128)*;

- бархӯрди манфиатҳо - ҳолате, ки хизматчии давлатӣ дар ҷараёни иҷрои ӯҳдадориҳои мансабӣ зери таъсири манфиатҳои шахсӣ қарор гирифта, қарорҳои ба манфиати давлат мухолифро қабул менамояд (*қонуни ҶТ аз 11.03.2010 № 603*);

- манфиати давлатӣ - манфиатдории умумии ҷомеа, ки бо роҳи қабули қарорҳои беғаразона ва қонунӣ аз тарафи шахсони мансабдори давлатӣ ҳангоми иҷрои ӯҳдадориҳои мансабӣ амалӣ карда мешавад (*қонуни ҶТ аз 11.03.2010 № 603*);

- манфиати шахсӣ - фоидаи моддӣ ё фоидаи дигаре, ки хизматчии давлатӣ бевосита ё бавосита барои худ ё барои шахсони сеюм дар натиҷаи иҷро намудани ӯҳдадориҳои мансабии худ кӯшиши гирифтан мекунад ё мегирад (*қонуни ҶТ аз 11.03.2010 № 603*);

- озмун -тартиби интихоби номзадҳо барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ бо роҳи муайян намудани дараҷаи мутобиқати онҳо ба талаботи тахассусии мансаби ишғолшаванда (*қонуни ҶТ аз 11.03.2010 № 603*);

- аттестатсия - тартиби муайян намудани мувофиқати хизматчии давлатии маъмурӣ ба мансаби ишғолнамуда бо роҳи баҳодиҳӣ ба иҷрои ӯҳдадориҳои мансабӣ, сатҳи дониш, малака ва тайёрии касбӣ (*қонуни ҶТ аз 11.03.2010 № 603*);

- баҳодиҳии фаъолияти хизматчии давлатӣ - тартиби муайян кардани натиҷаҳои фаъолияти хизматчии давлатӣ бо роҳи гузаронидани сӯҳбат дар бораи нишондиҳандаҳои иҷрои ӯҳдадориҳои мансабӣ дараҷаи комёб шудан ба натиҷаҳои пешбинишудае, ки ба мақсаду вазифаҳои мақоми давлатӣ ва воҳиди сохтории он мувофиқат мекунад (*қонуни ҶТ аз 11.03.2010 № 603*);

- дастурамали мансабӣ - санаде, ки номгӯи мансаби давлатӣ, талаботи тахассусии мушаххас нисбат ба ишғолкунандагони

мансаби мазкур, ӯҳдадориҳои мансабӣ, ҳуқуқ ва масъулияти хизматчии давлатиро пешбинӣ мекунад (*қонуни ҶТ аз 11.03.2010 № 603*).

**Моддаи 5. Низоми хизмати давлатӣ**

1. Ба низоми хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил мешаванд:

- хизмати давлатии шаҳрвандӣ;
- хизмати давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ;
- хизмати давлатии ҳарбӣ.

2. Хизмати давлатии шаҳрвандӣ ҳамчун фаъолияти касбии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мансабҳои давлатии хизмати давлатӣ тибқи Қонуни мазкур ба амал бароварда мешавад (*Қонуни ҶТ аз 26.07.2014 № 1128*).

Намудҳои алоҳидаи хизмати давлатии шаҳрвандӣ мувофиқи қонунгузории дахлдори соҳавӣ, бо назардошти принсипҳои асосӣ ва муқаррароти умумии Қонуни мазкур ба танзим дароварда мешаванд (*қонуни ҶТ аз 11.03.2010 № 603*).

3. Хизмати давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ фаъолияти касбии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мансабҳои давлатии хизмати давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ буда, ба таъмини қонуният, амният, тартиботи ҳуқуқҳ, ҳифзи ҳуқуқ, озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин мубориза бар зидди ҷинояткорӣ нигаронида мешавад.

4. Хизмати давлатии ҳарбӣ фаъолияти касбии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мансабҳои давлатии хизмати давлатии мақомот ва ҷузъу томҳои ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қӯшунҳо ва сохторҳои ҳарбӣ буда, ба таъмини мудофиа ва амнияти давлат нигаронида мешавад.

5. Хизмати давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хизмати давлатии ҳарбӣ мувофиқи қонунгузории дахлдори соҳавӣ, бо назардошти принсипҳо ва муқаррароти умумии Қонуни мазкур ба танзим дароварда мешаванд.

6. Хизмати давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, хизмати давлатии ҳарбӣ ва намудҳои алоҳидаи хизмати давлатии шаҳрвандӣ дар қисме, ки бо қонунгузории соҳавӣ ба танзим дароварда нашудааст, бо Қонуни мазкур ва санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки тибқи Қонуни мазкур қабул карда шудаанд, ба танзим дароварда мешаванд.

**Моддаи 15. Савганди хизматчии давлатӣ**

1. Шаҳрванде, ки бори аввал ба мансаби маъмурии хизмати давлатҳ қабул мегардад, савганди он чунин аст *(Қонуни ҶТ аз 26.07.2014* № 1128*)*:

"Ман (ному насаб), шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба хизмати давлатӣ қабул шуда, ботантана ва бо ҳисси масъулияти баланди ватандӯстӣ савганд ёд мекунам:

- адои хизмати давлатиро дар мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ифодаи боварии махсус аз тарафи ҷомеа ва давлат дарк намуда,

- Конститутсия, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро риоя намуда,

- дар фаъолияти худ принсипҳои қонуният, адолат, беғаразӣ ва ростқавлиро ба роҳбарӣ гирифта,

- тибқи талаботи Кодекси одоби хизматчии давлатӣ бовиҷдонона ва ба дараҷаи баланди касбӣ хизмат намуда,

- ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро эътироф ва эҳтиром намуда, афзалияти манфиатҳои давлат ва ҷомеаро вазифаи асосии худ ҳисоб мекунам.

Барои вайрон намудани савганди ёдкардаам худро дар назди ҷомеа ва давлат масъул меҳисобам".

2. Шахси савгандёдкарда матни савгандро бо имзои шахсии худ тасдиқ ва санаи қабули онро сабт менамояд. Матни савганд дар делои шахсии хизматчии давлатӣ нигоҳ дошта мешавад.

3. Матни савганди хизматчиёни давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хизматчиёни давлатии ҳарбӣ тибқи қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ муқаррар карда мешавад.

Моддаи 27. Ҳуқуқҳои хизматчии давлатӣ

1. Хизматчии давлатӣ ҳуқуқ дорад:

- дар доираи ваколатҳои худ дар баррасии масъалаҳо ва қабули қарор иштирок намуда, иҷрои онҳоро аз тарафи мақомоти дахлдор ва шахсони мансабдор талаб намояд;

- иттилоот ва маводи барои иҷрои ваколат ва ӯҳдадориҳои мансабиаш заруриро бо тартиби муқаррargardида талаб карда гирад;

- муайян намудани доираи ӯҳдадориҳои мансабиашро аз роҳбари худ талаб намояд;

- ба тайёркунӣ, азнавтайёркунӣ, такмили ихтисос ва таҷрибаомӯзӣ дар муассисаҳои таълимии дахлдор аз ҳисоби маблаҷҳои буҷети давлатӣ фаро гирифта шавад;

- ба фаъолияти илмиву эҷодӣ ва омӯзгорӣ машғул шавад;

- бо маводе, ки ба адои хизмати давлатии ӯ дахл дорад, аз ҷумла делои шахсӣ бемамоният шинос шавад (Қонуни ҶТ аз 25.12.2015 № 1260);

- дар хизмати давлатӣ, бо назардошти тахассус, қобилияти касбӣ ва сатҳи иҷрои ӯҳдадориҳои мансабии худ, баланд равад;

- дар сурати айбдоркунии беасос гузаронидани санҷиши хизматиро талаб намояд ва бо натиҷааш шинос шавад (Қонуни ҶТ аз 25.12.2015 № 1260);

- бо ташаббуси худ фаъолиятро дар хизмати давлатӣ қатъ намояд;

- тибқи талаботи қонунгузорӣ бо нафақа таъмин гашта, аз ҳифзи иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ бархурдор бошад;

- оид ба такмили хизмати давлатӣ ба мақоми давлатие, ки дар он фаъолият мекунад, инчунин ба мақомоти давлатии болоӣ ва шахсони мансабдори он таклиф пешниҳод намояд.

2. Ҳуқуқҳои хизматчиёни давлатии сиёсӣ бо дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ муайян карда мешаванд.

Моддаи 28. Ӯҳдадориҳои асосии хизматчии давлатӣ

1. Хизматчии давлатӣ ӯҳдадор аст:

- Конститутсия, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро риоя намояд;

- ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин ҳуқуқ ва манфиатҳои шахсони ҳуқуқиро риоя, ҳифз ва эҳтиром намояд;

- мурожиати шаҳрвандонро тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ баррасӣ намуда, аз рӯи онҳо чораҳои дахлдор андешад;

- интизоми давлатӣ ва хизматиро риоя намояд;

- меъёрҳои муқаррарнамудаи Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дастури фаъолияти худ қарор дода, ҳолатҳои бархӯрди манфиатҳоро ҳангоми иҷрои ӯҳдадориҳои мансабӣ истисно намояд (қонуни ҶТ аз 11.03.2010 № 603);

- фармон, фармоиш ва амрҳои роҳбарон, қарор ва дастури мақомоти болоӣ ва шахсони мансабдорро, ки дар доираи ваколати онҳо дода шудаанд, иҷро намояд (Қонуни ҶТ аз 28.12.2012 № 914);

- сирри давлатӣ ва сирри дигари бо қонунҳо ҳифзшавандаро, аз ҷумла баъди қатъи хизмати давлатӣ, дар давоми мӯҳлати муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ нигоҳ дорад;

- ҳангоми иҷрои ӯҳдадориҳои мансаби маълумотро дар бораи ҳаёти шахсӣ, шаъну шарафи шаҳрвандон махфӣ нигоҳ дорад, аз онҳо пешниҳод намудани чунин маълумотро талаб накунад (ба истиснои мавридҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон);

- ҳифзи моликияти давлатиро таъмин намояд;

- агар манфиати шахсии хизматчии давлатӣ барои иҷрои ӯҳдадориҳои мансабӣ монеа гардад, ё ба манфиати давлатӣ мухолифат кунад ва ё боиси дигар ҳолатҳои бархӯрди манфиатҳо гардад, бояд ба роҳбари мақоми давлатӣ, ки барои таъин ва озод намудани ӯ аз мансаб салоҳият дорад, хабар диҳад (қонуни ҶТ аз 11.03.2010 № 603);

- сатҳи касбӣ ва тахассусии худро барои иҷрои самараноки ӯҳдадориҳои мансабӣ баланд бардорад;

- мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи Қонуни мазкур савганд ёд кунад.

2. Ӯҳдадориҳои мушаххаси хизматчии давлатӣ, ки аз ӯҳдадориҳои асосӣ бармеоянд, тибқи талаботи тахассусӣ муайян карда шуда, дар дастурамалҳои мансабие, ки аз тарафи роҳбарони мақомоти давлатии дахлдор тасдиқ карда мешаванд, инъикос мегарданд. Қоидаҳои таҳияи дастурамалҳои мансабии хизматчиёни давлатии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи мақомоти ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ тасдиқ карда мешаванд (қонуни ҶТ аз 11.03.2010 № 603).

3. Ӯҳдадорҳҳои хизматчиёни давлатии сиёсӣ бо дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ муқаррар карда мешаванд.

Моддаи 29. Ӯҳдадориҳои иловагии хизматчии давлатии маъмурӣ

1. Бо розигии хизматчии давлатии маъмурӣ ва роҳбари мақоми давлатӣ мумкин аст ба зиммаи хизматчии давлатии маъмурӣ иҷрои ӯҳдадориҳои иловагии хизмати давлатӣ вогузошта шавад.

2. Ҳаҷми пардохти иловапулиро барои иҷрои ӯҳдадориҳои иловагии хизмати давлатӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамоянд.

Моддаи 30. Маҳдудиятҳо вобаста ба хизмати давлатӣ

Хизматчии давлатӣ ҳуқуқ надорад:

- бе иҷозати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мукофот, унвонҳои фахрӣ ва махсуси давлатҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмилалиро қабул намояд;

- ҳангоми иҷрои ваколатҳои мансабӣ аз хизматрасониҳои шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ ба манфиати шахсӣ истифода барад;

- дар дигар амалҳо, аз ҷумла корпартоиҳо, ки фаъолияти мақомоти давлатӣ ва иҷрои ӯҳдадориҳои мансабиро халалдор месозанд, иштирок намояд;

- ба ҳайати мақомоти идоракунӣ, шӯроҳои нозирон ё парасторон, мақомоти дигари ташкилотҳои ғайритиҷоратии хориҷӣ ва воҳидҳои сохтории онҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил гардад, агар қонунгузорӣ ё шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигарро пешбинӣ накарда бошанд (Қонуни ҶТ аз 25.12.2015 № 1260);

- дар идораи фаъолияти ҷамъияти хоҷагидор ё дигар ташкилоти тиҷоратӣ иштирок кунад, аз ҷумла ба ҳайати мақомоти идоракуни ташкилоти тиҷоратӣ, ки узвият дар онҳо бе изҳори иродаи махсуси фардӣ ҷайриимкон аст, ба истисноӣ ҳолатҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ кардааст (Қонуни ҶТ аз 25.12.2015 № 1260);

- дар бонкҳои хориҷие, ки берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир шудаанд, суратҳисобҳо кушояд ва пасандозҳо дошта бошад, пули накд ва ашёи қиматнокро нигоҳ дорад, дигар воситаҳои молиявии хориҷӣ дошта бошад ва (ё) аз онҳо истифода барад (Қонуни ҶТ аз 25.12.2015 № 1260);

- ба фаъолияти мақомоти дигари давлатӣ, ки ба доираи ваколати мансабиаш дохил нест, дахолат намояд (Қонуни ҶТ аз 25.12.2015 № 1260);

- дигар маҳдудиятҳои пешбининамудаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро вайрон намояд.

**Моддаи 34. Кафолатҳо барои хизматчии давлатҷӣ**

1. Ба хизматчии давлатӣ кафолатҳои зерин дода мешавад:

- шароити корӣ барои таъмини иҷрои ӯҳдадориҳои мансабӣ;
- музди меҳнат;

- рухсатии ҳарсолаи пардохтшаванда ва дигар рухсатиҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- таҳсил ва баланд бардоштани дараҷаи тахассус бо нигоҳ доштани музди меҳнат, мансаби ишғолнамуда ё мансаби ба он баробар, бо тартиби муайяннамудаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тамоми давраи таҳсил;

- суғуртаи ҳатмии давлатӣ барои беморӣ ё гум кардани қобилияти меҳнатӣ, фавт ё расондани зарар ба саломатӣ ва молу мулки ӯ ҳангоми иҷрои ӯҳдадориҳои мансабӣ;

- таъмини нафақа тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- таъмини нафақаи хизматчии давлатӣ дар ҳолати фавти хизматчии давлатӣ ба аъзои оилаи ӯ, ки таҳти саробониаш қарор доранд;

- ҳатман гирифтани розигии хизматчии давлатӣ ҳангоми гузаронидан ба мансаби дигар (ғайр аз ҳолатҳои пешбининамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон);

- ҳимояи хизматчии давлатӣ, аъзои оила ва наздикони ӯ аз зӯроварӣ, таҳдид ва дигар кирдорҳои ғайриқонунии вобаста ба иҷрои ӯҳдадориҳои мансабӣ;

- таъмини имконияти баландравии мансабӣ;

- ҷуброни зарар ҳангоми пурра ё қисман гум кардани қобилияти меҳнатӣ.

4. Қонунҳо ва дигар санадҳои мёъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои хизматчии давлатӣ кафолатҳои дигарро низ пешбинӣ карда метавонанд.

5. Дар сурати вафоти хизматчии давлатӣ ба аъзои оилаи ӯ дар ҳаҷми панҷ музди моҳонаи меҳнат аз ҷои кори охиринаш кӯмакпулии яквақта дода мешавад.

**Моддаи 35. Кафолати хизматчии давлатӣ дар мавриди барҳам додан, азнавташкилдиҳӣ ва таҷдиди мақоми давлатӣ ихтисор шудани шумора ё воҳиди кории хизматчиёни давлатӣ**

1. Ба хизматчии давлатӣ ҳангоми барҳам додан, азнавташкилдиҳӣ ва таҷдиди мақоми давлатӣ, ихтисор шудани шумора ё воҳиди кории хизматчиёни давлатӣ бо назардошти дараҷаи тахассус, касб ва мансаби пеш ишғолнамудааш дар дигар мақоми давлатӣ мансаби давлатии хизмати давлатӣ пешниҳод

карда мешавад (агар бо розигии ӯ додани дигар мансаби давлатии хизмати давлатӣ дар ҳамон мақоми давлатӣ ғайриимкон бошад.

2. Ба хизматчии давлатӣ, ки ҳангоми барҳам додан, азнавташкилдиҳӣ ва таҷдиди мақоми давлатӣ, ихтисор шудани шумора ё воҳиди кории хизматчиёни давлатӣ аз мансаби давлатӣ озод шудааст:

- аз рӯи мансаби пеш ишғолнамудааш бе ҳисоби кӯмакпулии аз кор рафтан, дар давоми се моҳ музди меҳнат дода мешавад;

- кӯмакпулӣ барои бекорӣ дода мешавад;

- музди меҳнати пештарааш ҳангоми гузаронидан ба мансаби дигари давлатии хизмати давлатӣ дар ҳамон мақом ё мақоми дигари давлатӣ дар давоми се моҳ нигоҳ дошта мешавад (агар музди меҳнати наваш назар ба маоши пештарааш кам бошад);

- хизматрасонии тиббӣ ба ӯ ва аъзои оилааш дар ҳамон муассисаи табобатӣ, ки то ба мансаби нави давлатӣ гузарониданаш расонида мешуд, нигоҳ дошта мешавад;

- дар сурати доштани собиқаи умумии меҳнатӣ (25 сол барои мардҳо, 20 сол барои занҳо) ва на камтар аз 10 сол собиқаи хизмати давлатӣ, ҳуқуқ дода мешавад, ки ду сол пеш аз мӯҳлати муқарраркардаи қонунгузорӣ ба нафақа барояд.

3. Дар сурати набудани имконияти мувофиқи ихтисосаш ба дигар мансаби давлатии хизмати давлатӣ гузаронидани хизматчии давлатӣ ӯ то як сол дар мақоми давлатӣ, бо нигоҳ доштани собиқаи хизмати давлатӣ, дар захираи кадрҳо мемонад ва барои такмили ихтисосаш имконият фароҳам оварда мешавад.

**Моддаи 40. Таъминоти иҷтимоии хизматчии давлатӣ**

1. Ба хизматчии давлатӣ бо тартиби муқарраршуда:

- аз фонди давлатӣ манзили истиқоматӣ дода мешавад;

- барои беҳтар кардани шароити манзил, сохтмони манзили шахсӣ ва ё кооперативӣ қитъаи замин ҷудо карда мешавад, ки тартиби ҷудо карда шудани онро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд;

- барои харидан ё сохтмони манзил, инчунин беҳтар намудани шароити манзилӣ ба мӯҳлати то 20 сол қарзи бефоиз дода мешавад, ки шартҳо ва тартиби додани чунин қарзро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

2. Ба хизматчии давлатии сиёсӣ ва хизматчии давлатии маъмурии категорияи олӣ илова ба майдони истиқоматӣ 20 метри мураббаъ барои ҳуҷраи корӣ дода мешавад.

3. Дар сурати на камтар аз 15 сол собиқаи бефосилаи хизмати давлатӣ доштани хизматчии давлатӣ хонаи истиқоматии дар фонди манзили давлатӣ ишғолкардааш (ба ғайр аз хонаҳои истиқоматии хизматӣ) ройгон ба моликияти ӯ дода мешавад.

**Моддаи 41. Таъмини нафақа ва дигар кӯмакпулиҳо ба хизматчии давлатӣ**

1. Таъмини нафақаи хизматчиёни давлатӣ мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи нафақа амалӣ гардонида мешавад.

2. Хизматчии давлатӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ба нафақа барои хизмати дарозмуддат ҳуқуқ дорад.

3. Ба хизматчии давлатӣ ҳангоми ба нафақа баромадан дар сурати доштани на камтар аз 15 соли собиқаи хизмати давлатӣ ё ҳангоми маъюбӣ дар ҳаҷми музди меҳнати семоҳа кӯмакпулии яквақта дода мешавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Эмомалӣ Раҳмон**

ш. Душанбе,
5 марти соли 2007, № 233

# ҚОНУНИ КОНСТИТУТСИОНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР БОРАИ МАҚОМОТИ МАҲАЛЛИИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТӢ

(Иқтибос)

**Моддаи 1. Мафҳумҳои асосӣ**

Мафҳумҳои асосие, ки дар ин Қонун истифода мешаванд:

**- мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ** - мақомоти намояндагии маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ буда, дар доираи салоҳияти худ амал мекунанд;

**- мақомоти намояндагии маҳаллии ҳокимияти давлатӣ** - Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия, ки аз тарафи интихобкунандагони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия интихоб шуда, дар доираи ваколати худ масъалаҳои дорои аҳамияти маҳаллиро ҳал мекунанд;

**- иҷлосияи Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия** - шакли асосии фаъолияти мақомоти намояндагии маҳаллии ҳокимияти давлатӣ буда, ба воситаи он ваколати ин мақомот амалӣ мегардад;

**- мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ** - мақомоте, ки дар ҳудуди воҳидҳои марзию маъмурии дахлдор иҷрои Конститутсияи Ҷумҳурии ТоҷикистонКонститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдори мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатиро таъмин менамоянд;

**- Раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия – намояндаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** - мақоме, ки ҳокимияти иҷроияро дар ҳудуди воҳидҳои марзию маъмурии дахлдор амалӣ гардонида, ба мақомоти намояндагии маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ сарварӣ менамояд;

**- дастгоҳи раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия** - сохтори ёрирасон ва таъминкунандаи фаъолияти раис мебошад;

**- сохторҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии тобеи раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия** - сохторҳои мақомоти иҷроияи маҳаллие, ки дар сохтор ё нақшаи идоракунии мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия қарор надошта, роҳбарони онҳо бевосита аз ҷониби раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешаванд;

**- сохтори маҳаллии мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия** – воҳиди мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия буда, дар ҳудуди марзию маъмурии дахлдор дар доираи ваколати худ вазифаҳои мақомоти иҷроияи марказиро амалӣ менамояд;

**- машварати назди раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия –** мақоми машваратии ташкили кори мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мебошад, ки барои баррасии масъалаҳои дахлдор даъват карда мешавад;

**- вазифа** – самти масъулияти мақомоти намояндагии маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мебошад.

**Моддаи 3. Мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ**

Мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ аз мақомоти намояндагии маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ иборат мебошанд.

Мақомоти намояндагии маҳаллии ҳокимияти давлатӣ аз Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия иборат мебошанд.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ аз раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия, сохторҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии тобеи раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия ва сохторҳои маҳаллии мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия иборат мебошанд.

**Моддаи 19. Санадҳои раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия**

Раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия дар доираи ваколати худ қарор ва амр қабул мекунад.

Санадҳои меъёрии ҳуқуқии раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия дар шакли қарор қабул карда мешаванд.

Қарорҳои хусусияти фардӣ ва ташкилии амрдиҳӣ дошта, инчунин амрҳои раис санадҳои меъёрӣ намебошанд.

Санадҳои меъёрии ҳуқуқии раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия бояд ба вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баҳисобгирии давлатӣ, санҷиш ва бақайдгирӣ фиристода шаванд.

Тартиби интишори расмӣ ва мавриди амал қарор додани санадҳои раисро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд.

Иҷрои санадҳои дар доираи ваколати худ қабулкардаи раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия дар ҳудуди марзию маъмурии дахлдор ҳатмӣ мебошад.

Раис метавонад санадҳои худро тағйир диҳад ва ё бекор кунад.

Санади раис аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси болоӣ, худи раис, Маҷлиси вакилони халқи дахлдор, инчунин аз тарафи суд дар сурати ба Конститутсияи Ҷумҳурии ТоҷикистонКонститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат накардани он пурра ё қисман бекор карда мешавад.

**Моддаи 20. Ваколати раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия**

Раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия чунин ваколат дорад:

- иҷлосияи Маҷлиси вакилони халқро даъват менамояд ва ба он раисӣ мекунад;

- ба корҳои тайёрии гузаронидани иҷлосияи Маҷлиси вакилони халқ роҳбарӣ мекунад, рӯзномаи иҷлосияро тартиб медиҳад;

- риояи дастури Маҷлиси вакилони халқро таъмин менамояд;

- фаъолияти комиссияҳои доимии Маҷлиси вакилони халқро ҳамоҳанг месозад;

- ба қарорҳо, протоколҳо ва санадҳои дигари Маҷлиси вакилони халқ имзо мегузорад;

- лоиҳаи буҷети Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳияро барои қабул ба Маҷлиси вакилони халқ пешниҳод менамояд, пас аз қабул иҷрои онро таъмин менамояд, оид ба он ҳисобот медиҳад;

- барои тасдиқи Маҷлиси вакилони халқ барномаҳои тараққиёти иҷтимоию иқтисодии минтақа ва барномаҳои мақсадноки минтақавиро пешниҳод менамояд ва оид ба иҷрои онҳо дар иҷлосия ҳисобот медиҳад;

- дар доираи ваколати худ оид ба таҳкими тартиботи ҳуқуқӣ ва пурзӯр намудани мубориза бар зидди ҷинояткорӣ, таъмини амнияти шаҳрвандон, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои онҳо чораҳо меандешад, ҳангоми рӯй додани офатҳои табиӣ, эпидемия ва дигар ҳолатҳои фавқулодда тадбирҳои зарурӣро амалӣ мегардонад;

- мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳифзи саломатии аҳолӣ, таъмини кӯмаки тиббию санитарӣ, беҳбудии санитарию эпидемиологии аҳолӣ тадбирҳо меандешад;

- Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳияро дар доираи салоҳиятҳои худ дар хориҷа, дар муносибат бо мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, ташкилотҳо ва шаҳрвандон намояндагӣ мекунад;

- нақшаи ташкилотҳои комплексӣ - ҳудудии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия, нақшаи генералии сохтмони маркази Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳияро таҳия намуда, ба Маҷлиси вакилони халқи дахлдор пешниҳод менамояд;

- ба баррасии роҳбарони мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия дар бораи фаъолияти сохтори маҳаллии онҳо дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия дар сурати иҷро накардани талаботи қонунҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои Раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия пешниҳод манзур менамояд. Агар сохтори маҳаллии мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия камбудиҳоро бартараф

накунад, хулосаи дахлдори худро ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ё Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд;

- дар бораи бо мукофотҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфароз гардонидан бо тартиби муқарраркардаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод ирсол менамояд;

-мувофиқи сохтори намунавии тасдиқнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сохтори дастгоҳи раисро тасдиқ менамояд;

-дар доираи шумораи ниҳоии хизматчиёни давлатии муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷадвали воҳидҳои кории дастгоҳи раис ва сохторҳои дахлдори мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро, ки аз буҷети маҳаллӣ маблағгузорӣ карда мешаванд, тасдиқ менамояд;

- муовини якум ва муовинони худро дар доираи лимити шумораи умумии муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо розигии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъин ва аз вазифа озод менамояд;

- роҳбари дастгоҳи раис ва кормандони дастгоҳро тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъин ва аз вазифа озод менамояд;

- роҳбарони корхонаҳо, ташкилотҳо ва муассисаҳоро, ки ба моликияти коммуналии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия асос ёфтаанд, ба вазифа таъин ва аз вазифа озод менамояд;

- моликияти коммуналии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳияро дар доираи ваколати худ идора менамояд;

- дар давоми сол на камтар аз як маротиба ба Маҷлиси вакилони халқ дар бораи иҷрои барномаҳои тараққиёти иҷтимоию иқтисодии ҳудуди дахлдор барномаҳои мақсадноки минтақави, ҳолати хоҷагидорӣ, истифода ва идораи объектҳои моликияти коммуналии дахлдор ҳисобот медиҳад;

- ба Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия дар бораи бекор кардани санадҳои Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия, ки ба Конститутсияи Ҷумҳурии ТоҷикистонКонститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолиф мебошанд, пешниҳод манзур менамояд;

- иҷрои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо, қарорҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия, Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳияро таъмин менамояд;

- Феҳристи баҳисобгирии воҳидҳои марзиву маъмурӣ ва маҳалҳои аҳолинишинро пеш мебарад;

- назорати истифодаи табиат, сохтмон ва азнавсозии иншоотҳои ҳифзи табиатро таъмин менамояд;

- ташкилотҳо, муассисаҳо ва корхонаҳои давлатиеро, ки ба моликияти коммуналии дахлдор асос ёфтаанд, бо тартиби муқаррарнамудаи санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ва барҳам медиҳад;

- тартиби ташкил ва фаъолияти машварати назди Раисро бо риояи санадхои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд;

- дар доираи ваколати худ барои пешбурди фаъолият, ҳамчунин омода намудани масъалаҳо барои баррасӣ, татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон комиссияҳоро таъсис дода, ҳайат ва мӯҳлати фаъолияти онҳоро тасдиқ ва ваколати онҳоро муайян менамояд;

- қабули шаҳрвандонро ба роҳ мемонад, арзу шикоят ва таклифҳои онҳоро баррасӣ менамояд;

- дигар ваколатҳоеро, ки ҳамин Қонуни конститутсионӣ, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардаанд, амалӣ менамояд.

Раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия оид ба масъалаҳои ваколати худ дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти болоӣ ва Маҷлиси вакилони халқи дахлдор ҳисоботдиҳанда ва масъул мебошад.

**Моддаи 20[1]. Тартиби ба вазифа таъин ва аз вазифа озод намудани роҳбарони сохторҳои маҳаллии мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ**

Роҳбарони сохторҳои маҳаллии мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия, ки аз буҷети маҳаллии дахлдор маблағгузорӣ мешаванд, аз тарафи раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия бо розигии хаттии роҳбарони мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда шуда, қарорҳои қабулшуда барои тасдиқ ба Маҷлиси вакилони халқи дахлдор пешниҳод карда мешаванд.

Роҳбарони сохторҳои маҳаллии мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия, ки аз буҷети ҷумҳуриявӣ маблағгузорӣ карда мешаванд, аз тарафи роҳбарони мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ бо розигии хаттии раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда шуда, қарорҳои қабулшуда барои тасдиқ ба Маҷлиси вакилони халқи дахлдор пешниҳод карда мешаванд. Муқаррароти мазкур барои ба вазифа таъин ва аз вазифа озод намудани роҳбарони сохторҳои маҳаллии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ҳарбӣ, инчунин судяҳо, прокурорҳо, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба вазифа таъин ва аз вазифа озод намудани онҳо тартиби дигарро муайян намудааст, татбиқ намегардад.

Тартиби баррасии масъалаҳои ба вазифа таъин ва аз вазифа озод намудани роҳбарони сохторҳои маҳаллии мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатиро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

**Моддаи 23. Дастгоҳи раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия**

Таъминоти иттилоотию таҳлилӣ, ташкилию ҳуқуқӣ ва моддию техникии фаъолияти раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия аз тарафи дастгоҳи раис амалӣ карда мешавад.

Дастгоҳи раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия аз тарафи раис ташкил ва тағйир дода мешавад.

Низомнома ва сохтори намунавии дастгоҳи раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳияро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамояд.

Низомномаи дастгоҳ, сохтор ва ҷадвали воҳидҳои кории онро раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия мувофиқи низомнома ва сохтори намунавии тасдиқнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи шумораи ниҳоии хизматчиёни давлатии муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамояд.

Маблағгузории дастгоҳ аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ сурат мегирад.

**Моддаи 32. Хароҷоти буҷети Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия**

Аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ танҳо хароҷоти зайл маблағгузорӣ мешавад:

- таъмини фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ;
- ташаккули моликияти коммуналии воҳиди марзию маъмурии дахлдор ва идоракунии он;
- таъсис, таъмини фаъолият ва инкишофи муассисаҳои маориф, тандурустӣ, фарҳанг, варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ, воситаҳои ахбори омма ва нашриёҳо, дигар муассисаҳое, ки ба моликияти коммуналӣ мансубанд ё дар ихтиёри мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мебошанд;
- инкишофи хоҷагии манзилию коммуналӣ;
- сохтмони роҳ ва нигоҳдории роҳҳое, ки аҳамияти маҳаллӣ доранд;
- ободонӣ ва кабудизоркунӣ дар маҳал;
- ташкили истифода ва коркарди партовҳои рӯзгор;
- таъмини хизматрасонии нақлиётӣ ба аҳолӣ ва муассисаҳое, ки ба моликияти коммуналӣ мансубанд ё дар ихтиёри мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мебошанд;
- ҳифзи муҳити зист дар маҳал;
-амалигардрнии бармомаҳои рушди иқтисодию иҷтимоии минтақа;

- хизматрасонии қарзии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва пардохти онҳо;

- кӯмаки молиявии беподош ба аҳолӣ;

- гузаронидани интихоботи мақомоти намояндагии маҳаллии ҳокимияти давлатӣ.

Маблағгузории фаъолияти дигари мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва хароҷоти дигар, ки ба масъалаҳои аҳамияти маҳаллидошта мансубанд, аз ҷониби мақомоти маҳаллии намояндагии хокимияти давлатӣ мутобиқи гурӯҳбандии буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро карда мешаванд.

Раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия дар давраи байни иҷлосияҳо ба захираҳои озоди молиявии буҷет, ки нисбати буҷети тасдиқшуда ба андозаи на зиёда аз даҳ фоизро ташкил медиҳад, ихтиёрдорӣ намуда, қарорҳои худро ба Маҷлиси вакилони халқ барои тасдиқ пешниҳод мекунад. Агар захираҳои озоди молиявии буҷет зиёда аз даҳ фоизи буҷети тасдиқшударо ташкил диҳанд, дар он сурат ба Маҷлиси вакилони халқ лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба буҷети маҳаллиро пешниҳод менамояд.

Хароҷоти якҷояи буҷети Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия ва буҷети ҷумҳуриявӣ бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои соли навбатии молиявӣ амалӣ карда мешавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Эмомалӣ Раҳмон**

ш. Душанбе,
17 майи соли 2004, № 28